ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

**ВБД: 339.137.21 (575)**

Бо ҳуқуқи дастнавис

РАҲИМЗОДА МУҲАММАДҶОНИ НАЗАР

# ҶАНБАҲОИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ
## (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон)

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
ихтисос 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият
( 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)

*Роҳбари илмӣ:*
*доктори илмҳои иқтисодӣ,*
*профессор Хоҷаев П.Д.*

Данғара – 2023

## МУНДАРИҶА

**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ**................................... 3
**Муқаддима**.................................................................................... 4
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДИИ ИДОРАКУНИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ САБУК** ........ 16
1.1. Асосҳои назариявии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук........................................................................................ 16
1.2. Ҷанбаҳои консептуалии баландбардории сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук................................................................ 32
1.3 Асосҳои методии арзёбӣ ва идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ........................................................... 47
**БОБИ 2. ВАЗЪИ МУОСИР ВА ИДОРАКУНИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ САБУКИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**.................. 78
2.1. Таҳлили вазъи муосир ва рушди корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон........................................................................................... 78
2.2. Таҳқиқи омилҳои асосии ба сатҳ ваояндабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсиркунанда........... 95
2.3. Модели иқтисодӣ-риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ........................................................................ 117
**БОБИ 3. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ИДОРАКУНИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ САБУКИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** .................. 143
3.1. Такмили механизми таъмини иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар асоси консепсияи маркетингӣ................................................................................ 143
3.2. Ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ................................ 162
3.3. Самтҳои асосии идоракунии рақобатпазирӣ дар истеҳсолоти нассоҷии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил»........................ 180
**Хулосаҳо**........................................................................................ 203
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот** ................. 204
**Рӯйхати адабиёт**.............................................................................. 207
**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия**................................ 231

## Номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ

ИДМ - Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

НТҶ - Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

ҶСП - ҷамъияти саҳҳомии пушида

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ

NAFTA - Созишномаи тиҷорати озоди Амрикои Шимолӣ

АСЕАН - Ассотсиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ

ИМА – Иёлоти Мутаҳҳидаи Амрико

ISO - созмони байналмилалии стандартизатсия

ПИТ – пешрафти илмӣ-техникӣ

ВМКБ - Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон

ҶИА - Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

ҶДММ – ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

БРСММ – барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид

БИР - бонки Исломии рушд

АОНПҶТ - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ММД – маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

МММ - маҷмуи маҳсулоти миллӣ

БРК - бартарияти рақобатпазирии корхонаҳо

РМ - рӯйдоди муҳим

ПКСС - потенсиалии корхонаҳои саноати сабук

СИ - системаи истеҳсолӣ

ДИПКСС - дараҷаи имконоти потенсиалии корхонаҳои саноати сабук

СИМ - системаи иттилооти маркетингӣ

МТИ - Механизми ташкилию иқтисодӣ

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Айни замон саноат яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти миллӣ маҳсуб мешавад ва татбиқи саривақтии равишҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таваҷҷӯҳи хосаро талаб менамояд.

Саноат асоси пешравии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарти асосии баланд бардоштани рақобатпазирии такрористеҳсол мебошад. Дар Паёми худ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки « ...соҳибкорони мамлакат, дар навбати худ, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои кории нав саҳми назаррас гузошта истодаанд ва бовар дорам, ки чунин иқдомоти созанда аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст вусъати боз ҳам бештар пайдо мекунанд. Тадбирҳои дар самти рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа андешидашуда имкон фароҳам оварданд, ки дар панҷ соли охир афзоиши номгӯйи маҳсулоти саноатии истеҳсоли ватанӣ ба зиёда аз 40 фоиз расонида шавад»[1].

Дигаргуниҳои куллие, ки дар соҳаҳои асосии хоҷагии халқ ба амал меоянд, ба саноати сабук низ таъсир расонданд, ки он бо хамкорӣ бо дигар сохахои саноат имкон медихад, ки маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат зиёд гардида, маҳсулоти ватанӣ ракобатпазир бошад. Дар баробари ин омухтани масъалаҳои идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар шароити шаҳру вилоятҳо ва нохияҳои Тоҷикистон аҳамияти калон дорад.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиханд, ки ислоҳоти ба

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ш. Душанбе, 23.12.2022. [Захираи электронӣ]. Ҳолати дастрасӣ URL: http://prezident.tj/node/29823, кушода. Санаи мурочиат 28.12.2022

амаломада барои таъмини гузариши корхонаҳои саноати сабук ба иктисоди бозорӣ натиҷаи мусбат набахшид. Ин изҳорот бештар ба бад шудани вазъи иқтисодии корхонаҳои саноати сабук марбут буда, аз паст будани сифати маҳсулоти онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ шаҳодат медиҳад. Сабаби асосии чунин вазъи ин корхонахо дар он аст, ки усулҳои идоракунии корхонахои саноати сабук бо назардошти талаботи муосири иқтисоди бозарӣ ҳануз бояд такмил дода шаванд.

Аммо дар шароити ташаккул ва рушди муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи саноати сабук зарур аст: рушди технологияи хозиразамони пешкадам дар раванди технологии корхонаҳои саноати сабук; ошкор намудани усулхои муосири фуруши мол бо назардошти хусусиятҳои консепсияҳои логистикӣ ва маркетингӣ; таъмини сатҳи баланди дастрасии иттилоот ва такмили механизми таъмини иттилоотии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук; автоматикунонии тамоми равандҳои технологӣ бо назардошти талаботи иктисодиёти инноватсионӣ; истифодабарии механизмҳо ва фишангҳои бозор барои таъмини ракобатпазирии корхонаҳои саноати сабук бо назардошти таҷрибаи мамлакатҳои дорои иктисодиёти бозарии рушдёфта.

Айни замон дар адабиёти иқтисодии ватанӣ ба усулҳои гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ ва таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук диққати махсус дода мешавад, ки ба ин васила имконияти фаъолшавии он дар шароити рақобати шадид меафзояд.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин хусусиятҳо, яъне таъсири муҳити беруна ва дохилӣ ба фаъолияти корхонаҳои саноати сабук барои корхона зарур аст, то: баҳодиҳии афзалиятҳои рақобатӣ, ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи рақибон амали карда шавад; тахлили давраи ҳаёти махсулоти худ гузаронида шавад; маҷмӯи тадбирҳое, ки барои коркарди стратегияи рақобати корхонаҳои саноати сабук дар бозорхои дохилӣ ва берунӣ пешбини шудаанд, кор карда шаванд.

Дар шароити ташаккул ва рушди муносибатҳои бозорӣ меъёри асосии устуворӣ ва фаъолияти устувори корхонаи саноати сабук рақобатпазирии корхона буда, баҳодиҳии он ҳамчун зарурати объективӣ ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, дар рақобати муосир корхонаи саноати сабук мавқеи пешсафро ишғол мекунад, ки бартарии рақобатпазирии худро чи дар бозорҳои дохилӣ ва чӣ дар бозорҳои берунӣ зуд ва саривақт баҳо диҳанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Дар асарҳои зерин тадқиқоти фундаменталӣ дар соҳаи такмил додани равишҳо, методикаҳо ва усулхои идоракунии ракобатпазирии корхонахо умуман, аз чумла саноати сабук инъикос ёфтааст: М. Портер, Ж.Ж. Ламбен, И. Ансофф, Г. Саймон, И.Астахов, О. Виханский, Е. Горбашко, П. Завялов, Н. Моисеев, А. Петров, И. Фаминский, Р. Фатхутдинов, С.Ҷ. Комилов, У.М. Джумаев, Бозоров Ш.Ш., Хоҷаев П.Д., Ғаниев Т.Б. ва дигарон.

Баъзе ҷанбаҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳо, иқтисодиёти миллӣ, соҳаҳо ва кластерҳо дар корҳои олимони зерини ватанӣ баррасӣ шудаанд: Н. Қ. Қаюмов, Х. Умаров, А. Рауфӣ, Ҷ.С. Пиризода, А.Б. Мирсаидов, М.М. Шарифзода, С. Садридинов, Қ.Х. Барфиев, П.Д. Хоҷаев ва диг.

Аммо таҳлили нашрияҳо ва асарҳои иқтисодшиносони ватанӣ нишон дод, ки онҳо проблемаҳои умумии назариявии таъмини рақобатпазирии корхонаҳо, иқтисоди миллӣ, соҳаҳо ва кластерҳоро дар шароити минтақаҳои ҷумҳурӣ баррасӣ кардаанд. Бисёр ҷиҳатҳои ин проблема, аз ҷумла масъалаҳои омузиши омилҳои асосии ба дараҷаи ракобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсиркунанда, кор карда баромадани модели иктисодию математикии таъмини ракобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, кор карда баромадани механизми ташкилию иктисодии идоракунии ракобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, таъминоти иттилоотии ракобатпазирӣ ба кадри кифоя омухта нашудааст. Ҳамаи ин муҳимият ва аҳамияти амалии мавзӯи тадқиқотро барои минбаъд таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук муайян мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди босуръати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи давлатии мусоидати берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, инчунин татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёти миллӣ ва таҳлили молиявии Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади кори диссертатсионӣ асосноккунии назариявӣ ва таҳияи механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук мебошад, ки ба баланд бардоштани устувории фаъолияти корхонаи саноатӣ дар шароити муосири рақобати бозорӣ нигаронида шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Вобаста ба мақсади гузошташудаи кори диссертатсионӣ чунин масъалаҳои таҳқиқот гузошта ва ҳаллу фасл гардиданд:

- асосноккунии назариявии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук; таҳқиқи ҷанбаҳои консептуалии баландбардории сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук; омӯхтани асосҳои методии арзёбӣ ва идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук;

- таҳлили вазъи муосир ва таҳқиқи омилҳои асосии ба сатҳ ваояндабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсиркунанда;

- коркарди модели иқтисодӣ-риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук;

- такмили механизми таъминоти иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар асоси консепсияи маркетингӣ;

- коркарди механизми ташкилӣ-иктисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук;

- асосноккунии самтҳои асосии идоракунии рақобатпазирӣ дар истеҳсолоти нассоҷии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил».

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсионӣ равандҳои идоракунии рақобатпазирии корхонаи саноати сабуки вилояти Хатлон мебошанд.

**Мавзӯи (предмети) таҳқиқотро** муносибатҳои ташкилӣ-иктисодие мебошанд, ки дар раванди идоракунии рақобатпазирии корхонаи саноати сабуки вилояти Хатлон пайдо мегарданд.

**Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ** – тахмини илмӣ дар хусуси он, ки такмили таъмини иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар асоси консепсияи маркетингӣ ва таҳияи механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, ба баланд бардоштани устувории фаъолияти корхонаи саноатӣ дар шароити муосири рақобати бозорӣ нигаронида шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот иборат аз таҳияи муқаррароти назариявию методологие мебошад, ки онҳоро метавон барои таҳқиқотҳои минбаъда дар самти баланд бардоштани рақобатпазирии корхона мавриди истифода қарор дод. Хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳиягардида, метавонанд аз тарафи мақомоти танзимгар ва назорати барои истифодаи минбаъдаи онҳо ҳангоми ҳаллу фасли масоили марбут ба идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ мавриди истифода қарор бигиранд.

**Сарчашмаи маълумотро** санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳо ва Стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои даврии Агентии омори назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои таҳлилии институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, Кумитаи омори байнидавлатии ИДМ, маводи чопӣ ва электронии ВАО ва дигар маълумотҳои муаллиф, маводи илмии конфронсҳо дар бар мегирад.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти миллӣ ва таҳлили молиявии Донишгоҳи давлатии Данғара ичро гардидааст. Давраи иҷрои кори диссертатсионӣ солҳои 2017-2023-ро дар бар мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Натиҷаи асосии илмии диссертатсия аз ҳалли як масъалаи мубрами илмӣ-амалӣ, яъне таҳияи механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии он нигаронида шудааст, иборат аст.

Зимни гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ чунин натиҷаҳои нави илмӣ ба даст оварда шуданд:

✓ нақшаи раванди мутобиқсозии корхонаи саноати сабук ба шароити бозор таҳия гардида, дар асоси он консепсияи мукаммали идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешниҳод карда шудааст, ки дорои: қобилияти ташаккул ва таснифи ҳадафҳо ва стратегияҳои рушди корхонаҳои саноати сабук мутобиқи сатҳи ба даст овардашудаи рақобатпазирӣ; арзёбии равишҳои муосири идоракунии рақобатпазирии ин корхонаҳо; ташаккули механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии ин корхонаҳо, аз ҷумла ҷузъҳое, ки тадбирҳои заруриро барои фаъолияти самараноки онҳо тавсиф мекунанд ва зуд ва саривақт татбиқи онҳо ба қабули қарорҳои муносиби идоракунӣ дар корхонаҳои саноати сабук нигаронида шудааст;

✓ вазъи муосир ва рушди корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон баҳо дода шуда, омилҳои асосии ба сатҳ ва ояндабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсиркунанда ошкор карда шудаанд. Исбот шудааст, ки ба сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук гурӯҳи зерини омилҳо таъсир мерасонанд: иқтидори захиравии корхона, сатҳи

ғани гардони бозор бо маҳсулоти ракобатпазир ва рушди нишондиҳандаҳои натиҷавии фаъолияти корхонаҳо;

✓ модели иқтисодӣ-риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук коркард ва татбиқ карда шудааст. Нақшаи арзёбии сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук коркард карда шуда, ҷузъҳои таркибии потенсиали стратегии корхонаҳои саноати сабук ошкор карда шуда, модели иқтисодӣ-риёзии муносибгардонии захираҳои молиявӣ, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ҷудо карда шудаанд, таҳия ва дар ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» татбиқи амалии худро ёфтааст. Таҳлили муаллифии фаъолияти истеҳсолӣ ва молиявии корхонаи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» нишон дод, ки вобастагии функсионалии захираҳои молиявие, ки рақобатпазирии корхонаро таъмин мекунанд ва фоизи тағйироти ин сатҳҳо квадратӣ мебошад.

✓ механизми таъмини иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар асоси консепсияи маркетингӣ такмил дода шудааст. Марҳилаҳои идоракунӣ ва сохтори системаи иттилоотии дохилӣ дар корхонаҳои саноати сабук муайян карда шуда, муҳити берунаи маркетингӣ ва раванди гузаронидани таҳқиқоти маркетингӣ дар корхонаҳои саноати сабук амалӣ карда шудааст;

✓ механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таҳия шудааст, ки қисмҳои зеринро дар бар мегирад: аниқ кардани бартарихои ракобатии корхона; такмили низоми ҳавасмандгардонии моддию маънавии фаъолияти меҳнатии корхона; ҷорӣ намудани низомҳои пешкадами идоракунии сифат, стандартизация, метрология ва сертификатсияи онхо; муносибати комплексӣ ба вусъат додани истехсолот; такмил додани низоми зуд ва сари вакт баҳисобгирӣ, назорат, таҳлили корхонаҳо; пурзӯр намудани фаъолияти хадамоте, ки ба гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ нигаронида шудаанд; баланд бардоштани иқтидори захиравӣ, молиявӣ, иттилоотӣ, сармоягузорӣ ва

инноватсионии корхонаҳо; самаранок истифода бурдани фондхои асосӣ ва истеҳсолии корхонахо; ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ дар корхонахо;

✓ самтҳои асосии идоракунии рақобатпазирӣ дар истеҳсолоти нассоҷии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» асоснок карда шудаанд. Исбот шудааст, ки рақобатпазирии маҳсулоти нассоҷии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» аз омилҳои зерин вобаста аст: интихоби дурусти самти истеҳсоли молҳои нассоҷӣ, намунаи маҳсулот, интихоби маҳсулоти интихобшаванда, ки ба он эҳтиёҷот зиёд аст; муҳайё намудани шароити қурби фуруш ва барои рақобат шитоб овардани молу маҳсулоти корхона ва хизматрасонӣ (нарх, муҳлати баровардани маҳсулотҳо ба бозор; хизматрасонӣ ба харидорон ва муҳайё намудани шароити зарурӣ ба муомилоти мол, хизматрасонӣ баъди фурӯш ва ғайраҳо); ҳаҷми истеҳсолот ва номгуиҳои маҳсулот (чи қадаре, ки ҳаҷми истеҳсолот зиёд бошад ва маҳсулоти он бозоргир бошад, ҳамон қадар даромад аз фоида меафзояд); ҷоннок намудан ва бештар истифода намудани истеҳсолот аз фаъолияти навоваронаи (инноватсионии) корхона.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

✓ таҳияи нақшаи раванди мутобиқсозии корхонаи саноати сабук ба шароити бозор ва дар асоси он пешниҳоди консепсияи мукаммали идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук;

✓ баҳодиҳии вазъи муосир ва рушди корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон, ошкор намудани омилҳои асосии ба сатҳ ва ояндабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсиркунанда;

✓ коркард ва татбиқи модели иқтисодӣ-риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук;

✓ такмили механизми таъмини иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар асоси консепсияи маркетингӣ;

✓ таҳияи механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук;

✓ асосноккунии самтҳои асосии идоракунии рақобатпазирӣ дар истеҳсолоти нассоҷии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил».

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодҳои назариявию тавсияҳои амалии илман асосноккардашударо оид ба рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук фаро гирифтааст. Дар ҷабҳаи назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии нақш ва аҳаммияти арзёбии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, таҳқиқи асосҳои консептуалии баландбардории сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ва омӯзиши ҷанбаҳои методии арзёбӣ ва таҳлили рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук барраси гардидааст. Ташаккули сатҳи баланди рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук на танҳо аз потенсиали он, шароити татбиқи самтҳои стратегии рушд ва ҳалли масъалаҳои истифодаи оптималии таъминоти захиравӣ, балки аз истифодаи консепсияҳои самараноки идоракунии рақобатпазирӣ низ вобаста аст.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ бахшида ба масоили мукаммалгардонии механизми таъмини иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар асоси консепсияи маркетингӣ ва усулҳои идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ташкил медиҳанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводҳо, хулоса ва тавсияҳои илмии пешниҳодгардида, аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои мусоидат ба рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба истифодаи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва шаҳрӣ дар раванди таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ - иқтисодӣ, муайян кардани самтҳои афзалиятноки таъмини

рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, нигаронидашуда, истифода шуда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои умуми илмӣ ва оморӣ, усули банизомдарории ҷадвалӣ, усулҳои графикӣ, усули бузургиҳои нисбӣ ва миёна, низоми нишондиҳандаҳои қаторҳои вақтӣ, усули муқоисаи оморӣ, усулҳои ояндабинӣ, усулҳои таҳлили регрессионӣ ва коррелятсионӣ истифода гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Ташкил ва идораи корхона, низомҳо ва комплексҳо мувофиқат мекунад: п. 10.1. "Коркарди проблемаҳои илми идоракунӣ ва методҳои маърифати он. Ақидаҳои назариявӣ нисбат ба табиат, моҳият ва инкишофи идоракунӣ. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи идоракунӣ. Асосҳои фаннӣ ва байнифаннии идоракунӣ»; 10.4. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ; 10.6. Идоракунӣ аз рӯйи натиҷаҳо. Системаи масъулият дар бахши идоракунии оммавӣ; 10.7. Таъминоти иттилоотии системаи идоракунии оммавӣ. «демократияи электронӣ», «давлати электронӣ», «ҳукумати электронӣ» ва технологияҳои маъмуригардонии электронӣ; 10.8. Идоракунии системаҳои иқтисодӣ, усул(принсипҳо), шаклҳо ва методҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати системаи иқтисодӣ. Идоракунии тағйирот

дар системаҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; 10.9. Ташкилот ҳамчун объекти идоракунӣ. Асосҳои назариявӣ-методии идоракунии ташкилот. Таркиби функсионалии идоракунӣ. Сохтори идоракунии ташкилот. Ҷанбаҳои дарозмуҳлат, миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуҳлати идоракунии ташкилот, идоракунии ҷорӣ. Идоракунии ташкилот аз рӯйи давраҳои ҳаётии он; 10.10. Лоиҳакашии системаи идоракунии ташкилот. Шаклҳои нави амалкард ва инкишофи системаи идоракунии ташкилот. Системаҳои иттилоотӣ дар идоракунии ташкилот. Сифати идоракунии ташкилот. Методологияи инкишофи бизнес-равандҳо. Инкишофи методология ва методҳои идоракунии системаи инноватсионии корпоративӣ; 10.11. Ҷараёни идоракунии ташкилот, зерсистемаҳо ва функсияҳои алоҳидаи он. Ҳадафмуайянкунӣ ва банақшагирӣ дар идоракунии ташкилот. Назорат, мониторинги бенчмаркинг. Механизмҳо ва методҳои қабул ва амалисозии қарорҳои идоракунӣ. Идоракунии лоиҳаҳо. Идоракунии донишҳо. Менеҷменти таваккал. Идоракунии истеҳсолот. Системаҳои муосири истеҳсолӣ; 10.12. Арзёбии идоракунии ташкилот ҳамчун системаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Меъёри арзёбии самаранокии идоракунӣ. Методҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшии идоракунӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ: аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузоштагшуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Саҳми шахсии довталаб дар муайян намудани омилҳои асосии ба сатҳ ва ояндабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсиркунанда, коркарди модели иқтисодӣ-риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, такмили механизми таъминоти иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар асоси консепсияи маркетингӣ, ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии

идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ва асосноккунии самтҳои асосии идоракунии рақобатпазирӣ дар истеҳсолоти нассоҷии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосӣ ва нуқтаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар конференсияҳои ҳарсолаи ҳайати профессорону устодон ва кормандони Донишгоҳи давлатии Данғара, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доир гашта ироа гардидаанд. Нуқтаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ дар якчанд конференсияҳои илмию назариявии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ маърӯза карда шудааст. Бештари мақолаҳои довталаб дар маводи конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи давлатии Данғара рӯйи чоп омадаанд.

Муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар рафти тадқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, барои татбиқ дар фаъолияти амалии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» қабул карда шудаанд.

Муқаррароти назариявии дар диссертатсия таҳиягардидаро дар раванди таълими курсҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисоди саноат», «Баҳисобгирии молиявӣ», «Баҳисобгирии идоравӣ», «Иқтисодиёт ва социологияи меҳнат», «Молия ва қарз», «Идоракунии кадрҳо», «Асосҳои соҳибкорӣ», «Идоракунии шуғл», дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии Данғара истифода бурдан мумкин аст.

**Интишор аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 14 мақола (дар ҳаҷми 4,8 ҷ.ч.) аз инҳо 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулоса, 7 ҷадвал, 13 расм иборат буда, бо истифода аз 229 сарчашма таҳия карда шудааст ва дар 233 саҳифаи чопӣ баён гардидааст.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДИИ ИДОРАКУНИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ САБУК

## 1.1. Асосҳои назариявии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ чунин категорияхои иқтисодӣ ба монанди самараи фаъолияти хоҷагӣ, ҳосилнокӣ ва рақобатпазирӣ бо ҳам зич алокаманд мебошанд. Рақобатпазирӣ дар доираи шаклҳои гуногуни муносибатҳои бозорӣ ба вуҷуд меояд, тафовути молу хизматрасонии субъектҳои гуногуни бозор ва дараҷаи онҳоро инъикос менамояд.

Рақобатпазирӣ ҳамчун категорияи бисёрпаҳли иқтисодӣ метавонад аз чанд ҷиҳат баррасӣ карда шавад, ки дар байни онҳо ҳамбастагии басо зич – рақобатпазирии кишвар, рақобатпазирии молистеҳсолкунанда ва рақобатпазирии мол вуҷуд доранд. Масалан, рақобатпазирии корхонаи саноати сабук сифати доимии он нест, зеро корхонаи саноати сабук дар системаи макро- ва микро муҳити дар дохили иқтисодиёти миллӣ ташаккулёфта амал мекунад, аз ин рӯ, рақобатпазирии корхонаи саноати сабук, аз як тараф, ба рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар маҷмуъ вобаста аст ва аз тарафи дигар, онро муайян мекунад.[2]

Дар назарияи иқтисодӣ ба мафҳуми рақобатпазирии корхонаи саноати сабук таърифҳои зиёде дода шудааст, ки ҳар кадоми онҳо ин ё он тарафи масъаларо дар бар мегиранд ё ба тавсифоти ҳаматарафаи он саъй мекунанд. Ба андешаи мо, дар шароити иқтисоди ватанӣ ин истилоҳро таърифи зерин дурусттар инъикос мекунад: «рақобатпазирии корхонаи саноати сабук тавсифоти мураккаби муқоисавие мебошад, ки дараҷаи афзалиятҳои маҷмуи нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷаи фаъолияти корхонаро нишон медиҳад, ки муваффақияти онро дар бозори муайян, дар муддати муайян нисбат ба маҷмуи нишондиҳандаҳои рақибон муайян мекунад».[3]

---

[2] Динес В.А. Проблемы качества и конкурентоспособности промышленной продукции [Текст] / В.А. Денис, Н.С. Яшин // Проблемы экономической истории и теории. -2014. - С.119.

[3] Синько В. Конкуренция и конкурентоспособность: основные понятия [Текст] / В. Синько // Стандарты и качество. - 2000. - №4. - С.54.

Ба даст овардани ҳиссаи максималии имконпазири иқтисодии фаъолият дар шароити иқтисоди бозорӣ ба рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидор зич алоқаманд аст, зеро маҳз рақобатпазирӣ ҳамоҳангсозии мутақобилаи фаъолияти субъектҳои бозорро таъмин менамояд. Дараҷаи рақобатпазирӣ, ки бо мавҷудият ва дараҷаи инкишофи бартариятҳои рақобатӣ муайян карда мешавад, метавонад афзалиятҳои гуногуни сохторӣ, иқтисодӣ, идоракунӣ, кадрӣ, сармоягузорӣ ва дигар намудҳоро дар бар гирад[4].

Мафҳуми рақобатпазирӣ аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ муддати тӯлонӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, аммо бо вуҷуди ин, ҳангоми таърифи худи истилоҳи «рақобатпазирӣ» маълум мегардад, ки ақидаҳои муаллифон аз ҳам фарқ мекунанд. Вобаста ба ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки таҳқиқро аз омӯзиши мафҳумҳои «рақобат» ва «рақобатпазирӣ» ва инчунин таҳаввули афкор оид ба онҳо оғоз кард.

Яке аз аввалин зикри мафҳуми «рақобат» ба давраи ташаккули иқтисоди сиёсӣ дахл дорад. Дар давраҳои гуногун мафҳуми «рақобат» таҳаввул ёфта, мураккабтар гардид. А.Смит дар асари худ «Тадқиқот оид ба табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо», ки бори аввал 9 марти соли 1776 нашр шудааст, мафҳуми «дасти ноаёни рақобат»-ро баён кардааст, ки он кодир аст, ки манфиатхои шахсӣ ва ҷамъиятиро ба ҳам пайваста, дар натиҷа рушди пурсамари иқтисодиёт бе дахолати давлат таъмин мегардад. Соҳибкор бо амалӣ намудани манфиатҳои худ метавонад манфиатҳои ҷамъиятро бештар қонеъ гардонад[5].

А. Смит дар навиштаҳои худ шартҳои зерини рақобати озодро таҳия кардааст:

---

[4] Тарутько О.А. Исследование путей повышения конкурентоспособности предпринимательских структур в условиях высокой волатильности экономических процессов. Отчет по научно-исследовательской работе «Исследование практики повышения эффективности экономических процессов в реальном секторе экономики». [Электронный ресурс]. Режим доступа URL: https://rosrid.ru/, открытый. Дата обращения 26.08.2021

[5] Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов [Текст] / Перевод с анг. языка П.Н. Клюкин. - Издательство: Эксмо, 2016 г. – 1056 с.

- байни рақибон набояд созиш вуҷуд дошта бошад, онҳо бояд мустақилона амал кунанд;

- барои истисно кардани сатҳи фавқулоддаи даромад шумораи кофии рақибон зарур аст;

-субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ бояд дар бораи имкониятҳои бозорӣ дар сатҳи қобили қабул маълумот дошта бошанд;

- барои он ки соҳибкорон фаъолияти худро мувофиқи донишҳои мавҷуда амалӣ карда тавонанд, мустақилият аз маҳдудиятҳои иҷтимоӣ зарур аст;

- шарти зарурӣ ин кифоя будани вақт барои сармоягузориҳои ҷорӣ бо мақсади қонеъ гардонидани хоҳиши соҳибкорон мебошад.

Намояндагони иқтисоди сиёсии классикӣ дар асри Х1Х оид ба мафҳуми «рақобат» баъзе муқаррароти назариявиро мураттаб карданд. Иқтисодчӣ Ҷ. С. Мил изҳор дошт, ки омезиши рақобат, монополия ва зиддиятҳои онҳо формулаи ҳаёти амалӣ набуда, балки ҳаракат аст[6]. Ф. Энгельс ҳамчун пайрави Ҷ. С. Мил «рақобат»-ро ҳамчун усули мубориза тавсиф кардааст. Ба ақидаи Ф. Энгельс, чи тавре ки синфи коргар бо ҳамдигар рақобат мекунад, буржуазия ҳам дар муҳити худ мусобиқа мекунад[7].

Дар асри Х1Х иқтисодчиёни англис Ж. Е. Кэрнс ва Ф. Эджуорт, иқтисодчӣ, файласуф ва математики франсуз А. О. Курно, муҳандис, механик ва иқтисодчии фаронсавӣ Ҷ. Дюпюи, иқтисодчии англис, статистик ва файласуфи мантиқ В. С. Ҷевон ва дигарон назарияи рақобатро дар асарҳои худ омӯхтанд. Ҷ. Э. Кэрнс чунин шартҳои рақобати озодро муайян кардааст, ки дар он байни моли ивазшаванда ва хароҷоти меҳнат, инчунин маблағгузории асосии барои истеҳсоли онҳо мутаносибӣ

---

[6] Милль Дж. С. Основы политической экономии с некоторыми приложениями к социальной философии [Текст] / Дж. Милль. - М.: Эксмо, 2007. – Т.1. – 1040 с.
[7] Энгельс Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государства [Текст] / Ф. Энгельс. - М: Ленанд, 2017. – 240 с.

мавҷуд аст[8]. А.О. Курно исбот кард, ки бо афзоиши махсулот ва нархи паст нисбат ба монополия, мувозинат дар шароити рақобат ба даст меояд[9].

Дар доираи мактаби классикӣ, рақобатро одатан рақобат барои фоида, мубориза барои зинда мондан мефаҳмад. К. Маркс рақобатро ҳамчун муборизаи байни соҳибкорон барои фароҳам овардани шароити мусоидтар барои сармоягузорӣ мефаҳмад[10].

Дар оғози асрҳои X1X-XX дар доираҳои муҳаққиқон тағйироти ақидаҳо оид ба мафҳуми «рақобат» ба амал омад. Иқтисодчии Австрия ва Америка Шумпетер И. зикр кард, ки падидаи рақобат дар доираи низоми мавҷудаи ҳокимияти давлатӣ ба амал меояд. Ғайр аз ин, вай ба тарафдории зарурати маҳдудияти муайяни рақобат аз тарафи давлат сухан ронд. Дар баробари ин, дар сурати ба вуҷуд омадани рақобати озод дар доираи сохтори мавҷудаи давлат, дар ин ё он кишвар модели рақобати озод комилан беназорат мемонад, он бо вуҷуд надоштани маҳдудиятҳо хос буд. Барои ҳамин ҳам Шумпетер И. чунин мешумориданд, ки мавҷудияти воқеии модели рақобати озод имконнопазир аст[11].

Дар асри XX Ҷ. Акерлоф, Ҷ. Б. Кларк, Ҷ. Р. Коммонс, Р. Коуз, А. Маршалл, Ҷ. В. Робинсон, Ҷ. Стиглер, Э. Чемберлин ва дигарон дар асарҳои худ ба назарияи рақобат аҳаммият додаанд.

Ҷ. Акерлоф дар мақолаи худ «Бозори «лимон»: номуайянии сифат ва механизми бозор» таъсири иттилооти асимметриро ба сифати маҳсулот қайд мекунад[12].

Ба гуфтаи Ҷ.Б. Кларк, «тақсимоти даромади иҷтимоӣ» дар шароити рақобати комил қодир аст, ки ҳар як омили истеҳсолотро бо миқдори боигарие, ки тавлид мекунад, таъмин намояд[13].

---

[8] Кернс Дж.Э. Логический метод политической экономии [Текст] / Дж.Э. Кернс. - М.: Книжный дом «Либроком», 2012. – 162 с.

[9] Cournot A.A. Researches Into the Mathematical Principles of the Theory of Wealth. Macmillan, 1897. – 213 p. [Тадқиқотҳо оид ба принсипҳои математикии назарияи сарват]

[10] Маркс К. Капитал [Текст] / К. Маркс. - СПб: Лениздат, 2018. – 512 с.

[11] Шумпетер Й.А. Теория экономического развития. Капитализм, социализм и демократия [Текст] / Й.А. Шумпетер. - М: Эксмо, 2007. – 864 с.

[12] Акерлоф Дж. Рынок “лимонов”: неопределенность качества и рыночный механизм [Текст] / Дж. Акерлоф // Тезис. – 1994. – №5. – С.91-104.

Ҷ.Р.Коммонс нуфузи тиҷоратиро ҳамчун яке аз сарватҳои гаронбаҳои корхонаҳо қайд кардааст, ки ба афзоиши даромад таъсири бевосита мерасонад[14].

Р. Коуз зарурати системаи қоидаҳо ва маҳдудиятҳоро барои мавҷудияти рақобати мукаммал қайд намуд[15]. Ҷ.Стиглер нишон дод, ки бо истифода аз маълумотҳои бозорӣ микроиқтисодӣ бояд на ба масъалаҳои сиёсати зиддиинҳисорӣ, балки ба оқибатҳои эҳтимолии танзими бозор аз ҷониби давлат диққат диҳад[16].

То солҳои 40-ум назарияи рақобати А. Маршалл асоси таълими иқтисодиро ташкил медод. Ӯ дар навиштаҳои худ қайд кардааст, ки рақобат байни фурӯшандаҳо ва харидорон монеае надорад, яъне рақобати озод васеъ муаррифӣ мешавад, фурӯшандагон дар бозор мустақилона амал мекунанд, дар байни онҳо иттиҳодия вуҷуд надорад. Ҳамзамон, ӯ таъкид кард, ки сарфи назар аз мустақилияти амали фурӯшандагон, огоҳии иштирокчиёни бозор аз амалҳои дигар иштирокчиёни бозорро кофӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Ба андешаи А. Маршалл, огоҳии иштирокчиёни бозор ва имконияти интихоб метавонад ҳам замина барои рақобат фароҳам оварад ва ҳам фурӯшандагонро ба ҳам наздик созад, онҳоро ба ҳамкорӣ водор созад[17].

А. Маршалл қисматҳои зерини рақобати мукаммалро ҷудо кард: шумораи иштирокчиён, мавҷудияти маҳдудиятҳо барои ворид шудан ва баромадан ба бозор, огоҳии иштирокчиёни бозор, тафриқаи молҳо, сохтори бозор (монополия, рақобат, олигополия). Вай таъкид кард, ки дар ҳама гуна муҳити рақобат ташаккули монополия имконпазир аст ва аз ин

---

[13] Кларк Дж.Б. Распределение богатства [Текст] / Дж.Б. Кларк. - М: Гелиос АРВ, 2011. – 368 с.

[14] Коммонс Дж.Р. Институциональная экономика [Текст] / Дж.Р. Коммонс // Терра экономическая. – 2012. – Том 10. – №3. – С.69-76.

[15] Коуз Р. Фирма, рынок и право [Текст] / Р. Коуз. - М.: Новое издательство, 2007. – 224 с.

[16] Стиглер Дж. Гражданин и государство. Эссе о регулировании. [Текст] / Дж. Стиглер. - М: Издательство института Гайдара, 2017. – 336 с.

[17] Маршалл А. Принципы экономической науки [Текст] / А. Маршалл. - М.: Директ-медиа, 2012. – 2127 с.

рӯ, ҳолати гузариши байни рақобат ва монополияро ба назар гирифтан лозим аст. Дар илми муосир чунин вазъи бозор ҳамчун рақобати номукаммал тавсиф карда мешавад.

Назарияи рақобат дар асарҳои иқтисодшиноси англис Ҷ.В.Робинсон ва иқтисодшиноси амрикоӣ Э. Чемберлин боз ҳам инкишоф ёфтааст. Ҷ. В. Робинсон параметрҳои рақобатро мураттаб кардааст, ки на танҳо омилҳои нарх, балки омилҳо ба монанди обрӯ, шартҳои қарз, хароҷоти нақлиёт, сифати маҳсулот, хизматрасонӣ ба мизоҷон ва ғайраро дар бар мегиранд[18].

Иқтисодшинос ва оморшиноси амрикоӣ Г. Отеллинг мафҳуми рақобати фазоиро пешниҳод кардааст, ки дар робита ба имконияти корхонаҳои нақлиёти автомобилии пассажирии дорои мақоми квазимонополия барои ташкили фазои бозории худ ба миён меояд[19].

Тадқиқотҳои асосӣ дар ин соҳа дар Россия бори аввал дар солҳои 90-уми асри 20 ба вуҷуд омадаанд, аз ҷумла асарҳои чунин муҳаққиқон: Р. Фатхутдинов, Г Л. Азоев, А.Ю. Юданов, П. Завьялов ва дигарон. Р.А. Фатхутдинов дар асарҳои худ проблемаҳои таъмини рақобат, инчунин таҳия ва татбиқи стратегияи баланд бардоштани онро мавриди омӯзиш қарор додааст. Вай ҷанбаҳои рақобатпазириро, аз қабили таъминоти захиравӣ, ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ, инчунин стандартизатсия ва асосҳои методологии идоракунии рақобатпазириро омӯхтааст[20]. Мавзуи тадқиқоти Азоев Г.Л., асоси ҷустуҷӯи бартариҳои рақобатӣ аз ҷониби сохторҳои соҳибкорӣ мебошад. Ӯ қайд кард, ки агар навоварӣ асоси бартарии рақобат бошад, пас ин бартарии рақобатӣ ба монополияшавӣ дар шароити бозор мусоидат мекунад[21].

Юданов Ю.А. қайд мекунад, ки стратегияи рақобат бояд ба пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ аз мавқеи ахлоқ ва ростқавлӣ нисбат ба рақибон

---

[18] Робинсон Дж. Экономическая теория несовершенной конкуренции [Текст] / Дж. Робинсон. - М.: Прогресс, 1986. – 400. с.

[19] Hotelling H. Stability in Competition // The Economic Journal. – 1929. - Mar. Vol. 39(153). P. 41–57. [Устуворӣ дар рақобат]

[20] Фатхутдинов Р.А. Методика разработки и реализации стратегии повышения конкурентоспособности организации [Текст] / Р.А. Фатхутдинов. - М:Синергия, 2011. - 31 с.

[21] Азоев Г.Л. Конкурентные преимущества фирмы [Текст] / Г.Л. Азоев, А.П. Челенков. – М.: ОАО Типография «Новости», 2012. - 256 с.

равона карда шавад. Вай дар асараш[22] стратегияҳои асосии рақобат, нақши рақобатро дар иқтисоди бозорӣ ошкор кардааст. Стратегияи рақобат бояд равишҳои тиҷоратӣ, ташаббусҳои ба даст овардани муштариён ва фаъолиятҳоеро дар бар гирад, ки ба таҳкими мавқеи рақобат нигаронида шудаанд. Дар асарҳои Завьялов П.С. нақши маркетинг дар муҳити рақобати бозор барои таъмини самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва фароҳам овардани бартариҳои рақобатӣ таъкид шудааст[23].

Набудани муносибати ягона ба муайян кардани категорияи «рақобатпазирӣ» бо мазмуни иқтисодии он зич алоқаманд аст. Ин нишондиҳанда бисёрсатҳа аст. Солҳои охир масъалаҳои нишондиҳандаи бисёрсатҳи рақобатпазирӣ дар асарҳои олимон[24] инъикос ёфтаанд. Ҳангоми омӯзиши рақобатпазирӣ муаллифон ин мафҳумро дар робита бо категорияҳои сатҳҳои гуногун истифода мебаранд, аз ҷумла: рақобатпазирии маҳсулот, рақобатпазирии сохтори соҳибкорӣ, рақобатпазирии иқтисодиёт ва ғайра.

---

22 Юданов А.Ю. Конкуренция. Теория и практика [Текст] / А.Ю. Юданов. - Издательство: ГНОМ и Д, 2001. – 304 с.

23 Завьялов П.С. Маркетинг в схемах, рисунках, таблицах [Текст] / П.С. Завьялов. – М.: НИЦ ИНФРА-М, 2014. – 336 с.

24 Голиков И.А. Особенности содержания понятий «конкуренция» и «конкурентоспособность» [Текст] / И.А. Голиков // Российское предпринимательство. – 2016. – Том 17. – № 10. – с. 1251–1264; Бутко Г.П. Оценка конкурентоспособности предприятия на основе маркетингового подхода [Текст] / Г.П. Бутко, П.П. Корсунов, Я.А. Матвеева, К.А. Машков // Фундаментальные исследования. – 2015. – № 5 (часть 1) – С. 180-184; Кайбалина Н.Б. К вопросу анализа и оценки уровня конкурентоспособности предпринимательских структур [Текст] / Н.Б. Кайбалина, В.В. Макаров // Проблемы современной экономики. – 2017. – № 3 (63). – С. 93-96; Каримова М.И. К вопросу исследования содержания «конкурентоспособность страны» в условиях становления рыночных отношений [Текст] / М.И. Каримова // Электронный научный журнал «Современные проблемы науки и образования». – 2015. – № 2-3; Пострелова А.В. Оценка конкурентоспособности предприятия [Текст] / А.В. Пострелова, М.С. Маркин // Молодой ученый. – 2013. – №6. – С. 398-402; Раджабова З.К. Теоретико-методологические аспекты международной конкурентоспособности [Текст] / З.К. Раджабова, О.Р. Раджабова // Фундаментальные исследования. – 2016. – № 8 (часть 1) – С. 203-206; Светуньков С.Г. Математические модели многоуровневой конкуренции [Текст] / С.Г. Светуньков // Российское предпринимательство. – 2017. – Том 18. – № 22. – С. 3447-3458; Спиридонов И.А. Международная конкуренция и пути повышения конкурентоспособности экономики России [Текст]: учебное пособие / И.А. Спиридонов. - ИНФРА-М, 1997 - 170 с.

Баъзе муаллифон тақсимоти ҳамаҷонибаи категорияи рақобатпазириро ба сатҳҳо пешниҳод мекунанд. Як қатор тадқиқотчиён, аз ҷумла Н. И. Комков, А.В. Лазарев танҳо се сатҳи рақобатпазириро муайян мекунад, ба монанди: сатҳи микро, сатҳи мезо ва макро [25]. Камбудии умумии чунин системаҳо он аст, ки дар сатҳи поёнӣ - микросатҳи муаллифон рақобатпазирии мол (объект) ва рақобатпазирии корхонаҳои (субъектҳои) нақлиёти мусофирбарро муттаҳид мекунанд. Чунин омезиш ғайри қобили қабул аст, зеро ин категорияҳо воқеан намояндагони сатҳҳои гуногунанд ва бояд бо усулҳои гуногун арзёбӣ ва таҳлил карда шаванд.

Спиридонов И.А., ба ҷуз аз сатҳи микро (рақобатпазирии корхонаҳо), мезодараҷа (рақобатпазирии иттиҳодияҳои корхонаҳо ва соҳаҳо) ва макросатҳи (рақобатпазирии кишвар ва рақобатпазирии минтақаҳо) боз як сатҳро пешниҳод мекунад, сатҳи поёнӣ - молест, ки дар доираи он рақобатпазирии мол ва хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад[26].

Як қатор тадқиқотчиён, аз ҷумла И. Спиридонов [27], М.И. Гелвановский [28], Т.Г. Философова [29], Е.И. Мазилкина, Г.Г. Паничкина [30], Н.И.Комков, А.В. Лазарев [31] ва дигарон дар асарҳои худ ҷудо кардани

---

[25] Лазарев А.В. Методические и организационные вопросы оценки конкурентоспособности: на примере промышленных и экономических объектов [Текст]: диссертация ... кандидата экономических наук: 05.02.22 / Лазарев Алексей Владимирович. - Москва, 2007. - 160 с.

[26] Спиридонов И.А. Международная конкуренция и пути повышения конкурентоспособности экономики России [Текст]: учебное пособие / И.А. Спиридонов. - ИНФРА-М, 1997 - 170 с.

[27] Спиридонов И.А. Международная конкуренция и пути повышения конкурентоспособности экономики России [Текст]: учебное пособие / И.А. Спиридонов. - ИНФРА-М, 1997 - 170 с.

[28] Гельвановский М.И. Конкурентоспособность национальной экономики: проблемы статистического сопровождения. Поиск методологической адекватности: учебное пособие [Текст] / М.И. Гельвановский, К.Л. Рожков, Н.И. Скрябина. – М.: Статистика России, 2009. – 383 с.

[29] Философова Т.Г. Конкуренция. Инновации. Конкурентоспособность [Текст]: учеб. пособие / В.А. Быков, Т.Г. Философова. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2012 . – 296 с.

[30] Мазилкина Е.И. Основы управление конкурентоспособностью [Текст] / Е.И. Мазилкина, Г.Г. Паничкина. - М.: Омега-Л, 2009. – 328 с.

[31] Комков Н.И. Многоуровневая структура и подходы к оценке экономической категории «конкурентоспособность» [Текст] / Н.И. Комков, А.В. Лазарев // Проблемы прогнозирования. – 2007. – №4. – С. 3-20.

рақобатпазирии минтақаро ба сифати сатҳи алоҳида мувофиқ намедонанд. Ба андешаи онҳо, минтақа шароити беруни фаъолияти саноатро муайян мекунад, воқеан, саноат дар кадом минтақа ё минтақа асос ёфтааст. Дар чунин вазъият саноат аввалиндарача, яъне. маҳз вай барои рушди минтақа шароит фароҳам меорад, манбаи даромади андоз ба буҷет мебошад ва минтақаро бо сатҳи пасти бекорӣ таъмин намуда, бо фароҳам овардани имконият барои шуғл таъмин менамояд. Аммо бо назардошти нишондиҳандаи рақобатпазирӣ ҳамчун нишондиҳандаи бисёрсатҳӣ рақобатпазирии минтақа унсури зарурист.

Муаллиф чунин мешуморад, ки рақобатпазирии молҳо рақобатпазирии якчанд унсурҳоро нишон медиҳад, аз ҷумла: рақобатпазирии корхонаҳо, кластер ва ё соҳае, ки ин сохтори тиҷорат ба он тааллуқ дорад, рақобатпазирии минтақае, ки ин сохтори тиҷорат дар он ҷойгир аст ва, ҳамчун сатҳи олӣ, рақобатпазирии кишвар дар маҷмуъ.

Ҳамаи муҳаққиқон дар масъалаҳои муайян кардани сатҳи рақобатпазирӣ танҳо дар як чиз иттифоқ доранд - мафҳуми «рақобатпазирӣ» ба категорияи маҳсулот (мол) дахл дорад. Дар мавриди татбиқи ин мафҳум ба дигар категорияҳои иқтисодие, ки сатҳи баландтарро ишғол мекунанд, ҳанӯз муҳокимаҳо идома доранд ва равиши ягона мавҷуд нест[32].

Муаллиф дар асоси таҳлили дар боло овардаи рақобатпазирӣ аз мавқеи тақсимот ба категорияҳои сатҳҳои гуногун ва бо назардошти камбудиҳои сатҳҳои пешниҳодшуда, ки дар рафти таҳлил муайян шудаанд, тақсимоти зерини ҷузъҳои рақобатпазириро ба сатҳҳои ба ҳам алоқаманд ва вобаста пешниҳод менамояд:

1. Дараҷаи инфиродӣ – сатҳи рақобатпазирӣ, ки рақобатпазирии мол, кор ё хизматрасониро дар бар мегирад;

---

[32] Тарутько О.А. Механизм обеспечения конкурентоспособности предпринимательских структур [Текст] / О.А. Тарутько // Петербургский экономический журнал. – 2018. - №2. – С.77-86

2. Микрорақобатпазирӣ – сатҳе, ки рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидор – корхонаҳои саноати сабукро дар бар мегирад;

3. Мезорақобатпазирӣ – сатҳе, ки рақобатпазирии соҳаҳо, минтақаҳо, инчунин рақобатпазирии кластерҳоро дар бар мегирад. Дар ин категория рақобат барои маблағҳои сармоягузор байни минтақаҳо ва соҳаҳои гуногун вуҷуд дорад.

4. Макрорақобатпазирӣ – сатҳе, ки рақобатпазирии давлатҳоро дар бар мегирад. Дар доираи ин категория рақобат байни кишварҳо, аз ҷумла барои фароҳам овардани шароити мувофиқтарин барои сармоягузории сармояи миллӣ баррасӣ мешавад.

5. Гипермакрорақобатпазирӣ. Ин ҷо сухан на дар бораи рақобати байни мамлакатҳои алоҳида, балки дар бораи рақобати байни иттиҳодияҳои мамлакатҳо меравад. Иттиҳоди Аврупо, Созишномаи тиҷорати озоди Америкои Шимолӣ (NAFTA), Ассотсиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАН) [дар ҳамон ҷо] ҳамчун ассотсиатсияҳо муаррифӣ карда мешаванд.

Тадқиқотҳои асосӣ дар ин соҳа дар асарҳои иқтисодшиносони тоҷик Н. Қ. Қаюмов, Х. Умаров, А. Рауфӣ, Ҷ.С. Пиризода, А.Б. Мирсаидов, М.М. Шарифзода, С. Садридинов, Қ.Х. Барфиев, П.Д. Хоҷаев мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор гирифтааст.

Масалан, академик Н. Қ. Қаюмов рақобатро ҳамчун «арзёбии ҳамаҷонибаи маҳсулоти мушаххас барои қонеъ гардонидани бозор дар давраи муайян меҳисобад»[33].

Ба ақидаи Х. Умаров «рақобатпазирӣ –ин қобилияти объект ѐ предмети муайянест, ки дар шароити бозор аз рақибон бартарӣ дорад»[34].

---

[33] Каюмов Ф.К. Эффективность АПК в условиях перехода к рынку [Текст]: монография / Н.К. Каюмов. - Москва, Издательство «Колос» – 1992. – С. 106-107.

[34] Умаров Х.У. Агробизнес и эффективность землепользования в регионах Таджикистана [Текст] / Х.У. Умаров, Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – №3-2. – С. 10-14.

Абдуғаффор Рауфӣ рақобатро ҳамчун “мубориза барои гирифтани фоида, ишғоли ҷое, коре, натиҷаи истеҳсоли маҳсулот ва ё хизматрасоние, мақоме мебошад, ки бо роҳи пешниҳод кардани натиҷаи бартаридошта назар ба дигар рақибон ғолибият муяссар шуда метавонад”[35].

Ба ақидаи Ҷ.С. Пиризода «рақобати комил дар шароити нави хоҷагидорӣ ин ҳифзи бозори кишоварзии дохила буда, метавонад дар бозори беруна рақобатпазирӣ намояд»[36].

А.Б. Мирсаидов чунин меҳисобад, ки «рақобатпазирӣ – ин хароҷоти ками истеҳсолӣ ва сифати баланди маҳсулот барои қонеъ гардонидани талаботи бозор, мебошад»[37]

Шарифзода М.М. ва Хоҷаев П.Д. рақобатро ҳамчун мубориза дар бозори молу хизматрасонӣ арзёбӣ намудаанд[38].

С. Садридинов қайд менамояд, ки «рақобат ҳамчун хусусияти субъект муайян карда мешавад, ки қобилияти муқобилият ба рақобатро бо навъи худ ва иҷрои амалҳои рақобатпазириро дорад».[39]

Қ.Х. Барфиев чунин меҳисобад, ки «муносибатҳои рақобатпазир дар шароити бозор на танҳо дар сатҳи истеҳсолот ѐ ин ки соҳаҳо, балки дар доираи савдои хурд ба амал меояд»[40]

---

[35] Рауфӣ А. Рақобат ва рақобатпазирӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ [Текст] / А. Рауфӣ // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - 2021. - № 3. - С. 49-59; Рауфӣ А. Конкурентная экономика [Текст] / А. Рауфи. - Душанбе «Дониш», 2014. - 608 с.

[36] Пиризода Ҷ.С., Валиев З.Ҷ. Аҳаммияти рақобатпазирии маҳсулот дар рушди устувори корхонаҳо [Текст] / Ҷ.С. Пиризода, З.Ҷ. Валиев // Маводҳои семинари илмӣ – амалӣ дар мавзуи “Истифодаи технологияҳои муосир – омили асосии баланд бардоштаи самаранокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ”. – Душанбе, 2018. – С. 8-11.

[37] Мирсаидов А.Б. Государственные услуги: экономическое содержание, типология [Текст] / А.Б. Мирсаидов // Таджикистан и современный мир. – 2016. - № 3. - С.189-197.

[38] Шарифзода М.М., Ходжаев П.Д. Развитие конкуренции на пассажирском автотранспорте в условиях рыночной экономики [Текст] / М.М. Шарифзода, П.Д. Ходжаев // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. - 2017. - № 4 (73). - С. 23-30.

[39] Садридинов С. Эффективность агротехнических приёмов при выращивании сельскохозяйственних культур [Текст] / С. Садридинов, Я.Э. Пулатов // Кормопроизводство. - 2018. – №2. – С. 19-22.

[40] Барфиев К.Х., Пиризода Дж.С. Методика определения конкурентоспособности предприятий АПК Хатлонской области Таджикистана [Текст] / К.Х. Барфиев, Дж.С. Пиризода // Конкуретоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. – 2017. - №2 (ч.3). - С. 16-18.

Иқтисодшинос Хоҷаев П.Д. масъалаҳои рақобат ва рақобатпазириро дар бозори хизматрасониҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар мавриди барраси қарор додааст. Ба ақидаи ӯ «рақобат дар бозори хизматрасониҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ин мусобиқаи корхонаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар барои ташкили шароити муносиб оид ба ҳамлу нақли мусофирон ва гирифтани фоидаи калонтарин бо хароҷоти камтарин мебошад. Ҳамзамон, рақобат дар бозори хизматрасониҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ин мубориза барои ба даст овардани боварии мусофирон, гирифтани даромади калонтарин бо назардошти баланд бардоштани сифати ҳамлу нақли мусофирон мебошад»[41].

Дар Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рақобат ҳамчун «мусобиқаи озоди субъектҳои хоҷагидор, ки амалиёти мустақилонаи онҳо имконияти таъсиррасонии яктарафаи ҳар кадоми онҳоро ба шароити умумии муомилоти мол дар бозори моли дахлдор ба таври самарабахш маҳдуд менамояд» маънидод шудааст[42].

Дар асоси таҳлили равишҳои муайян намудани категорияи «рақобатпазирӣ» ва ба низом даровардани аломатҳои рақобатпазирӣ ва тартиби интихоби онхо аз тарафи муаллифони гуногун, таърифи муаллифии ракобатпазирии корхонахои саноати сабук пешниход шудааст.

Рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук категорияи иқтисодӣ буда, бартарии воқеӣ ва эҳтимолии корхонаҳои саноати сабукро аз нигоҳи

---

41 Ходжаев П.Д. Качества перевозок как важный фактор обеспечение конкурентоспособности услуг пассажирского автомобильного транспорта [Текст] / П.Д. Ходжаев // Таджикистан и современный мир. - 2015. - № 5 (43). -С. 94-104; Ходжаев П.Д. Оценка конкурентоспособности региональных транспортных предпринимательских структур в Республике Таджикистан [Текст] / П.Д. Ходжаев, С.Ш. Бегмуродов // Вестник Таджикского технического университета. - 2014. - № 1 (40). - С. 101– 107; Ходжаев П.Д. Формирование конкурентных отношений на рынке транспортных услуг [Текст] / П.Д.Ходжаев, К.Р. Ашуров // Вестник Таджикского национального университета. - 2012. - №2/8 (100). - ч.1. - С.195-199; Ходжаев П.Д. Некоторые аспекты оценки конкурентоспособности услуг пассажирского транспорта [Текст] / П.Д.Ходжаев // Вестник Российско-таджикского (славянского) университета. - 2012.- №4(39). – С. 107-113.

42 Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] / Зери таҳрири М.З. Раҳимзода. – Душанбе: Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016. – С. 83-85.

фаъолият дар муҳити динамикии рақобат, фароҳам овардани бартариҳои рақобатӣ, афзоиши ҳиссаи бозор, қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон ва қобилияти истеҳсоли маҳсулот тавсиф мекунад ва маҳсулоти рақобатпазирро бидуни зарар ба вазъи молиявӣ мефурӯшад.

Дар баробари ин, бартарии воқеии корхонаҳои саноати сабукро метавон ҳамчун ҳиссаи ишғолкардаи бозор ва бартарии потенсиалиро дар иқтидори умумии рақобатпазирӣ, яъне синтези намудҳои менеҷментӣ, маркетингӣ, технологӣ, инноватсионӣ, иқтисодӣ ва ғайра ифода кард.

Омӯзиши талаботи истеъмолкунандагон ва рақибон, инчунин шароити рақобат ба корхонаи саноати сабук имкон медиҳад, ки бартариятҳо ва нуқсонҳои худро нисбат ба рақибон муайян кунад, стратегияҳои муваффақи рақобатро таҳия кунад ва бартариятҳои рақобатиро нигоҳ дорад. Корхонаи саноати сабук бояд то кадом дараҷа рақобатпазир будани худро нисбат ба субъектҳои дигари ин бозор донад, зеро дараҷаи баланди рақобатпазирӣ кафолати ба даст овардани нишондиҳандаҳои баланди иқтисодӣ дар шароити бозор ва доштани ҳадафи стратегии расидан ба чунин сатҳ мебошад, ки дар шароити муборизаи рақобатпазирии шадид ба зинда мондани он кумак мекунад. Дар айни замон, масъалаи рақобатпазирӣ барои иқтисоди миллӣ ва ташкилотҳои ибтидоии иқтисодии он - корхонаҳо беш аз ҳарвақта мубрамтар гаштааст. Дар навбати аввал, инро талаботи амнияти иқтисодии худи корхонаҳо ва дар маҷмуъ дар кишвар талаб мекунад, ки барои нигоҳ доштани он дар сатҳи зарурӣ, рақобатпазирии баланди онҳо лозим аст.

Ин нукта равшан ба назар мерасад, ки комплекси хоҷагидории Тоҷикистон дар вазъияти душвори иқтисодӣ фаъолият мекунад. Бад шудани вазъи техникӣ ва технологии истеҳсолот, буҳрони пардохтҳо, фаъолиятҳои камранги сармоягузорӣ ва инноватсионӣ, аз даст додани бозорҳои анъанавии фурӯш, азнавсозии сусти сохтор - ин ҳама боиси аз фаъолият боз мондани шумораи зиёди корхонаҳо гаштааст. Аз ин ҷиҳат,

иқтисодиёти кишварро рукуди истеҳсолоти саноатӣ, талаботи ками истеъмолкунандагон, сатҳи баланди зиёноварии корхонаҳо тавсиф мекунанд, ки дар ниҳоят ба рақобатпазирии пасти системаи саноатии кишвар дар маҷмуъ ва аз ҷумла корхонаҳо ишорат мекунад.[43]

Дар бораи рақобатпазирии пасти корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ, аз ҷумла, далелҳои зерин шаҳодат медиҳанд. Дар солҳои охир шумораи намунаҳои нави офаридашудаи мошинҳо, таҷҳизот ва дастгоҳҳои нав дар Тоҷикистон ба таври назаррас коҳиш ёфтааст (дар муқоиса бо соли 2005 то 30%), ки дар байни онҳо танҳо тақрибан 2% сатҳи техникӣ аз сатҳи ҷаҳонӣ баландтар доранд. Дар кишвар инчунин тамоюли мунтазами коҳишёбии равандҳои нави технологӣ мушоҳида мешавад, аз ҷумла, дар соли 2015 ин равандҳо нисбат ба соли 2006-ум 5 маротиба камтар татбиқ карда шуданд. Ғайр аз ин, ба гуфтаи мутахассисон, танҳо 8-10% маҳсулоти саноатӣ ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд.[44]

Дар аксари ҳолатҳо, маҳсулоти ватанӣ аз сабаби набудани сертификатҳои сифат ё истифодаи чунин системаҳо барои арзёбии сифати молҳое, ки ба маҳсулоти умуман дар ҷаҳон пазируфташуда ҷавобгӯ нестанд, рақобатпазир ҳисобида намешаванд. Тавре ки таҷрибаи бозори ҷаҳонӣ нишон медиҳад, набудани сертификат ё ба таври назаррас коҳиш ёфтани нархи маҳсулот ва ё ба тамоман бекор кардани шартнома оварда мерасонад. Бар замми ин, набудани сертификат барои мутобиқати системаи сифат ба талаботи Созмони Байналмилалии Стандартизатсия иштироки корхонаро дар тендерҳо барои гирифтани фармоишҳои фоиданок аз шарикони хориҷӣ истисно мекунад. Ҳамин тариқ, сифати пасти маҳсулот яке аз масъалаҳои калидӣ ва ҳалношуда мебошад, ки мувофиқан ба он сатҳи пасти рақобатпазирии корхонаҳо ва кишварро ба вуҷуд меорад.

---

[43] Глазьев С.Ю. Глобальный вызов III тысячелетия и перспективы развития российской экономики. На пути к постиндустриальной цивилизации. [Текст] / С.Ю. Глазьев // Материалы II Международной Кондратьевской конференции. - М.: 2013. – С. 7-29.
[44] Ҳамон ҷо, саҳ. 22-43.

Дар бораи муносибати нодурусти корхонаҳои ватанӣ ба проблемаи сифат ҳамин далелро овардан мумкин аст, ки ҳамасола Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути мақомоти ноҳиявӣ ва минтақавии худ аз болои риояи стандартҳо, меъёрҳо ва қоидаҳо дар корхонаҳо назорат мебарад. Чунонки маълумоти Агентии "Тоҷикстандарт" шаҳодат медиҳад, ҳолатҳои вайрон кардани талаботи асноди меъёрӣ бештар дар корхонаҳои ватанӣ дида мешаванд. Дар аксари корхонаҳои санҷидашуда маҳсулоти ба талаботи меъёрӣ ҷавобгӯ набуда ёфт мешавад, ки ҳамасола аз тарафи Агентии мазкур нисбати онҳо чораҳои маъмурӣ андешида мешавад ва минбаъд тавлиди маҳсулоти ба талабот ҷавобгӯнабуда боздошта мешавад. Корхонаҳои вайронкунандаи талаботи сифат тибқи асноди меъёрии соҳа ҷаримабандӣ карда мешаванд.

Ҳамзамон, воруди молҳои воридотӣ ба бозори ватанӣ, мавқеи молҳои ватаниро дар бозори дохилӣ хеле танг кардааст. Дар тӯли солҳои истиқлолият ҳиссаи онҳо хеле афзоиш ёфт, ки ин, пеш аз ҳама, бо рақобатпазирии пасти молистеҳсолкунандаи ватанӣ шарҳ дода мешавад, ки ин ҳам нишондиҳандаи интегралии иқтидори иқтисодии давлат ва ҳам шарти пурраи ворид шудан ба иқтисоди ҷаҳонии бозорӣ мебошад. Шароити мусоид дар иқтисоди кишвар танҳо ба туфайли рақобатпазирии баланди ташкилотҳои ибтидоии соҳаи истеҳсолот - корхонаҳо фароҳам оварда мешаванд.

Дар адабиёти баррасишуда одилона қайд гардидааст, ки рақобатпазирии давлат ва корхона миқдоран дар асоси тавсифоти миқдорӣ ва сифатии он муайян карда мешавад.[45] Агар дар нимаи аввали асри XX сарвати давлатҳо аз рӯйи масоҳати ишғолшуда, захираи канданиҳои фоиданок ва шумораи аҳолӣ муайян карда мешуда бошад, пас дар миёнаи аср барои эҷоди бартариятҳои истеҳсолкунандагон, ки ба

---

[45] Мишин Ю. Слагаемые конкурентоспособности [Текст] / Ю. Мишин // РИСК. - 1998. - № 5-6. - С.82-86

пурра қонеъ гардонидани талаботи бозор дар асоси сатҳи баланди техникӣ ва сифати маҳсулот, ҳифзи захираҳо ва истифодаи неруи зеҳнии инсон нигаронида шуда буданд, шароити мусоид ба вуҷуд омад. Ин ҳолат боз як далели раднашаванда ба манфиати зарурати арзёбии миқдории сатҳи рақобатпазирӣ мебошад. Таҳлили муқоисавии рақобатпазирии корхонаҳо, чун қоида, дар ҳолатҳои зерин зарур аст: ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои маблағгузории соҳа ё корхонаҳо аз ҷониби ташкилотҳои махсус; ҳангоми таҳлили мавқеи рақобатпазирии корхона аз ҷониби кормандони хадамоти банақшагирии иқтисодӣ ё мушовирони даъватшуда; ҳангоме ки корхона таҳқиқоти махсуси маркетингии бозорро бо мақсади такмил додани сиёсати фурӯши худ ё муайян кардани стратегияҳои рушди худ мегузаронад.[46]

Зимнан бояд дар назар дошт, ки вобаста аз нуқтаи назаре, ки таҳлили рақобатпазирӣ тибқи он гузаронида мешавад, шумораи омилҳои ба он шомилбуда ва арзиши онҳо метавонанд хеле аз ҳамдигар фарқ кунанд. Чунончи, масалан, агар баҳогузории муқоисавиро як бонки тиҷоратӣ баҳри интихоби корхонаҳои мувофиқ барои қарздиҳии кӯтоҳмуддат иҷро кунад, пас омилҳои вазъи молиявӣ дар вақти гузаронидани таҳлил афзалиятнок хоҳанд буд. Агар сухан дар бораи қарздиҳии дарозмуддат ё сармоягузории институтсионалӣ равад, пас дар ин ҳолат аҳаммияти омилҳои самаранокӣ ба таври назаррас меафзояд.[47]

Ҳамин тариқ, арзёбии рақобатпазирии корхона ба ӯ имкон медиҳад, ки вазифаҳои зерини муҳимро ҳал кунад: муайян кардани мавқеи худ дар бозори мушаххас; таҳияи тадбирҳои стратегӣ ва тактикӣ барои идоракунии самарабахш; интихоби шарикон барои ташкили истеҳсоли муштараки маҳсулот; ҷалби маблағҳо барои истеҳсолоти ояндадор; таҳияи

[46] Булеев А.И. Количественный коэффициент конкурентоспособности товаров и услуг [Текст] / А. И. Булеев // Маркетинг и маркетинговые исследования в России. - 2012. - №5. - С. 46-50.
[47] Захарченко В.И. Оценка и анализ конкурентоспособности предприятий [Текст] / В.И. Захарченко // Машиностроитель. - 2001. - №11. - С. 13-17.

барномаҳо барои ворид шудан ба корхона ба бозорҳои нави фурӯш ва ғ. Аммо, ин танҳо дар сурате имконпазир аст, ки методикаҳои объективии баҳодиҳии сатҳи рақобатпазирии корхонаҳо ва тадбирҳои самарабахши ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирӣ бо мақсади баланд бардоштани он мавҷуд бошанд.

### 1.2. Ҷанбаҳои консептуалии баландбардории сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук

Айни замон, равандҳои муттаҳидшавии кишварҳо дар ҷомеаҳои Аврупо ва ҷаҳон идома доранд, асъори ягона ҷорӣ карда шуд, гузариши воқеӣ ба сиёсати ягонаи саноатӣ идома дорад ва монеаҳои савдо бартараф карда мешаванд. Ҷаҳонишавии истеҳсолот ва савдо, ки дар серҳаракатии тамоми ҷузъҳои раванди иқтисодӣ, рушди ҳамкориҳои байни истеҳсолкунандагон, ташкили низоми байналмилалии шартномавӣ ва қоидаҳои умумии рафтор дар бозор зоҳир мешавад, андешидани чораҳои фавриро ҷиҳати ташаккули иқтисоди рақобатпазире, ки ба иқтисоди ҷаҳонӣ ҳамгиро гардидааст, талаб мекунад. Маҳз ёфтани мавқеи худ дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, муттаҳидшавӣ дар бозорҳои алоҳида асоси устувор кардани вазъ дар Тоҷикистон ва рушди минбаъдаи муътадили иқтисодӣ мебошад. Зоҳиран равшан аст, ки дар ин шароит кӯшишҳои муштараки давлат ва истеҳсолкунандагон барои таъмини рақобатпазирии системаи иқтисодии дохилӣ заруранд. Тасодуфӣ нест, ки дар кишварҳое чун ИМА, Канада, Кореяи Ҷанубӣ ва ғайра, ки ҳамеша тибқи қонунҳои рақобати ҷаҳонӣ кор мекарданд, марказҳои миллии баланд бардоштани рақобатпазирӣ таъсис дода шуданд, ки вазифаи асосии онҳо таъмини рушди рақобатпазирӣ дар асоси омилҳои зерин маҳсуб меёбад: ташаккули сиёсати саноатӣ, ки ба ҳавасмандгардонии соҳаҳои ояндадор ва дастгирии мақсадноки корхонаҳое, ки мушкилоти муваққатӣ

доранд, равона карда шудааст; фароҳам овардани шароит барои татбиқи дастовардҳои илм ва техника; дастгирии инноватсия.[48]

Дар кишвари мо мавҷудияти таъминоти нокифояи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, дигаргуниҳои ҷузъии институтсионалӣ, масъалаҳои ҳалношудаи ғайриинҳисорӣ кардани истеҳсолоти саноатӣ, инчунин набудани соҳиби корчаллон дар корхонаҳо ва истифодаи усулҳои кӯҳнаи идоракунӣ имкон надоданд, ки заминаи татбиқи ҳадафҳои баланд бардоштани рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ тавассути сиёсати саноатӣ фароҳам оварда шавад.[49] Ақибмондагӣ дар ин масъала, пеш аз ҳама, ба сатҳи пасти қонунгузории дохилӣ вобаста аст. Ҳамин тавр, аз рӯйи рутбабандии маҷаллаи «Central European Economic Review» вобаста ба нишондиҳандаи сатҳи қонунгузорӣ аз рӯйи ҷадвали даҳбалӣ дар миёни 26 кишварҳои собиқ коммунистии Аврупо ва Иттиҳоди Шӯравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 1,8 хол (пешсаф Маҷористон - 9,3 хол) дар ҷойи охирин меистад.[50]

То ба имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи давлатӣ барномаҳои калонҳаҷме қабул нагардидаанд, ки ба афзоиш ва дастгирии рақобатпазирии корхонаҳо равона карда шуда бошанд ва тадбирҳои мусбии мавҷударо метавон ҷудогона ҳисобид. Дар мамлакати мо, аз соли 2013 инҷониб, озмуни умумиҷумҳуриявӣ барои дастовардҳои корхонаҳо дар соҳаи сифат баргузор мешавад. Тибқи Низомномаи озмун, вазифаҳои он ҳавасмандгардонии корхонаҳое мебошанд, ки ба идоракунии сифат ва баланд бардоштани рақобатпазирии худ диққат медиҳанд. Натиҷаҳои бадастомадаи озмуни мазкур аз муносибати хунукназаронаи қисми зиёди роҳбарони корхонаҳо ба рақобат шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, фаъолияти

[48] Портер М.Е. Международная конкуренция. Конкурентные преимущества стран [Текст] / М.Е. Портер. – Москва, 1993. – 772 с.; Портер М.Е. Международная конкуренция [Текст] / М.Е. Портер. – М.: Междунар. отношения, 1993. - 896 с.
[49] Кузин Д.В. Российская экономика на мировом рынке: проблемы конкурентоспособности [Текст] / Д.В. Кузин // Общество и экономика. - 1993. - № 3-4. - С.51.
[50] Ҳамон ҷо, с.52

онҳо дар раванди ташаккул додани молистеҳсолкунандаи рақобатпазири ватанӣ ва дар маҷмуъ системаи иқтисодии кишвар камсамар ба назар мерасад.

Дар гузашта рақобатпазирии давлат бештар аз мавҷудияти се омили асосии истеҳсолот - сармоя, захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ вобаста буд. Бо рушду пешрафти техникӣ рақобатпазирӣ бештар бо омилҳои сатҳи баландтар, пеш аз ҳама, инфрасохтори кишвар, иқтидори илмии он, сатҳи таҳсилоти аҳолӣ муайян карда мешавад.

Дар мамлакати мо мушкилоти рақобатпазирӣ хеле тезутунд гардидааст ва бешубҳа, ҷиҳати коркарди мавқеи созандаи давлат ва дар заминаи он қабул кардани қарорҳои мушаххаси самарабахш аз тарафи субъектҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии иқтисодӣ, ба таҳлили муфассал ниёз доранд.

Нишондиҳандаҳои интегралии фаъолияти бомуваффақияти системаи хоҷагидорӣ дар маҷмуъ суръати рушди иқтисодӣ ва тавсеаи пешрафти содиротии кишвар дар бозорҳои ҷаҳонӣ мебошанд. Агар ба арзёбии вазъи кунунии кишварамон аз ин мавқеъ наздик шавем, пас дар муддати тӯлонӣ таназзули мунтазами умумии истеҳсолот, коҳиш ёфтани самаранокии тамоми системаи иқтисодиро мебинем. Коҳиши афзояндаи ҳиссаи кишвар дар содироти ҷаҳонӣ ба назар мерасид ва сохтори иқтисодиёт ва савдои хориҷӣ таназзул мекард.

Ҳарчанд барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ дар кишвар як қатор бартариятҳо вуҷуд доранд. Пеш аз ҳама, бартариятҳое, ки бо боигариҳои табиӣ, шумораи аҳолии қобили меҳнат ва ҷойгиршавии ҷуғрофии кишвар марбутанд.

Гурӯҳи дигари бартариятҳои рақобатӣ дар Тоҷикистон арзонии муқоисавии баъзе омилҳои истеҳсолот мебошад. Кишвар ҳанӯз ҳам дар соҳаи саноат дорои фондҳои назарраси истеҳсолӣ мебошад, ки пеш аз ҳама, бо таҷҳизоти универсалии коркард муаррифӣ карда мешаванд.

Истеҳсолоти саноати ватанӣ аз рӯйи соҳа ба дараҷаи баланд диверсификатсия шудааст ва хусусияти мураккаб дорад. Бо истифода аз фондҳои ҷамъшуда бо хароҷоти камтари асосӣ навсозии зарурии корхонаҳо ва гузариш ба истифодаи технологияҳои ғарбии сатҳи миёна имконпазир аст. Дар кишвар ба ғайр аз фондҳои истеҳсолӣ, қувваи кории баландихтисос ва нисбатан арзон низ мавҷуд аст, ки он низ қобилияти бозомӯзии зудро дорад.

Истифодаи бартариятҳои рақобатпазирии мавҷуда ва имконпазир бо зарурати рафъи ақибмонии ошкорои иқтисоди миллӣ алоқаманд аст. Дар байни онҳо неруталабӣ ва масолеҳталабии назарраси истеҳсолот вуҷуд дорад, ки боиси арзиши баланди аксар намудҳои маҳсулоти тайёри ватанӣ мегардад; ақибмондагии технологии бисёр соҳаҳои саноат, ки имкон намедиҳад, истеҳсоли маҳсулоти бо хусусиятҳои сифатии баланд ба роҳ монда шавад; инфрасохтори дуруст рушднаёфтаи нақлиётӣ; соҳаи коммуникатсионӣ; номукаммалии раванди мутобиқшавии агентҳои иқтисодӣ ба кор дар шароити ноустувори бозор ва амсоли онҳоро номбар кардан мумкин аст. Бартариятҳои рақобатпазирии иқтисоди ватанӣ асосан бо тарафҳои сусти он беарзиш мешаванд.

Дар байни соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазирии аз ҳама бештарро соҳаҳое доранд, ки ба истифодаи маводи хоми маҳаллӣ, неруи барқи арзон ва бартариятҳои иқлимӣ, аз ҷумла дар самти истеҳсоли маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ, асос ёфтаанд.

Соҳаҳои асосии иқтисодиёти ватанӣ, ки дорои мавқеъҳои пурзӯри рақобатӣ мебошанд, ба чунин категорияҳо ҷудо карда шуданд:

- мавқеи басо пурзӯри рақобатӣ – соҳаи гидроэнергетика;

- мавқеи пурзӯри рақобатӣ – истихроҷи канданиҳои фоиданоки қаъри замин, ангиштсанг;

- мавқеи миёнаи рақобатӣ – соҳаи саноати сохтмон, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ (истеҳсоли семент, гипсокартон, гаҷ, оҳак ва ғ.);

- мавқеи сусти рақобатӣ – истеҳсолоти кишоварзӣ, саноати нассоҷӣ, бофандагӣ.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки мавҷудияти омилҳои истеҳсолӣ шарти зарурӣ, вале нокифояи рақобати муваффақ мебошад. Барои ин чунин талаб карда мешавад: тақозои муайян ба маҳсулот; истеъмолкунандагони сахтгир ва таҳвилгарони рақобатпазир; роҳандозии рақобати солим; стратегияи дахлдори корхонаҳо оид ба рушд ва баланд бардоштани рақобат. Мутаассифона, мавҷудияти рақобати носолим дар бозори дохилӣ, ғунҷоиши ночизи он ва рафтори ношоистаи истеъмолкунандагон имкон намедиҳанд, ки барои афзоиши рақобатпазирии корхонаҳо ва маҳсулоти ватанӣ шароит фароҳам оварда шавад. Корхонаҳо наметавонанд барои бозорҳои хориҷӣ маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол кунанд, чунки онҳо дар бозори дохилӣ бесифат мебошанд. Кишварҳое, ки имрӯз пешсафони бозори ҷаҳонӣ мебошанд, ҳамеша аз талаботи дохилӣ шуруъ кардаанд ва тавсеаи онҳо аввал тавассути лабрез шудани бозори дохилӣ сурат гирифтааст.

Ин нукта аз ҷониби ҳамагон эътироф карда шудааст, ки рақобатпазирии пасти молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва дар маҷмуъ худи кишвар ба мушкилоти амнияти иқтисодии давлат мансуб мешавад. Дар ин робита, баланд бардоштани рақобатпазирӣ – вазифаи стратегии ҳама гуна объекти бозори дохилӣ мебошад, ки ҳалли он дар асоси таҳлили амиқи рақобатпазирӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва нишондиҳандаи фаъолияти иқтисодӣ имконпазир аст. Зарурати муқоисакунии рақобатпазирии субъектҳои бозор, дар навбати худ, мубрамияти арзёбии

миқдории онро муайян мекунад. Бинобар ин, таҳияи усулҳои ченкунии миқдории рақобатпазирӣ яке аз шартҳои идоракунии он мебошад.[51]

Яке аз вазифаҳои асосии молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар шароити муосир муайян кардани самтҳои асосии рушд ва такмили усулҳои идоракунии рақобатпазирӣ мебошад. Таҷрибаи корхонаҳои хориҷӣ ва ватанӣ нишон дод, ки имкониятҳои бузурги идоракунии рақобатпазирӣ на танҳо дар доираи омилҳои муҳити берунии он, балки дар дохили он низ мавҷуд мебошанд. Дар таҳқиқоти худ оид ба коргоҳҳои мошинсозии Олмон ва Англия муҳаққиқи маъруфи англис В. Шоу ба сифати усули асосии ба даст овардани муваффақияти дарозмуддат ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ - ҷорӣ намудани дараҷаи баландтари самтгирии маркетингии корхонаро ҷудо кардааст.[52]

Таҷрибаи бисёр ширкатҳои ватанӣ тасдиқ мекунад, ки дар мубориза рақобатпазирии имрӯза нафаре ғалаба мекунад, ки доимо мавқеъҳои рақобатпазирии худро таҳлил мекунад, мубориза мебарад ва дар доираи консепсияи маркетинг ба таҳияи тадбирҳои ташкилию иқтисодӣ, ки ба ноил шудани рақобатпазирии баланди корхона ва маҳсулоти он нигаронида шудаанд, равиши системавиро таъмин менамояд.

Чуноне ки маълум аст, рақобатпазирии корхонаи саноати сабук маҷмуи муносибатҳои мураккаби иқтисодӣ мебошад. Дар асоси таҳлили адабиёти мавҷудаи иқтисодӣ оид ба муаммои рақобатпазирии корхонаи саноати сабук, мо се тавсифоти асосии онро муайян кардем.

Аввлан, мутобиқати корхонаи саноати сабук ба тағйирёбии муҳити атроф; сониян, афзалиятҳои рақобатӣ дар доираи комплекси маркетинг ва сеюм, натиҷаҳои фаъолияти иқтисодӣ (нисбат ба рақибон) мебошад. Ҳамин тариқ, ба рақобатпазирии корхонаи саноати сабук бояд ҳамчун

[51] Булеев А.И. Количественный коэффициент конкурентоспособности товаров и услуг [Текст] / А.И. Булеев // Маркетинг и маркетинговые исследования в России. - 2012. - №5. - С.46.

[52] Мильнер Б.З. Теория организации [Текст]: учебник / Б.З. Мильнер. - 2-е изд. - М.:ИНФРА-М, 2014. – С. 64-69.

консепсияи бисёрченака муносибат кард ва барои чен кардани он тағйирёбандаҳои махсуси мутобиқшавӣ, бартариятҳои рақобатӣ ва натиҷаҳои фаъолияти иқтисодиро истифода бурдан лозим аст. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки яке аз самтҳои муҳимми идоракунии рақобатпазирии корхонаи саноати сабук таҳияи усулҳои афзоиши бартариятҳои рақобатӣ ва хосиятҳои мутобиқшавии он мебошад.

Ба намудҳои асосии мутобиқсозии корхонаи саноати сабук инҳо дохил мешаванд:

1) мутобиқшавӣ ба тағйирёбии вазъи бозор;

2) мутобиқшавӣ ба навовариҳои хислати техникӣ ва ташкилидошта;

3) мутобиқшавӣ ба шароити иҷтимоӣ-сиёсӣ.

Ҳадафҳои стратегии мутобиқшавӣ барои ҳар як намуди он муайян карда мешаванд. Ҳадафҳои стратегии навъи якум инҳоянд: нигоҳ доштани сегменти ишғол кардашудаи бозор ва азхудкунии бахшҳои нави бозор; диверсификатсияи истеҳсолот; азхудкунии намудҳои нави маҳсулот; нигоҳ доштани бартариятҳои маҳсулоти истеҳсолшуда ва пешрафти онҳо ба бозор. Ҳадафҳои стратегии навъи дуюм иборатанд аз: татбиқи ғояҳо ва технологияҳои нав; азхудкунии намудҳои нави мавод; такмили сохт ва тарроҳии маҳсулот. Барои мутобиқсозии навъи сеюм, ҳадафҳои зерини стратегиро ҷудо кардан мумкин аст: истифодаи бартариятҳои режими сиёсӣ; гирифтани кафолатҳо ва истифодаи тадбирҳои протексионистии мақомоти ҳокимият; истифода аз вазъи иҷтимоии кишвар.

Тавлиди маҳсулоти рақобатпазир дар шароити бозор бо зарурати азнавсозии сохторҳои ташкилӣ, кадрӣ ва истеҳсолии корхона алоқаманд аст. Таҳлили таҷрибаи як қатор корхонаҳои мошинсозии минтақаҳои саноатии кишварҳои пасошӯравӣ нишон дод, ки дар натиҷаи ба таъхир афтодани равандҳои мутобиқшавӣ дар сохтори истеҳсолӣ ва кадрӣ, 30-40% самараи потенсиали технологияи нав аз даст меравад.[53] Аз ин рӯ, таъхир

[53] Максимова И.Н. Оценка конкурентоспособности промышленной продукции [Текст] / И.Н. Максимова // Маркетинг. - 2013. - №3. – С. 320-329.

дар ҳалли ин мушкил роҳи мустақим ба самти муфлисшавии корхонаҳост. Дар ин бора динамикаи солонаи афзоиши шумораи корхонаҳои зиёновар шаҳодат медиҳад.

Дар амалия, мутобиқшавии корхонаи саноати сабук ба таъсири муҳити беруна дар асоси бунёди системаи ташкилию иқтисодии мутобиқшавӣ бо баҳодиҳии минбаъдаи рақобатпазирӣ имконпазир буда, имкон медиҳад, ки дар бораи мавқеи рақобатпазирии корхона дар бозорҳои фурӯш қарорҳо қабул карда шуда, стратегияҳои маркетинг барои оянда таҳия карда шаванд (расми 1.1.).

Хусусияти дигари муҳимми рақобатпазирии корхонаи саноати сабук бартариятҳои рақобатпазирии он мебошад, ки онро шартан ба ду категория ҷудо кардан мумкин аст:

1) «бартарӣ дар маҳорат»;

2) «бартарӣ дар захираҳо».

Маҷмуи муносибатҳои иқтисодии якум бо самаранокии кори маркетологҳо ва фурӯшандагон вобаста буда, аз инҳо иборат мебошад: ноу-ҳау дар таҳқиқот ва тарроҳӣ; истифодаи моҳиронаи имкониятҳои маркетинг; қобилияти ташкили пешбурди фурӯш; ташаббускорӣ дар ҳама зинаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва маркетингӣ ва ғ. Маҷмуи муносибатҳои иқтисодии дуввуми бартариятҳо бо инҳо муайян карда мешаванд: дастрасӣ ба ашёи хом, энергия, қисмҳои эҳтиётӣ; молия, ҳайати кормандон ва тахассуснокии онҳо; имкониятҳои истеҳсолии каммасраф; мавҷудияти системаи тараққикардаи ҳамкории илмӣ-техникӣ, истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва ғайра.

Дар аснои таҳлил ва баҳодиҳии рақобатпазирӣ, бояд ба инобат гирифт, ки мутобиқшавӣ ва бартариятҳои рақобатӣ ин танҳо ҷониби имконпазири рақобатпазирии корхона мебошад, ки дар шароити муайян метавонад, ки амалӣ ҳам нашавад.




**Расми 1.1 – Нақшаи раванди мутобиқсозии корхонаи саноати сабук ба шароити бозор***

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар айни замон, танҳо натиҷаҳои фаъолияти иқтисодӣ мустақиман инъикоси дастовардҳои воқеиро дар самти таъмини рақобатпазирӣ

медиҳанд ва бинобар ин, онҳо бояд ба сифати ченкунандаҳои рақобатпазирӣ мавриди истифода қарор гиранд.[54]

Барои ин чор равиши маркетингӣ муайян карда шуданд, ки марҳилаҳои пайдарпайи ҷорӣ намудани назарияи маркетингро нишон доданд, аз ҷумла: агноститсизм, самтгирии истеҳсолӣ, фурӯшӣ ва маркетингӣ.[55] Натиҷаҳои таҳқиқот мавҷудияти иртиботи мутақобилаи наздикро байни дараҷаи рушди самтгирии маркетингӣ ва рақобатпазирӣ дар ҳар се самти ченкунӣ нишон доданд.

Корхонаҳои саноати сабуки ба маркетинг нигаронидашуда нисбат ба корхонаҳое, ки сатҳи пасти татбиқи маркетинг доранд, сатҳи баландтари рушди мутобиқшавӣ ва бартариятҳои рақобатиро нишон доданд. Дар баробари ин, инчунин муқаррар карда шуд, ки самтгирии маркетингӣ ба истеъмолкунандагон нигаронида шудани бартариятҳои рақобатпазирӣ ва тадбирҳои фаъолияти мутобиқсозии корхонаҳоро муайян мекунад ва сатҳи баланди рушди он низ бо нишондиҳандаҳои баландтари фаъолияти хоҷагидорӣ алоқаманд аст. Чунин хулосаҳо дар адабиёти истифодашудаи таҳқиқ ба даст оварда шудаанд.[56] Таҳқиқоти мазкур фарзияҳои назариявиро дар бораи он, ки дар шароити муҳити номусоиди макроиқтисодӣ вобастагии зич дар байни дараҷаи самтгирии маркетингии корхона ва натиҷаҳои фаъолияти он робитаи зич дорад, дар амалия санҷида, тасдиқ намуда, зарурати ҷорӣ намудани консепсияи маркетингии идоракуниро дар корхонаҳои ватании дар иқтисоди трансформатсионӣ амалкунанда бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо асоснок мекунад.

---

[54] Решетникова Т.П. Методы оценки конкурентоспособности предприятия [Текст] / Т.П. Решетникова // Вестник Нижегородського ун-та. - 2001. - №9. - С.166.

[55] Добровенский В.С. Обеспечение доходности предприятия // В.С. Добровенский, В.А. Шевелев. - М.: 2014. - С.106

[56] Моисеева Н. Конышева М. Маркетинговая активность как фактор конкурентоспособности фирмы [Текст] / Н. Моисеева, М. Конышева // Маркетинг. – 2015. - №6. - С.22.

Нақши махсус дар системаи идоракунии корхонаи саноати сабук, ки ба принсипҳои самтгирии маркетингӣ асос ёфтааст, бояд ба маркетинги стратегӣ тааллуқ дошта бошад, ки мувофиқи стандарти ISO силсилаи 9000 марҳилаи аввали даври ҳаётии объект ва вазифаи нахустини умумии идоракунӣ мебошад. Ҳадафи асосии он, ҳамчун воситаиояндабинии андозаҳоиояндаи системаҳои мураккаб - ин таҳияи меъёрҳои рақобатпазирии корхона ва маҳсулот дар асоси таҳқиқи талабот, маҳсулот ва рақибон мебошад. Дар шароити мубориза рақобатӣ «сарфакорӣ» дар марҳилаи маркетинги стратегӣ аз ҳисоби истифодаи усулҳои соддаи таҳлил,ояндабинӣ ва асосноккунии иқтисодии самтҳоиояндаи рушди рақобатпазирии корхонаҳо дар марҳилаҳои минбаъдаи давраи ҳаётии онҳо боиси талафоте мегардад, ки нисбат ба маблағи қаблан «сарфашуда» садҳо маротиба зиёдтар аст.[57] Ин ҳолат ба таври боваринок зарурати ташкили хадамоти маркетинги стратегиро дар корхонаҳои ватанӣ бо мақсади пешгӯии меъёрҳои рақобатпазирии корхона, маҳсулоти истеҳсолшаванда, технологияҳо, усулҳои ташкили истеҳсолот ва ғайра равшан нишон медиҳад.

Пешгӯиҳои рақобатпазирӣ ҷустуҷӯӣ мебошанд ва аз муайян кардани тавсифи эҳтимолии ҳолати имконпазири он дар оянда иборатанд. Маълум аст, киояндабинӣ ба қиёсҳо, экстраполятсияҳо ва моделҳои ҳолатиояндаи система асос меёбад. Се тарзи асосии таҳияиояндабинии рақобатпазирӣ вуҷуд дорад - арзёбии коршиносии мутахассисон, экстраполятсиякунонӣ дар асоси омӯзиши қаторҳои динамикӣ ва интихоби минбаъдаи маҷмуи функсияҳои апроксиматсия ва моделсозӣ, ки маҷмуи усулҳои таҳияи пешгӯиҳоро доранд ва барои ба даст овардани объективияти бештар имкон медиҳанд. Илова бар ин, дар амалия, техникаи маъмултарини пешгӯӣ навистани баромадҳо мебошад. М. Портер истифодаи баромадҳоро ҷиддан тавсия медиҳад, зеро онҳо барои канорагирӣ аз хатари истифодаи

[57] Ламбен Ж.Ж. Стратегический маркетинг. Европейская перспектива [Текст] / Ж.Ж. Ламбен. - СПб.: Наука, 2013. – С. 277.

пешгӯиҳои яктарафа имкон медиҳанд ва менеҷеронро барои ташхиси аниқи пешниҳодҳояшон ташвиқ мекунанд.[58]

Ҳамин тариқ, бо истифода аз ояндабинӣ ҳамчун яке аз воситаҳои стратегии маркетинг, дараҷаи таъсири омилҳои муайяни бозорро ба рақобатпазирии корхонаҳо арзёбӣ кардан ва бо ҳамин, рақобатпазириро идора кардан мумкин аст.

Идоракунии рақобатпазирӣ бояд аз як тараф, мушкилоти сифат, ҳифзи захираҳо, омӯзиши инфрасохтори бозорҳои дохилӣ ва хориҷиро фаро гирад, аз тарафи дигар, тамоми вазифаҳои умумии идоракунӣ - маркетинги стратегӣ, банақшагирӣ, ташкили равандҳо, баҳисобгирӣ ва назорат, ҳавасмандгардонӣ ва танзим ва аз тарафи сеюм, - ҳама марҳилаҳои давраи зиндагии объектҳои идорашавандаро, аз маркетинги стратегӣ, КИТТК сар карда, дар ниҳояти кор то ба барҳамдиҳии объекти коркардшуда дар бар гирад.

Мураккабии низоми идоракунии рақобатпазирӣ, рушди рақобатнокии шадид, кооператсияи байналмилалӣ ва ҷаҳонишавии бозорҳо стандартизатсияи амиқи ҷанбаҳои гуногуни онро дар сатҳи байналмилалӣ талаб мекунанд. Дар ниҳояти кор, афзоиши шумораи ҳуҷҷатҳои меъёрию методӣ, қоидаҳо, истилоҳот ва меъёрҳои дорои хусусияти байналмилалӣ сохтани низоми идоракуниро дар ҳар як корхона хеле осон мекунанд, самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ, меҳнат ва сармояро ҳамчун омилҳои асосии таъмини некуаҳволӣ ва баланд бардоштани сифати ҳаёт таъмин мекунанд. Баъзе ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқи ва методие, ки созмонҳои байналмилалӣ таҳия кардаанд, бояд барои ҳамаи сатҳҳои зина низом (иерархия), аз ҷумла барои корхонаҳо, ки новобаста аз шакли моликияташон ҳатмӣ бошанд. Масалан, системаи идоракунии сифат дар асоси стандартҳои байналмилалии ISO, қисми 9000, системаи сертификатсияи байналмилалии молҳо ва хидматҳо ва як қатор

[58] Портер М.Е. Международная конкуренция [Текст]: пер. с англ. / Под ред. В.Д. Щетинина. – М.: Междунар. отношения, 1993. - 896 с.

дигар асноду ҳуҷҷатҳои танзимкунанда бояд барои ҳама кишварҳо ва мутаносибан ба ин, барои ҳама корхонаҳо яксон бошанд.

Рақобати шадиде, ки корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ ба он дучор омадаанд, онҳоро водор месозад, ки ба сифати маҳсулоти истеҳсолшуда диққати махсус диҳанд. Ноил шудан ба сатҳи дараҷаи ҷаҳонӣ дар ин соҳа бояд вазифаи муҳимми ташкилию иқтисодӣ барои онҳо бошад ва ҳангоми банақшагирии стратегияҳои мувофиқ диққати ҷиддиро талаб кунад. Аммо, тавре ки амалия нишон медиҳад, рӯй овардан ба сифат ҳамчун яке аз асосҳои рақобатпазирӣ амали бошууронаи шумораи ҳанӯз ҳам андаки истеҳсолкунандагони ватанӣ мебошад.

Ду роҳи бо сифати маҳсулот эътимод ҳосил кардан вуҷуд дорад. Аввалан, тафтиш ва назорати худи маҳсулот аст. Аммо, дар шароити муосир, дар истеҳсоли масоили сершумор, усули дигар бештар истифода мешавад: санҷиши на худи маҳсулот, балки санҷиши қобилияти истеҳсолкунанда дар истеҳсоли маҳсулоти дорои хусусиятҳои устуворе, ки истеъмолкунандаро қонеъ мекунад.

Дар тӯли чоряки охири асри XX, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ вазифаи эҷоди маҳсулоти баландсифат тавассути ташаккули системаҳои идоракунии сифат ҳал карда шуда истодааст. Зимнан, усули системанокӣ дар мавриди зерин зоҳир мешавад: объекти идоракунӣ раванди ташаккули сифат мебошад; пойгоҳи қарорҳои минбаъдаи идоракунӣ натиҷаҳои таҳлили равандҳои ташаккули сифат ва омилҳое мебошанд, ки ба нишондиҳандаҳои ниҳоӣ таъсир мерасонанд; сохтори ташкилот бояд ба ҳадафҳои сифат ва стратегия мувофиқ бошад. Яъне, системаи сифат ба раванди умумии истеҳсолот ворид карда шуда, тамоми хидматҳои марбут ба сохтан, баровардан ва фурӯши маҳсулотро дар бар мегирад ва дар ҳамбастагӣ бо рушди дигар ҷанбаҳои фаъолияти корхона: ташкилӣ, техникӣ, технологӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ такмил дода мешавад.

Дар охири солҳои 80-ум созмони Байналмилалии Стандартизатсия (ISO) дар якҷоягӣ бо ширкатҳои калонтарини дорои таҷрибаи бойи равиши системавӣ нисбат ба масъалаи сифат, стандартҳои силсилаи ISO 9000-ро таҳия намуд. Мувофиқи маълумоти коршиносон, бо гузаштани Аврупо ба бозори умумиаврупоӣ, дар 90% шартномаҳо истеъмолкунанда аз молрасон талаб мекунад, ки системаи сифате дошта бошад, ки ба стандартҳои ин силсила мувофиқат мекунад. Ширкатҳое, ки дар хориҷа шартнома мебанданд, ҳар чӣ бештар ба зарурати доштани системаи сертификати сифате, ки ба талаботи ISO ҷавобгӯст, рӯ ба рӯ мешаванд. Тасдиқи ҳуҷҷатии самаранокии фаъолияти системаи сифат ва сифати маҳсулот шаҳодатномаи мутобиқат мебошад, ки онро ташкилоти махсус дар асоси маълумоти аудиторӣ медиҳад. Мавҷудияти системаи сертификати сифат дар корхона ба он як қатор бартариҳоро фароҳам меорад: эҷоди обрӯю эътибори ширкати боэътимод; эътирофи байналмилалӣ ва ҷустуҷӯи самарабахштари шарикии баробарҳуқуқ; тавсеаи бозорҳои фурӯш; мусоидат ба риояи қонунгузориҳои миллӣ ва байналмилалӣ; баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат; камшавии хароҷот; болоравии интизоми истеҳсолӣ ва молиявӣ ва ғайра.

Ҳамин тариқ, барои таҳвилкунандагони маҳсулот ба бозори хориҷӣ, мутобиқати системаи сифат ба силсилаи ISO 9000 ҳатмӣ мебошад. Барои бозори дохилӣ сертификати оммавии системаҳои сифат барои мутобиқат ба стандартҳои серияи ISO 9000 дар ояндаи наздик ҷорӣ шуданаш мумкин аст. Дур шудан аз ин раванд дигар имконнопазир аст, зеро: истеъмолкунандагони ашёи хом ва маҳсулот дар бозори хориҷӣ сертификатсиякунонии ҳатмии системаҳои идоракунии сифатро талаб мекунанд; ташкилотҳои пешқадам оид ба сертификатсиякунонӣ (Lloyd's Registrer, T Ü V- CERT ва ғайра) маҳсулотро сертификатсия намекунанд, агар системаи сифат тасдиқ нашуда бошад; ҷузъи муҳимтарини таркибии сифати маҳсулоти таъиноти истифодааш ниҳоӣ ин

мутобиқати сифати ашёи хом, маводу масолеҳ ва қисмҳои эҳтиётӣ ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ мебошад.

Дар Тоҷикистон стандартҳои силсилаи ISO 9000 аз соли 2013 амал мекунанд. Дар ин муддат дар назди Агентии миллии стандартизатсия ва сертификатсияи «Ҷумҳурии Тоҷикстандарт» марказҳои сертификатсия барои арзёбии мутобиқати системаҳои сифат ба талаботи меъёрӣ таъсис дода шуданд. Аммо, эътибору салоҳияти байналмилалии онҳо то ҳол ночиз аст ва аз шумораи системаҳои сифатии сертификатсия ва сатҳи баҳогузорӣ вобаста аст. Ақибмондагии ҷаҳонишавӣ дар равандҳои баланд бардоштани сифати маҳсулот дар мамлакати мо аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон бо омилҳои асосии зерин алоқаманд аст: якум, стратегияи саноатии давлат ба ҳалли проблемаи сифат ҳамчун яке аз вазифаҳои асосии рушд нигаронида нашудааст; дуввум, усулҳои идоракунии сифат, ки ҳоло дар бисёр корхонаҳо истифода мешаванд, аз усулҳои дар ширкатҳои беҳтарини ҷаҳон истифодашаванда тахминан то 30-35 сол ақиб мондаанд; сеюм, истеъмолкунандагони маҳсулот нисбат ба истеҳсолкунандагон оид ба мавҷудияти системаи сертификатдори идоракунии сифат талаботи қатъӣ ба миён намеоранд. Аз ҷумлаи сабабҳои асосии сертификатсиякунонии маҳсулот дар Ҷумҳури Тоҷикистон инҳоро ҷудо кардан мумкин аст: сертификатсиякунонӣ қобилияти корхонаро барои истеҳсоли маҳсулоти босифат тасдиқ мекунад ва баромади ӯро ба бозори ҷаҳонӣ таъмин мекунад; сертификатсиякунонӣ хароҷоти корхонаро барои санҷиши маҳсулот ҳангоми назорат ва санҷишҳои фармоишгари имконпазир коҳиш медиҳад; сертификатсиякунонӣ – ин марҳилаи зарури барои ноил шудан ба сифати баланди фаъолияти корхона ва таҳкурсии такмили минбаъдаи идоракунии фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ ва рақобатпазирии корхона мебошад.

Татбиқ ва инкишофи усулҳои дар боло овардашудаи идоракунии рақобатпазирии корхонаи саноати сабук вазифаи заҳматталаб буда,

равиши системавиро дар татбиқи амалии миқдори зиёди тадбирҳои идоракунӣ, техникӣ, технологӣ ва ғайра тақозо мекунад.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ, барои ҳалли ин масъала, консепсияи мукаммали идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешниҳод карда мешавад, ки дорои: қобилияти ташаккул ва таснифи ҳадафҳо ва стратегияҳои рушди корхонаҳои саноати сабук мутобиқи сатҳи ба даст овардашудаи рақобатпазирӣ; арзёбии равишҳои муосири идоракунии рақобатпазирии ин корхонаҳо; ташаккули механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии ин корхонаҳо, аз ҷумла ҷузъҳое, ки тадбирҳои зарурiро барои фаъолияти самараноки онҳо тавсиф мекунанд ва зуд ва саривақт татбиқи онҳо ба қабули қарорҳои муносиби идоракунӣ дар корхонаҳои саноати сабук нигаронида шудааст, мебошад (расми 1.2.).

Аҳаммияти таҳияи системаи самарабахши тадбирҳои ташкилию иқтисодӣ оид ба дастгирии идоракунии рақобатпазирии як корхонаи саноатиро адабиёти истинодшудаи таҳқиқот тасдиқ мекунанд.[59]

Ҳамин тариқ, ҷузъҳои консепсия, ки бо ҳамдигар алоқамананд ва ба ин васила як сатҳи муайянеро ташкил медиҳанд, бо як принсипи ягона муттаҳид карда шудаанд - ҳар яки онҳо ҳалли масъалаи афзоиши бартариятҳои рақобатпазирӣ ва хосиятҳои мутобиқшавандагии корхона ва таҳкими мавқеи онро дар бозорҳои берунӣ ва дохилӣ фароҳам меоранд.

### 1.3. Асосҳои методии арзёбӣ ва идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук

Яке аз ҳадафҳои асосии ҳар як корхона дар шароити иқтисоди бозорӣ баланд бардоштани рақобатпазирии худ ва маҳсулоти истеҳсолкардааш мебошад.

---

[59] Воронкова А. Поддержка конкурентоспособности предприятия [Текст] / А. Воронкова // ЭКО. - 2001. - №3-4. - С.102-103; Горбашко Е.А. Обеспечение конкурентоспособности промышленной продукции [Текст] / Е.А. Горбашко. - СПБ.: СПБУЭиФ, 1994. – С. 178; Макалов Г.Ф. Система обеспечения конкурентоспособности предприятия [Текст] / Г.Ф. Макалов. - Тольятти, 2000. - С. 27-29; Савченко В.Ф. Программа обеспечения конкурентоспособности продукции на предприятии [Текст] / В.Ф. Савченко // Стандарты и качество. - 2012. - №1. - С. 15-17.




**Расми 1.2 – Консепсияи идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук***

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар мавриди дигар қайд карда шудааст, ки яке аз шартҳои асосии идоракунии рақобатпазирии корхона таҳияи усулҳои таҳлили он ва андозагирии он мебошад, ки дар навбати худ имкон медиҳад, ки сатҳи он идора карда шуда, таҳлили муқоисавии рақобатпазирии субъектҳои бозор гузаронида шавад.

Ҳамин тариқ, вазифаи андозагирии миқдорӣ ва таҳлили рақобатпазирӣ яке аз вазифаҳои мубрами маркетинги дар сиёсати идоракунии ҳар як корхона баромад мекунад. Дар муносибатҳои бозорӣ танҳо он ширкате имконияти рушди минбаъдаро пайдо мекунад, ки фаъолияти самарабахши иқтисодиро пеш барад. Принсипи мазкур тамоми ҷанбаҳои фаъолияти корхонаро ҷиҳати баҳисобгирии шароити бозор тобеъ карда, таҳияи стратегияи таъмини рақобатпазирии корхона, таҳлил ва арзёбии доимии онро тақозо мекунад.

Дар сатҳи микро бояд ду мафҳуми рақобатпазирӣ: рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ҳамчун самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ ва фурӯшандагии он дар бозори муайян; рақобатпазирии маҳсулот ҳамчун фарқияти имконпазири тақозои истеъмолӣ дар байни он ва маҳсулоти ба он шабеҳро бояд аз ҳам фарқ кард.[60] Бисёр муаллифон рақобатпазирии корхонаро танҳо бо рақобатпазирии маҳсулот алоқаманд карда, онро як мафҳуми асосӣ дар системаи рақобатпазирӣ меҳисобанд, дар ҳоле ки ҷанбаҳои дигари онро аз ин таъриф ҳосилшуда мепиндоранд. Чунин муносибат ба рақобатпазирии корхона дар як қатор осори олимони ватани ва беруна дида мешавад.[61] Бо вуҷуди ин, мафҳуми рақобатпазирии

---

[60] Портер М.Е. Международная конкуренция [Текст]: пер. с анг. / Под ред. В.Д. Щетинина. – М.: Междунар. отношения, С. 714-749. – 896 с.

[61] Печенкин А. Об оценке конкурентоспособности товаров и товаропроизводителей [Текст] / А. Печенкин, В.Н. Фомин // Маркетинг. - 2000. - №2. - С.23-26; Печенкин А.Н., Фомин В.Н. Конкурентоспособность продукции и производителя [Текст] / А.Н. Печенкин, В.Н. Фомин // Надежность и контроль качества. - 1995. - №10. – С. 47-59; Познякова Т.В. Макроэкономический аспект освоения предприятием новых технологий для обеспечения конкурентоспособности продукции [Текст] / Т.В. Познякова. – Н.Новгород, 2015. – С.21-22; Портер М.Е. Международная конкуренция. Конкурентные преимущества стран [Текст] / М.Е. Портер. - М. 1993. -С. 621-627; Портер М.Е.

корхонаҳои саноати сабук хеле бисёрҷанба буда, дар адабиёти илмӣ ба таври номуайян тафсир карда мешавад.

Дар айни замон, рақобатпазирии маҳсулот ва корхонаҳо бо якдигар ҳамчун ҷузъу кул иртибот доранд. Рақобатпазирии маҳсулот яке аз хусусиятҳои хоси муҳимтарине мебошад, ки рақобатпазирии корхонаро таъмин мекунад. Дар байни ин равияҳо, ҳамбастагии наздик вуҷуд дорад.[62] Имконияти рақобат кардани корхона дар бозори муайяни молу маҳсулот мустақиман аз рақобатпазирии сифати маҳсулот ва маҷмуи усулҳои фаъолияти иқтисодии корхона, ки ба натиҷаҳои мубориза рақобатӣ таъсир мерасонанд, вобаста аст. Бояд қайд намоем, ки рақобатпазирии маҳсулот шарти зарурӣ бошад ҳам, аммо барои рақобатпазирии корхона кофӣ нест.[63] Ин ҳолат, аз ҷумла, аз фарқияти байни ин равияҳо бармеояд:

- аввалан, рақобатпазирии маҳсулот дар муддати аз нуқтаи назари иқтисодӣ кӯтоҳе муайян карда мешавад ва арзёбии рақобатпазирии корхона бошад, баръакс, дар доираи муддати тӯлонӣ анҷом дода мешавад;

- сониян, сатҳи рақобатпазирии маҳсулот барои ҳар як намуди он муайян карда мешавад, аммо арзёбии рақобатпазирии корхона бошад, тамоми номгӯйи маҳсулотро (ва на танҳо ин номгӯйро) фаро мегирад;

- сеюм, рақобатпазирии корхона танҳо барои соҳиби он мароқангез аст, ки ӯ мувофиқи мақсад будани фаъолияти истеҳсолиро бо дарназардошти шароити мушаххас муайян мекунад. Истеъмолкунанда бошад, зимни баҳо додан ба рақобатпазирии маҳсулот, ба хароҷот ва самаранокии истеҳсолот шавқу рағбат зоҳир намекунад.

---

Международная конкуренция [Текст]: пер. с англ. / Под ред. В.Д. Щетинина. – М.: Междунар. отношения, 1993. - С. 167-175;

[62] Долинская М.Г. Маркетинг и конкурентоспособность промышленной продукции [Текст] / М.Г. Долинская, И.А. Соловьев. – М.: Изд-во стандартов, 1998. – С.86-87; Сорокин Г.М. Системно-целевой подход к управлению конкурентоспособностью крупного акционерного общества [Текст] / Г.М. Сорокин // Проблемы повышения эффективности функционирования предприятий различных форм, собственности. – 2015. - № 3. - С.45-61.

[63] Долинская М.Г. Маркетинг и конкурентоспособность промышленной продукции [Текст] / М.Г. Долинская, И.А. Соловьев. – М.: Изд-во стандартов, 1998. – С.86.

Аксари усулҳои фаврии баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ба таҳлилҳои портфелӣ ва SWOT –таҳлил асос ёфтааст,[64] ё ба истифодаи нишондиҳандаҳои гуногуни истеҳсолӣ ва таносубҳои молиявӣ, ки фаъолияти истеҳсолӣ, вазъи молиявӣ, самаранокии сармоягузорӣ ва амсоли онро тавсиф мекунад.[65]

Дар адабиёти баррасишуда[66] пешниҳод мегардад, ки ба сифати нишондиҳандаҳои асосии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук нишондиҳандаҳои зерин: иқтидори иқтисодӣ ва самаранокии фаъолият; сатҳи идоракунӣ; иқтидори истеҳсолӣ ва фурӯш; иқтидори илмӣ-тадқиқотӣ; вазъи молиявӣ; эътибори ширкат, стратегияи бозорӣ ва фаъолияти инноватсионии он; ҳолат ва тахассуснокии захираҳои меҳнатӣ, пазируфта шаванд. Дар осори дигари илмӣ[67] рақобатпазирӣ ҳамчун консепсияи бисёрченака дар доираи комплекси маркетинг баррасӣ гардида, барои андозагирии он тағйирёбандаҳои бартариятҳои рақобатӣ, мутобиқшавӣ ва натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии корхона истифода бурда мешаванд. Барои андозагирӣ бартариятҳои рақобатӣ пешниҳод шудааст, ки тағйирёбандаҳои зерин истифода карда шаванд: нархгузории рақобатӣ; бартариятҳо дар хароҷот; сифат, ороиш, бандубаст, хусусиятҳои истифодабарии маҳсулот; хизматрасонии баъди фурӯш; суръати вокуниш ба ниёзҳои истеъмолкунандагон; эътибор; номгӯйи маҳсулот; тамосгирӣ бо таҳвилгарон; вусъати шабакаҳои тақсимотӣ; таблиғот; техникаи фурӯши шахсӣ; низоми иттилооти маркетингӣ; таҳқиқоти маркетингӣ.[68]

---

[64] Анненков М.Е. Создание конкурентного преимущества по затратам в условиях перехода к рынку [Текст] / М.Е. Анненков // Менеджмент в России и за рубежом. - 1998. -№3. - С.101-104.

[65] Татьянченко М.А., Литвиненко А.Н. Методологические вопросы оценки экономических аспектов конкурентоспособности товара машинотехнической продукции [Текст] / М.А. Татьянченко, А.Н. Литвиненко // БИКИ. - 2006. - №1. - С. 44.

[66] Теория и механизм инноваций в рыночной экономике [Текст] / под ред. Яковца. Ю.В. – М, 2012. - С. 6-12.

[67] Добровенский В.С. Обеспечение доходности предприятия [Текст] / В.С. Добровенский, В.А. Шевелев. – Москва, 2014. - С.53.

[68] Добровенский В.С. Обеспечение доходности предприятия [Текст] / В.С. Добровенский, В.А. Шевелев. – Москва, 2014. - С.54.

Бартариятҳои рақобатӣ ҳамчун омили рақобатпазирии корхона инчунин дар корҳои олимони дигар низ баррасӣ шудаанд.[69]

Тавсия дода мешавад, ки мутобиқшавӣ бо истифода аз тағйирёбандаҳои тадбирҳои мутобиқсозандаи сиёсатҳои зерин: истеъмолӣ, нархгузорӣ, озуқаворӣ, ҳавасмандгардонӣ ва тақсимотӣ, чен карда шавад.[70] Мутобиқшавии корхона ҳамчун омили рақобатпазирии корхона дар дигар асарҳо низ таҳқиқ шудааст.[71]

Дар асарҳои олимон[72] натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии корхона бо истифода аз нишондиҳандаҳои зерин: молиявӣ (фоидаи сармоягузорӣ ва фоида); бозор (ҳаҷми фурӯш ва ҳиссаи бозории корхона); сатҳи зинда мондан (мадохили пулӣ) чен карда мешаванд.

Барои арзёбии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар адабиёти дигар,[73] системаи нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти истеҳсолии он, вазъи молиявӣ, самаранокии ташкили фурӯш ва пешбурди таблиғи молҳо, рақобатпазирии молҳо ва самаранокии лоиҳаи инноватсионӣ интихоб карда шудааст.

Муаллифони "Менеҷменти молиявӣ"[74] вақтро яке аз омилҳои рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук меҳисобанд. Ҳамчун самтҳои алоҳидаи муносибгардонии параметрҳои замонии корхона онҳо суръати мутобиқшавӣ, муҳлати пардохтҳо, давомнокии давраи истеҳсолот, суръати қабули қарор ва амсоли онро пешниҳод кардаанд.

---

[69] Поклонский Ф.Е. Корпоративная культура как основа управления конкурентоспособностью предприятия [Текст] / Ф.Е. Поклонский // ЭКО. – 2001. - №3(5). - С.97.

[70] Добровенский В.С. Обеспечение доходности предприятия [Текст] / В.С. Добровенский, В.А. Шевелев. – Москва, 2014. - С. 63-65.

[71] Фатхутдинов Р.А. Конкурентоспособность: экономика, стратегия, управление [Текст] / Р.А. Фатхутдинов. – М.: ИНФРА-М, 2000. – 312 с.; Финансовый менеджмент [Текст] / под ред. Е. Стояновой. - М.: «Перспектива», 2016. – С. 473.

[72] Добровенский В.С. Обеспечение доходности предприятия [Текст] / В.С. Добровенский, В.А. Шевелев. – Москва, 2014. - С.155-157.

[73] Татьянченко М.А. Методологические вопросы оценки экономических аспектов конкурентоспособности товара машинотехнической продукции [Текст] / М.А. Татьянченко, А.Н. Литвиненко // БИКИ. - 2006. - №1. - С.45

[74] Финансовый менеджмент [Текст] / под ред. Е. Стояновой. - М.: «Перспектива», 2016. - С. 152-156.

Дар маҷмуъ, тавре ки яке аз мутахассисони рус дар соҳаи маркетинг ва рақобатпазирӣ Р.А Фатхутдинов қайд мекунад, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ҳалли масъалаи рақобатпазирии корхонаҳо дар иқтисоди давраи гузариш дар аввали солҳои 2000-ум тақрибан дар сатҳи сифр қарор дошт.[75] Ин хулосаро метавон нисбат ба тамоми кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ татбиқ кард.

Мавриди зикр аст, ки яке аз усулҳои маъмултарини омӯзиши рақобатпазирии корхонаҳо дар асоси назарияи тақсимоти байналмилалии меҳнат мебошад. Рақобат аз давраи пайдоиши бозор яке аз шартҳои асосии мавҷудияти он ба ҳисоб рафта, аҳаммияти хосаро бо баробари пайдоиш ва таъсисёбии бозорҳои миллӣ пайдо кардааст, ки дар он истеҳсолоти молӣ тамоми иқтисодиётро фаро гирифта, муносибатҳои молию – пулӣ характери умумиро гирифтааст. Барои дастрас намудани ғолибият дар мубориза рақибона, хароҷотҳо ва нархи маҳсулотҳо паст шуда, сифати онҳо баланд мегардад ва истеҳсоли молҳои ба талаботи истеъмолкунандагон ҷавобгӯ буда афзоиш меёбад.

Рақобат бо ду хусусият тавсиф карда мешавад:

1) мавҷудияти шумораи зиёди истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони мустақил амалкунандаи моли аниқ дар бозор.

2) озодии воридшавӣ ва тарккунии бозор аз тарафи истеҳсолкунандагон ва харидорон.

Мафҳуми рақобатро бо чунин тарз маънидод кардан мумкин аст: Рақобат (аз калимаи лотинии *concurrere – рӯбарӯшавӣ* гирифта шудааст) – ин мубориза байни иштирокчиёни иқтисоди бозорӣ барои шароитҳои беҳтарини истеҳсолот, харид ва фурӯши молҳо.

Ҳамин тавр, ба ақидаи мо, рақобат, аз як тараф – ин муборизаи иқтисодӣ барои дастрас намудани натиҷаҳои беҳтарин дар соҳаи

---

[75] Фатхутдинов Р. Менеджмент как инструмент достижения конкурентоспособности [Текст] / Р. Фатхутдинов // Вопросы экономики. - 2000. - №5. - С.90; Фатхутдинов Р.А. Конкурентоспособность: экономика, стратегия, управление [Текст] / Р.А. Фатхутдинов. – М.: ИНФРА-М, 2000. – 312с.

фаъолият, муборизаи молистеҳсолкунандагон барои шароитҳои беҳтарини хоҷагидорӣ, ба даст овардани фоидаи ҳадди аксар мебошад.

Аз тарафи дигар, олимони иқтисодиёти соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашраф Эргашев, Ҳақберди Муҳадбердиев., Исоматов Бобокалон[76] дар он адешаанд, ки рақобат унсури механизми бозориест, ки амали якҷояи субъектони бозориро дар истеҳсолот, фурӯши молҳо ва дар соҳаи маблағгузорӣ таъмин менамояд. Дар натиҷаи рақобат натанҳо ғолиб – ҳарифони хушбахти боигарии худро афзун намуда, балки мағлуб шудагон низ ҳастанд. Бо ҷараёни рақобат чунин тарафҳои манфии ифодагари онро алоқаманд мекунанд: муфлисшавӣ, камбизоатшавии қисми аҳолӣ, бекорӣ, номуътадилӣ, фарқгузорӣ, ноадолатии иҷтимоӣ, таваррум, таъсисёбии монополияҳо ва ғайраҳо мебошанд.

Рақобат барои ба иштирокчиёни бозор пешкаш намудани ҳуқуқҳои ниҳоии иқтисодӣ ва озодӣ таъинот дорад:

- *озодии фаъолияти соҳибкорӣ;*
- *озодии интихоби истеъмолкунанда;*
- *озодии интихоби ҷои корӣ.*

Моҳияти рақобат ба монанди дигар ҳодисаҳо дар вазифаҳои иҷро мекардаи он ифода меёбад. Дар адабиёти иқтисодӣ асосан чунин вазифаҳои рақобатро аз ҳам ҷудо мекунанд:

- *танзимкунӣ;*
- *аллокатсионӣ (аз калимаи англисии allocation гирифта шуда, маънои ҷойгиркуниро дорад);*
- *навоварӣ;*
- *мутобиқшавӣ;*
- *тақсимотӣ;*

[76] Эргашев А. Курси назарияи иктисоди [Текст] / А. Эргашев, Х. Мухамадбердиев, М. Эргашева. – Душанбе, 2004. - 343 с.; Эргашев А., Мухамадбердиев Х. Курси назарияи иктисоди [Текст]: китоби дарси / А. Эргашев, Х. Мухамадбердиев. - Душанбе, 2003. - 510 с.; Исоматов Б. Асосхои назарияи иктисоди [Текст] / Б. Исоматов. – Душанбе, 2001. - 321 с.

- *назоратӣ.*

*1.Вазифаи навоварии* рақобат, умуман дар молиягузорӣ ва хавасмандгардонии ПИТ ифода меёбад. Субъектони бозор кӯшиш мекунад, ки дастовардҳои илм ва техникаро ба истеҳсолот аввалин шуда ҷорӣ намоянд.

*2.* Вазифаи мутобиқшавии рақобат дар баландшавии мутобиқшавии субъектони хоҷагидорӣ ба вазъияти доимо дигаргуншавандаи бозор, ба ҷиҳатҳои гуногуни он, ба низоми андозӣ, ба таварруми имконпазир, ба анъанаҳо ва урфу одатҳои динию миллӣ, амалӣ карда мешавад**.**

***3***. Вазифаи тақсимотии рақобат махсусан дар амалигардии он дар муҳити истеъмолкунандагон – ҳам истеъмолкунандаи инфиродӣ ва истеҳсолӣ ба миён меояд.

***4.*** Вазифаи назоратии рақобат пеш аз ҳама, дар роҳ нададан ба ҳукмронии монополии корхонаҳои калон дар бозор ифода меёбад. Рақобати солим шакл ва моделҳои рақобати номукаммалро маҳдуд намуда, онҳоро дар чаҳорчӯбаи муайян ҷо ба ҷо мекунад.

Аз нимmаи дуюми асри XIX зери таъсири ПИТ ҷараёни шиддатёбии консентратсияи истеҳсолот ба миён меояд, ки ба таъсисёбии корхонаҳои калон ва азимҷусса, яъне монополияҳо оварда мерасонад.

***Мақсади монополия*** – ба даст овардани даромади ҳадди аксари имконпазир бо воситаи назорат аз болои нарх ва ё ҳаҷми истеҳсолот дар бозор. Монополияҳо бо роҳи якҷояшавии як чанд ширкатҳо таъсис ёфта, чунин шаклҳои ташкилӣ доранд:

**картел** – муттаҳидшавӣ дар асоси созишнома оиди квотаи (миқдори) маҳсулоти истеҳсол мешуда ва ҷудо намудани бозори фурӯш;

Ҳангоми ***рақобати монополӣ*** дар бозор миқдори зиёди фурӯшандагон ва харидорон боқӣ мемонад.

***Дуополия*** – истеҳсоли намуди додашудаи маҳсулот дар ду фирма амалӣ гардида, маҳсулоти якҷинса истеҳсол карда мешавад.

***Олигополия*** – бо чунин бозор пеш карда мешавад, ки дар он якчанд фирмаҳо амал мекунанд. Барои олигополия мавҷудияти маҳсулоти якҷинса ва ё фарқкунанда хос буда, ҷиҳати асосӣ бошад, ҷорӣ намудани нарх аз рӯи принсипӣ пешвой мебошад. Ҳодисаи баръакси олигополия, ***олигопсония*** мебошад, ки мавҷудияти якчанд харидоронро дар бозор дар назар дорад.

***Монополияи соф*** дар бозор дар ҳолате ба назар мерасад, ки агар дар он танҳо як фурӯшанда бе мавҷудияти рақиб амал намояд. Хусусияти он дар он аст, ки фурӯшанда метавонад нархро дар ҳудудҳои калон тағйир диҳад, нархи ҳадди аксар бошад танҳо бо талаботи қобили пардохт маҳдуд мешавад. Агар дар бозор танҳо як харидор мавҷуд бошад, он гоҳ чунин рақобат ***монопсония*** номида мешавад.

Шарти ҳатмии ба даст овардани мавқеи қавии рақобатӣ аз ҷониби корхона мавҷудияти бартариятҳои муқоисавӣ мебошад, ки имкон медиҳанд хароҷоти нисбатан пасти истеҳсолот нисбат ба рақибон таъмин карда шаванд.[77]

Усулҳои муайян кардани рақобатпазирии корхона дар асоси назарияи рақобати самаранок низ хеле васеъ паҳн шудаанд. Ҷонибдорони онҳо чунин мешуморанд, ки ҳангоми таҳлили рақобат дар сатҳи соҳавӣ, пеш аз ҳама, ба шароити корхонаҳо диққат додан лозим аст, зеро маҳз натиҷаи фаъолияти онҳо вазъи соҳаро ба вуҷуд меорад.[78] Дар доираи ин назария, ду равиши асосии муайян кардани меъёри рақобатпазирӣ мавҷуд аст: 1) сохторӣ ва 2)функсионалӣ. Тибқи равиши сохторӣ, мавқеъро аз рӯи донистани сатҳи инҳисорӣ шудани саноат, яъне тамаркузи истеҳсолот, сармоя ва монеаҳо барои ворид шудани корхонаҳои нав ба бозор арзёбӣ кардан мумкин аст. Монеаҳои асосӣ дар роҳи рақибони нав инҳоянд: сарфакоронатар будани истеҳсолоти калон; дараҷаи тафриқабандии

---

[77] Чайка И. Конкурентоспособное качество отечественной продукции – ключевая проблема выхода России из экономического кризиса [Текст] / И. Чайка, И. Львов // Стандарты и качество. - 2001. - №6. – С. 47-50.
[78] Долинская М.Г. Маркетинг и конкурентоспособность промышленной продукции [Текст] / М.Г. Долинская, И.А. Соловьев. – М.: Изд-во стандартов, 1998. – С.88.

маҳсулот; бартариятҳои мутлақи хароҷотӣ аз ҷониби корхонаҳои мавҷуда; миқдори сармояе, ки барои ташкили истеҳсолоти самаранок лозим аст.[79]

Усули функсионалӣ аз муайян кардани таносуби арзишу нархҳо, истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ, ҳаҷми тавлиди маҳсулот, меъёри фоида ва амсоли он иборат аст. Тибқи равиши мазкур, корхонаҳои рақобатпазир корхонаҳое мебошанд, ки дар онҳо истеҳсол ва фурӯши молҳо беҳтар ташкил карда шудаанд ва идоракунии самарабахши молиявӣ ба роҳ монда шудааст. Намунаи истифодабарии равиши функсионалӣ методикаи ширкати консалтингии Амрико «Dun & Bradstreet» мебошад, ки таҳқурсиашро се гурӯҳ нишондиҳандаҳои фаъолияти бозорӣ: нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ ва маркетингии корхона; нишондиҳандаҳои шиддатнокии истифодаи фондҳои асосӣ ва сармояи гардон; нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявӣ, ташкил мекунанд.[80]

М. Шакум ба ғайр аз гурӯҳҳои нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда, нишондиҳандаҳоеро пешниҳод кардааст, ки рақобатпазирии маҳсулотро тавсиф мекунанд.[81] Усулҳои андозагирии рақобатпазирии корхона, ки ба равиши функсионалии назарияи рақобати самаранок асос ёфтааст, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Аврупои Ғарбӣ васеъ истифода мешаванд ва метавонанд барои истифода дар корхонаҳои содиротии рӯ ба тараққӣ тавсия шаванд.[82]

Бартариятҳои равиши функсионалӣ дар истифода бурдани нишондиҳандаҳое зоҳир мегардад, ки имкон медиҳанд дар бораи баъзе

---

[79] Долинская М.Г. Маркетинг и конкурентоспособность промышленной продукции [Текст] / М.Г. Долинская, И.А. Соловьев. – М.: Изд-во стандартов, 1998. – С.88.;

[80] Портер М.Е. Меры и программы по поддержке конкурентоспособности национальных производителей в США и Канаде [Текст] / М.Е. Портер // Внешняя торговля. - 2013. - №5. - С. 86.

[81] Шакум М. О стратегии посткризисного развития российской экономики на рубеже веков [Текст] / М. Шакум // Вопросы экономики. - 2000. - №9. - С.33-39.

[82] Портер М.Е. Меры и программы по поддержке конкурентоспособности национальных производителей в США и Канаде [Текст] / М.Е. Портер // Внешняя торговля. - 2013. - №5. - С. 87.

самтҳои фаъолияти хоҷагидории корхона хулоса бароварда шавад. Аммо, бояд қайд кард, ки ин равиш камбудиҳои муайянеро низ дорад, зеро дар он чунин меъёрҳои муҳимми муайян кардани рақобатпазирии корхона, ба монанди мавҷудияти қобилияти рақобатӣ, нишондиҳандаҳои тозагии экологии истеҳсолот, самаранокии иҷтимоӣ ва мавқеи (имиҷи) корхона ба назар гирифта нашудаанд.[83]

Усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирии корхона, ки ба назарияи тавозуни байни фирма ва соҳа ва назарияи омилҳои истеҳсолот асос ёфтаанд, басо ҷолиби диққат мебошанд. Меъёри рақобатпазирӣ дар доираи равиши номбурда мавҷудияти омилҳои истеҳсолот барои истеҳсолкунандагон мебошад, ки метавонанд нисбат ба рақибон бо ҳосилнокии баландтар истифода шаванд. Дар доираи назарияи тавозун нишондиҳандаҳои зерин таҳлил карда мешаванд: меъёри фоизи қарзҳо; арзиши нисбии таҷҳизоти харидашуда; меъёрҳои нисбии музди меҳнат; арзиши нисбии захираҳои моддӣ.[84] Бояд қайд кард, ки усули мазкур ҷиҳати истифодаи он дар шароити иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон маҳдудиятҳои ҷиддӣ дорад, зеро, пеш аз ҳама, назарияи тавозуни истеҳсолкунанда ба шароити рақобати комил ҷавобгӯ буда, шароити воқеии идоракунии иқтисодӣ дар кишвар бошад, аз чунин шакли бозор дур аст ва сониян, усули номбурда ба назарияе асос ёфтааст, ки тахмин мезанад, саноат дар натиҷаи рушди худ бояд ба ҳолати мувозинат бирасад, ҳол он ки чунин ҳолат ҳатто дар кишварҳои дорои иқтисоди рушдёфтаи бозорӣ мушоҳида карда намешавад.

---

[83] Долинская М.Г. Маркетинг и конкурентоспособность промышленной продукции [Текст] / М.Г. Долинская, И.А. Соловьев. – М.: Изд-во стандартов, 1998. – С.88.

[84] Долинская М.Г. Маркетинг и конкурентоспособность промышленной продукции [Текст] / М.Г. Долинская, И.А. Соловьев. – М.: Изд-во стандартов, 1998. – С.89 -90; Портер М.Е. Меры и программы по поддержке конкурентоспособности национальных производителей в США и Канаде [Текст] / М.Е. Портер // Внешняя торговля. - 2013. - №5. - С. 85.

Рақобатпазирии корхона, инчунин, аз рӯйи сифати маҳсулот бо усули профилҳои бисёркунҷа арзёбӣ мешавад.[85] Ин усул яке аз чанд усулест, ки баҳои аёнӣ дорад. Дар он ба фарқ аз дигар равишҳо, сегментҳои бозорро меомӯзанд ва имконияти тағйир додани даромаднокии истеҳсолот ва фурӯшро бо назардошти талаботи бозор ва шабакаи фурӯш таҳлил менамоянд. Муайян кардани меъёрҳои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон нисбат ба маҳсулоти мушаххас, муқаррар намудани зинанизоми (иерархияи) талабот, аҳаммияти нисбии онҳо дар доираи ҳамон чаҳорчӯбе, ки аз ҷониби истеъмолкунанда арзёбӣ карда шуданаш имконпазир аст, асос ёфтааст. Дар адабиёти илмӣ, чунин қоида, бисёркунҷаҳои хусусиятҳои муқоисавии рақобатпазирии корхонаҳо дар ҳашт масири салоҳиятнокӣ: консепсия, сифат, нарх, молия, савдо, хадамоти пас аз фурӯш, сиёсати хориҷӣ, тайёрии пеш аз фурӯш оварда шудаанд. Камбудии асосии чунин равиш дар он аст, ки он самаранокии фаъолияти истеҳсолии корхонаро ба назар намегирад ва танҳо барои он корхонаҳое қобили қабул аст, ки як намуди маҳсулот истеҳсол мекунанд.[86]

Усулҳои ба истилоҳ матритсавии баҳодиҳии рақобатпазирии корхона, ки ба баррасии равандҳои рақобат дар динамика асос ёфтаанд,[87]қобили қабул ва ҷолиби таваҷҷӯҳ мебошанд, ки имкон медиҳанд таҳлили сифатии мавқеъҳои рақобатпазирӣ бо шарти мавҷудияти иттилооти боэътимод гузаронида шавад ва зимнан, онҳо дар ҳисобҳо хеле равшан ва содда мебошанд. Дар бартариятҳои онҳо инчунин

---

[85] Долинская М.Г. Маркетинг и конкурентоспособность промышленной продукции [Текст] / М.Г. Долинская, И.А. Соловьев. – М.: Изд-во стандартов, 1998. – С.91; Портер М.Е. Меры и программы по поддержке конкурентоспособности национальных производителей в США и Канаде [Текст] / М.Е. Портер // Внешняя торговля. - 2013. - №5. - С. 87; Чайка И. Конкурентоспособное качество отечественной продукции – ключевая проблема выхода России из экономического кризиса [Текст] / И. Чайка, И. Львов // Стандарты и качество. - 2001. - №6. - С.91-92.

[86] Долинская М.Г. Маркетинг и конкурентоспособность промышленной продукции [Текст] / М.Г. Долинская, И.А. Соловьев. – М.: Изд-во стандартов, 1998. – С. 91

[87] Шмулевич Т.В. Конкурентоспособность крупных предприятий и ее роль в развитии предпринимательства [Текст] / Т.В. Шмулевич // Народы СНГ накануне третьего тысячелетия. Материалы Междунар. научн. конгресса. Н.Новгород. - 2014. - С.71.

камбудиҳояшон низ нуҳуфтаанд – аёният тавассути ҳалли соддакардашуда бо гум шудани дақиқӣ таъмин карда мешавад. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки мавқеи молу маҳсулот дар бозор ва дурнамои рушди он мувофиқи давраи ҳаёташ бомуваффақият муайян карда шаванд ва ба фарқ аз дигарон, ин усулҳо мавқеи якчанд рақибонро нишон медиҳанд ва дар бораи имкониятҳои онҳо тасаввурот медиҳанд. Чуноне ки Т.В. Шмулевич қайд мекунад, амалия нишон дод, ки истифодаи онҳо дар якҷоягӣ бо дигар ҳисобҳои дақиқтаре, ки барои онҳо ҳамчун аёният оварда шудаанд, самаранок мебошад.[88]

Гурӯҳи алоҳида усулҳоеро дар бар мегирад, ки сатҳи рақобатпазириро бо нишондиҳандаҳои сифати маҳсулот ё сифат ва нарх пайванд мекунанд.[89] Сифатро, аксар вақт, бо истифода аз нишондиҳандаи ҷамъбастӣ арзёбӣ мекунанд ва он дар навбати худ бо усули комплексӣ муайян карда мешавад. Нишондиҳандаи нархи мол арзиши ҷамъбастие мебошад, ки аз арзиши фурӯш ва арзиши хароҷот ҳангоми истифодаи мол иборат аст. Дар ниҳоят, нишондиҳандаи рақобатпазирии маҳсулот тавассути «самаранокии истеъмол» ифода карда мешавад. Ҳамин тариқ, ҳар қадар сифати маҳсулот баланд ва нархаш пасттар бошад, рақобатпазирии он баландтар мешавад. Ин усул як қатор афзалиятҳо дорад, ки аз ҳама асосиашон соддагӣ ва аёнӣ будани арзёбӣ мебошад. Ғайр аз он, усули номбаршуда як ҷанбаи муҳимми рақобатпазирӣ - рақобатпазирии маҳсулотро, ки тавассути таносуби сифат ва нарх баҳо дода мешавад, ба назар мегирад. Ҳамзамон, он дар бораи бартарӣ ва нуқсонҳои корхона тасаввуроти маҳдуд медиҳад, зеро рақобатпазирии он шакли рақобатпазирии маҳсулотро мегирад ва ба дигар ҷанбаҳои фаъолияти он дахл надорад.

---

88 Шмулевич Т.В. Конкурентоспособность крупных предприятий и ее роль в развитии предпринимательства [Текст] / Т.В. Шмулевич // Народы СНГ накануне третьего тысячелетия. Материалы Междунар. научн. конгресса. Н.Новгород. - 2014. - С.71.

89 Шакум М. О стратегии посткризисного развития российской экономики на рубеже веков [Текст] / М. Шакум // Вопросы экономики. - 2000. - №9. - С.33-39.

Усули маҷмуии баҳодиҳии рақобатпазирии корхона бо истифода аз усули баҳодиҳии интегралӣ амалӣ карда мешавад, ки он ду унсурро: меъёре, ки дараҷаи қаноатмандии муштариёнро тавсиф мекунад ва меъёри самаранокии истеҳсолотро дар бар мегирад.[90] Бартарии ин усул соддагии ҳисобкунӣ ва имконияти тафсири якранги натиҷаҳо мебошад ва нуқсони асосиаш бошад, тавсифоти нопурраи фаъолияти корхона мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳлили равишҳо ва усулҳои дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки дар адабиёти муосир масъалаҳои арзёбии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ба таври васеъ инъикос ёфтаанд. Умуман, рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук бо назардошти омилҳои бозорӣ, ки ба он таъсир мерасонанд, муайян карда мешавад, онҳо, чун қоида, баҳои ҳамаҷонибаи миқдории онро намедиҳанд. Ғайр аз ин, як нуқсони маъмули ин усулҳо дар он аст, ки онҳо барои истифода дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ мутобиқ карда нашудаанд ва тавсифоти нопурраи корхонаҳои арзёбишавандаро дар бар мегиранд.

Аз рӯйи адолат бояд тазаккур дод, ки дар айни замон тамоми назарияи пасошӯравии рақобатпазирӣ дар арафаи ташаккулёбӣ қарор дорад ва бинобар ин, дар муайян кардани нишондиҳандаҳои ҷамъбастии миқдории рақобатпазирии корхонаҳо пешрафтҳои ҷиддӣ надорад.

Дар адабиёти истифодашуда[91] зимни таҳқиқ нишондиҳандаи сатҳи умумии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук оварда шудааст, ки баробар аст ба:

$$K_п = J_Т \cdot J_э \qquad (1.1),$$

[90] Долинская М.Г. Маркетинг и конкурентоспособность промышленной продукции [Текст] / М.Г. Долинская, И.А. Соловьев. – М.: Изд-во стандартов, 1998. – С. 97.

[91] Портер М.Е. Меры и программы по поддержке конкурентоспособности национальных производителей в США и Канаде [Текст] / М.Е. Портер // Внешняя торговля. - 2013. - №5. - С. 89; Чайка И. Конкурентоспособное качество отечественной продукции – ключевая проблема выхода России из экономического кризиса [Текст] / И. Чайка, И. Львов // Стандарты и качество. - 2001. - №6. - С.161-162.

ки дар он: $K_T$ - нишондиҳандаи умумии рақобатпазирии корхона;

$J_T$ - индекси рақобатпазирӣ вобаста ба ҳаҷми мол;

$J_э$ - индекси самаранокии нисбии корхонаро ифода мекунад.

Барои корхонаи гуногунсоҳае, ки маҳсулоти гуногун истеҳсол мекунад, индекси рақобатпазирии ҳаҷми молро метавон ҳамчун бузургии миёнавазни нишондиҳандаҳои рақобатпазирии ҳар як мол тибқи формула ҳисоб кард:[92]

$$J_T = \sum_{i=1}^{p} \beta_i \frac{n_i}{n_{iб}} \cdot \frac{K_i}{K_{iб}} \cdot \frac{З_{iб}}{З_i} \qquad (1.2),$$

дар ин ҷо: $p$ - шумораи намудҳои моли истеҳсолшаванда;

$n_i$, $n_{iб}$ - миқдори моли намуди $i$, ки дар бозор аз тарафи рақибон арза карда мешавад;

$\beta_i$ - коэффитсиенти маънидор будани моли $i$ дар рақобат дар бозор;

$K_i$, $K_{iб}$ - нишондиҳандаҳои комплексии сифати молҳои додашуда ва базавӣ, ки бо ҳамдигар рақобат мекунанд;

$З_i$, $З_{iб}$ - хароҷот барои харидорӣ ва истифодабарии ин молҳо дар давоми давраи ҳаётии онҳоро ифода мекунанд.

Ба сифати нишондиҳандаҳои самаранокии корхонаҳои саноати сабук инҳоро қабул кардан мумкин аст: ҳосилнокии меҳнат, коэффитсиенти фоидаи сармояи асосӣ ва гардон, даромаднокии маҳсулот ва ғайра. Аз ҷиҳати назариявӣ нишондиҳандаи мураккаби самараноки $J_э$-ро ҳисоб кардан мумкин аст, ки аз ҷумла як қатор нишондиҳандаҳои хусусии самаранокиро $E_j$ дар бар мегирад, ба монанди он ки чӣ тавр он дар квалиметрия иҷро карда мешавад.[93]

[92] Внешняя торговля. - 2013. - №5. - С. 89; Портер М.Е. Международная конкуренция. Конкурентные преимущества стран [Текст] / М.Е. Портер. – Москва, 1993. - С.173.

[93] Портер М.Е. Международная конкуренция. Конкурентные преимущества стран [Текст] / М.Е. Портер. – Москва, 1993. - С.174.

$$J_э = \sum_{j=1}^{k} \gamma_j \, E_j / E_{jб} \qquad (1.3),$$

ки дар он: $k$ - миқдори нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот;

$\gamma_i$ - коэффитсиенти маънидор будани нишондиҳандаи самаранокӣ;

$E_j$, $E_{jб}$ - нишондиҳандаҳои хусусии самаранокии корхонаи баррасишаванда ва корхонаи ба он рақибро ифода мекунанд.

Дар адабиёти мавриди таҳқиқ[94] бо дарназардошти далеле, ки нишондиҳандаҳои рақобатпазирии анбӯҳи молӣ ва самаранокии нисбии корхонаҳои саноати сабук бо ҳамдигар ҳамбастагии зич доранд, чунин пешниҳод карда шудааст: сатҳи рақобатпазирӣ ҳамчун бузургии миёнавазн аз рӯи рақобатпазирии молҳои мушаххас дар бозорҳои мушаххас муайян карда шавад; самаранокии фаъолияти корхона дар алоҳидагӣ, дар асоси рақобатпазирӣ ва самаранокии ҳар як мол дар бозор таҳлил карда шавад; нишондиҳандаи устувории корхона алоҳида ҳисоб карда шавад; нишондиҳандаҳои мураккаби номбаршуда ҳадди аққал барои панҷ солояндабинӣ карда шаванд.

Дар ҳамин сарчашма[95] пешниҳод шудааст, ки рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар омор аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда шавад:

$$K_{пр} = \sum_{i=1}^{n} a_i b_j K_{ij} \qquad (1.4),$$

дар ин ҷо: $\alpha_i$ - вазнии нисбии моли $i$ дар ҳаҷми фурӯш дар давраи мавриди таҳлил, ҳиссаи он бо воҳид;

$b_j$ - нишондиҳандаи маънидор будани бозори $j$, ки дар он мол арза карда шудааст;

94 Портер М.Е. Меры и программы по поддержке конкурентоспособности национальных производителей в США и Канаде [Текст] / М.Е. Портер // Внешняя торговля. - 2013. - №5. - С. 91-92.

95 Портер М.Е. Меры и программы по поддержке конкурентоспособности национальных производителей в США и Канаде [Текст] / М.Е. Портер // Внешняя торговля. - 2013. - №5. - С. 92.

$K_{ij}$ - рақобатпазирии моли $i$ дар бозори $j$, ки аз рӯйи формулаҳои дар ҳамин сарчашма додашуда ҳисоб карда мешавад;[96]

Вазни нисбии моли $i$ дар ҳаҷми умумии фурӯш тавассути формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$a_i = V_i / V \qquad (1.5),$$

дар ин ҷо: $V_i$ - ҳаҷми фурӯши моли $i$ дар давраи мавриди таҳлил;

$V$ - ҳаҷми умумии фурӯши корхона дар ҳамон давра мебошад.[97]

Афзалияти ду нишондиҳандаи дар боло овардашудаи сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар он аст, ки ҷузъи муҳимтарини он - рақобатпазирии маҳсулот ба назар гирифта мешавад. Аммо, онҳо аз камбудиҳо низ холӣ нестанд, зеро онҳо чунин ҷанбаҳои муҳимро, ба монанди иқтидори корхона, натиҷаҳои фаъолияти хоҷагии он ва дигар паҳлуи масъаларо ба назар намегиранд. Дар худи ҳамон сарчашма, арзёбии рақобатпазирии корхонаҳо бо истифода аз усулҳои экспертӣ низ пешниҳод карда мешавад.[98] Муаллифони баъзе адабиёти илмӣ[99] низ мафҳумҳои рақобатпазирии маҳсулот ва рақобатпазирии корхонаро муродифи ҳамдигар медонанд, дар умум дуруст нест.

Р.А. Фатхутдинов[100] пешниҳод мекунад, ки рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук аз рӯйи гурӯҳҳои зерини нишондиҳандаҳо арзёбӣ: бартариятҳо дар муҳити беруна ва дохилӣ; афзалиятҳо дар сифат,

---

96 Портер М.Е. Меры и программы по поддержке конкурентоспособности национальных производителей в США и Канаде [Текст] / М.Е. Портер // Внешняя торговля. - 2013. - №5. – С.82-83.

97 Ҳамон ҷо. –С.92.

98 Портер М.Е. Меры и программы по поддержке конкурентоспособности национальных производителей в США и Канаде [Текст] / М.Е. Портер // Внешняя торговля. - 2013. - №5. - С. 84.

99 Юданов А.Ю. Конкуренция: теория и практика [Текст] / А.Ю. Юданов. - М.: Тандем, 2013. -С.27-29; Яшин Н.С. Конкурентоспособность промышленного предприятия: методика, оценка, регулирование [Текст] / Н.С. Яшин. - Саратов. Издательский центр СГЭА, 2012. - С. 21-23.

100 Фатхутдинов Р.А. Конкурентоспособность: экономика, стратегия, управление [Текст] / Р.А. Фатхутдинов. – М.: ИНФРА-М, 2000. С.273 -275.

захираталабии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва навовариҳо; бартариҳои бозорҳо карда шавад. Арзёбии интегралии рақобатпазирӣ бо роҳи ҷамъбасти ҳосилаҳои коэффитсиентҳои вазн ва нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ ҳисоб карда мешавад. Афзалияти ин равиши кор дар он аст, ки нишондиҳандаҳои пешниҳодшуда тақрибан ҳама ҷанбаҳои корхонаро ба назар мегиранд ва камбудии равиш бошад - мавҷудияти омили субъективӣ дар баҳодиҳии коэффитсиентҳои вазн мебошад.

Инчунин адабиёти дигаре[101] низ қобили мулоҳиза мебошад, ки дар он нишондиҳандаи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук бо усули назарияи матлубият ба даст оварда мешавад ва дар шакли нишондиҳандаҳои миёнарави чен кардашудаи самаранокии фаъолияти иқтисодии корхона ҳисоб карда мешавад. Дар ин равиш шумораи зиёди омилҳое ба назар гирифта мешаванд, ки ба мавқеи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсир мерасонанд. Бо вуҷуди ин, техника аз ҷанбаҳои субъективӣ холӣ нест, зеро нишондиҳандаи миқдорӣ аввал ба таври субъективӣ ба нишондиҳандаи сифатӣ табдил дода мешавад ва сипас, тибқи ҷадвали Ҳаррингтон, боз ба нишондиҳандаи миқдорӣ табдил меёбад. Гузашта аз ин, агар корхона барои ягон нишондиҳанда меъёри ғайри қобили қабул дошта бошад ё ҳадди аққал яке аз параметрҳои мушаххас ба сифр баробар бошад, пас ба ӯ арзиши сифрии функсияи матлубият дода мешавад ва аз ин рӯ, сатҳи рақобатпазирӣ ба сифр баробар мешавад.

Дар китоби дигар[102] дар ин самт бо мақсади муайян кардани ҳамбастагии байни меъёрҳои рақобатпазирии дастгоҳҳои металлбурӣ, тору-пуд ва усулҳои идоракунии корхона тадқиқот гузаронида шудааст. Натиҷаи дар модел вобастагии регрессионии меъёрҳои

---

[101] Татьянченко М.А. Методологические вопросы оценки экономических аспектов конкурентоспособности товара машинотехнической продукции [Текст] / М.А. Татьяненко, А.Н. Литвиненко // БИКИ. - 2006. - №1. - С.44.

[102] Яшин Н.С. Конкурентоспособность промышленного предприятия: методика, оценка, регулирование [Текст] / Н.С. Яшин. - Саратов. Издательский центр СГЭА, 2012. - С. 21-23.

рақобатпазирии таҷҳизоти металбурӣ, дастгоҳи торупуд аз усулҳои идоракунии корхона ба даст оварда шуданд. Ба муодилаҳои регрессия чор гурӯҳи аломатҳои омилӣ: мувофиқат ба талаботҳои муштариён; сатҳи нархҳои фурӯш; таҳвили саривақтӣ; сатҳи хизматрасонӣ, дохил карда шуданд. Ин усул имкон дод, ки дар маҷмуъ, қобилияти рақобатпазирии корхона арзёбӣ карда шавад, аммо моделҳои регрессионӣ нисбатан зуд кӯҳна мешаванд ва ба пуррагӣ ба назар гирифтани хусусиятҳои объекти таҳқиқшавандаро талаб мекунанд. Аз ин рӯ, усули пешниҳодшударо танҳо дар дохили як корхонаи мушаххас истифода бурдан мумкин аст ва барои татбиқи он нисбати корхонаҳои дигар, бояд коэффитсиентҳои регрессияро тасҳеҳ кард.

Муаллифи асари дар боло номбаршуда[103] арзёбии муқоисавии рақобатпазирии истеҳсолкунандагони таҷҳизоти металлбуриро дар ИДМ аз рӯйи чор гурӯҳи омилҳо гузаронидааст: маҳсулот, нарх, каналҳои фурӯш, пешбурди маҳсулот дар бозор. Оид ба дурнамои баланд бардоштани рақобатпазирӣ пешниҳод карда мешавад, ки аз рӯйи меъёри фоида ё таносуби арзиши фоида нисбат ба андозаи хароҷот баҳогузорӣ карда шавад. Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки фоида дар давраҳои муайян метавонад бо сабабҳое, ки ба кӯшишҳои корхона вобаста нестанд, афзоиш ёбад. Масалан, имтиёзҳои андоз метавонанд сатҳи даромаднокии корхонаро баланд бардоранд, аммо дар бораи баланд бардоштани рақобатпазирии корхона ҳоҷати сухан кардан нест. Методикаи мазкур аз дидгоҳи субъективӣ холӣ нест, ки он дар арзёбии экспертии омилҳои рақобатпазирӣ зоҳир мешавад.

Барои арзёбии рақобатпазирии корхонаи мошинсозӣ дар асари навбатӣ[104] нишондиҳандаҳои зерин қабул карда шуданд: ҳаҷми умумии фурӯш; ҳаҷми фурӯш ва истеҳсоли маҳсулот ба як корманд; ҳиссаи бозор

---

[103] Ҳамон ҷо.

[104] Щиборщ К.В. Сравнительный анализ конкурентоспособности и финансового состояния предприятий отрасли и/или региона [Текст] / К.В. Щиборщ // Маркетинг в России и за рубежом. -2000. - №5. - С.92 -93

дар кишварҳои ИДМ; ҳиссаи маҳсулоти содиротӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсолот; шумораи моделҳои истеҳсолшавандаи маҳсулот; коэффитсиенти рақобатпазирии маҳсулот; боздеҳи дороиҳо; шумораи кишварҳое, ки маҳсулот ба онҳо содирот мешавад; ҳаҷми умумии маҳсулоти дар давраи мавҷудияти корхона истеҳсолшуда; даромаднокии истеҳсолот; хароҷот барои як воҳиди пулӣ маҳсулоти бозоргир; суръати солонаи афзоиши фурӯш; таносуби дивиденд барои як саҳмия бо нархи бозории он; сатҳи таблиғот; ҳиссаи соҳаҳои дорои шаҳодатномаи сифати системаи сифат - ISO 9000; фарсудашавии қисми фаъоли фондҳои асосӣ; ҳиссаи КИТТК дар ҳаҷми умумии фурӯш; таносуби музди меҳнат ба ҳисоби миёнаи миллӣ; хиссаи коркунони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсус. Ҳамзамон, нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирии корхона ҳамчун арзиши миёнаи нишондиҳандаҳои хусусӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои ҳисобшуда шуморида мешавад ва имкон медиҳад, ки рақобатпазирии корхонаҳои мошинсозӣ ба таври объективӣ чен карда шавад.

Чайка И. ва Лвов И. чунин мешуморанд,[105] ки ҳалли мушкилоти «фоида - даромаднокии маҳсулот» дар ҳолате имконпазир аст, ки агар коэффитсиенти рақобатпазирии корхона ҳамчун меъёри ташаккули оптималии барномаи истеҳсолӣ истифода шавад, ки ҳисобкунии он дар шакли ҳосили ҷамъи миёнавазни нишондиҳандаҳои зерин: боздеҳи фондҳо, даромаднокии фурӯш, коэффитсиенти мустақилият, коэффитсиенти ҷорӣи пардохтпазирӣ, коэффитсиенти гардиши маблағҳои гардон, даромаднокии дороиҳо, даромаднокии маҳсулот, коэффитсиенти истифодаи пурраи иқтидорҳо, ба даст оварда шавад. Аммо, муаллифон ҳамчунон модели иқтисодӣ-математикии муносибгардонии сохтори маҳсулоти истеҳсолшударо дар асоси меъёри баланд бардоштани коэффитсиенти рақобатпазирӣ дар шакли таҳлилӣ пешниҳод накардаанд.

[105] Шакум М. О стратегии посткризисного развития российской экономики на рубеже веков [Текст] / М. Шакум // Вопросы экономики. - 2000. - №9. - С.33-39.

Дар асари дигари истинодшуда[106] чор самти муҳимми стратегияи таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук: молиявию хоҷагидорӣ, технологӣ, сифати муносиби ҳаёти меҳнатӣ, ташкилӣ-иқтисодӣ муайян карда шудааст. Дар мавриди фаъолияти молиявию иқтисодӣ бошад, муаллифон аз маҷмуи нишондиҳандаҳои он ҳамонҳоеро ҷудо кардаанд, ки гирдгардиши маблағҳоро дар асоси тақозои самарабахш тавсиф мекунанд. Инҳо нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегиранд: суръати афзоиши маблағҳои худии корхона; фаъолнокии корхона дар бозор; ташаккули саҳмияҳо ва хароҷот бо маблағҳои худ; пардохтпазирии корхона. Самтҳои боқимонда тавассути омилҳои муайяне амалӣ карда мешаванд, ки арзёбии коршиносии онҳо ба гуфтаи мутахассисони соҳа имкон медиҳад, ки арзёбии ҷамъбастии вазъи ҳар як самти стратегии таъмини рақобатпазирӣ ва дар натиҷа, хоҷагидории самарабахши корхона гузаронида шавад. Камбудӣ ва мушкилотҳои усули пешниҳодшуда мавҷудияти ҷанбаҳои субъективист, ки ҳангоми арзёбии экспертии нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ зоҳир мешавад.

М. Мескон ва дигарон[107] алгоритмеро барои таҳлили аломат ва баҳодиҳии рейтингии рақобатпазирӣ ва дараҷаи устувории молиявии корхонаҳо пешниҳод кардаанд. Таҳти мафҳуми рақобатпазирии корхона, муаллифон мавқеи кунунии онро, ки бо як қатор омилҳои самаранокӣ муайян карда шудааст, мефаҳманд ва таҳти мафҳуми сатҳи устувории молиявӣ – мавҷудияти захираҳои озоди гардонро дар корхона дар назар доранд, ки ба он имкон медиҳад қарзҳоро аз рӯи уҳдадориҳои ҷорӣ саривақт баргардонад, инчунин ба тағйирёбии шароити бозор саривақт посух диҳад ва барномаҳои нави истеҳсолӣ ва фурӯшро маблағгузорӣ кунад. Муаллифон боварӣ доранд, ки дар самти дарозмуддат самаранокии

[106] Чайка И., Львов И. Конкурентоспособное качество отечественной продукции – ключевая проблема выхода России из экономического кризиса [Текст] / И. Чайк, И. Львов // Стандарты и качество. - 2001. - №6. - С.46.
[107] Мескон М. Основы менджмента [Текст] / М. Мескон, М. Альберт, Ф. Хедоури. - Москва, 2010. С.53.

бозор (рақобатпазирӣ) сатҳи устувории вазъи молиявии ширкатро муайян мекунад. Дар заминаи банақшагирии ҷорӣ, самаранокӣ ва вазъи молиявӣ аксар вақт ҳадафҳои бисёрҷабҳаи рушди тиҷорат маҳсуб меёбанд.

Дар ҳолате, ки таҳқиқот дар заминаи ташхиси ҳамаҷонибаи тиҷоратӣ барои муайян кардани мавқеи корхона дар бозор ва таҳияи стратегияи самарабахши рақобатпазирии он гузаронида мешавад, муаллифон таҳлили муқоисавии рақобатпазирӣ ва вазъи молиявиро дар асоси андозагирӣ (параметрӣ), яъне бо роҳи муқоисаи корхонаҳо аз рӯи параметрҳои муайяни фаъолият гузарониданро мувофиқи мақсад медонанд. Бояд қайд кард, ки ин равиш бо дақиқии камтар тавсияҳои идоракуниро дар асоси коркарди расмии маълумот таҳия намуда, ба бартариятҳои рақобатпазирии корхона бидуни дарназардошти устувории молиявӣ равона карда шудааст ва дар натиҷа, ҳангоми арзёбии корхона ҳамчун объекти имконпазири сармоягузорӣ нокифоя мебошад.

Арзёбиву баҳогузорӣ ҳангоми истифодаи муқоисаи як қатор корхонаҳо бо мақсади гурӯҳбандии онҳо: аз рӯйи қобилияти қарзӣ, аз рӯйи самаранокии пешбинишудаи «ҷоришавии» маблағҳои сармоягузорон, аз рӯйи нархи пешбинишудаи саҳмияҳо дар бозори фондӣ ва ғайра пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми тартиб додани рейтинг, идеологияи таҳлили параметрӣ истифода мешавад, аммо хулосаҳои меъёрӣ дар асоси нишондиҳандаҳои интихобшуда, ки аз рӯйи аҳаммияти нисбии онҳо баркашида шудаанд, бароварда мешаванд. Холи ниҳоии рейтингӣ, гарчанде ки субъективияти муайян дорад, бо вуҷуди ин, тасаввуроти возеҳе медиҳад, ки кадом омилҳои самаранокӣ ва вазъи молиявӣ мавқеи корхонаро дар рейтинг муайян мекунанд, ки ин манзараи ҳамаҷонибаи вазъи тиҷорати корхонаҳои таҳлилшударо тасвир менамояд.

В.В. Шкардун ва ҳамроҳонаш методикаи арзёбии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабукро баррасӣ намуда, арзёбии технологияи иқтисодии онро дар назар доранд, ки ҳисобкунии он дар асоси меъёри

арзиши истеъмолӣ иҷро шуда, ҳамчун таносуби маҷмуи хосиятҳои маҳсулот ба маҷмуи талабот ба он нишон дода шудааст.[108] Ҳангоми баҳогузории технология ҳамчун мол муаллифон хосиятҳои он ва мувофиқан талаботро ба он ба панҷ гурӯҳи асосии омилҳо: иқтисодӣ, техникӣ, экологӣ, иҷтимой-равонӣ ва ҳуқуқӣ тақсим мекунанд. Дар ниҳояти кор, нишондиҳандаи рақобатпазирии технология дар шакли миёнаи ҳосилаи геометрии нишондиҳандаҳои мушаххаси рақобатпазирии ҳар як гурӯҳи омилҳо пешниҳод карда мешаванд. Эроди мо ба методикаи мазкур чунин аст: рақобатпазирии технологияҳои иқтисодӣ яке аз ҷузъҳои таркибии рақобатпазирии корхона мебошад, бинобар ин, усули пешниҳодшуда наметавонад худро ҳамчун усули комплексии арзёбии он муаррифӣ кунад.

Т.В. Шмулевич бошад, дар китоби худ методикаи баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаро ба тариқи зайл ифода кардааст: муайян кардани қимати нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ бо мақсади муайян кардани шумораи зиёди корхонаҳои наздиктарин нисбат ба як корхонаи намунавӣ.[109] Муаллиф нишондиҳандаҳои зеринро ҳамчун нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ истифода бурдааст: даромаднокии дороиҳо, сармоягузорӣ, фондҳои асосӣ, истеҳсоли маҳсулот; бозгашти дороиҳо; таносуби гирдгардиши сармояи гардон, мустақилият, манёвркунӣ ва пардохтпазирии мутлақ. Арзёбии пешниҳодшудаи рақобатпазирӣ ба усули комплексии бисёрченака нисбат ба ин падидаи мураккаб асос ёфта, муносибати субъективиро истисно мекунад. Нишондиҳандаҳои вазнӣ дар асоси таҳлили коррелятсионӣ ҳисоб карда шуда, ин имкон медиҳад, ки иртиботи байни ҳар як гурӯҳи нишондиҳандаҳо ва бузургии ба таври ҳамаҷониба тавсифшавандаи иқтидори истеҳсолӣ-иқтисодии корхона, ба

---

[108] Шкардун В.Д. Методика иследования конкуренции на рынке [Текст] / В.Д. Шкардун, Т.М. Ахтямов // Маркетинг в России и за рубежом. – 2000. - №4. - С.49-51.

[109] Шмулевич Т.В. Конкурентоспособность крупных предприятий и ее роль в развитии предпринимательства. Народы СНГ накануне третьего тысячелетия [Текст] / Т.В. Шмулевич // Материалы междунар.научн.конгресса. - Н.Новгород, - 2009 - С.115.

таври объективӣ ва миқдорӣ баҳо дода шавад, ки дар он истифодаи нишондиҳандаи иқтидори корхона пешниҳод карда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки бартарияти асосии равиши номбаршудаи методӣ дар субъективӣ будани арзёбии рақобатпазирӣ зоҳир мегардад. Паҳлуи асосии номатлуби он бошад, ба назари мо, нокифоя будани нишондиҳандаи иқтидори корхона барои тавсифоти комплексии неруи истеҳсолӣ-иқтисодӣ мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқоте, ки дар як қатор корхонаҳои мошинсозии электроии Россия гузаронида шудаанд ва дар асари Яшин Н.С. инъикос ёфтаанд[110], хулоса шудааст, ки омилҳои зерин барои арзёбии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук муҳимтарин мебошанд: иқтидори меҳнатӣ; иқтидори истеҳсолӣ; истифодаи оқилонаи ашёи хом ва масолеҳ; маҳсулоти корхона; самаранокии истеҳсолот. Барои арзёбии сатҳи рақобатпазирӣ бузургиҳои мураккаб - нишондиҳандаи таксономикии сатҳи рушд истифода шудаанд, ки имкон медиҳад, ки омили субъективӣ дар баҳогузории рақобат истисно карда шавад. Аз ҷумлаи камбудиҳои ҷойдошта дар ин асар набудани нишондиҳандаҳои мутобиқшавӣ ва афзалиятҳои рақобатпазирии корхонаро зикр кардан мумкин аст.

Таҳлили гузаронидашудаи усулҳои ченкунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук нишон дод, ки имрӯз ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам берун аз он, на мафҳуми аз ҷониби умум қабулшудаи рақобатпазирии корхонаҳо ва на як номгӯйи ягонаи нишондиҳандаҳои он таҳия нашудааст ва инчунин, на ягон усули умумии ба як нишондиҳандаи интегралӣ муттаҳид кардани онҳо таҳия нашудаанд, ки ин дар ниҳояти кор, дар арзёбӣ ва идоракунии рақобатпазирӣ мушкилоти ҷиддӣ эҷод мекунад. Ғайр аз он, далели васеъ истифода бурдани усулҳои коршиносии андозагирии рақобатпазирии корхона муқаррар карда шуд, ки истифодаи

[110] Яшин Н.С. Конкурентоспособность промышленного предприятия: методика, оценка, регулирование [Текст] / Н.С. Яшин. – Сарартов: СГЭА, 2012. – С. 25.

он, тавре маълум аст, эътимоднокӣ ва объективии натиҷаҳои баҳодиҳии рақобатпазириро коҳиш дода, сифати идоракуниро паст мекунад. Бо вуҷуди ин, истифодаи усули коршиносӣ дар баҳодиҳии рақобатпазирӣ дар аксарияти ҳолатҳо асоснок аст ва бо он шарҳ дода мешавад, ки ин масъала бисёрченака буда, чун қоида, модели иқтисодӣ ва математикӣ, ки аксарияти параметрҳояш сифатӣ мебошанд, мураккаб ва душвор мебошад. Ба фикри мо, мураккабии таҳияи усули ягонаи методологии баҳогузорӣ ва таҳлили рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабукро нуқтаҳои зерин муайян мекунанд.

Якум, назарияи иқтисодӣ ин мафҳумро бо як тафсири ягона маънидод намекунад ва ба он бисёр таърифҳои гуногун ва баъзан зиддунақиз медиҳад, ки ҳар кадоми онҳо ин ё он тарафи онро дар бар мегиранд ва ё кӯшиш мекунанд, ки онро ҳамаҷониба тавсиф кунанд.

Дуввум, вобаста аз он ки кӣ ва бо кадом мақсад рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабукро арзёбӣ мекунад, миқдори омилҳое, ки дар баҳогузорӣ иштирок мекунанд, аҳаммият ва таркиби сифатии онҳо ба куллӣ фарқ мекунад.

Сеюм, дар баробари нишондиҳандаҳои миқдорӣ ҳангоми баҳодиҳии рақобатпазирӣ, нишондиҳандаҳои сифатӣ бештар истифода мешаванд, ки ин ба мушкилоти иловагии марбут ба арзёбии миқдории онҳо оварда мерасонад ва таҳияи усулҳои таҳлили муқоисавии рақобатпазириро душвор месозад.

Чорум, усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳое, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ санҷида шудаанд ва хусусияти мушаххаси иқтисодӣ ва миқдорӣ доранд, аз равишҳои илмии идоракунӣ (системавӣ, интегралӣ, репродуктивӣ ва ғ.) истифода намебаранд. Чун қоида, ҳар як усули баҳодиҳии рақобатпазирӣ на барои ҳамаи корхонаҳои якхела, балки барои як ё ду корхона таҳия карда мешавад. Аз ин рӯ, як усули баҳогузорӣ, масалан, захираҳоро дар истифодаи омилҳои истеҳсолот, дигаре - арзиши

омилҳои мушаххаси истеҳсолот, сеюм - самаранокии истифодаи иқтидорҳо, чорум - самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ ва фурӯш, панҷум – кӯшишҳо ҷиҳати беҳтар кардани сифати молҳо ва амсоли онро ба назар мегиранд.[111]

Дар шароити иқтисоди кишвари мо зарур аст, ки на усулҳои ҷудогонаи баҳодиҳии рақобатпазирӣ, ки дар кишварҳои аз ҷиҳати саноатӣ рушдёфта паҳн шудаанд, балки усулҳои мураккаби системавӣ-комплексие истифода гарданд, ки усулҳои болоиро таҷзия намуда, хусусиятҳои муносибатҳои бозории дохилиро ба назар гиранд.

Панҷум, шуъбаҳои маркетингие, ки дар корхонаҳои ватанӣ ташкил карда шудаанд, наметавонанд аз сабаби набудани мутахассисони дахлдор ва набудани таъминоти иттилоотӣ, методӣ ва техникӣ омӯзиши рақобатпазириро анҷом диҳанд.

Ҳамин тавр, тазаккур додан мумкин аст, ки дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон методологияи ягонаи арзёбии ҳамаҷонибаи миқдории рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук вуҷуд надорад ва ҳадди ниёз ба он таъхирнопазир мебошад.

## ХУЛОСА ОИД БА БОБИ 1

1. Дар байни соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазирии аз ҳама бештарро соҳаҳое доранд, ки ба истифодаи маводи хоми маҳаллӣ, неруи барқи арзон ва бартариятҳои иқлимӣ, аз ҷумла дар самти истеҳсоли маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ, асос ёфтаанд. Соҳаҳои асосии иқтисодиёти ватанӣ, ки дорои мавқеъҳои пурзӯри рақобатӣ мебошанд, ба чунин категорияҳо ҷудо карда шуданд: мавқеи басо пурзӯри рақобатӣ – соҳаи гидроэнергетика; мавқеи пурзӯри рақобатӣ – истихроҷи канданиҳои фоиданоки қаъри замин, ангиштсанг; мавқеи миёнаи рақобатӣ – соҳаи саноати сохтмон, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ (истеҳсоли семент,

---

[111] Маренич А. Управление конкурентоспособностью предприятия [Текст] / А. Маренич, И. Астахова // Бизнес-информ. - 2013. - №5. - С.90.

гипсокартон, гаҷ, оҳак ва ғ.); мавқеи сусти рақобатӣ – истеҳсолоти кишоварзӣ, саноати нассоҷӣ, бофандагӣ.

2. Хусусияти дигари муҳимми рақобатпазирии корхонаи саноати сабук бартариятҳои рақобатпазирии он мебошад, ки онро шартан ба ду категория ҷудо кардан мумкин аст: «бартарӣ дар маҳорат»; «бартарӣ дар захираҳо». Маҷмуи муносибатҳои иқтисодии якум бо самаранокии кори маркетологҳо ва фурӯшандагон вобаста буда, аз инҳо иборат мебошад: ноу-ҳау дар таҳқиқот ва тарроҳӣ; истифодаи моҳиронаи имкониятҳои маркетинг; қобилияти ташкили пешбурди фурӯш; ташаббускорӣ дар ҳама зинаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва маркетингӣ ва ғ. Маҷмуи муносибатҳои иқтисодии дуввуми бартариятҳо бо инҳо муайян карда мешаванд: дастрасӣ ба ашёи хом, энергия, қисмҳои эҳтиётӣ; молия, ҳайати кормандон ва тахассуснокии онҳо; имкониятҳои истеҳсолии каммасраф; мавҷудияти системаи тараққикардаи ҳамкории илмӣ-техникӣ, истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва ғайра.

3. Мураккабии низоми идоракунии рақобатпазирӣ, рушди рақобатнокии шадид, кооператсияи байналмилалӣ ва ҷаҳонишавии бозорҳо стандартизатсияи амиқи ҷанбаҳои гуногуни онро дар сатҳи байналмилалӣ талаб мекунанд. Дар ниҳояти кор, афзоиши шумораи ҳуҷҷатҳои меъёрию методӣ, қоидаҳо, истилоҳот ва меъёрҳои дорои хусусияти байналмилалӣ сохтани низоми идоракуниро дар ҳар як корхона хеле осон мекунанд, самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ, меҳнат ва сармояро ҳамчун омилҳои асосии таъмини некуаҳволӣ ва баланд бардоштани сифати ҳаёт таъмин мекунанд. Баъзе ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқи ва методие, ки созмонҳои байналмилалӣ таҳия кардаанд, бояд барои ҳамаи сатҳҳои зина низом (иерархия), аз ҷумла барои корхонаҳо новобаста аз шакли моликияташон ҳатмӣ бошанд. Масалан, системаи идоракунии сифат дар асоси стандартҳои байналмилалии ISO қисми 9000, системаи сертификатсияи байналмилалии молҳо ва хидматҳо ва як қатор

дигар асноду ҳуҷҷатҳои танзимкунанда бояд барои ҳама кишварҳо ва мутаносибан ба ин, барои ҳама корхонаҳо яксон бошанд.

4. Яке аз ҳадафҳои асосии ҳар як корхона дар шароити иқтисоди бозорӣ баланд бардоштани рақобатпазирии худ ва маҳсулоти истеҳсолкардааш мебошад. Дар мавриди дигар қайд карда шудааст, ки яке аз шартҳои асосии идоракунии рақобатпазирии корхона таҳияи усулҳои таҳлили он ва андозагирии он мебошад, ки дар навбати худ имкон медиҳад, ки сатҳи он идора карда шуда, таҳлили муқоисавии рақобатпазирии субъектҳои бозор гузаронида шавад. Ҳамин тариқ, вазифаи андозагирии миқдорӣ ва таҳлили рақобатпазирӣ ҳамчун яке аз вазифаҳои мубрами маркетингӣ дар сиёсати идоракунии ҳар як корхона баромад мекунад. Дар муносибатҳои бозорӣ танҳо он ширкате имконияти рушди минбаъдаро пайдо мекунад, ки фаъолияти самарабахши иқтисодиро пеш барад. Принсипи мазкур тамоми ҷанбаҳои фаъолияти корхонаро ҷиҳати баҳисобгирии шароити бозор тобеъ карда, таҳияи стратегияи таъмини рақобатпазирии корхона, таҳлил ва арзёбии доимии онро тақозо мекунад.

5. Қайд кардан зарур аст, рақобатпазирии маҳсулот шарти зарурӣ бошад ҳам, аммо барои рақобатпазирии корхона кофӣ нест. Ин ҳолат, аз ҷумла, аз фарқияти байни ин равияҳо бармеояд: рақобатпазирии маҳсулот дар муддати аз нуқтаи назари иқтисодӣ кӯтоҳе муайян карда мешавад ва арзёбии рақобатпазирии корхона бошад, баръакс, дар доираи муддати тӯлонӣ анҷом дода мешавад; сатҳи рақобатпазирии маҳсулот барои ҳар як намуди он муайян карда мешавад, аммо арзёбии рақобатпазирии корхона бошад, тамоми номгӯи маҳсулотро (ва на танҳо ин номгӯйро) фаро мегирад; рақобатпазирии корхона танҳо барои соҳиби он мароқангез аст, ки ӯ мувофиқи мақсад будани фаъолияти истеҳсолиро бо дарназардошти шароити мушаххас муайян мекунад. Истеъмолкунанда бошад, зимни баҳо додан ба рақобатпазирии маҳсулот, ба хароҷот ва самаранокии истеҳсолот

шавқу рағбат зоҳир намекунад.

6. Мавриди зикр аст, ки яке аз усулҳои маъмултарини омӯзиши рақобатпазирии корхонаҳо дар асоси назарияи тақсимоти байналмилалии меҳнат мебошад. Рақобат аз давраи пайдоиши бозор яке аз шартҳои асосии мавҷудияти он ба ҳисоб рафта, аҳаммияти хосаро бо баробари пайдоиш ва таъсисёбии бозорҳои миллӣ пайдо кардааст, ки дар он истеҳсолоти молӣ тамоми иқтисодиётро фаро гирифта, муносибатҳои молию – пулӣ характери умумиро гирифтааст. Барои дастрас намудани ғолибият дар муборизаи рақибона, хароҷотҳо ва нархи маҳсулотҳо паст шуда, сифати онҳо баланд мегардад ва истеҳсоли молҳои ба талаботи истеъмолкунандагон ҷавобгӯ буда афзоиш меёбад.

7. Усулҳои муайян кардани рақобатпазирии корхона дар асоси назарияи рақобати самаранок низ хеле васеъ паҳн шудаанд. Дар доираи ин назария, ду равиши асосии муайян кардани меъёри рақобатпазирӣ мавҷуд аст: сохторӣ ва функсионалӣ. Тибқи равиши сохторӣ, мавқеъро аз рӯи донистани сатҳи инҳисорӣ шудани саноат, яъне тамаркузи истеҳсолот ва сармоя ва монеаҳо барои ворид шудани корхонаҳои нав ба бозор арзёбӣ кардан мумкин аст. Усули функсионалӣ аз муайян кардани таносуби арзишу нархҳо, истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ, ҳаҷми тавлиди маҳсулот, меъёри фоида ва амсоли он иборат аст.

8. Усулҳои ба истилоҳ матритсавии баҳодиҳии рақобатпазирии корхона, ки ба баррасии равандҳои рақобат дар динамика асос ёфтаанд, қобили қабул ва ҷолиби таваҷҷӯҳ мебошанд, ки имкон медиҳад таҳлили сифатии мавқеъҳои рақобатпазирӣ бо шарти мавҷудияти иттилооти боэътимод гузаронида шавад ва зимнан, онҳо дар ҳисобҳо хеле равшан ва содда мебошанд. Дар бартариятҳои онҳо инчунин камбудиҳояшон низ нуҳуфтаанд – аёният тавассути ҳалли соддакардашуда бо нест шудани дақиқӣ таъмин карда мешавад. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки мавқеи молу маҳсулот дар бозор ва дурнамои рушди он мувофиқи давраи ҳаёташ

бомуваффақият муайян карда шавад ва ба фарқ аз дигарон, ин усулҳо мавқеи якчанд рақибонро нишон медиҳанд ва дар бораи имкониятҳои онҳо тасаввурот медиҳанд.

9. Дар ҳолате, ки таҳқиқот дар заминаи ташхиси ҳамаҷонибаи тиҷоратӣ барои муайян кардани мавқеи корхона дар бозор ва таҳияи стратегияи самарабахши рақобатпазирии он гузаронида мешавад, муаллифон таҳлили муқоисавии рақобатпазирӣ ва вазъи молиявиро дар асоси андозагирӣ (параметрӣ), яъне бо роҳи муқоисаи корхонаҳо аз рӯи параметрҳои муайяни фаъолият гузарониданро мувофиқи мақсад медонанд. Бояд қайд кард, ки ин равиш бо дақиқии камтар тавсияҳои идоракуниро дар асоси коркарди расмии маълумот таҳия намуда, ба бартариятҳои рақобатпазирии корхона бидуни дарназардошти устувории молиявӣ равона карда шудааст ва дар натиҷа, ҳангоми арзёбии корхона ҳамчун объекти имконпазири сармоягузорӣ нокифоя мебошад.

10. Арзёбиву баҳогузорӣ ҳангоми истифодаи муқоисаи як қатор корхонаҳо бо мақсади гурӯҳбандии онҳо: аз рӯйи қобилияти қарзӣ, аз рӯйи самаранокии пешбинишудаи «ҷоришавии» маблағҳои сармоягузорон, аз рӯйи нархи пешбинишудаи саҳмияҳо дар бозори фондӣ ва ғайра пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми тартиб додани рейтинг, идеологияи таҳлили параметрӣ истифода мешавад, аммо хулосаҳои меъёрӣ дар асоси нишондиҳандаҳои интихобшуда, ки аз рӯйи аҳаммияти нисбии онҳо баркашида шудаанд, бароварда мешаванд. Холи ниҳоии рейтингӣ, гарчанде ки субъективияти муайян дорад, бо вуҷуди ин, тасаввуроти возеҳе медиҳад, ки кадом омилҳои самаранокӣ ва вазъи молиявӣ мавқеи корхонаро дар рейтинг муайян мекунанд, ки ин манзараи ҳамаҷонибаи вазъи тиҷорати корхонаҳои таҳлилшударо тасвир менамояд.

# БОБИ II. ВАЗЪИ МУОСИР ВА ИДОРАКУНИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ САБУКИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таҳлили вазъи муосир ва рушди корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон

Дар шароити муосир масъалаи баланд бардоштани сатҳи рушди инноватсионии корхонахои саноатӣ масъалаи мухимтарин ва дар натиҷа гузариши иктисоди бозорӣ аз иқтисоди захираҳо ба намуди сифатан нави рушди иқтисодӣ - инноватсионӣ табдил меёбад.

Ташаккули иқтисодиёти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои рушди самараноки саноат дар шароити кунунӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Чунон ки маълум аст, намудҳо, шаклҳо ва усулҳои ташкили истеҳсолот мухимтарин категорияҳое мебошанд, ки ташкили истеҳсолотро муайян мекунанд. Сарфи назар аз ҳалли бисьёр проблемаҳои назариявӣ ва методологӣ, дар айни замон проблемаҳои ташаккул додан ва дар амал татбиқ намудани механизми рушди самараи ташкили системаҳои истеҳсолот дар адабиёти илмӣ ва материалҳои методии адабиёти ватанӣ инъикос наёфтаанд. Тадқиқотҳои гузарондашуда масъалаҳои методологияи ягонаи баҳодиҳии самараи ташкили системаҳои истеҳсолотро дарбар намегиранд.

Рушди инноватсионӣ дар марҳилаи ҳозира иқтидори инноватсионии тамоми бахши саноатро ташкил медиҳад. Дар баробари ин муайян намудани самтҳои асосии такмили идоракунии тараққиёти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ барои таъмини тараққиёти босуръати хочагии халқ хеле мубрам ва аҳаммияти калон дорад.

Дар марҳилаи муосир рушди корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ривоҷу равнақи тамоми ҷамъияти индустриалӣ нигаронида шуда, зарурати ошкор намудани омилҳои муҳиммеро, ки ба кор карда баромадани стратегияи илман асоснок ва дар амал татбиқ намудани саноатикунонии босуръат мусоидат мекунанд, талаб мекунад.

Дар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 се самти рушд: ҳимояи табақаҳои осебпазири аҳолӣ, рушди саноат,

ҷорӣ намудани дастовардҳои инноватсионӣ муайян шудааст. Дар асоси се принсип се сенарияи рушд омода шудааст: инерсиалӣ, индустриалӣ ва индустриалӣ-инноватсионалӣ. Аз ин рӯ, зарур аст, ки хангоми тахлили вазъи муосири саноати мамлакат асосҳои консептуалӣ ва амалӣ такмил дода, самтҳои такмил ва ташаккули механизми дахлдори самаранокии ташкили системаҳои истехсолот ошкор карда шаванд.

Ба ақидаи мо, мушкилоти асосии саноати ватанӣ инҳоянд:

- нокифоя будани талабот ба маҳсулоти истеҳсолшуда;

- фарсудашавии маънавӣ ва ҷисмонии воситаҳои асосӣ ва иншооти инфрасохторӣ;

- ибтидоии технологӣ;

- аутсорсинги қарзҳо;

- ихтилофи байни қисмҳои даромад ва хароҷот дар истеҳсоли маҳсулот;

- истифодаи бесамари системаи идоракунӣ.

Ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва тақвияти иқтисодиёти ҷаҳонӣ илми иқтисодии муосири ватаниро водор мекунад, ки равишҳо ва тавсияҳои илмию методиро аз мавқеъи комилан дигар, дар самтҳои асосии рушди босамари бахши саноат дар асоси иқтисодиёт дар асоси он, пурра ва оқилона истифода бурдани захираҳои иқтисодии мамлакат, кор карда бароянд.

Бо дарназардошти шароити таҳкими ташаккули иқтисодиёти баъдииндустриалӣ, рушди саноат бояд мақсаднок ба мушкилоти инноватсионии иқтисоди ҷаҳонӣ бо назардошти ташаккул ва рушди сохторҳои мукаммал ва устувори истеҳсолӣ такя кунад, ки ба таъмини эҷоди маҳсулоти рақобатпазир мусоидат мекунанд.

Таъсис ва истифодаи самарабахши иқтидори захиравии кишвар ва рафъи оқибатҳои манфии дарозмуддат таҳияи усулҳои муосири интегралии ташкили истеҳсолотро тақозо мекунад, ки ба такмил додани корхонаҳои саноатӣ дар асоси принсипҳои дастовардҳои илм, инчунин ташаккули

механизми воситахои ташкилӣ, диққати хосса дода шавад. Аз ин лиҳоз, ба сифати объекти таҳқиқоти яке аз минтақаҳои саноатии мамлакат, вилояти Хатлон интихоб карда шудааст.

«Вилояти Хатлон соли 1992 ташкил шудааст. Масоҳаташ 24,7 ҳазор км. мураббаъ буда, ба 17 фоизи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар аст. Маркази вилоят шаҳри Бохтар аст. Масофаи байни шаҳри Бохтар то шаҳри Душанбе 96 км мебошад»[112].

«Шумораи аҳолӣ ба 1 январи соли 2021-ум 3425,0 ҳазор нафар мебошад. Зичии аҳолӣ ба 1 январи соли 2021 бо ҳисоби миёна ба майдони 1 км. мураббаъ 138,7 нафарро ташкил медиҳад»[113].

«Вилояти Хатлон аз рӯи сатҳи табиӣ вилояти кӯҳсор ба ҳисоб меравад. Дар қисми ҷанубу ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буда, ҳудуди он 24,7 ҳазор км. мураббаъро ташкил медиҳад, ки ба 17,0 фоизи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар аст»[114].

Вилояти Хатлон дар шимол бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар шарқ бо вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст.

Иқлими вилоят хушкӣ буда, ҳарорат дар тобистон то +48 дараҷа гарм ва зимистон то –20 дараҷа хунук мешавад.

Аз рӯи структураи сарҳадӣ- ҳудуди вилоят ба 21 ноҳия, 4 шаҳр ва 23 ҷамоатҳои шаҳрак, 132 ҷамоатҳои деҳот тақсим мешавад.

«Вилоят аз кӯлҳо бой буда, сатҳи обҳои он 109,4 км. мураббаъро ташкил менамояд. Дарёҳои асосӣ: Панҷ (Амударё-Окс)- дарозияш 921 км, Вахш- 254 км, Қизилсу (ҷанубӣ)- 230 км, Оқсу- 160 км. Обанборҳои калонтарини вилоят Муъминобод (сатҳаш 3,4 км. кв., ҳаҷмаш 25 млн.

---

112 Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2020 [Матн]: маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. - 2021. – 198 с.

113 Таджикистан: 30 лет государственной независимости [Текст]: статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе: АПСППРТ, 2021. – 702 с.

114 Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2020 [Матн]: маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. - 2021. – 198 с.

метри мукааб) ва Норак (сатҳаш 106,0 км. кв. ҳаҷмаш 10500 млн. метри мукааб)»[115].

«Аҳолии вилояти Хатлон гуногунмиллат буда дар он зиёда аз 62 миллат, бисёртар тоҷикҳо, ӯзбекҳо, русҳо ва дигар миллатҳо зиндагонӣ мекунанд. Шумораи аҳолии шаҳрҳо 599,5 ҳазор нафар ва аҳолии деҳот 2748,7 ҳазор нафарро ташкил менамояд»[116].

Дар вилоят ба 1 январи соли 2021-ум 170 корхона ва коргоҳҳои пахтатозакунӣ, 33 корхона ва коргоҳои дӯзандагӣ ва 5 корхонаҳои ресандагӣ фаъолият доранд.

«Корхонаҳои калонтарини вилоят: ҶДММ «Водии Заррин», ноҳияи Хуросон, ҶДММ «Ҷунтай моҳир семент» ва ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент»-и ноҳияи Ёвон, Ҷамъияти саҳҳомии «Трансформатор»-и шаҳри Бохтар, ҶСП "Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил"- и ноҳияи Данғара мебошанд»[117].

Ба 1 январи соли 2021-ум 619 корхонаи саноатӣ фаъолият кардааст, ки дар баланси мустақил қарор доранд.

«Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилоят ба 1 январи соли 2021-ум 8998,3 млн. сомониро ташкил додааст»[118].

«Ба 1 январи соли 2021 дар вилоят 15923,1 млн. квт. соат қувваи барқ, трансформаторҳои қувваги 397 адад, нахи пахта 57,6 ҳазор тонна ва дигар маҳсулотҳо истеҳсол карда шудааст. Комплекси сохтмони вилоят дар солҳои охир рӯ ба беҳбудӣ оварда, дар соли 2020-ум 2916 адад биноҳо ва иншоотҳои гуногуни хоҷагии халқ, инчунин ба миқдори 292,5 ҳазор метри мураббаъ манзили истиқоматӣ сохта ба истифода дода шудааст"[119].

---

[115] Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2020 [Матн]: маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. - 2021. – 198 с.
[116] Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2020 [Матн]: маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. - 2021. – 198 с.
[117] Таджикистан: 30 лет государственной независимости [Текст]: статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе: АПСППРТ, 2021. – 702 с.
[118] Ҳамон ҷо.
[119] Таджикистан: 30 лет государственной независимости [Текст]: статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе: АПСППРТ, 2021. – 702 с.

Аз соли 1991 то ин давра сохтмон ва таҷдиди зиёда аз 450 адад иншоотҳои дорои аҳаммияти давлатӣ ҷараён гирифтанд, аз он ҷумла: таҷдиди шоҳроҳи Душанбе- Бохтар- Данғара- Кӯлоб- Зиғар, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо давлатҳои Хитой, Ҳиндустон, Покистон ва Афғонистон мепайвандад.

“Дар ин давра, фурудгоҳи шаҳри Кӯлоб, нерӯгоҳи барқии обии Сангтуда-1 ва Сангтуда-2, ки аҳаммияти байналхалқиро доро мебошанд, сохта ба истифода дода шуданд. Ҳамчунин дар натиҷаи ҳамкорию муносибатҳои тарафайн бо ИМА, Ҷумҳурии халқии Хитой, Олмон, ҷумҳуриҳои исломии Эрон ва Афғонистон нақби «Шар-шар», азнавбарқароркунии агрегатҳои НБО «Норак», азхудкунии заминҳои обёришаванда дар ноҳияи Данғара, беморхонаи перинаталӣ муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти навтарин дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Бохтар, таҷдид ва таъмири роҳҳои дохилии автомобилгарди шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб, сохтмони корхонаи коркарди пахта ва заводи сементбарорӣ дар ноҳияи Ёвон, заводи сементбарорӣ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ба анҷом расонида шуданд.Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва шахсони саховатпеша сохтмони литсейи Президентӣ барои ятимон дар ноҳияи Кӯшониён, бинои Гимназия-интернат дар ноҳияи Данғара, гимназияи давлатӣ дар шаҳри Норак,театри мусиқӣ-мазҳакавии вилоят ва Қасри фарҳанг дар шаҳри Бохтар бунёд гардиданд”[120].

“Дар вилоят дар охири соли 2020 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят саршумори чорвои калон 1010971 сар, аз он ҷумла: модагов 514598 сар, гӯсфанду буз 2400223 сар, парранда 2205214 сар, асп 59127 сарро ташкил дод”[121].

---

[120] Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2020 [Матн]: маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. - 2021. – 198 с.

[121] Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2020 [Матн]: маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. - 2021. – 198 с.

Истеҳсоли зироатҳои ғалладона ва лӯбиёгиҳо 985322 тонна, картошка 193104 тонна, пахта 277221 тонна, сабзавот 1470697 тонна, полезиҳо 589089 тонна, меваҷот 209094 тонна, ангур 107452 тонна расонида шудааст[122].

То 1 январи соли 2021-ум 66559 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба қайд гирифта шудааст.

Ҳамагӣ фонди манзили вилоят майдони умумии 34063,0 ҳазор метри мураббаъро дар бар мегирад. аз он ҷумла: фонди манзили шаҳр 8648,4 ҳазор метри мураббаъ ва фонди манзили деҳот 25414,6 ҳазор метри мураббаъ мебошад[123].

Дар вилоят 1354 мактабҳои маълумотҳои умумӣ, 6 муассисаҳои олии касбӣ, 25 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва коллеҷҳо, 4 театр, 22 осорхона ва 295 муассисаҳои фарҳангӣ мавҷуд аст.

“Дар вилоят 1174 адад муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббӣ амал мекунанд. Шумораи катҳои бистарӣ 13116 адад мебошад. Ба аҳолии вилоят дар ҳамаи соҳаҳои тандурустӣ 4147 нафар табибони маълумотнок ва 20136 нафар кормандони миёнаи тиббӣ хизмат мерасонанд”[124].

Солҳои охир, дар қаламрави вилоят ташкилотҳои гуногуни байналхалқӣ аз қабили: «Барномаи тараққиёт, навсозӣ ва инкишофи Тоҷикистон»-и СММ, БРСММ, бонкҳои Исломии рушд, рушди Осиё, Бонки умумиҷаҳонӣ, «Хазинаи Оғохон» ва дигар ташкилоту ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ бо Барномаҳои муайян фаъолият карда истодаанд.

Дар робита ба ин, мо таҳлили нишондиҳандаҳои асосиро, ки вазъи кунунии соҳаи саноати вилояти Хатлонро тавсиф мекунанд, анҷом додем. Тибқи маълумоти Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2021 нишондиҳандаҳои тараққиёти саноат ба рушди иктисодиёти мамлакат таъсири бевосита мерасонанд (ҷадвали 2.1).

---

122 Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2020 [Матн]: маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. - 2021. – 198 с.

123 Ҳамон ҷо.

124 Ҳамон ҷо.

**Ҷадвали 2.1 - Нишондиҳандаҳои асосии, тавсифдиҳандаи саноати вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2016 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Суръати афзоиш 2021/ 2014, % |
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ, (адад) | 565 | 537 | 583 | 595 | 619 | 619 | 109,6 |
| Шумораи корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан, (адад) | 88 | 90 | 91 | 91 | 93 | 93 | 105,7 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ | 4659,6 | 5443,7 | 7652,9 | 8900,4 | 8998,3 | 9000,5 | 193,2 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷи маъдан, млн сомони | 182,1 | 328,8 | 331,9 | 355,5 | 384,0 | 414,5 | 227,6 |
| Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳазор нафар | 19,7 | 17,6 | 17,7 | 20,1 | 20,7 | 20,7 | 105,1 |
| Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноати истихроҷи маъдан, ҳазор нафар | 3,0 | 2,7 | 1,9 | 2,0 | 2,2 | 2,2 | 73,3 |
| Ҳосилнокии меҳнати коркунони истеҳсолоти саноатӣ, сомони | 236528 | 309301 | 432367 | 442806 | 434700 | 434806 | 183,8 |
| Ҳосилнокии меҳнати коркунони истеҳсолоти саноати истихроҷи маъдан, сомони | 60700 | 121778 | 174684 | 177750 | 174545 | 188409 | 310,4 |

***Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2020 [Матн]: маҷмӯаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. 2021. – 198 с.; Таджикистан: 30 лет государственной независимости [Текст]: статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе: АПСППРТ, 2021. – 702 с.; Омори солонаи вилояти Хатлон дар соли 2021 [Матн]: маҷмӯаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. 2022. – 158 с.

Таҳлилҳои гузаронида шуда нишон медиҳанд, ки шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилоят тамоюли афзоиш дошта, миқдори онҳо дар давраи таҳқиқотӣ аз 565 адад ба 619 адад расид, ки суръати афзоиши он 109,6 %-ро ташкил медиҳад. Шумораи корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан низ тамоюли афзоиш дошта, миқдори онҳо дар давраи таҳқиқотӣ аз 88 адад ба 93 адад расид. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар давраи

таҳқиқотӣ ба андозаи 193,2 % афзуд. Ҳамзамон ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷи маъдан ба 227,6 % афзудааст. Ҳосилнокии меҳнати коркунони истеҳсолоти саноатӣ ва саноати истихроҷи маъдан ба андозаҳои 183,8 ва 310,4 афзуданд.

Мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 рушди кишвар дар асоси модели инноватсионии саноатӣ ба нақша гирифта шудааст, ки он таъмини рушди босуръати саноат, кишоварзӣ ва таҳкими бахши молиявиро дар назар дорад. Ин, дар навбати худ, зарурати фароҳам овардани шароит барои ворид шудан ба бозорҳои нави содиротӣ, маҳдуд кардани воридоти бесамари истеъмолӣ ва рафъи вобастагии рушди иқтисод аз интиқоли маблағҳои муҳоҷиронро тақозо мекунад. Аҳаммияти иқтисодии бомуваффакият тараққӣ кардани сектори саноат дар он аст, ки дар навбати аввал талаботи ҷамъият ба маҳсулоти хушсифат конеъ гардонда шавад, дуюм, проблемаи бо кор таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат ҳал карда шавад, сеюм, аз нав мусаллаҳшавии техникӣ ва интенсификацияи истеҳсолот таъмин карда мешавад.[125]

Саноат асоси пешравии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарти асосии баланд бардоштани рақобатпазирии такрористеҳсолот мебошад. Дар Паёми худ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки « ...соҳибкорони мамлакат, дар навбати худ, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои кории нав саҳми назаррас гузошта истодаанд ва бовар дорам, ки чунин иқдомоти созанда аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст вусъати боз ҳам бештар пайдо мекунанд. Тадбирҳои дар самти рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа андешидашуда имкон фароҳам оварданд, ки дар панҷ соли охир афзоиши номгӯйи маҳсулоти саноатии истеҳсоли ватанӣ ба

[125] Ходжаев П.Д. Анализ и оценка экономических показателей современного состояния цветной металлургической отрасли Республики Таджикистан [Текст] / П.Д. Ходжаев, М.Д. Джаборова // Экономика Таджикистана. – 2021. - №3. – С. 264.

зиёда аз 40 фоиз расонида шавад»[126].

Ба даст овардани вазифаи ба миён гузоштащуда зарурати таҳлили ҳамаҷониба ва баҳодиҳии сохтори истеҳсолотро дар соҳаҳои асосии саноат тақозо мекунад (ҷадвали 2.2).

**Ҷадвали 2.2 - Сохтори соҳаҳои саноати вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Сохтор | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Тамоюли тағйирёбӣ бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноати истихроҷ | 7.2 | 7.0 | 6,9 | 4,9 | 4,5 | 4,3 | 4,3 | 3,9 | -3.3 |
| Саноати коркард | 51.2 | 50.6 | 50,0 | 51,8 | 48,8 | 49,2 | 48,2 | 52,6 | -1.4 |
| Таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво | 41.2 | 42.0 | 42,8 | 42,9 | 46,3 | 46,0 | 47,0 | 43,0 | 1.8 |
| Таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастрасии коркарди дуюмдараҷа | 0.4 | 0.4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0.1 |

***Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2020 [Матн]: маҷмӯаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. 2021. – 198 с.; Таджикистан: 30 лет государственной независимости [Текст]: статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе: АПСППРТ, 2021. – 702 с.; Омори солонаи вилояти Хатлон дар соли 2021 [Матн]: маҷмӯаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. 2022. – 158 с.

Мавриди зикр аст, ки дар сохтори соҳаҳои саноати вилояти Хатлон мавқеи муҳимро саноати коркард ишғол менамояд ва ҳиссаи он дар соли 2020 52.6 %-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.3 - Сохтори саноати истихроҷи маъдан дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Сохтор | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Тамоюли тағйирёбӣ бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноати истихроҷи маъдан | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | - |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | | |
| истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 2,3 | 8,3 | 6,1 | 5,6 | 5,9 | 6,6 | 6,7 | 7,7 | 5.4 |

126 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ш. Душанбе, 23.12.2022. [Захираи электронӣ]. Ҳолати дастрасӣ, URL: http://prezident.tj/node/29823, кушода, санаи мурочиат 28.12.2022.

*Идомаи ҷадвали 2.3.*

| Сохтор | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Тамоюли тағйирёбӣ бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 97,7 | 91,7 | 93,9 | 94,4 | 94,1 | 93,4 | 93,3 | 92,3 | -5.4 |

***Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2020 [Матн]: маҷмӯаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. 2021. – 198 с.; Таджикистан: 30 лет государственной независимости [Текст]: статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе: АПСППРТ, 2021. – 702 с.; Омори солонаи вилояти Хатлон дар соли 2021 [Матн]: маҷмӯаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. 2022. – 158 с.

Аз маълумоти ҷадвали 2.3 дида мешавад, ки дар сохтори саноати истихроҷи маъдани вилояти Хатлон мавқеи асосиро саноати истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ ишғол менамояд ва ҳиссаи он дар соли 2020-ум 93,3 %-ро ташкил медиҳад. Ҳамзамон ҳаминро бояд таъкид кард, ки агар ҳиссаи истихроҷи маводҳои энергетикӣ дар давраи таҳқиқотӣ аз 2.3 % ба 7,7 % афзуда бошад, ҳиссаи истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ аз 97.7 % ба 92.3 % ё 5.4 пункти фоизӣ кам шудааст.

Чуноне, ки аз маълумоти ҷадвали 2.2 бармеояд, дар сохтори соҳаҳои саноати вилояти Хатлон мавқеи муҳимро саноати коркард ишғол менамояд ва таҳлили ҳаматарафаи он аз манфиат холи нест (ҷадвали 2.4).

**Ҷадвали 2.4 - Сохтори саноати коркард дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Сохтор** | **2014** | **2016** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **Тамоюли тағйирёбӣ бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноати коркард | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | - |
| аз ҷумла: | | | | | | | |
| истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку | 44,29 | 37,85 | 28,80 | 28,44 | 24,85 | 22,24 | -22,05 |
| истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 31,01 | 29,92 | 34,80 | 34,13 | 37,30 | 44,68 | 13,67 |
| коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 0,41 | 0,73 | 0,61 | 0,54 | 0,46 | 0,38 | -0,03 |

*Идомаи ҷадвали 2.4.*

| Сохтор | 2014 | 2016 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Тамоюли тағйирёбӣ бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр | 0,03 | 0,03 | 0,03 | 0,09 | 0,15 | 0,19 | 0,16 |
| истеҳсоли маҳсулоти нафт | 1,20 | 0,08 | 0,05 | 0,04 | 0,04 | 0,19 | -1,01 |
| истеҳсоли кимиёвӣ ва фармасевтикӣ | 0,31 | 0,35 | 1,01 | 1,54 | 1,95 | 2,09 | 1,78 |
| истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти гайрифилизии маъданӣ | 20,44 | 27,55 | 29,77 | 30,34 | 31,81 | 27,19 | 6,75 |
| истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ | 1,22 | 1,62 | 2,93 | 3,14 | 1,42 | 1,33 | 0,11 |
| Истеҳсоли мошинолот ва таҷҳизоти ба дигар гӯруҳбандӣ дохил нашуда | 1,09 | 1,87 | 2,00 | 1,75 | 2,02 | 1,71 | 0,62 |

***Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2020 [Матн]: маҷмӯаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. 2021. – 198 с.; Таджикистан: 30 лет государственной независимости [Текст]: статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе: АПСППРТ, 2021. – 702 с.; Омори солонаи вилояти Хатлон дар соли 2021 [Матн]: маҷмӯаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. 2022. – 158 с.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.4 нишон медиҳад, ки дар сохтори саноати коркарди вилояти Хатлон мавқеи асосиро истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дузандагӣ истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол (44,68 %), истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ (27,19 %) ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку (22,24%) ишғол менамоянд. Ҳамзамон ҳаминро бояд таъкид кард, ки истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, дузандагӣ, истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм, истеҳсоли пойафзол ва истеҳсоли маснуоти резинӣ, пластмассӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ тамоюли афзоиш дошта, коркарди чӯбу тахта, истеҳсоли маҳсулоти нафт, истеҳсоли маҳсулоти хӯрока якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку тамоюли пастшавӣ дорад.

Роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои миллии саноати ҳангоми баромадан ба бозори ҷаҳонӣ онҳоро зарурият ба миён меояд, ки аз техникаву технологияинанин истифода намояд. Яке аз корхонае, ки фаъолияти пурсамари худро дар соаи саноати сабук ба рох мондааст ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» мебошад.

Техникаву технологияи нав метавонад боиси пешрафти фаъолияти корхонаҳои ватанӣ гардад, ки дар инҷо аз таҷрибаи бойи корхонаи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» - ро мисол овардан мумкин. Корхонаи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» тамоми таҷҳизотҳои дастгоҳҳои бофандагӣ, ресандагӣ ва дузандагиашро аз хориҷи кишвар ворид намуд ва ҳамин тариқ дар Ҷумҳури Тоҷикистон бо пахтаи аъло сифат кор ва фаъолият намуда истодааст.

ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» қисми дар ҷараёни тақсимоти мехнат ҷудошуда мебошад, ки воҳиди хоҷагидориро ташкил намуда, ба таври ҳуқуқӣ ба қайд гирифта мешавад. Ҳангоми фаъолият дар бозори ҷаҳонӣ ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» ба рақобатпазирӣ соҳиб мебошанд.

Рақобатпазирии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» дар имконияти дастрасӣ ва истифодаи манбаъҳои бойи табиӣ, аз қабили замин, иқлими мусоид, дарёҳо, канданиҳои фоиданок, манбаъҳои арзони меҳнатӣ ва, инчунин, дониш ва технологияҳо асос меёбанд. Аммо манбаъҳои табиӣ маҳдуданд ва наметавонанд дар даври дарозмуддат рақобатпазири корхонаҳоро дар базори чаҳонӣ таъмин намоянд. Донишу технологияҳо истифодаи самараноки манбаъҳои табииро таъмин намуда ҳосилнокии меҳнат, даромад ва дар натиҷа сатҳи зиндагиро баланд мекунад.

Ин нуқтаи назар махсусан барои ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» дар шароити баромадан ба бозори ҷаҳонӣ зарур аст. Зеро айни замон чи хеле ки маълум гардид, бартарияти рақобатии субъектҳои хоҷагидори асосан бартариятҳои рақобатии дараҷаи паст мебошанд, яъне дар манбаъҳои бои табиӣ, қувваи кории арзон асос меёбанд. Аммо барои

гузаштан ба бартарияти рақобатии дараҷаи баланди ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» навовариҳо дар шакли техналогияҳои нави истеҳсолӣ, усулҳои идоракунӣ ва ахборот зарур аст. Ба ғайр аз ин қайд кардан зарур аст, ки ба қобилияти рақобатии корхонаҳо як қатор омилҳои дохилию берунӣ таъсир мерасонанд.

ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» ҳангоми баромадан ба бозори ҷаҳонӣ метавонанд доираҳои гуногуни рақобатро интихоб кунанд, яъне онҳо метавонанд, ки рақобатро дар доираи васеъ ташкил диҳанд ва ё як сектори бозорро интихоб намояд. Ба бартарияти рақобати корхонаҳо фақат дар сурати ташкил ва иҷро кардани намудҳои алоҳидаи фаъолият ноил мегарданд. Фаъолияти ҳама гуна корхона аз намудҳои гуногун иборат аст. Барои он ки ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» ба бартарияти рақобатӣ ноил гардад, зарур аст, ки вай ҳамин гуна маҳсулотро ба харидорон пешниҳод намояд, ки рақибони вай низ пешниҳод мекунанд, вале бо хароҷотҳои пасттарин ва ё бо арзишнокии нисбатан баланди мол.

ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» дар ҳолатҳои зерин ба бартарияти рақобат ноил мегарданд:

1. Дар натиҷаи кор карда баромадани усулҳои нави иҷроиши фаъолият;
2. Дар натиҷаи ҷорӣ кардани технологияҳои нав;
3. Дар натиҷаи истифодаи маҳсулноки компонентҳои асосии истеҳсолот.

Дар шароити муосир бартарияти рақобати мувофиқи ташкили тамоми системаи фаъолияти корхона ва алоқаи байни онҳо муайян карда мешавад. ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» ба бартарияти рақобатӣ, пеш аз ҳама дар асоси навовариҳо муваффақ мешаванд. Навоварӣ ба маънои васеъ ҳам беҳтар кардани технология, ҳам такмил додани роҳҳо ва усули пешбурди корро дар бар мегирад. Навоварӣ метавонад дар дигаргун кардани мол ё раванди истеҳсол, истифодаи

роҳҳои нави фурӯши мол ва афкори нави маркетингӣ ифода ёбад. Навоварӣ ин натиҷаи такмил додани сохтори ташкили ва КИТТК мебошад. Вай ҳамеша маблағгузориро ба инкишофи сармояи инсонӣ, ба фондҳои асосӣ ва саъю кушиши иловагӣ барои маркетинг дар назар дорад.

Дар шароити ҷаҳонишавии хоҷагии ҷаҳонӣ ва шиддат ёфтани рақобати байналхалқӣ барои ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» зарур аст, ки сатҳи рақобатпазирии худро доимо баланд намоянд. Зеро ки ҳангоми баромадан ба бозори ҷаҳонӣ муҳити амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ аз шароитҳои иқтисодиёти миллӣ, ки аз таъсири рақобати байналхалқӣ тавассути ҳимояи давлатӣ эмин бошад, фарқияти куллӣ дорад. Дар бозори ҷаҳонӣ бошад корхонаҳои миллӣ танҳо ба бартариятҳои рақобатии худ такя карда метавонад.

Ба омилҳои асосии дар бозори ҷаҳонӣ барои ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» муваффақиятро ҳангоми мубориза рақобатӣ таъминкунанда сифати баланд, эътимоднокӣ ва бехатарии маҳсулот, ки маҷмуи нишондиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулотро ташкил медиҳанд, дохил мешаванд. Агарчи ба ғайр аз сифат, ба рақобатпазирии маҳсулот нарх, муҳлати таҳвил, кафолат, хизматрасонии баъди фурӯш ва як қатор нишондиҳандаҳои дигар ҳам дохил шаванд, харидорон ва супоришдиҳандагон ҳангоми интихоби мол маҳз ба сифат таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Барои таъмини сифат бошад натанҳо бунёди моддӣ ва мутахассисони соҳибкасб, балки шабакаи идоракунии сифат зарур аст. Бинобар ин дар шароити муосир ба усулҳои муосири идоракунии сифат аз ҷониби ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» аҳаммияти хос дода мешавад. Ҳангоми ҷоринамоии умумии идоракунии сифат бартарияти асосӣ дар фаъолияти ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» иҷрои бечунучарои тамоми талабот оиди сифати маҳсулот дода мешавад. Чунки асоси таъминоти фаъолияти муътадил ва самараноки корхона дар шароити

муносибатҳои бозорӣ рақобатпазирӣ ба ҳисоб меравад. Ин бошад дар навбати худ устувории сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаи ба талабот мувофиқро таъмин мекунад.

Рақобатпазирии маҳсулот рақобатпазирии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» - ро таъмин мекунад, ки дар натиҷа ба инкишофи иқтисодӣ, умуман, таъсири мусбӣ мерасонад. Ҳамин тариқ, сифати маҳсулот аз масъалаи хусусии истеҳсолкунандагони алоҳида ба масъалаи умумимиллии сифати ҳаёти аҳолӣ мубаддал мегардад.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» ҳангоми баромадан ба бозори ҷаҳонӣ стандартикунонӣ ва сертификатсияи маҳсулот ва мувофиқ намудани стандартҳои миллӣ ба талаботи стандартҳои сатҳи байналхалқӣ мебошад. Стандартикунонӣ ва сертификатсияи маҳсулот бо таъсири тамоилҳои муосири таъмини бехатарии маҳсулоти таъиноти маишӣ, нигоҳдории саломатӣ ва ҳифзи муҳити зист аҳаммияти рузафзунро пайдо карда истодааст.

Бинобар ин аз нуқтаи назари манфиатҳои иқтисодиёти миллӣ, давлат бояд кушиш кунад, ки чунин восита ба монанди сертификатсия, аз як тараф беҳтаршавии сифати маҳсулот, хизматрасонӣ ва кафолати бехатарии онҳоро барои истеъмолкунанда таъмин намояд, аз тарафи дигар ҷараёни сертификатгирӣ ва арзиши гирифтани онро гарон нанамуда садди роҳи инкишофи соҳибкорӣ нагардад.

Ба воситаи стардартикунонии маҳсулот ҳамчун фаъолияти нақшавӣ оиди муқаррарнамоӣ ва иҷрои қоидаҳо, меъёрҳо ва талаботҳо сифати ба таври иқтисодӣ оптималии маҳсулот, баланд гардидани ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии истифодаи арзишҳои моддӣ дар ҳолати риояи талабати бехатари таъмин карда мешавад. Ҳамзамон, дар чаҳорчубаи низоми давлатии стандартикунонӣ мақсади асосӣ ба воситаи стандартҳои нишондиҳандаҳо, меъёрҳо ва талаботи ба сатҳи баланди илми ватанию

хориҷӣ, техникаю истеҳсолот мувофиқ ва мусоидат намудан ба таъминоти инкишофи мутаносиби ҳамаи соҳаҳои хоҷагии миллӣ мебошад.

Агар ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» рақобатпазирии маҳсулот ва ё хадамоти худро таъмин карда натавонад, дар шароити муносибатҳои бозорӣ ягон сармоягузор наметавонад, корхонаро наҷот диҳад. Асоси рақобатпазирӣ дар ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» сифат аст ва беҳтаршавии сифат дар навбати худ баланд намудани сифтаи ашёи хом, масолеҳ, маҳсулоти васлкунанда, ҷоринамоии технологияҳои пешқадам ва усулҳои ташкили истеҳсолот ва меҳнатро талаб менамояд. Бинобар ин вазифаи баланд бардоштани сифати маҳсулот дар ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил»хусусияти маҷмуи гирифта ҳамаи соҳаҳои саноатро дахлдор менамояд.

Вазифаҳои асосноккунӣ ва қабули қарорҳои муносибтарини идоракунӣ дар ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» дар шароити иқтисоди давраи гузариш дар Тоҷикистон ба гурӯҳи масъалаҳои ҳалашон мушкил мансуб буда, як қатор мушкилоти дигари мураккаби иқтисодиётро, ба монанди номуайянии тамоюлҳои рушди иқтисодӣ, ноустувории механизми танзими бозор, амиқгардии буҳрони давраи гузариш ва амсоли онро ба миён меоранд, ки пеш аз ҳама, ба коҳиши истеҳсолот оварда мерасонад.

Қарорҳои идоракунӣ дар ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот бояд дар асоси дониши пурраи омилҳои бозор ва бо дарназардошти таъсире, ки ин қарорҳо метавонанд дар бозор дошта бошанд, қабул карда шаванд. Натиҷаҳои чунин таҳлил дар ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» бевосита ба қабули қарори муносибтарини марбут ба мавридҳои зерин таъсир мерасонанд: ташаккули барномаҳои номгӯйи маҳсулот; навсозии маҳсулот; тағйироти хусусиятҳои корхона; тағйир додани самти истеҳсолот; таъмини фурӯши саривақтии

маҳсулот; ба даст овардани сармоягузории зарурӣ барои рушди истеҳсолот ва ғ.

Ҳамин тариқ, проблемаи идоракунии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» дар шароити муосир дар мавҷуд набудани усулҳои пешрафтаи бозорӣ ҷиҳати асоснок кардани қарорҳои баландсифати идоракунӣ вобаста ба тағйирёбии вазъият ва муносибатҳо дар бозор зоҳир мегардад, ки рушди онҳо дар ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» таҳия ва татбиқи методҳои усулан нави идоракуниро тақозо мекунад, ки таҷрибаи ҷаҳониро ба назар гирифта, ба афзоиши чандирӣ имкон медиҳанд ва устувории як корхонаи ватаниро дар шароити бозор таъмин менамоянд. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон дод, ки консепсияҳои назариявӣ ва амалии мукаммалгардонии идоракунии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» дар шароити бозор маркетинг мебошад, ки нақши он дар давраи гузариш беназир ва дучанд аст: дар сатҳи микро маркетинг ин василаи ҷойгиркунии корхона дар муҳити бозор ва дар сатҳи макро фишанги муҳити бозорӣ мебошад. Дараҷаи воридшавӣ ба муҳити бозор бо сатҳи фаъолияти соҳибкории корхона ва иқтидори рақобатпазирии он муайян карда мешавад.

Хизматрасониҳои маркетингӣ, ки дар корхонаҳо ташаккул меёбанд, аз сабаби тайёр набудани мутахассисон, набудани таъминоти иттилоотию методӣ ва техникии зарурӣ наметавонанд тадқиқот гузаронанд. Зимнан, қарорҳои баландсифати идоракунӣ, ки ба вазъи душвори бозори дохилӣ мувофиқанд, дар асоси таҳқиқоти амиқи маркетингӣ бо истифода аз моделҳои иқтисодӣ ва математикӣ имконпазиранд, ки барои арзёбии миқдории равандҳо ва зуҳуроти бозор шароит фароҳам меоранд.

Ҳамин тариқ, рушди саноати сабук дар вилояти Хатлон омили муҳимтарини рушди иқтисодиёт буда ба баландшавии некуаҳволии аҳолӣ ва паст шудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ оварда мерасонад.

## 2.2. Таҳқиқи омилҳои асосии ба сатҳ ва ояндабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсиркунанда

Омили нисбатан пурқуввате, ки шароитҳои умумии фаъолияти ин ё он корхонаву бозорро муайян менамояд, дараҷаи инкишофи муносибатҳои рақобатӣ мебошад. Рақобат ин унсури асосии иқтисоди бозорӣ мебошад. Бе рақобат иқтисоди бозорӣ вуҷуд дошта наметавонад, зеро бе рақобат бозор вазифаҳои навовариро иҷро карда наметавонад, бинобар ин рақобат қувваи ҳаракатдиҳандаи пешравии инсоният ба ҳисоб меравад.

Ҳолати муосири муносибатҳои истеҳсолӣ-иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиддиятҳои зиёде тавсиф карда мешавад. Равандҳои мураккаби ислоҳоти муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди шароити нави бозории хоҷагидорӣ, ки дар кишвари мо ҷараён доранд, муносибати навро ба ташкили фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ, принсипҳо ва усулҳои идоракунии истеҳсолот тақозо мекунанд.

Дар шароити собиқ низоми амрӣ-маъмурӣ масъалаҳои идоракунӣ ба таври мутамарказ ҳалли худро меёфтанд, ки дар натиҷаи он принсипҳои фаъолияти корхонаҳо бо қоидаҳо ва меъёрҳои муқарраркардаи давлат муайян карда мешуданд. Нақшаҳо, барномаҳо, қарорҳо, фондҳо, лимитҳо, фармоишҳо, дастурамалҳо, нархҳои давлатӣ муҳити иқтисодиро танзим мекарданд, ки корхонаҳо хоҳ нохоҳ дар он муҳит фаъолият мекарданд. Дар ин вазъият чунин менамуд, ки ҳаҷми истеҳсол, фурӯш ва даромадро пешгӯӣ кардан мумкин аст ва муҳимтар аз ҳама, бо доштани чунин система аз равандҳои иқтисодӣ омилҳои тасодуфие, ки аз ҷумла дар вазъияти муҳити муносибатҳои пуршиддати бозор ба вуҷуд омада, ба хавфҳои иқтисодӣ оварда мерасонанд ва ба натиҷаи фаъолияти иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонанд, истисно карда мешуданд. Ба ибораи дигар, дар шароити низоми қаблии идоракунӣ, корхонаҳо фармоишҳои кафолатнок ва бозорҳои кафолатноки фурӯш доштанд. Аммо, дар айни замон, онҳо ба таври худкор аз мустақилият дар масъалаҳои банақшагирӣ, ояндабинӣ ва

тақсимот маҳрум мешуданд ва ба ин васила, ба вобастагии комил аз давлат меафтоданд.

Инкор кардани мустақилияти корхона дар масъалаҳои идоракунӣ ва ба назар нагирифтани нақши муборизаи рақобатӣ – хусусиятҳои ҷудонашавандаи низоми марказонидашудаи иқтисодии пешин буданд. Дар натиҷа, мушкилоти иқтисоди бозорӣ дар тӯли даҳсолаҳо, ҳамчун ба табиати сотсиализм мувофиқнабуда сарфи назар карда мешуданд. Дар шароити ҳукмронии чунин идеология, вазифаҳои хоҷагидории корхона ва усулҳои ҳалли онҳо ҳамеша аз ҷониби давлат муайян карда мешуданд, аз ин рӯ, масири қарорҳои идоракунӣ бо таъмини шароити иҷро ва назорат аз болои иҷрои дастурамалҳо, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои нақшавӣ, ки аз вазорату идораҳои дахлдор риоя мешуданд, маҳдуд мегардид. Беэътиноии дарозмуддат ба хусусиятҳои истеҳсоли мол ва нақши бозор дар шароити системаи нақшавӣ-тақсимотӣ ба он оварда расонд, ки дар замони гузариш ба иқтисоди бозорӣ бисёр роҳбарон таҷрибаи амалии корро тибқи принсипҳои мустақилияти иқтисодӣ надоштанд.

Дар давраи гузариш аз иқтисоди амрӣ-маъмурӣ ба иқтисоди бозорӣ, муносибатҳои корхонаҳо бо давлат, низоми молиявӣ, таъминкунандагон, истеъмолкунандагон ва рақибон ба таври назаррас тағйир ёфтанд. Дар субъектҳои бозор зарурати ба таври мустақилона ҳал кардани мушкилот ва муайян кардани ҳадафҳои рушди худ ба миён омад. Аммо услуби директивии идоракунӣ ба иқтисодиёти давраи гузариш, нотавонии роҳбарони корхонаҳоро ҷиҳати дуруст таҳлил кардани вазъи бозор, муайян кардани тамоюлҳои нави рушди бозор ва ояндабинии дақиқтари онҳо ба мерос гузошт. Ин ҳолат боиси хато будани аксар қарорҳои идоракунӣ дар корхонаҳо дар оғози ислоҳот ва дар замони ҳозира гардида, чун натиҷа, амиқӣ ва давомнокии падидаҳои бухронии иқтисодиёти кишварро муайян намудааст.

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ омилҳои асосии рушди рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабуки Тоҷикистон ба таври кофӣ коркард гардидаанд. Бо дарназардошти дараҷаи баланди ҳамгироии иқтисоди ҷаҳонӣ, зарур мешуморем, ки илова бар ин омилҳо, омили таъсири равандҳои сатҳи глобалӣ, макро ва микро низ ба ин феҳрист шомил карда шаванд (ниг. расми 2.1).




**Расми 2.1 – Омилҳои рушди рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук***

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Озодии иқтисодии корхонаҳои саноати сабук дар шароити муосири бозор, чун қоида, бо зиёд шудани хавфҳои хоҷагидорӣ тавсиф карда мешавад, ки вобаста ба ноустувории тақозо, нархҳо, рафтори рақибон, таъсири омилҳои тасодуфии табиати ғайри иқтисодидошта ба самаранокии қабули қарорҳои идоракунӣ, тағйирёбанда будани муҳити бозор ва амсоли он ба миён меоянд.

Дар чунин шароит, пеш аз қабули қарорҳои идоракунӣ, роҳбарони корхонаҳо бояд муҳити дохилӣ ва берунии корхонаро оҷилан омӯхта, таъсири тағйиротҳои бозорро ба фаъолияти он баҳо диҳанд ва барои ислоҳи он роҳҳои ҳалли навро ёбанд. Аз он мавридҳое, ки дар боло гуфта гузаштем, чунин бармеояд, ки гузариш ба муносибатҳои бозорӣ боиси пайдоиши як қатор мушкилот дар соҳаи идоракунӣ мегардад, ки бо сабабҳои ба ҳамагон фаҳмо дар кишвар ҳеҷ кадоме аз олимон ва таҷрибадорон бо онҳо онҳо сарукор нагирифтааст.

Ҳамзамон, тартиби омодашудаи ҳалли чунин мушкилот, ки дар кишварҳои дорои иқтисоди бозории рушдёфта бомуваффақият татбиқ мешаванд, метавонанд дар сурати оқилона ба шароити иқтисоди Тоҷикистон мутобиқ гардидани онҳо самарабахш бошанд.

Аммо, ба назари мо, ин дидгоҳ ба мафҳуми рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук то андозае яктарафа мебошад. Дар шароити муосири бозорӣ, дилхоҳ корхона бо кумаки имконоти потенсиалии худ бояд аз як тараф, барои баланд бардоштани натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории худ, аз тарафи дигар бошад, барои қонеъ гардонидани талаботи бозор саъй намояд.

Дар асоси таҳлили адабиёти иқтисодӣ гурӯҳҳои зерини омилҳоеро муайян кардан мумкин аст, ки ба сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсир мерасонанд: иқтидори захиравии корхона, сатҳи ғанигардонии бозор бо маҳсулоти ракобатпазир ва рушди нишондиҳандаҳои натиҷавии фаъолияти корхонаҳо (расми 2.2).




**Расми 2.2 - Омилҳои асосие, ки ба рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсир мерасонанд**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Сатҳи баланди ҳар як омил, дар маҷмуъ, кафолати рақобатпазирии баланди корхона мебошад.

Фаъолияти корхона дар шароити бозори рақобатнок ин як системаи муносибатҳои байни истеҳсолкунанда ва харидор мебошад, ки мувофиқи он истеҳсолкунанда бо дарназардошти рафтори фаъоли рақибон бояд на он чизеро, ки мехоҳад фурӯшад, балки чизеро, ки истеъмолкунанда мехоҳад бихарад, пешниҳод намояд. Бинобар рушди рақобат, роҳбарияти корхона бояд мунтазам вазъи бозор, тақозо ва хусусиятҳои онро таҳлил намояд.

Дар ниҳояти кор, таҷрибаи бозори ҷаҳонӣ, гузариши иқтисоди миллӣ ба бозор, рақобатпазирии пасти маҳсулот ва корхонаҳо зарурати ташкили хадамоти маркетингиро дар сохтори онҳо муайян кард. Аммо, сарфи назар аз мавҷудияти онҳо, ба таҳқиқоти маркетингӣ дар корхонаҳо диққати

нокифоя дода мешавад. Дар айни замон, танҳо дар бораи татбиқи амалии консепсияи беҳтар намудани фурӯш дар корхонаҳо сухан рондан мумкин аст. Ин консепсия кӯшишҳои худро ба ниёзҳои фурӯшанда равона мекунад ва бо ҳамин, мафҳуми маркетингро дар маҷмуъ иваз намуда, маънои онро таҳриф мекунад[127].

Дар марҳилаи муайян стратегияи маркетинг вобаста ба хусусияти бозор ва сиёсати нархгузории корхона ташаккул меёбад. Чун қоида, ин раванд мувофиқи вазъи мушаххаси бозор рух медиҳад ва таҷрибадорон танзими ин ҷараёнро эътироф намекунанд. Шояд иллати дар доираи басо танге махсус гардида шудани таҳқиқотҳо оид ба банизомдарории усулҳои истифодабарии маркетинг ҳам дар кишварҳои аз ҷиҳати муносибатҳои бозорӣ мутараққӣ ва ҳам дар кишварҳои дорои бозорҳои рӯ ба инкишоф низ маҳз дар ҳамин бошад[128].

Бо вуҷуди ин, бо шарофати саъйи мактаби идоракунии Ф. Котлер назарияҳои василаҳои маркетинг, ба қисмҳо ҷудонамоии (сегментатсияи) бозор ва давраи ҳаётии маҳсулот ба вуҷуд омаданд[129]. Таҷрибаи чилсолаи маркетинги Ғарб чандирӣ ва зудҳаракатии усулҳои онро дар робита бо тағйирёбии бозор нишон дод. Дар ин муддат таваҷҷуҳ ба таҳқиқоти илмӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт. Ҳамин тавр, агар дар соли 1980 танҳо 25% роҳбарони корхонаҳо мунтазам усулҳои математикиро истифода мебурда бошанд ва 68% ҳадди ақал як маротиба истифода мекарданд, пас то соли 1987-ум 80% стратегияҳои маркетингии корхонаҳои амрикоӣ натиҷаи таҳқиқот дар бозорҳои мураккаби тақсимбандишуда буданд. Ҳоло ин ҳисса беш аз 90% -ро ташкил медиҳад[130].

---

[127] Глухов А. Оценка конкурентоспособности товара и способы ее обеспечения [Текст] / А. Глухов // Маркетинг. – 2014. - №2. - С.56-64.

[128] Бондаренков А.П. Оценка конкурентного статуса предприятия [Текст] / А.П. Бондаренков // 2-я междунар. конф. студентов и мол.уч. «Экономика и маркетинг в XX1 веке». - Н.Новгород, 2016. – С. 20.

[129] Булеев А.И. Количественный коэффициент конкурентоспособности товаров и услуг [Текст] / А.И. Булеев // Маркетинг и маркетинговые исследования в России. - 2012. - №5. – С. 47.

[130] Шкардун В.Д. Методика иследования конкуренции на рынке [Текст] / В.Д. Шкардун, Т.М. Ахтямов // Маркетинг в России и за рубежом. – 2000. - №4. - С. 44-54.

Дар таҷрибаи идоракунии пасошӯравӣ одатан ба таҳлили босифати маълумоти оморӣ ва моделҳои соддатари математикӣ бартарӣ дода мешавад. Ин ҳолат бо он шарҳ дода мешавад, ки дар амалия динамизми равандҳои бозор ва дараҷаи вобастагии онро ба омили равонӣ ва ҳассосият ба таъсироти тасодуфӣ хуб тасаввур мекунанд[131].

Дар шароити муосири бозор дар Тоҷикистон омилҳои муҳимтарини муҳити маркетингии корхонаҳо ва яке аз объектҳои асосии таҳқиқоти маркетингӣ рақобат ва рақобатпазирӣ мебошанд, ки сифатҳои бунёдӣ ва ҷудонашавандаи ҳама гуна иқтисоди бозорӣ, аз ҷумла иқтисоди рушдёбанда мебошанд ва дар ниҳояти кор, шароити зарурии рушди фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд[132]. Нишондиҳандаи эътирофи нақши пешбарандаи рақобат дар ташаккули муносибатҳои бозорӣ он аст, ки дар аксари кишварҳои ҷаҳон то имрӯз қонунҳо дар бораи рақобат қабул карда шудаанд ва мақомоти миллӣ барои ҳалли ин масъалаҳо таъсис дода шудаанд[133].

Рақобат як механизми нозук ва чандири идоракунии истеҳсолот мебошад, ки дар посухи фаврии он ба ҳама гуна тағйирот дар муҳити бозор зоҳир мешавад. Корхонаҳое, ки ба онҳо бештар мутобиқ карда шудаанд, яъне нисбат ба рақибон рақобатпазирии баландтар доранд, дар ҳолати беҳтаре қарор мегиранд.

Тағйирот дар низоми сиёсӣ ва шаклҳои моликият дар соли 1917 боиси тағйири таваҷҷуҳ дар татбиқи фаъолияти иқтисодӣ гардид. Таҳқиқоти бозор бо сабабҳои идеологӣ нолозим шуданд ва масъалаҳои рақобат дар тӯли 50 сол ҳалли худро наёфтанд. То оғози солҳои 80-уми асри XX дар адабиёти шӯравии иқтисодӣ баҳои манфӣ ба рақобат бартарӣ дошт. Нашрияҳои илмӣ ва васоити ахбори омма тарғиб

---

131 Ҳамон ҷо. –С.44.

132 Горбашко Е.А. Обеспечение конкурентоспособности промышленной продукции [Текст] / Е.А. Горбашко. - СПб.: СПБУЭиФ, 1994. - С. 3.

133 Вютрих Х.А., Винтер В.Б. Конкурентоспособность глобальных предприятий [Текст] / Х.А. Вютрих, В.Б. Винтер // Проблемы теории и практики управления. - 1995. - №3. – С. 101-103.

мекарданд, ки рақобат комилан бартараф карда шуда, дар ивазаш сабқати сотсиалистии бидуни мунокишаи истеҳсолкунандагон гузошта шавад. Чунин меҳисобиданд, ки масъалаҳои фаъолият дар муҳити рақобат бояд танҳо он корхонаҳоеро ба ташвиш оварад, ки маҳсулоти онҳо ба бозори хориҷӣ равона карда мешавад.[134] Бояд қайд кард, ки чунин муносибати номатлуб ба рақобатпазирии корхонаҳо дар ҳамаи давлатҳои узви Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистони шӯравӣ низ вуҷуд дошта, танҳо баъди фурӯпошии ИҶШС ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ба таври мусбӣ тағйир ёфт.

Имрӯзҳо, хусусияти хоси муносибатҳои бозорӣ дар Тоҷикистон афзоиши бемайлони рақобат аст. Агар дар соли 2010 тақрибан 28% корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ рақобати шадидро эҳсос мекарда бошанд, пас дар соли 2012 ин рақам ба 58%, дар соли 2016 ба беш аз 70% афзуд. Бинобар ин, нигоҳ доштани муҳити солими рақобатӣ дар кишвар бояд вазифаи муҳимтарини танзими давлатии иқтисод гардад. Аз ин ҷиҳат, гузаронидани таҳқиқот оид ба рақобат ва рақобатпазирӣ вазифаи ҷудонашавандаи хадамоти маркетингии ҳар як корхона мебошад.[135]

Бояд қайд кард, ки дар шароити муосири раванди шиддатёбандаи ҳамгирой, иқтисоддонони заковатманди ҷаҳон даҳаи аввали асри навро бо нигаронӣ гуселонида, хавфи тағйирёбии ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонро ва дар натиҷа, шиддати бесобиқаи рақобат ва ташаннуҷҳоро дарк кардаанд.[136]

Дар шароити кунунии бавуҷудомадаи иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ояндабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ва омилҳои он зарурати объективӣ мегардад, зеро дар мубориза рақобатпазирии муосир бо тамоми миқёс ва вазнинии он шахсоне, ки

---

[134] Долинская М.Г. Маркетинг и конкурентоспособность промышленной продукции [Текст] / М.Г. Долинская, И.А. Соловьев. – М.: Изд-во стандартов, 1998. – 128 с.
[135] Моисеева Н. Маркетинговая активность как фактор конкурентоспособности фирмы [Текст] / Н. Моисеева, М. Конышева // Маркетинг. – 2015. - №6. - С. 24.
[136] Селезнев А. Инфраструктура рынка и конкурентоспособность России [Текст] / А. Селезнев // Экономист. - 2000. - №2. – С. 9-18.

муҳити бозорро доимо таҳлил менамояд, рафтори рақибонро пешбинӣ мекунад ва барои мавқеъҳои бозории худ мубориза мебаранд, фоида мебинанд.

Барои бомуваффақият пешгӯӣ кардани рақобатпазирии ширкат ва омилҳои он зарур аст, ки дар доираи равиши комплексӣ ба усулҳои илман асоснокшудае такя кардан даркор аст, ки дар байни онҳо аз ҷумла: экстраполятсия;ояндабинии мақсадноки меъёрӣ; моделсозии иқтисодӣ ва математикӣ; пешниҳодҳои коршиносонро ҷудо кардан мумкин аст. Истифодаи се усули аввал барои ҳалли ин масъала, аз як тараф, ҳаҷми зиёди иттилооти бисёрсоҳавӣ ва хароҷоти зиёди вақтро барои коркарди он талаб мекунад, аз тарафи дигар, якрангӣ, дурустӣ ва мушаххасии маълумоти аввалияро тақозо менамояд. Одатан, иҷрои ин талабот бо душвориҳои бузурги табиати амалия марбут аст. Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки дар шароити иқтисоди давраи гузариш, фаъолияти шумораи зиёди корхонаҳо мустақиман ё ғайримустақим бо таъсири омилҳои берунии муҳити бозор муайян карда мешавад, ки дар аксар ҳолат хусусияти худсаронаи рух додан доранд ва хусусияти иқтисодӣ доштанашон ҳам ҳатмӣ нест. Ин вазъият, албатта, метавонад истифодаи ин усулҳоро барои пешгӯии рақобатпазирӣ хеле маҳдуд кунад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар шароити кунунии иқтисодӣ усулҳо ва равишҳои коршиносон бароиояндабинии рақобатпазирии корхона ва омилҳои он нисбат ба дигарон дастрастар мебошанд, ки бартарии асосии онҳо имкони татбиқи онҳо дар шароити номуайянии қисмати муҳити бозор, носаҳеҳии маълумоти аввалия ва эҳтиёҷи ночиз ба иттилооти оморӣ мебошад.

Омилҳои асосии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабукро, тавре ки дар боло қайд кардем, мо чунин мешуморем: иқтидори корхона; дараҷаи қонеъгардонии талаботи бозор бо маҳсулоти рақобатпазир; натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ.

Яке аз омили муҳимтарини рушди рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешгӯии мувофиқи рақобатпазирии корхона ба ҳисоб меравад.

Пешгӯии мувофиқи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, пеш аз ҳама, ба таҳлили имкониятҳои потенсиалии он асос ёфтааст ва вазифаи мураккабе мебошад, ки ҳалли он имкон медиҳад: тавозуни имкониятҳои воқеии корхона бо талаботи бозор таъмин карда шавад; ҳадафҳои асосӣ муайян карда шуда, стратегияҳои самарабахши ноил шудан ба онҳо роҳандозӣ карда шавад; барномаҳои асосии рушди истеҳсолот ва рафтор дар бозор таҳия карда шаванд; қарорҳои салоҳиятдори идоракунӣ, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва устувории корхона нигаронида шудаанд, қабул карда шаванд. Дар ниҳояти кор, имкониятҳои потенсиалии корхона, вазъи рақобатпазирии он аз як тараф, шарти ҳатмии ба даст овардани натиҷаҳои иқтисодии фаъолияти хоҷагидорӣ ва аз тарафи дигар, қонеъгардонии талабот ва тақозои бозор, барои як давраи муайяни дурнаморо тавсиф мекунанд.

Тавре маълум аст, фаъолияти муътадили корхонаҳои ватанӣ зимни ноустувории вазъи иқтисодии кишвар, набудани стратегияи мушаххаси рушди иқтисодӣ дар сатҳҳои макро ва микро душвор аст. Ин, пеш аз ҳама, ба таъсири рӯйдодҳои муҳими миқёси сайёра, давлатӣ ва минтақавӣ вобаста аст, ки қодиранд тавозуни иқтисодии ҳар як давлатро вайрон кунанд. Аз ин рӯ, яке аз ҷанбаҳои асосие, ки ҳангоми ояндабинии иқтидори корхона бояд ба назар гирифта шаванд, ноустувории муҳити берунии он мебошад, ки дараҷаҳои зерини тағйирот - сатҳи ҷаҳонӣ, макро ва микро доранд.[137]

Зарурати ба назар гирифтан ва таҳлили равандҳои ҷаҳонӣ дар ояндабинӣ бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо, пеш аз ҳама, ба

---

[137] Шмулевич Т.В. Конкурентоспособность крупных предприятий и ее роль в развитии предпринимательства [Текст] / Т.В. Шмулевич // Народы СНГ накануне третьего тысячелетия. Материалы Междунар. научн. конгресса. - Н.Новгород, 2014. - С. 92.

сохторҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таъсир мерасонанд ва ин ба имконият ва мавқеи рақобатпазирии ҳар як корхонае, ки дар бозори мазкур фаъолият мекунад, мустақиман таъсир мерасонад. Аз ҷумлаи равандҳои ҷаҳонӣ ташаккули низоми бонкдории ҷаҳонӣ, савдои ҷаҳонӣ, бозори ҷаҳонии сармоя, бозори ҷаҳонии захираҳои энергетикӣ (ташаккули нархҳои ҷаҳонӣ барои онҳо) ва амсоли онро мансуб кардан мумкин аст.

Ҳангоми таҳлили сатҳи макро бояд маҷмуи рӯйдодҳоеро ба назар гирифт, ки аз рӯйдодҳои бухронии ҷаҳонӣ ва бо сабаби онҳо (ё бо сабаби равандҳои дохилии кишвар) рӯйдодҳои муҳимми дар миқёси давлат ба амаломада, ки бевосита ба равандҳои бозор дар дурнамои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат таъсир мерасонанд, иборат мебошанд. Дар айни замон,ояндабинии тағйирот дар хусусиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин амалҳои эҳтимолии ҳукумат дар натиҷаи таъсири ин рӯйдодҳо зарур мебошад. Пас аз он омилҳои муҳити бозорро муайян кардан лозим аст, ки бевосита ба субъектҳои бозори кишвар таъсир мерасонанд ва қудрати зуҳури онҳоро вобаста ба амали равандҳои мубориза, мусобиқа ва вокуниш ба онҳо дар сатҳи макро арзёбӣ кардан лозим аст.

Дар сатҳи микро, бояд ниҳоят маҷмуи рӯйдодҳои муҳим ташкил карда шаванд $P\text{M}(pм_1, pp_2, \ldots, pp_n)$ , ки дар натиҷаи омезиши маҷмуи рӯйдодҳое, ки дар сатҳи макро муайян карда шудаанд ва аз ҷониби онҳо (ё равандҳои дохилии минтақа) рӯйдодҳои муҳим дар сатҳи минтақавӣ ба вуҷуд омадаанд. Пас аз он, ба омилҳои умумии берунии муҳити бозор, ки ба корхона таъсири бевосита мерасонанд, омилҳои мушаххаси бозори сатҳи минтақавиро илова кардан лозим аст. Дар ниҳояти кор, дар натиҷаи омӯхтани сатҳи тағйирёбии муҳити беруна бояд ҳамаи омилҳои берунии муҳити бозор $Об(об_1, об_2, ..., об_l)$, ки бевосита ба корхона таъсир мерасонанд, муайян карда шаванд .

Дар робита ба ин, яке аз вазифаҳои муҳимми корхонаҳои саноати сабук ин масъалаи баҳодиҳии дараҷаи мутобиқати иқтидори стратегии он ба таъсири омилҳои берунии муҳити бозор мебошад.

Ғайр аз он, аз нуқтаи назари маркетинг ва алалхусус, стратегияи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, бисёр муҳим ва зарур аст, ки чӣ гуна муҳити бозор дар ин ё он кишвари мушаххас дар зери таъсири омилҳои беруна фароҳам овардашуда ба пайдоиш, нигоҳдорӣ ва тағйир додани бартариятҳои рақобатпазирии корхонаҳои ин кишвар таъсир расонида метавонанд.

Дар омӯзиши ин масъала саҳми арзандаи М.Е . Портер ба ҳамагон маълум аст, ки дар асоси таҳлили маводи омории саноати ҳашт кишвари пешрафта муҳимтарин сабабҳои муваффақият ва нокомии корхонаҳояшонро дар муборизаи рақобатӣ муайян кард. Вай консепсияи аслии бартарии рақобатпазирии кишварро пешниҳод кард, ки бар чор хосият (муайянкунанда) -и кишваре, ки муҳити рақобатро фароҳам меорад, асос ёфтааст. Дар ниҳояти кор, системаи детерминантҳои бартарияти рақобатӣ, ки таҳти таъсири мутақобила қарор дорад, самараи тамомиятро ба вуҷуд меорад, яъне сатҳи потенсиали бартарияти рақобатпазирии корхонаҳои ин кишварро афзоиш медиҳад ё суст мекунад.

Бояд қайд кард, ки ба низоми умумии детерминантҳо М.Е. Портер ҳам рӯйдодҳои тасодуфӣ ва ҳам амалҳои ҳукуматро шомил мекунад, ки ба ақидаи ӯ, метавонанд бартарияти рақобатпазирии корхонаҳоро зиёд ё суст кунанд.[138] Дар ин замина, ҳодисаҳои тасодуфӣ рӯйдодҳое мебошанд, ки бо шароити рушди иқтисодиёти кишвар алоқамандие надоранд ва аксар вақт ба онҳо на корхонаҳо ва на ҳукумат таъсир расонида наметавонанд. Ба қатори чунин рӯйдодҳои муҳимми ин даста М. Портер инҳоро номбар мекунад: ихтироъкорӣ; пешрафтҳои азими технологӣ; тағйироти яку якбораи сатҳи нархҳо; тағйироти назаррас дар бозорҳои ҷаҳонии молиявӣ

[138] Портер М.Е. Международная конкуренция. Конкурентные преимущества стран [Текст] / М.Е. Портер. – Москва, 1993. - С. 238.

ё қурби асъор; ҷаҳиши якбораи тақозои ҷаҳонӣ ва маҳаллӣ; қарорҳои сиёсии ҳукуматҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ; ҷангҳо ва дигар ҳолатҳои форс-мажор.

Ҳамин тариқ, гуфтаҳои боло имкон медиҳанд чунин хулосабарорӣ кунем, ки таъсири сатҳи тағйирёбии ҷаҳонӣ, макро ва микро дар муҳити беруна метавонад омилҳои берунаи бозорро тағйир диҳад ва инҳо дар навбати худ, боиси тағйирёбии омилҳое мегарданд, ки детерминантҳои бартарии рақобатпазирии кишварро ташкил медиҳанд ва дар натиҷа, ҳамаи ин ба тағйирёбии бартариятҳои рақобатпазирии аз тарафи онҳо муайяншудаи корхона оварда мерасонад.

Дар робита ба ин, як масъалаи дигари муҳиммияташ на камтар аз ин ба миён меояд, ки иборат аз муайян кардани ҳассосияти бартариятҳои рақобатпазирии корхона нисбат ба таъсироти омилҳои берунии муҳити бозор мебошад, яъне, арзи вуҷуд доштани фаъолияти бозор аз муҳити дохила ва таъсири беруна, ба таври номатлубу номусоид ва бартариятҳои рақобатпазирии субъекти бозор таъсир расонида метавонад.

Мо минбаъд имкониятҳои иқтидории корхонаҳои саноати сабукро аз рӯйи иқтидори стратегӣ ва бартариятҳои рақобатпазрии он муайян хоҳем кард. Пас, бароиояндабинии иқтидори корхона ё мавқеи рақобатпазирии он, пеш аз ҳама, инҳоро баҳо додан зарур аст:[139] қудрат ва тавонои зоҳиршавии ҳар як омили берунии муҳити бозор; ҳассосияти бартариятҳои рақобатпазирии корхона ба таъсири омилҳои берунии муҳити бозор; дараҷаи мутобиқшавии иқтидори стратегии корхонаҳо ва ба таъсири ин омилҳои ҷойдошти озмоиш меёбад.

Пеш аз ҳама кору фаъолиятояндабинӣ кардан хеле душвор аст, ки чӣ гуна рӯйдодҳои муҳим *РМ* ба рушди вазъ дар кишвар таъсир мерасонанд, бинобар ин, пеш аз ҳама, баромадҳои бисёри имконпазирро

---

[139] Шмулевич Т.В. Конкурентоспособность крупных предприятий и ее роль в развитии предпринимательства [Текст] / Т.В. Шмулевич // Народы СНГ накануне третьего тысячелетия. Материалы Междунар. научн. конгресса. - Н.Новгород, 2014. - С. 44-53.

тахия кардан лозим аст $CH(сн_1, сн_2, ..., сн_m)$, сипас барои ҳар кадоми онҳо $(сн_i)$, дар асоси баҳогузории коршиносони алоҳида, мубаддалшавии умумии қувваи амали $C(об_к, сн_i, t)$ ҳар як омили берунии муҳити бозорро $(об_к)$ дар нуқтаҳои гуногуни замон $t$ муайян кардан лозим аст.

Барои мубаддалшави тағйирёбии қувваи омили беруна дар вақт, давраи баррасишавандаро $[0;T]$ ба қисматҳои $[t(рм_m);t(рм_{m+1})]$ тақсим мекунем, ки марзҳои онҳо ба лаҳзаҳои пешбинишудаи фарорасии рӯйдоди муҳим аз маҷмуи рӯйдодҳои $PM$ мувофиқат мекунанд. Сипас, мо баҳодиҳии умумии қувваи омили берунии муҳити бозорро тавассути баҳодиҳии коршиносони алоҳида дар лаҳзаҳои ибтидоӣ ва ниҳоии ҳар як фосилаи вақт бо истифода аз формулаи зерин муайян мекунем:

$$K(об_k, сн_i, t) = \left( \sum_{j=1}^{p} h_j \cdot об_{kj} \right) \Big/ \sum_{j=1}^{p} h_j , \qquad (2.1)$$

Дар ин ҷо: $h_j$ - коэффитсиенти вазнии салоҳиятнокии коршиноси $j$;

$об_{kj}$ - арзёбии қувваи таъсири $k$-омили берунаи муҳити бозор аз тарафи коршиноси $j$;

$p$ - миқдори коршиносон;

$t$ - лаҳзаҳои ибтидоӣ $t(рм_m)$ ё интиҳоии $t(рм_{m+1})$ ҳар кадом фосилаи замонӣ.

Нуқтаҳои ҳамвориро (тири Y – арзёбии қувваи амали омили берунаи муҳит $K(об, сн, t)$; тири X - $t$) $(K(об_k, сн_i, t(рм_m)); t(рм_m))$ ва $(K(об_k, сн_i, t(рм_{m+1})); t(рм_{m+1}))$ бо фосилаҳо пайваст месозем. Хатти шикастаи сохташуда (кандашавиҳои интиҳоӣ дар лаҳзаи фарорасии рӯйдодҳои муҳим имконпазир мебошанд) аз худ графики пешбинишудаи тағйирёбии қувваи таъсири омили берунаи $об_k$ барои баромади муайянеро $(сн_i)$ муаррифӣ мекунад.

Барои муайянкунии бузургии $K(об_k, сн_i, t(рм_m))$ ҷадвали зерини

арзёбии қувваи амали омили беруна пешниҳод карда мешавад, ки панҷ дараҷабандӣ дорад: хеле суст - 0 хол; суст - 1 хол; муътадил - 2 хол; баланд - 3 хол; хеле баланд - 4 хол.

Сипас, мо тартиби ояндабинии ҳассосияти бартариятҳои рақобатпазирии корхонаро нисбат ба таъсири омилҳои берунаи бозорӣ дида мебароем. Бисёрии бартариятҳои рақобатпазириро ҳамчун $БР(бр_1, бр_2,..., бр_s)$ муайян мекунем. Барои мутобиқшави хусусиятҳои $X(бр_к, об_l, t)$ к –омили бартариятҳои рақобатпазирии $(бр_к)$ ба таъсири омили 1-уми беруна $(об_l)$ ҷадвали панҷ дараҷабандиро истифода мекунем: хеле суст - 0 хол; суст - 1 хол; муътадил - 2 хол; баланд - 3 хол; хеле баланд - 4 хол. Дар ин ҳолат, баҳогузорӣ бо аломати "+" гирифта мешавад, агар амали омили беруна $(об_l)$ ба бартариятҳои рақобатпазирии корхона таъсири мусбат расонад ва дар акси ҳол бо аломати "- " ишора карда мешавад.

Маълум аст, ки тағйирот дар бартариятҳои рақобатӣ метавонанд дар зери таъсири омилҳои беруна дар лаҳзаҳои тағйирёбии қувваи амали онҳо, яъне, дар лаҳзаҳои рӯйдодҳои муҳим ба амал оянд. Дар робита ба ин, ҳосили мубаддалшави умумии ҳассосияти бартариятҳои рақобатиро дар лаҳзаҳои ибтидоӣ ва интиҳоии ҳар як фосилаи вақт $[t(рм_m); t(рм_{m+1})]$ бо ёрии хулосаи коршиносон тавассути истифода аз формулаи зерин меёбем:

$$X(бр_k, оо_i, t) = \left(\sum_{j=1}^{p} h_j \cdot бр_{kij}\right) \Big/ \sum_{j=1}^{p} h_j, \qquad (2.2)$$

Дар ин ҷо: $h_j$ - коэффитсиенти вазнии салоҳиятнокии коршиноси $j$;

$бр_{kij}$ – арзёбии коршиноси $j$ оид ба ҳассосияти бартарияти рақобатпазирии $k$-и корхона нисбат ба таъсироти i-омили берунаи бозорӣ.

Нуқтаҳои ҳамвориро (тири Y – ҳассосияти бартариятҳои рақобатӣ $X(бр, об, t)$; тири X - $t$) $(X(бр_k, об_i, t(рм_m)); t(рм_m))$ ва

$(X(бр_k, об_i, t(рм_{m+1})); t(рм_{m+1}))$ бо фосилаҳо пайваст месозем. Хатти шикастаи сохташуда (кандашавиҳои интиҳоӣ дар лаҳзаи тағйирёбии қувваи амали омилҳои беруна имконпазир мебошанд) аз худ графики пешбинишудаи тағйирёбии ҳассосияти бартариятҳои рақобатпазирии $(бр_к)$-ро нисбат ба амали омили берунаи бозорӣ $(об_i)$ муаррифӣ мекунад.

Дар равиши пешниҳодшуда, ҳангоми арзёбии ҳассосияти бартарияти рақобатпазирии корхона чунин ба назар гирифта мешавад, ки: аввалан, тағйирёбии якбораи он танҳо дар лаҳзаи $t(рм_m)$ рух дода метавонад; дуввум, ҳангоми баҳо додани он дар охири фосилаи $[t(рм_m); t(рм_{m+1})]$, бояд эҳтимолияти тағйири онро тибқи қонуни хаттӣ дар зери таъсири тадбирҳои дахлдори ташкилию иқтисодии аз ҷониби корхона гузаронидашуда ба назар гирифт.

Чунин ба назар мерасад, ки омилҳои бозорӣ метавонанд амали якдигарро тақвият диҳанд ё ҷуброн карда, зимнан бартариятҳои рақобатпазирии корхонаро афзоиш диҳанд ва ё мувофиқан ба ин коҳиш диҳанд. Дар робита ба ин, тавсифоти умумии ҳассосияти $Xc(бр_к, t)$ бартарияти рақобатпазирии $(бр_к)$ ба таъсири омилҳои бозор $(об_i)$ ба он дар шакли ҳассосияти миёнаи вазни ин бартарияти рақобатӣ ба ҳар як омил тибқи формулаи зерин ифода карда мешавад:

$$Xc(бр_к, сн_m, t) = \sum_{i=1}^{l} K(об_i, сн_m, t) \cdot X(бр_к, об_i, t) \Big/ \sum_{i=1}^{l} K(об_i, сн_m, t) \text{. (2.3)}$$

Пас, нишондиҳандаи пешбинишавандаи бартарияти рақобатпазирии корхонаро $БРК(сн_m, t)$ дар лаҳзаи вақти $t$ барои бaромади мавриди баррасӣ $(сн_m)$ дар шакли зерин ифода кардан мумкин аст:

$$БРК(сн_m, t) = \sqrt[s]{\prod_{k=1}^{s} \alpha_k \cdot Xc(бр_к, сн_m, t)} \text{, (2.4)}$$

Дар ин ҷо: $\alpha_k$ - коэффитсиенти маънидор будани бартарии рақобатпазирии корхонаи $k$ (аз тарафи коршиносон муайян карда

мешавад).

Ҳосили ҷамъи арзёбии мутобиқшавии $Mm(об_i,t)$ потенсиали стратегиро нисбат ба таъсироти i-омили берунаи бозорӣ, ба мисли пешина, дар лаҳзаҳои ибтидоӣ ва интиҳоии ҳар як фосилаи замонӣ $[t(р\text{м}_m);t(р\text{м}_{m+1})]$ бо ёрии арзёбии коршиносони алоҳида аз рӯйи формулаи зерин меёбем:

$$Mm(об_i,t)=\left(\sum_{j=1}^{p}h_j a_{ij}\right)\Bigg/\sum_{j=1}^{p}h_j\,, \qquad (2.5)$$

Дар ин ҷо: $h_j$ - коэффитсиенти вазнии салоҳиятнокии коршиноси $j$;

$a_{ij}$ - арзёбии коршиноси $j$ оид ба мутобиқшавии потенсиали стратегии корхона нисбат ба таъсироти i-омили беруна.

Дар раванди арзёбии коршиносии мутобиқшавӣ дар охири фосилаи вақт $[t(рм_m);t(рм_{m+1})]$эҳтимолияти тағирёбии хаттии онро дар натиҷаи амали тадбирҳои ташкилию иқтисодии аз ҷониби корхона гузаронидашуда бо мақсади баланд бардоштани иқтидори стратегӣ ба назар гирифтан лозим аст.

Ҳамчун хусусияти ҷамъбастии мутобиқати потенсиали стратегии корхонаҳои саноати сабук $МП(сн_m,t))$ба таъсири ҳамаи омилҳои берунаи бозорӣ дар замони $t$ дар баромади баррасишаванда, нишондиҳандаи бо формулаи зерин ҳисобшуда пешниҳод карда мешавад:

$$МП(сн_m,t)=\sqrt[l]{\prod_{i=1}^{l}\gamma_i\cdot Mm(об_i,t)}\,, \qquad (2.6)$$

Дар ин ҷо: $\gamma_i$ - коэффитсиенти вазнии мутобиқшавии потенсиали стратегии корхонахои саноати сабук нисбат ба таъсироти $i$-омили берунаи бозорӣ мебошад, ки бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\gamma_i = K(об_i,сн_m,t)\Bigg/\sum_{i=1}^{l}K(об_i,сн_m,t), \qquad (2.7)$$

Натиҷаҳои бадастомада барои ҳалли масъалаи пешгӯии имкониятҳои потенсиалии корхонаҳои саноати сабук $ПСК(сн_m,t)$ дар лаҳзаҳои гуногуни вақт барои баромади баррасишаванда асос маҳсуб мешаванд. Ба сифати хусусияти пешгӯии ададӣ, нишондиҳандае пешниҳод карда мешавад, ки бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$ПСК(сн_m,t) = \sqrt{БРК(сн_m,t) \cdot МП(сн_m,t)}\ , \qquad (2.8)$$

Ояндабинии нишондиҳандаи имкониятҳои потенсиалии корхонаҳои саноати сабук бо истифодаи формулаи (2.8) имкон медиҳад, ки қувваи таъсири тамоми маҷмуи омилҳои берунаи бозорӣ, инчунин ҳассосияти бартариятҳои рақобатӣ ва мутобиқати онҳо ба таъсири ин омилҳо ба назар гирифта шавад. Таҳлили нишондиҳандаи $ПСК(сн_m,t)$ бояд барои ҳар як баромади рушди муҳити беруна алоҳида гузаронида шавад .

Мушкилоти асосии ояндабинии имкониятҳои потенсиалии корхонаҳои саноати сабук дар асоси усулҳои экспертӣ дар як проблемаи умумие реша дорад, ки бо таҳқиқоти илмии хориҷӣ ва ватанӣ пурра ҳал нашудааст ва аз он иборат аст, ки арзёбиҳои коршиносон субъективӣ мебошанд ва дар заминаи онҳо ба даст овардани натиҷаи мусбии интизоршаванда на ҳамеша имконпазир аст. Масалан, сохтори сохташуда оид ба ояндабинӣ бинобар номувофиқатии ихтисоси иҷрокунандагон бо мураккабии вазъияти воқеӣ метавонад аз уҳдаи вазифаҳои дар наздаш гузошташуда набарояд. Аммо, агар ҳангоми ташкили гурӯҳ оид ба ояндабинӣ яке аз сохторҳои идоракунии мутобиқшавӣ, аз ҷумла, матритса истифода шавад, он вақт ин мушкилот метавонад самаранок бартараф карда шавад.[140]

Ба омилҳои асосии дар бозори ҷаҳонӣ барои корхонаҳои миллӣ муваффақиятро ҳангоми мубуоризаи рақобати таъминкунанда сифати

---

[140] Шмулевич Т.В. Конкурентоспособность крупных предприятий и ее роль в развитии предпринимательства [Текст] / Т.В. Шмулевич // Народы СНГ накануне третьего тысячелетия. Материалы Междунар. научн. конгресса. - Н.Новгород, 2014. - С. 71.

баланд, эътимоднокӣ ва бехатарии маҳсулот, ки маҷмуи нишондиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулотро ташкил медиҳанд, дохил мешаванд. Рақобатпазирӣ маҳсулот рақобатпазирии корхонаро таъмин мекунад, ки дар натиҷа ба инкишофи иқтичсодӣ, умуман, таъсири мусбӣ мерасонад. Ҳамин тарик, сифати маҳсулот аз масъалаи хусусии истеҳсолкунандагони алоҳида ба масъалаи умумимиллӣ сифати ҳаёти аҳолии мубаддал мегагдад.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои миллӣ ҳангоми баромадан ба бозори ҷаҳонӣ стандартикунонӣ ва сертификатсияи маҳсулот ва мувофиқ намудани стантартҳои миллӣ ба талаботи стандартҳои сатҳи байналхалқӣ мебошад. Стандартикунонӣ ва сертификатсияи маҳсулот бо таъсири тамоилиҳои муосири таъмини бехатарии маҳсулоти таъиноти маишӣ, нигоҳдории саломатӣ ва ҳифзи муҳити зист аҳаммияти рӯзафзунро пайдо карда истодааст.

Умуман, мафҳуми рақобатпазирӣ агар ба маънои таҳтуллафзӣ «қобилияти рақобат кардан доштан»-ро ифода менамояд.

Дар адабиёти иқтисодие, ки ба масъалаи рақобатпазирӣ бахшида шудааст, се нуқтаи назар оиди муайяннамоии рақобат мавчудаст. Якум нуқтаи назар рақобатро ҳамчун мусобиқа дар бозор муайян менамоянд. Дуюм нуқтаи назар рақобатро ҳамчун унсури механизми бозорӣ, ки имконияти мувозинат намудани талабот ва таклифотро медиҳад, дида мебароянд. Ин нуқтаи назар ба назарияи классики иқтисодӣ хос мебошад. Сеюм нуқтаи назар рақобатро ҳамчун меъёри муайянкунандаи навъи бозори сохавӣ муайян мекунад ва дар назарияи морфологии бозор асос меёбад[10].

Мафҳуми рақобатпазири миллӣ (англ. National Competitiveness)- мафҳуми бисёрмаъноест, ки аксаран чунин ифода меёбад.

- ✓ Қобилияти мамлакат барои ноил ба гардидан суръати баланди рушди иқтисодӣ, ки дар дурнамои миёнамӯҳлат устувор бошад;

- ✓ Дараҷаи ҳосилнокии омилҳои истеҳсолот дар мамлакати додашуда;
- ✓ Қобилияти ширкатҳои мамлакати додашуда барои рақобати бомуваффақият дар ин ё он бозорҳои байналхалқӣ.

Рақопатпазирии иқтисодиёти миллӣ бо мавҷудияти соҳаҳои рақопатпазирӣ дошта ва инчунин бо қобилияти мақоматҳои миллии давлати оиди фароҳам овардани шароитҳои мусоид ба корхонаҳои миллӣбарои нигоҳ доштани бартариятҳои рақобатӣ дар соҳаҳои гуногун муайян карда мешавад.

Тавре ки аён аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати берунаи худ сиёсати «дарҳои кушод»-ро пеш гирифтааст: Ин, албатта иқдоми нек буда, таҷрибаи ҷаҳонӣ дуруст будани ин роҳро собит кардааст: «Иқтисоди кушод» барои мамлакат имкониятҳои калон фароҳам меорад. Дар қатори ин бояд дар назар дошт, ки ин гуна «кушодагӣ» бояд дар доираи зарурати оқилона бошад, то ҳадде, ки ба самарнокии иқдисодиёт, рақобатпазирии он мусоидат менамояд. Аммо ҷумҳурӣ бо шароитҳои хоси низоми иқтисодии байналмилалӣ ворид мешавад. Душвориҳои давраи гузариш, камбизоатӣ, норасогии сармоя ва дигар ҳолатҳои номусоид водор месозанд, ки давлат дар масъалаи «кушодагаронӣ» бояд ҳолати ҳифзшавии истеҳсолоти ватанӣ, молия ва низоми бонкӣ, муомилоти пул, бахшҳо ва соҳаҳои стратегии мамлакат ба инобат гирифта шавад. Бояд ки ҳамаи ҷиҳатҳои ин ҷараён, танзими давлатии кушодагаронӣ мавриди таҳлилу мулоҳизаи хуб қарор гиранд.

Мувофиқи назарияи бартариятҳои рақобатии М.Портер, ҳапнгоми таҳлили рақобатпазирии иқдисодиёти миллӣ ба се гурӯҳи омилҳо таваҷҷух бояд дод:

4. Омилҳои бунёдӣ;
5. Омилҳои инкишоф;
6. Омилҳои махсусгардонидашуда.

Ба омилҳои бунёди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаъҳои бои табиӣ, мавҷудияти қувваи кори арзон, шароитҳои биологию иқлимӣ ва мавқеи мусоиди таърихан ташаккуёфтаи ҷуғрофӣ дар «Роҳи Бузурги Абрешим», ки мамлакатҳои ИДМ-ро бо мамлакатҳои Осиёи Шарқӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мепайвандад, дохил мешавад.

Сохтори ахборотии инкишофёфта, ташкилотҳои тадқиқотӣ ва мутахассисони баландтахассусу лаёқатманд ба гурӯҳи омилҳои инкишоф, ки барои ташкили бартариятҳои рақобатии сатҳи баланд заруранд, яъне аз худ намудани таҷрибаи муосири истеҳсоли маҳсулот ва ихтироъ кардани технологияҳои навтарин, мукаммалгардонии истеҳсолот мебошад.

Ба омилҳои махсусгардонидашуда, чун қоида, мавҷудияти маҷмуи манбаъҳои махсус, шароитҳои махсуси ба мамлакат хос дохил мешаванд. Ин метавонад мавҷудияти истеҳсолоти нодир ва ё иқтидори баланди ақлонӣ (ҳиссаи зиёди олимон дар шумораи умумии коргарони миллӣ) дар мамлакат бошад.

Нақшаи пешбарандаро дар ноил гардидан ба рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ кластерҳо мебозанд, яъне гурӯҳи корхонаҳои ба ҳам алоқаманд, таъмингарони хадамоти махсусгардонидашуда ва инчунин ташкилотҳою муассисаҳои ғайритиҷоратии ба фаъолияти корхонаҳо алоқаманд, ки дар соҳаҳои муайян аз руи аломати ҷуғрофӣ муттаҳид карда шуда, бо ҳам рақобат менамоянд ва ҳамзамон якдигарро пурра мекунанд.

Зеро маҳз кластерҳо массаи ҳалкунандаи барои муваффақияти рақобати зарурро дар соҳаҳои муайян ба вуҷуд меоранд. Бинобар ин яке аз вазифаҳои асосии дар низоми таъмини рақобатпазирии баланди иқтисодиёти миллӣ муайян намудани иқтидори кластеркунонии иқтисодиёти миллӣ мебошад. Ҳамин тариқ, аз таҳлили миқдорию сифати шароитҳои устувории рақобатии соҳаҳои хоҷагии миллӣ бар меояд, ки Тоҷикистон дар соҳаҳои саноати гидроэнерегетика, металлургияи ранга, саноати химия, саноати сабук, хоҷагии қишлоқ, комплекси агоросаноатӣ

ва соҳаҳои хизматрасониҳои сайёҳӣ доро бартариятҳои рақобатии бунёдӣ ва махсусгардонидашуда мебошад, яъне шароитҳои устувории рақобатиро соҳиб мебошад, ки метавонад рақобатпазирии баланди иқтисодиёти миллиро таъмин намоянд. Аммо қайд кардан зарур аст, ки бо вуҷуди пешравиҳои муайян дар соҳаҳои хоҷагии миллӣ сарчашмаҳои мавҷудаи бартарияти рақобатӣ ба таври кофӣ истифода намегарданд. Зеро то ҳол бисёр корхонаҳо бо таҷҳизоти фарсуда кор мекунанд. Дар натиҷа аксари онҳо маҳсулоти рақобатнопазир истеҳсол намуда, қисми зиёди онҳо, ки ба коркарди ашё машғуланд, амалан иқтидорҳои истеҳсолиро хеле нокифоя истифода мебаранд. Баланд бардоштани самаранокии содироти ашёи хом ва зарурати тағйир додани он ба самти маҳсулоти тайёр дар сурати таҷдиди техникӣ ва модернизатсияи корхонаҳо ва соҳаҳои яклухт, ки ба содироти ашёи хом нигаронида шудаанд, имконпазир аст. Соли 2005 ба таври умумӣ иқтидорҳои истеҳсолии саноати сабук оид ба коркарди ашёи пахта танҳо 24,4 фоиз оид ба истеҳсоли нахи абрешим- 26,8 фоиз, калобаи пахтагин – 49,2 фоиз ва нахи пашми -42,7 фоиз истифода шудаанд.

Ба қобилияти рақобатии корхонаҳои саноати сабук як қатор омилҳои дохилию берунӣ таъсир мерасонанд.

Ба омилҳои берунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук вазъияти коркарди маҳсулот дар мамлакат, нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии давлат, нишондиҳандаҳои вазъияти иқтисодӣ ва дигар омилҳо дохил мешаванд.

Ба омилҳои дохилии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук инҳо дохил мешаванд: иқтидори истеҳсолию технологӣ, сатҳи таъминоти моддию техникӣ, иқтидори молиявию иқтисодӣ, самаранокии реклама, иктидори илмӣ-техникӣ, сатҳи корҳои илмӣ-техникӣ, сатҳи корҳои патентию ҳуқуқӣ, иқтидори мутахассисон, технологияи истеҳсолот, сертификатсия ва борбандӣ ва ҳоказо.

Корхонаҳои миллӣ дар ҳолатҳои зерин ба бартарияти рақобат ноил мегарданд.

1. Дар натиҷаи кор кардан дар баромадани усулҳои нави иҷроиши фаъолият;

2. Дар натиҷаи ҷорӣ кардани технологияҳои нав;

3. Дар натиҷаи истифодаи маҳсулнокии компонентҳои асосии истеҳсолот.

Айни замон чихеле ки маълум гардид, бартарияти рақобатии субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан бартариятҳои рақобатии паст мебошанд, яъне дар манбаъҳои бойи табиӣ, қувваи кории арзон асос меёбанд. Аммо барои гузаштан ба бартарияти рақобатии дараҷаи баланд ба субектҳои хоҷагидори миллӣ навовариҳои дар шакли технологияҳои нави истеҳсоли, усулҳои идоракуни ва ахборот зарур аст.

Ҳамин тариқ, мушкилоти рақобатпазирӣ ва рақобат чӣ дар маҷмуъ барои иқтисодиёти миллӣ ва чӣ барои ташкилотҳои ибтидоии иқтисодӣ - корхонаҳои алоҳида, дар мадди аввал баромадаанд. Ҳаминро метавон хулоса кард, ки Тоҷикистон ба як системаи иқтисодие ниёз дорад, ки рақобатпазир бошад ва рушди устувори сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварро дар шароити рақобати шадиди беруна ва дохилӣ таъмин кунад.

## 2.3. Модели иқтисодӣ-риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук

Омӯзиши рақобатпазирӣ баҳодиҳии миқдории он ва истифодаи натиҷаҳоро дар ташаккули стратегияи корхона дар шароити рақобати бозор талаб мекунад. Дар ин зербоб модели баҳодиҳии сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук баррасӣ шудааст, ки дар асоси гурӯҳи нишондиҳандаҳои онро тавсифкунандаи:

- имкониятҳои потенсиалии он;

- сатҳи қонеъгардонии талаботи бозор;

-натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, сохта шудааст.

Ин моделро барои гузаронидани таҳлили рақобатпазирии субъектҳои бозор бо мақсади муайян кардани номутаносибиҳо дар байни имкониятҳои потенсиалӣ ва натиҷаҳои фаъолияти он, инчунин, таҳияи чораҳои ташкилию иқтисодӣ барои бартараф кардани ин нобаробарӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар модел масъалаи баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук чунин тартиб дода шудааст: ҳисоб кардани қимати нишондиҳандаҳои интегралии рақобатпазирии корхонаҳои муқоисашаванда нисбат ба корхонаи намунавӣ бо мақсади ба тартиб даровардани онҳо. Тартиби татбиқи он аз пайдарпаии марҳилаҳои зерин иборат аст.[141]

Марҳилаи 1. Муайян кардани рӯйхати гурӯҳҳои нишондиҳандаҳои ягона, ки рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабукро тавсиф мекунанд. Маҷмуи корхонаҳои муқоисашавандаро матритсаи нишондиҳандаҳои ягонаи рақобатпазирии онҳо муаррифӣ мекунад.

Марҳилаи 2. Гузаронидани таҳқиқоти маркетингии нишондиҳандаҳо ва омилҳои рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ва рақибони он.

Марҳилаи 3. Муайян кардани корхонаи пешсаф ё ташаккули корхонаи шартан «намунавӣ». Барои ҳар як нишондиҳанда, қимати максималии он муайян карда мешавад $a_{im+1} = \max_j \{a_{ij}\}$ (агар афзоиши нишондиҳанда рақобатпазириро баланд бардорад) ё қимати ҳадди аққал $a_{im+1} = \min_j \{a_{ij}\}$ (агар коҳишёбии нишондиҳанда рақобатпазириро зиёд кунад) ва ба сутуни корхонаи шартан «намунавӣ» ворид карда мешавад, ки ба он рақами $m+1$ дода мешавад.

[141] Герчикова И.Н. Менеджмент [Текст] / И.Н. Герчикова. - М.: ЮНИТИ, 2012. - С.75 - 76.




**Расми 2.3 – Нақшаи арзёбии сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук***

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Марҳилаи 4. Гузаронидани муътадилгардонии нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои корхонаи «намунавӣ» бо

мақсади тағйир додани онҳо ба бузургиҳои нисбии беандоза. Нишондиҳандаҳои рақобатпазирии матритсаи ибтидоӣ $A$ барои ҳар як нишондиҳандаи корхонаи «намунавӣ» мутобиқи формулаи зерин ба эътидол оварда мешаванд:

$$x_{ij} = a_{ij} / a_{im+1} \qquad (2.9)$$

дар ин ҷо: $x_{ij}$ - нишондиҳандаи муътадилшудаи i-уми рақобатпазирии корхонаи j-ум;

$a_{ij}$ - нишондиҳандаи i-уми рақобатпазирии корхонаи j-ум;

$a_{im+1}$ - нишондиҳандаи i-уми рақобатпазирии корхонаи «намунавӣ».

Марҳилаи 5. Муайян кардани қимати (коэффитсиенти маънидор будани) гурӯҳҳои нишондиҳандаҳо ва нишондиҳандаҳои ягона бо мақсади арзёбии намояндагии сатҳи рақобатпазирии корхона (ҷадвали 2.5).

**Ҷадвали 2.5 - Табдил додани арзёбиҳои маънидор будани як гурӯҳ (як нишондиҳанда) нисбат ба гурӯҳи дигар (нишондиҳандаи дигар) ба арзёбии миқдорӣ**

| Арзёбии сифатии ду гурӯҳи нишондиҳандаҳои (ду нишондиҳандаи) муқоисашаванда | Арзёбии миқдорӣ ( aij ) | |
|---|---|---|
| | гурӯҳи аввал (нишондиҳандаи аввал) | гурӯҳи дуюм (нишондиҳандаи дуюм) |
| Гурӯҳҳои (нишондиҳандаҳои) муқоисашаванда баробаранд | $a_{ij} = 1/1$ | $a_{ji} = 1/1$ |
| Гурӯҳи аввал (нишондиҳандаи аввал) нисбат ба дигар ( нишондиҳандаи дигар ) андаке муҳимтар аст | $a_{ij} = 2/1$ | $a_{ji} = 1/2$ |
| Гурӯҳи аввал (нишондиҳандаи аввал) назар ба гурӯҳи дигар ( нишондиҳандаи дигар ) муҳимтар аст | $a_{ij} = 3/1$ | $a_{ji} = 1/3$ |
| Гурӯҳи аввал (нишондиҳандаи аввал) нисбат ба гурӯҳи дигар ( нишондиҳандаи дигар ) хеле муҳимтар аст | $a_{ij} = 4/1$ | $a_{ji} = 1/4$ |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Коэффитсенти маънидор будани гурӯҳҳо ва нишондиҳандаҳои алоҳида мутаносибан $\beta_j$ ва $k_i$ ( j=1,2,1 - шумораи гурӯҳҳо), $(i = 1,2,...,n)$ қонеъкунандаи шартҳои зерин $0 \le k_i \le 1$, $0 \le \beta_j \le 1$, $\sum_{i=1}^{n} k_i = 1$ ва $\sum_{i=1}^{m} \beta_j = 1$

мебошанд, пешниҳод мешавад, ки бо ёрии усули коршиносӣ аз рӯйи муқоисаҳои ҷуфтӣ бо истифода аз ҷадвали мубаддалшавии арзёбии сифатии маънидории як гурӯҳ (як нишондиҳанда) бар гурӯҳи дигар (нишондиҳандаи дигар) ба арзёбии миқдорӣ ҳисоб карда шавад.

Дар ҷадвали 2.5 шохисҳои i, j – шумораи гурӯҳҳои нишондиҳандаҳои (нишондиҳандаҳои алоҳидаи) муқоисашаванда (i, j =1,2,…,k k=l ё k=n) мебошанд. Алгоритми ҳисобкунии коэффитсиентҳои маънидорӣ дар ҷадвали 2.6 дода шудааст.

**Ҷадвали 2.6 - Ҳисобкунии коэффитсиентҳои маънидории гурӯҳҳои нишондиҳандаҳое (нишондиҳандаҳои алоҳидае), ки сатҳи рақобатпазирии корхонаро тавсиф мекунанд**

| Гурӯҳи нишондиҳандаҳо (нишондиҳандаҳо) | П1 | П2 | … | … | … | Пk |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гурӯҳи аввал (нишондиҳандаи аввал) П1 | 1 | $a_{21}$ | … | … | … | $a_{k1}$ |
| Гурӯҳи дуюм (нишондиҳандаи дуюм ) П2 | $a_{12}$ | 1 | … | … | … | $a_{k2}$ |
| … | … | … | 1 | … | … | … |
| … | … | … | … | 1 | … | … |
| … | … | … | … | … | 1 | … |
| гурӯҳи k (нишондиҳандаи k) | $a_{1k}$ | $a_{2k}$ | … | … | … | 1 |
| Ҳосили ҷамъи коэффитсиентҳо аз рӯйи ҳар як гурӯҳ (ҳар як нишондиҳанда) Si | S1= $\sum_{i=1}^{k} a_{1i}$ | S2= $\sum_{i=1}^{k} a_{2i}$ | … | … | … | Sk= $\sum_{i=1}^{k} a_{ki}$ |
| Ҳисобкунии коэффитсиентҳои маънидории гурӯҳи нишондиҳандаҳои (нишондиҳандаҳои алоҳидаи) рақобатпазирӣ ki | $k_1 = \frac{S_1}{S}$ | $k_2 = \frac{S_2}{S}$ | … | … | … | $k_k = \frac{S_k}{S}$ |
| S – натиҷаи ҳосилбандии коэффитсиентҳо аз рӯйи тамоми гурӯҳҳо (ҳамаи нишондиҳандаҳо) S= $\sum_{i=1}^{k} S_i$ | | | | | | |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Барои ҳисобкунии коэффитсиентҳои маънидории гурӯҳҳои нишондиҳандаҳои (нишондиҳандаҳои алоҳидаи) рақобатпазирии корхонаҳои мутаносибан $\beta_j$ ва $k_i$ низ метавон усули холгузориро

истифода бурдан мумкин аст, ки бо формулаи (2.10) ифода ёфтааст:[142]

$$k_i = \sum_{j=1}^{d} (Б_{ij} : Б_{cj}) \Big/ d \qquad (2.10),$$

дар ин ҷо: $k_i$ - коэффитсиенти маънидории гурӯҳи i (нишондиҳандаи i) рақобатпазирии корхона:

i – рақами гурӯҳҳо (нишондиҳанда);

j – рақами коршинос;

d – миқдори коршиносон;

$Б_{ij}$ - холе, ки ба гурӯҳи i (нишондиҳандаи i) аз тарафи коршиноси j дода шудааст;

$Б_{cj}$ - ҳосили холҳое, ки аз тарафи коршиноси j ба тамоми гурӯҳҳо (ба ҳамаи нишондиҳандаҳо) дода шудааст.

Шумораи нишондиҳандаҳо ва гурӯҳи нишондиҳандаҳо аз вазифаҳое вобастаанд, ки асnoи муайянкунии рақобатпазирии корхона монда мешаванд, инчунин, аз хусусиятҳои фаъолияти он ва вазъи бозориаш нисбат ба рақибон ва дигар омилҳо вобаста мебошанд.

Марҳилаи 6. Муайянкунии нишондиҳандаҳои гурӯҳии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабуки муқоисашаванда. Пеш аз он ки ҳисобкунии нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирии корхонаҳоро гузаронем, зарур аст, ки нишондиҳандаҳои гурӯҳии рақобатпазириро мувофиқи формулаи зерин ҳисоб намоем (2.11):

$$П_i = \sum_{j=1}^{f} k_{ij} x_{ij} , \qquad (2.11)$$

дар ин ҷо: $k_{ij}$ - коэффитсиенти маънидории нишондиҳандаи $j$-ум дар гурӯҳи $i$ гурӯҳи нишондиҳандаҳои рақобатпазирии корхонаҳо, $\sum_{j=1}^{f} k_{ij} = 1$ ;

[142] Портер М.Е. Меры и программы по поддержке конкурентоспособности национальных производителей в США и Канаде [Текст] / М.Е. Портер // Внешняя торговля. - 2013. - №5. - С. 311.

$x_{ij}$ - j-нишондиҳандаи муътадилшудаи рақобатпазирии гурӯҳи і;

$f$ - шумораи нишондиҳандаҳо дар гурӯҳ.

Ба сифати нишондиҳандаи гурӯҳии рақобатпазирии корхона, бузургии миёнаи геометрии нишондиҳандаҳои алоҳидаро пешниҳод кардан мумкин аст. Ба манфиати истифодаи миёнаи геометрӣ далелҳои зеринро овардан мумкин аст.

Аввалан, зарб задани нишондиҳандаҳои алоҳида дар робита ба он ба амал бароварда мешавад, ки ҳамаи онҳо бо ҳам зич алоқаманданд ва ба инобат нагирифтани ҳадди ақалл яке аз онҳо барои нишондоди гурӯҳии рақобатпазирӣ ба баробарии сифр баробар аст, ки онро қисман муайян кардан ғайриимкон аст. Таърифи рақобатпазирӣ танҳо дар сурате маъно дорад, ки агар тамоми доираи омилҳо ба қадри кофӣ арзёбӣ карда шавад.[143]

Дуввум, тавре ки аз назарияи умумии омор бармеояд, миёнаи геометрӣ аз рӯи мундариҷа натиҷаи миёнаи дурусттаринро медиҳад, агар масъалагузорӣ пайдо кардани арзише бошад, ки сифатан ба арзишҳои ҳадди аксар ва ҳади ақҷал баробар бошад.

Аз ин рӯ, нишондиҳандаи гурӯҳии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук метавонад дар шакли зерин пешниҳод карда шавад :

$$\Pi_i = \sqrt[f]{\prod_{j=1}^{f} k_{ij} x_{ij}} \qquad (2.12)$$

Марҳилаи 7. Муайян кардани нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирии ҳар як корхонаи муқоисашаванда тибқи формулаи:

$$R_j = \sqrt{\sum_{i=1}^{l} \beta_i \left(1 - \Pi_{ij}\right)^2}, \quad \left(j = 1,2,...,m\right), \qquad (2.13)$$

дар ин ҷо: $R_j$ - нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирии корхонаи j;

[143] Шкардун В.Д. Методика иследования конкуренции на рынке [Текст] / В.Д. Шкардун, Т.М. Ахтямов // Маркетинг в России и за рубежом. – 2000. - №4. - С.46.

$\beta_i$ - коэффитсиенти маънидор будани гурӯҳи і-и нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ;

$П_{ij}$ - нишондиҳандаи гурӯҳии і-и рақобатпазирии корхонаи j.

Марҳилаи 8. Ояндабинии омилҳои асосии рақобатпазирӣ ва муайян намудани сатҳи пешгӯии рақобатпазирии корхонаҳои муқоисашаванда.

Марҳилаи 9. Рутбабандии корхонаҳо бо тартиби камшавандаи нишондиҳандаи интегралӣ (яъне афзоиши рақобатпазирӣ): $R_1 \geq R_2 \geq .... \geq R_m \geq R_{m+1}$, ки дар он шохисҳои 1,2, …m – рақамҳои нави афзалиятнокии корхонаҳо бо тартиби камшавии нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирии онҳо мебошад.

Марҳилаи 10. Гузаронидани таҳлили нишондиҳандаҳои алоҳида, гурӯҳӣ ва интегралии рақобатпазирии корхона.

Дар модели баррасишаванда яке аз масъалаҳои душвор ва принсипалӣ масъалаи муайян кардани нишондиҳандаҳои асосии тавсифоти рақобатпазирии корхона мебошад. Аз таҳлили асарҳои илмии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, ки рақобатпазириро меомӯзанд, як хулосаи муҳим бармеояд, ки ҳангоми чен кардани рақобатпазирии корхона омилҳое ба монанди мутобиқшавии корхона, бартариятҳои рақобатпазирии он ва натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ба назар гирифта шаванд. Ба ақидаи онҳо, мутобиқшавии корхона ва бартариятҳои рақобатпазирии он дар якҷоягӣ тарафҳои имконпазири рақобатпазирии корхонаро муаррифӣ мекунанд, ки дар шароити муайян метавонад, татбиқ нашуданаш низ мумкин аст. Дар айни замон, маҳз натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии корхона дастовардҳои воқеии соҳаи рақобатпазириро мустақиман инъикос мекунанд ва аз ин рӯ, онҳо бояд ба сифати яке аз хусусиятҳои он истифода шаванд.

Тавре маълум аст, чун қоида захираҳои зерин ба таркиби системаи истеҳсолӣ ( СИ ) -и ҳама гуна сатҳи зинанизом (иерархия) ҳамчун унсурҳои

он дохил карда мешаванд: сохтори техникӣ, технологӣ, кадрӣ, фазоӣ, иттилоотӣ, молиявӣ, ташкилии идоракунӣ. Принсипҳои асосии муайян кардани унсурҳои системаи истеҳсолӣ барои идоракунии стратегии он арзёбии имкониятҳои ба даст овардани ҳадафҳои стратегии системаи истеҳсолӣ мебошад, ки ҳангоми истифодаи ин унсури система пайдо мешаванд. Яъне, ҳамчун унсурҳои система на манбаъҳои моддӣ, балки бояд он имкониятҳо (захираҳои стратегии системаи истеҳсолӣ) барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии системаи истеҳсолӣ эътироф карда шаванд, ки ҳангоми истифодаи ин захираҳо кушода мешаванд. Қобилиятҳои интиҳоии захираҳои стратегии корхона потенсиали стратегии онро ташкил медиҳанд.

Рӯйхати тахминии ҷузъҳои таркибии потенсиали стратегӣ, ки корхона бояд дар асоси манбаъҳои мавҷуда, аз як тараф, ба талаби муҳити беруна посухи муносиб диҳад ва аз тарафи дигар, қобилияти интиҳоии худи захираҳоро доимо такмил ва тавсеа диҳад, дар ҷадвали 2.7 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.7 - Ҷузъҳои таркибии потенсиали стратегии корхонаҳои саноати сабук***

| ҶУЗЪҲОИ ТАРКИБИИ ПОТЕНСИАЛИ СТРАТЕГИИ КОРХОНА |
|---|
| 1. Қобилияти таҳлили макроиқтисодии вазъи кишвар ва хориҷи он |
| 2. Қобилияти саривақт маълум кардани эҳтиёҷот, ниёзҳо ва дархостҳои харидорони эҳтимолӣ |
| 3. Қобилияти таҳлили вазъи иқтисодии бозорҳои мол, ки ба самаранок, саривақтӣ ва босифат қонеъ намудани ниёзҳо, эҳтиёҷот ва талаботҳои ошкоршуда имкон медиҳад |
| 4. Қобилияти таҳлили бозори омилҳои истеҳсолот ва инчунин таҳлили фаъолияти гурӯҳи таъсироти стратегӣ |
| 5. Қобилияти пешниҳоди идеяҳои рақобатпазир дар соҳаи тарроҳӣ, технология ва ташкили истеҳсоли молҳое, ки дар бозорҳои мол талабот доранд |
| 6. Қобилияти татбиқи ғояҳои рақобатпазир дар истеҳсоли молҳо, пешбарии онҳо ба бозор, ташкили хидмати пас аз фурӯш |
| 7. Қобилияти таъмини мустақилияти корхона аз тағирёбии конъюнктураи бозорҳои молӣ, молиявӣ ва бозори олмиҳои истеҳсолӣ аз ҳисоби чандирии берунаи системаи истеҳсолӣ |

*Идомаи ҷадвали 2.7*

| ҶУЗЪҲОИ ТАРКИБИИ ПОТЕНСИАЛИ СТРАТЕГИИ КОРХОНА |
|---|
| 8. Қобилияти нигоҳ доштани мақоми рақобатпазирии корхона тавассути идоракунии маҷмӯаҳои стратегии минтақаҳои иқтисодӣ |
| 9. Қобилияти таъмин намудани чандирии дохилии системаи истеҳсолӣ тавассути муҷаҳҳаз кардани истеҳсолот бо василаи мутобиқгаштаи таҷҳизоти технологӣ ва таҷҳизоти дигар |
| 10. Қобилияти таъмин намудани чандирии дохилии системаи истеҳсолӣ тавассути истифодаи технологияи пурсамар дар истеҳсолот |
| 11. Қобилияти таъмин намудани чандирии дохилии системаи истеҳсолӣ тавассути ташаккули нерӯи кадрии мувофиқ ба тағйирёбии ҳадафҳо |
| 12. Қобилияти татбиқи тағйирот дар ҳалли меъморӣ ва банақшагирӣ, ки ба тағйирот дар ҳадафҳои системаи истеҳсолӣ мувофиқ аст |
| 13. Қобилияти таъмин намудани сатҳи рақобатпазирии молҳое, ки барои ба даст овардани мавқеи пешсафӣ дар бахшҳои хидматрасонӣ ва ояндадори бозор заруранд |
| 14. Имконияти таъмини иҷозати тавлиди молҳо дар ҳаҷми мувофиқи талабот ба онҳо дар бахшҳои дахлдори бозор, бо назардошти вазъи рақобатпазирии корхона ва ҳиссаи банақшагирифташудаи забти бозор |
| 15. Қобилияти таъмини самаранокии баланди корхона тавассути истифодаи оқилонаи имкониятҳои сармоягузории корхона |
| 16. Қобилияти таъмини таҳия ва татбиқи самарабахши барномаи стратегии рушди техникӣ ва иҷтимоии корхона |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҷузъҳои таркибии потенсиали стратегӣ дар якҷоягӣ бо захираҳои корхона маҷмуи захираҳои стратегии онро ташкил медиҳанд ва бояд дар робита ба ҳар як корхонаи мушаххас муайян карда шаванд.

Аз рӯйи моҳияти худ, потенсиали стратегӣ яке аз ҷузъҳои қобилияти потенсиалии корхона – мутобиқшавии онро муайян мекунад. Ҷузъи таркибии дуюми потенсиал - бартариятҳои рақобатӣ мебошад, ки мувофиқи М.Е. Портер ҳамчун муайянкунандаи бартарии рақобатпазирии кишвар тавсиф карда мешаванд.[144] Муайянкунандагон ҳамчун система муҳитеро ба вуҷуд меоранд, ки дар он корхонаҳои ин ё он кишвар фаъолият карда, инҳоро тавсиф мекунанд: мавҷудияти захираҳо ва малакаҳое, ки барои ба даст овардани бартарии рақобатпазирии корхона заруранд; иттилооте, ки муайян мекунад, ки оё имкониятҳои ба даст

[144] Портер М.Е. Международная конкуренция. Конкурентные преимущества стран [Текст] / М.Е. Портер. – Москва, 1993. – С.743.

овардани бартарияти рақобатӣ маълум карда ва истифода мешаванд ё не; самтҳои истифодаи захираҳо ва малакаҳои дар ихтиёри корхонабуда; ҳадафҳои корхона; нерӯҳое, ки корхонаро маҷбур мекунанд, ки ба соҳаи муайяни фаъолият сармоягузорӣ кунад ва ба таҷдиду азнавсозии худ машғул шавад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ҳангоми баҳодиҳии дараҷаи имконоти потенсиалии корхонаҳои саноати сабук (ДИПКСС) бояд ба назар гирифта шавад: аҳаммияти ҳар як муайянкунандаи бартарияти рақобатпазирии кишвар ва сохтори иқтидори стратегии корхона.

Ҳамчун асоси арзёбии ДИПКСС, мо коэффитсиенти таъминоти ҳар як унсури неруи стратегиро, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ дар марҳилаи муайяни давраи ҳаёт, ки корхона дар он марҳила қарор дорад, истифода мебаранд, бо захираҳои мушаххаси корхона қабул мекунем. Бо дарназардошти эроди охир, мо пешниҳод менамоем, ки ДИПКСС аз рӯйи пайдарпаии марҳилаҳои зерини ҳисоббарорӣ баҳо дода шавад.

Қадами 1. Нишондиҳандаҳои маҷмуи таъсири детерминантҳо барои ҳар як m- марҳилаи давраи зиндагии корхона $(МТД_m)$ва барои тамоми давра $\left(МТД\right)$, мутаносибан, мувофиқи формулаҳои зерин муайян карда мешаванд:

$$МТД_m = \sqrt[4]{\prod_{k=1}^{4}\left(\alpha_{km}Q_{km}\right)} \text{ и } МТД = \sqrt[5]{\prod_{m=1}^{5}МТД_m}, \qquad (2.14)$$

дар ин ҷо: $Q_{km}$ - таносуби шумораи омилҳои нисбат ба умум мусоидтар, ки бо детерминанти $k$ дар марҳилаи m-и давраи мавҷудияти корхона;

$\alpha_{km}$ - коэффитсиенти маънидории детерминанти $k$ дар марҳилаи m-и $\left(\sum_{k=1}^{5}\alpha_{km} = 1\right)$.

Қадами 2. Нишондиҳандаҳои $(РЭ_{jim})$ муайян карда мешаванд, ки

таъмин будани ҳар як унсури i-и потенциали стратегиро арзёбӣ мекунанд, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои ҳар як j-ум захира  дар ҳар як марҳилаи  m-и давраи мавҷудияти корхона истифода мешаванд, бо формулаҳои зерин ҳисоб карда мешаванд:

$$ЗУ_{jim} = КУ_{jim} КЗС_{jim}, \ (i = 1,2,...,s), \ (j = 1,2,...7), \ (m = 1,2,...5), \qquad (2.15)$$

дар ин ҷо: $КУ_{jim}$ - коэффитсиенти маънидории  захираи j-ум дар таъмини унсури i-и потенсиали стратегӣ дар марҳилаи  m-и давраи мавҷудияти корхона $\left(\sum_{j=1}^{7} КУ_{jim} = 1\right)$;

$КЗС_{jim}$ - коэффитсиенти таъмин будани унсури i-и потенсиали стратегӣ дар марҳилаи m-и давраи мавҷудияти корхона;

s – миқдори унсурҳои потенсиали стратегии корхона.

Қадами 3. Нишондиҳандаи таъмин будани $(ПС_{im})$ ҳар як унсури i-и потенсиали стратегӣ бо тамоми захираҳо дар ҳар як марҳилаи  m-и давраи мавҷудияти корхона бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$ПС_{im} = \sqrt[7]{\prod_{j=1}^{7} ЗУ_{jim}}, \ (i = 1,2,...,s), \ (m = 1,2,...5) \qquad (2.16)$$

Қадами 4. Нишондиҳандаи таъмин будани $(ТПС_{jm})$ тамоми потенсиали стратегӣ бо ҳар як захираи j-ум дар ҳар як марҳилаи m-и давраи мавҷудияти корхона бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$ТПС_{jm} = \sqrt[s]{\prod_{i=1}^{s} КЗУ_{im} ЗУ_{jim}}, \ (j = 1,2,...7), \ (m = 1,2,...5), \qquad (2.17)$$

Дар ин ҷо: $КЗУ_{im}$ - коэффитсиенти маънидории унсури i-и  потенциали стратегӣ дар ноилгардӣ ба ҳадафи стратегӣ дар марҳилаи m-и давраи мавҷудияти корхона $\left(\sum_{i=1}^{s} КЗУ_{im} = 1\right)$.

Қадами 5. Нишондиҳандаи таъмин будани тамоми потенсиали стратегӣ $(ТПС_j)$ бо ҳар як захираи j-ум дар тамоми давраи мавҷудияти

корхона бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$ТПС_j = \sqrt[5]{\prod_{m=1}^{5} ТПС_{jm}}, \ (j = 1,2,...7) \qquad (2.18)$$

Қадами 6. Нишондиҳандаи таъмин будани тамоми потенсиали стратегӣ бо ҳамаи захираҳо $(ТПС_m)$ дар ҳар як марҳилаи m-и давраи мавҷудияти корхона бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$ТПС_m = \sqrt[s]{\prod_{i=1}^{s} ПС_{im} \cdot КЗУ_{im}}, \ (m = 1,2,...5) \qquad (2.19)$$

Қадами 7. Нишондиҳандаи таъмин будани тамоми потенсиали стратегӣ бо ҳамаи захираҳо $(ТПС)$ дар тамоми давраи мавҷудияти корхона бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$ТПС = \sqrt[5]{\prod_{m=1}^{5} ТПС_m} \qquad (2.20)$$

Қадами 8. Баҳои ҷамъбастии $(ТПСДМ_m)$ ва $(ТПСДМ)$ марҳилаи m-и мавҷудияти ва дар тамоми давраи мавҷудияти корхона, мутаносибан бо формулаҳои зерин муайян карда мешаванд :

$$ТПСДМ_m = \sqrt{ТПС_m \cdot МТД_m} \text{ и } ТПСДМ = \sqrt{ТПС \cdot МТД}. \ (2.21)$$

Пайдарпаии пешниҳодшудаи ҳисобкунӣ ба шумо имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои арзёбии миқдориро ба даст орем ва имкониятҳои потенсиалии корхонаро ҳам барои тамоми давраи мавҷудиташ ва ҳам барои марҳилаи мушаххаси он таҳлил кунем.

Ҳангоми арзёбии омили дуюми рақобатпазирӣ - дараҷаи қонеъгардонии талаботи бозор, муайян кардан лозим аст, ки таҳти ин мафҳум чиро бояд дарк кард. Якум, бозор ба равиши худ ҳамеша ба миқдори муайяни молҳо талабот дорад. Сонияи, харидор ҳамчун субъекти бозор ҳадафи асосӣ - қонеъ кардани ниёзҳои худро тавассути хариди маҳсулоте, ки дорои хосиятҳои муайяни истеъмолӣ мебошад, ки рақобатпазирии онро тавсиф мекунанд, пайгирӣ мекунад. Маҳсулоти

харидашуда ҳангоми истифодабарӣ, аз як тараф, амалиётҳои функсионалии худро бо мақсади таъиншуда иҷро мекунад ва аз тарафи дигар, хосиятҳои муайяни сифатиро ошкор мекунад, ки метавонанд рақобатпазирии онро афзоиш диҳанд ё суст гардонанд. Ҳамин тариқ, истеҳсолкунандаи мол бояд ба бозор миқдори муайяни маҳсулоти рақобатпазирро бо хосиятҳои муайяни истеъмолӣ пешниҳод кунад, ки талаботи харидорро қонеъ гардонад.

Дар робита ба ин, зарурати интихоби чунин як нишондиҳандаи миқдорӣ ба миён меояд, ки дараҷаи қонеъгардонии талаботи бозорро арзёбӣ кунад, ки дар шакли таҳлилии худ андозаи бузургии ҳаҷм, инчунин параметрҳои тавсифкунандаи рақобатпазирии маҳсулот ва хосиятҳои истеъмолии онро дар бар мегиранд.

Ба андешаи мо, дараҷаи қонеъгардонии талаботи бозорро ё бо истифода аз нишондиҳандаи миқдори молҳои рақобатпазирии маҳсулоте, ки корхона дар бозор барои як давраи муайян фурӯхтааст, ё бо истифода аз нишондиҳандаи ҷамъбастии тағйирёбии дараҷаи қонеъгардонии талаботи бозор, ки дар асоси нишондиҳандаҳои инъикоскунандаи динамикаи ҳаҷми фурӯши маҳсулоти рақобатпазир баҳо додан мумкин аст.

Нишондиҳандаи рақобатпазирии анбуҳи молҳои $P_м$ барои корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти гуногун пешниҳод карда мешавад, ки ҳамчун бузургии миёнавазни нишондиҳандаҳои рақобатпазирии ҳар як маҳсулот аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда шаванд:

$$P_м = \sum_{i=1}^{p} \beta_i \cdot n_i \cdot I_{ni}, \quad (2.22)$$

Дар ин ҷо: $p$ – шумораи навъҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда;

$n_i$ - миқдори молҳои муқоисашавандаи навъи i-и фурӯхтаи корхона;

$\beta_i$ - коэффитсиенти маънидор будани навъи i-и мол дар рақобат дар

бозор;

$I_{ni}$ - нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирии моли навъи i.

Арзёбии миқдории рақобатпазирии маҳсулоти $I_n$ бо формулаи (2.23) ҳисоб карда мешавад,[145] ки сифати хизматрасонӣ ва сифати маҳсулотро ба назар мегирад, ки бо самараи муфиди он муайян карда мешавад:

$$I_H = \sum_{i=1}^{2} a_i H_i \,, \qquad (2.23)$$

Дар ин ҷо: $H_1$ - нишондиҳандаи самаранокии нисбии маҳсулот;

$H_2$ - нишондиҳандаи сифати хизматрасонӣ;

$a_i$ - коэффитсиентҳои вазнии ин нишондиҳандаҳо $\sum_{i=1}^{2} a_i = 1$.

Нишондиҳандаи самаранокии нисбии маҳсулотро $H_1$ бо формулаи (2.24) арзёбӣ мекунем[146]:

$$H_1 = (E/E_э)\cdot k \,, \; (2.24)$$

Дар ин ҷо: $E$ - самаранокии намунаи таҳлилшавандаи маҳсулот дар бозори мушаххас, воҳиди самараи муфид / воҳиди пулӣ;

$E_э$ - самаранокии намунаи беҳтарини пешсаф, ки дар бозори мазкур истифода бурда мешавад;

$k$ - коэффитсиенти тасҳеҳкунанда, ки бартариятҳои мушаххаси рақобатиро ба инобат мегирад.

Самаранокии маҳсулотро мо бо формулаи (2.25) ҳисоб мекунем:[147]

$$E = M/X \,, \; (2.25)$$

Дар ин ҷо: $M$ - самараи муфиди маҳсулот дар муҳлати муқарраршудаи истифодабарии он дар шароити бозори мушаххас, воҳиди

---

145 Портер М.Е. Меры и программы по поддержке конкурентоспособности национальных производителей в США и Канаде [Текст] / М.Е. Портер // Внешняя торговля. - 2013. - №5. - С. 44-57.

146 Ҳамон ҷо.

147 Ҳамон ҷо.

самараи муфид;

$X$ - маҷмуи хароҷот барои давраи мавҷудияти объект дар шароити бозори мушаххас, воҳиди пулӣ.

Хароҷоти комили истеъмолкунанда барои давраи мавҷудияти маҳсулот аз рӯйи моли муқоисашаванда $(X)$ ва аз рӯйи «моли пешсаф» $(X_0)$ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешаванд:

$$X = X_{мс} + X_{м.КИТТК} + X_{ТТТИ} + X_{ист} + X_{ТМ} + X_{хизм} + \sum_{t=1}^{T} X_{истиф} \pm X_{барх} ,$$

(2.26)

Дар ин ҷо: $X_{мс}$ - хароҷот барои маркетинги стратегӣ;

$X_{м.КИТТК}$ - арзиши харҷномавии таҳқиқоти маркетингӣ, КИТТК;

$X_{ТТТИ}$ - арзиши харҷномавии тайёрии ташкилӣ-технологии истеҳсоли маҳсулоти нав;

$X_{ист}$ - хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот (бидуни истеҳлоки хароҷоти қаблӣ);

$X_{ТМ}$ - хароҷот барои татбиқи маҳсулот дар истеъмолкунанда (хароҷоти нақлиёт, арзиши харҷномавии корҳои сохтмонӣ-васлкунӣ ва ба истифодадиҳӣ);

$X_{хизм}$ - хароҷот барои хизматрасонӣ;

Т – муҳлати меъёрии хизмати маҳсулот (барои маҳсулоти таъиноти саноатидошта ба давраи истеҳсолӣ баробар аст);

$X_{истиф}$ - хароҷот барои истифодабарӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири маҳсулот дар соли t (бидуни истеҳлоки хароҷоти қаблӣ);

$X_{барх}$ - хароҷот барои барҳамдиҳӣ ва аз байн бурдани унсурҳои фондҳои асосии истеҳсолӣ (аз ҷумла худи маҳсулотро низ), ки дар робита ба ҷорӣ намудани маҳсулоти нав ба миён меоянд. Агар ин хароҷот аз даромади ҷорӣ намудани унсурҳои фондҳо камтар бошад, пас дар формулаи (2.26) онҳо бояд бо аломати тарҳ (-) ва агар зиёд бошанд, пас

бо аломати ҷамъ +) ифода шаванд.

Самараи муфиди маҳсулотро бо формулаи (2.27) муайян мекунем:

$$M = \sum_{i=1}^{T} M_c \cdot \Phi_c \cdot K_1 \cdot K_2 \cdots K_9, \quad (2.27)$$

Дар ин ҷо: Т - муҳлати меъёрии хизмати маҳсулот, сол;

$M_c$ - маҳсулнокии шиносномавии маҳсулот дар як соат;

$\Phi_c$ - фонди солонаи вақти хизмати маҳсулот;

$K_1$ - коэффитсиенти аз кор намондан;

$K_2$ - коэффитсиенти таъмирталабӣ;

$K_3$ - коэффитсиенти бақо;

$K_4$ - коэффитсиенти экологӣ будан;

$K_5$ - коэффитсиенти эргономикӣ;

$K_6$ - коэффитсиенти эстетикӣ (ороиш);

$K_7$ - коэффитсиенти технологӣ;

$K_8$ - коэффитсиенти стандартизатсия ва ягонасозӣ (коэффитсиенти стандартизатсияи объект);

$K_9$ - коэффитсиенти мувофиқат ва ҳамдигарро ивазкунӣ.

Коэффитсиентҳои $K_1, K_2, ..., K_9$ номувофиқатии нишондиҳандаҳои сифатро бо талаботи истеъмолкунанда, зиёновар будани иҷроиши онҳо, сатҳи пасти ташкили истифодабарӣ ва таъмири маҳсулотро ифода мекунанд ва самараи муфиди онро коҳиш медиҳанд.

Коэффитсиенти таъмирталабӣ бо коэффитсиенти тайёр будан арзёбӣ мешавад, ки онро бо формулаи зерин ҳисоб мекунанд:

$$K_2 = T_0/(T_0 + T_в), \quad (2.28)$$

Дар ин ҷо: $T_0$ - кори миёна ба корношоямшавии объекти

барқароршаванда, соат;

$T_в$ - вақти миёнаи барқарор кардани объект баъди аз кор баромаданаш, соат.

Нишондиҳандаи интегралии сифати хизмастрасонии маҳсулотро пешниҳод мекунем, ки аз рӯйи формулаи (2.29) ҳисоб карда шавад:

$$П_2 = \sum_{i=1}^{n} в_i Пс_i \quad (2.29)$$

Дар ин ҷо: n – миқдори нишондиҳандаҳои хусусии сифати хизматрасонии маҳсулот;

$в_i$ - коэффитсиенти вазнии нишондиҳандаи i-и сифат, $\sum_{i=1}^{n} в_i = 1$;

$Пс_i$ - қимати нишондиҳандаи хусусии i-и сифати хизматрасонии маҳсулот нисбат ба маҳсулоти намуна.

Нишондиҳандаҳои зерин ҳамчун нишондиҳандаҳои сифати хидмати маҳсулот ба ҳисоб меравaнд: сифат (эътимоднокӣ, бовиҷдон будан, боинсофӣ) таблиғ, холҳо; муҳлати кафолатноки хизматрасонии техникии маҳсулот, сол; сифати тамғагузорӣ ва бастабандии молҳо, холҳо; коэффитсиенти пуррагӣ, эътимоднокӣ ва сифати ҳуҷҷатҳои барасмиятдарорӣ, ҳиссаи воҳид; симои тамғаи тиҷоратӣ ва маркази савдо, холҳо; сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон, холҳо; меҳнатталабии ба кор омода кардани молҳо, меъёр / соат; сифати хизматрасонӣ ба муштариён пас аз фурӯш, холҳо.

Нишондиҳандаи ҷамъбастии тағйирёбии дараҷаи қонеъгардонии талаботи бозорро $(I_{утр})$ бо истифодаи формулаи зерин нишон додан мумкин аст:

$$I_{утр} = \sqrt{I_{обп} \cdot IK_{кс}} \quad (2.30)$$

Дар ин ҷо: $I_{обп}$ - индекси тағйирёбии ҳаҷми фурӯш, ки ба $I_{обп} = P_к / P_н$ баробар аст;

$P_н$, $P_к$ - ҳаҷми фурӯш дар оғоз ва анҷоми давра;

$IK_{кс}$ - индекси тағйирёбии рақобатпазирии маҳсулот, ки ба $IK_{кс} = I_{кск} / I_{ксн}$ баробар аст;

$IK_{кск}$, $IK_{ксн}$ - рақобатпазирии маҳсулот мутаносибан дар оғоз ва анҷоми давра.

Ҳангоми арзёбии натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ аз принсипи асосӣ - рақобатпазирӣ сар кардан даркор аст, ки самаранокии истифодаи захираҳоро инъикос мекунад. Бо дарназардошти он, метавон гуфт, ки барои таъмини рақобатпазирӣ, корхона бояд доимо дар бораи истифодаи мукаммалтарин ва самараноктарини захираҳои дар ихтиёрдошта ғамхорӣ кунад. Дар робита ба ин, муаммои интихоби меъёрҳои самаранокии истифодаи захираҳои корхона ба миён меояд. Ҳосилнокии истифодаи захираҳо даромаднокии зиёдтарин, натиҷаи аз ҳама калонро барои воҳиди умумии захираҳо дар ихтиёри корхона пешбинӣ мекунад. Агар фаъолияти корхона бо ба даст овардани фоида алоқаманд бошад ва захираҳои умумӣ бо ҳисоби пулӣ ҳисоб карда шаванд, пас ҳосилнокиро бо нишондиҳандаҳои даромаднокии истеҳсолот пешниҳод кардан мумкин аст.

Аз ҷиҳати назариявӣ нишондиҳандаи комплексии ҳосилнокии истифодаи захираҳои корхона $I_p$, ки аз ҷумла як қатор нишондиҳандаҳои хусусиро $PR_j$ (нисбат ба намуна) дар бар мегирад, ки бо формулаи зерин ҳисоб карда мешаванд:

$$I_p = \sum_{j=1}^{k} \gamma_j \cdot PR_j \quad , \qquad (2.31)$$

Дар ин ҷо: $\gamma_j$ - коэффитсиенти маънидор будани нишондиҳандаи j-и маҳсулнокӣ;

k – миқдори нишондиҳандаҳои маҳсулнокӣ.

Ғайр аз ин, дар ин кор пешниҳод карда мешавад, ки ба натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ нишондиҳандаҳои вазъи молиявии корхонаро мансуб намоем, ки нишондиҳандаи комплексии он бо формулаи (2.32) ҳисоб карда мешавад:

$$B_{м} = \sum_{m=1}^{k} \mu_m \cdot Pf_m \text{, (2.32)}$$

Дар ин ҷо: $\mu_m$ - коэффитсиенти маънидор будани нишондиҳандаи m-и вазъи молиявии корхона;

k – миқдори нишондиҳандаҳо;

$Pf_m$ - қимати нишондиҳандаи хусусии m-и вазъи молиявӣ нисбат ба намуна.

Нишондиҳандаи натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои саноати сабук бо формулаи (2.33) ҳисоб карда мешавад:

$$Rx = \delta_1 \cdot B_{м} + \delta_2 \cdot I_p \text{, (2.33)}$$

Дар ин ҷо: $\delta_i$ - коэффитсиентҳои вазнии нишондиҳандаҳои вазъи молиявии корхона ва маҳсулнокии истифодабарии захираҳо.

Нишондиҳандаҳои $K_{м}$, $I_{утр}$ ва $Rx$-ро метавон ҳам дар тамоми тӯли давраи мавҷудияти корхона ва ҳам дар дилхоҳ марҳилаи дохилии он, ки корхона қарор дорад, ҳисоб кард.

Дар системаи идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, масъалаи тақсимоти оптималии захираҳои маҳдуди молиявӣ бо мақсади беҳтар намудани омилҳои рақобатпазирии корхона ва дар натиҷа, баланд бардоштани рақобатпазирии худи корхона, масъалаи хеле мубрам ва таъхирнопазир мансуб меёбад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда мешавад, ки тамоми захираҳои корхонае, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии он равона карда шудаанд, бо баробарарзиши пулӣ баҳогузорӣ карда шаванд. Меъёри беҳтарсозии тақсимоти маблағҳои пулии ҷудошуда ин кам кардани фарқи байни нишондиҳандаи интегралии

рақобатпазирии корхона мебошад, ки дар натиҷаи аз нав тақсим кардани маблағҳо ва нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирии корхонаи намунавӣ ба даст оварда шудааст. Функсияи то ба ҳадди ақҷал камшуда ҳамчун функсияи хароҷоти молиявӣ ба ҳисоб меравад, ки ба баланд бардоштани сатҳи омилҳои рақобатпазирии корхона равона карда шудааст.

Модели иқтисоди-роиёзии тақсимоти оптималии захираҳои молиявӣ, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ҷудо карда шудаанд, шакли зерин дорад:

$$\left(\sqrt{\sum_{i=1}^{n}\left(R_i\left(f_i\right)\right)^2}-R_э\right)\to \min_{f_1,f_2,\ldots,f_n} \qquad (2.34)$$

бо шарти маҳдуд будани захираҳои молиявии корхона

$$\sum_{i=1}^{n} f_i \le F,\quad f_i \ge 0,\quad (i=1,2,\ldots n), \qquad (2.35)$$

Дар ин ҷо: n – миқдори омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирии корхона;

$f_i$ - ҳаҷми хароҷоти молиявие, ки ба беҳтарсозии дараҷаи омили i-и рақобатпазирии корхона;

$R_i\left(f_i\right)$ - дараҷаи омили $i$-и рақобатпазирии корхона ҳамчун функсияи хароҷоти молиявӣ;

$R_э$ - нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирии корхонаи намунавӣ, ки нисбат ба он муносибгардонӣ гузаронида мешавад;

$F$ - ҳаҷми воситаҳои молиявие, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии корхона равона карда мешаванд.

Дараҷаи омилҳои $R_i$ $i$-и рақобатпазирии корхонаро пешниҳод мешавад, ки мувофиқи формулаҳои (2.9)-(2.12) ҳисоб карда бароем:[148]

$$R_i = k_i\left(1-x_i\right), \qquad (2.36)$$

[148] Захарченко В.И. Оценка и анализ конкурентоспособности предприятий [Текст] / В.И. Захарченко // Машиностроитель. - 2001. - №11. - С. 13-17.

Дар ин ҷо: $k_i$ - коэффитсиенти вазнии і-омили $(i = 1,2,...n)$ рақобатпазирии корхона;

$x_i$ - дар лаҳзаи ҳозири вақт дараҷаи амалан мавҷудбудаи омили і-и рақобатпазирии корхона.

Дар модели баррасишаванда ба сифати омилҳои рақобатпазирии корхона гурӯҳҳои зерини нишондиҳандаҳо пешниҳод карда мешаванд:

1) имкониятҳои потенсиалии корхона (формулаҳои (2.14 - 2.21));

2) дараҷаи қонеъгардонии талаботи бозор (формулаҳои (2.22-2.30));

3) натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ (формулаҳои (2.31-2.33)).

Асоси ин модел фарзия дар бораи вобастагии функсионалии маблағҳои аз ҷониби корхона гузошташуда бо мақсади баланд бардоштани сатҳи омилҳои рақобатпазирии корхона ва фоизи тағйирёбии ин сатҳҳо мебошад. Аз ҷумла, таҳқиқоти муаллиф оид ба динамикаи сатҳи омилҳои рақобатпазирии корхонаи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» дар солҳои 2015-2020 нишон дод, ки байни хароҷоти молиявӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи омилҳои баррасишавандаи рақобатпазирӣ ва афзоиши фоизи ин сатҳҳо равона карда шудааст, вобастагии мураббаи (квадратии) функсионалӣ мавҷуд аст:

$$f_i(P_i) = \alpha_i P_i^2, \qquad (2.37)$$

Дар ин ҷо: $\alpha_i$ - коэффитсиенти мутаносибӣ;

$P_i$ - бузургии фоизе, ки ба ҳамон андоза қимати сатҳи омили і-и рақобатпазирӣ зиёд мегардад.

Ҳамин тавр, аз формулаи (2.37) чунин бармеояд, ки:

$$P_i(f_i) = \sqrt{f_i/\alpha_i} \qquad (2.38)$$

Дар ин ҷо: $P_i(f_i)$ - бузургии фоизе (ҳамчун функсияи хароҷоти молиявӣ), ки ба ҳамон андоза қимати сатҳи омили і-и рақобатпазирии корхона баланд мегардад.

Аз маънои иқтисодии омилҳои пешниҳодшуда чунин бармеояд, ки

беҳтарсозии сатҳи онҳо аз афзоиши онҳо вобаста аст. Пас, бо дарназардошти эроди мазкур ва формулаи (2.36), қимати нави сатҳи омили i-и рақобатпазирии корхона дар натиҷаи гузоштани маблағҳои молиявӣ ба миқдори $f_i$ чунин шаклро мегирад:

$$R_i = k_i\left(1-\left(1+\frac{P_i(f_i)}{100}\right)x_i\right), \qquad (2.39)$$

Пас аз иваз кардани (2.38) ба (2.39), мо инро ба даст меорем:

$$R_i = k_i\left(1-\left(1+\frac{\sqrt{f_i/\alpha_i}}{100}\right)x_i\right), \qquad (2.40)$$

Ниҳоят, бо дарназардошти (2.40), модели пешниҳодшудаи оптимизатсионии тақсимоти захираҳои молиявӣ (2.34) - (2.35) шакли (2.41) - (2.41) -ро мегирад:

$$\left(\sqrt{\sum_{i=1}^{n} k_i\left(1-\left(1+\frac{\sqrt{f_i/\alpha_i}}{100}\right)x_i\right)^2} - R_э\right) \to \min_{f_1, f_2, \dots f_n}, \qquad (2.41)$$

$$\sum_{i=1}^{n} f_i \le F, \quad f_i \ge 0, \quad (i = 1,2,\dots n), \qquad (2.42)$$

Татбиқи моделҳои (2.41) - (2.42) ба корхона имкон медиҳад, ки эътибору асоснокии қарорҳои идоракунии вобаста ба истифодаи оптималии захираҳои маҳдуди истеҳсолот қабулшударо баланд бардорад, то ки дар ниҳояти кор рақобатпазирӣ баланд бардошта шавад.

Ҳамин тариқ, модели иқтисодӣ-риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук имкон медиҳад, ки ояндабинии имкониятҳои потенсиалии корхонаҳои саноати сабук амалӣ карда шуда, дар заминаи он ба даст овардани натиҷаи мусбии интизоршаванда ҳамеша имконпазир аст.

## ХУЛОСА ОИД БА БОБИ 2

1. Ташаккули иқтисодиёти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои рушди самараноки саноат дар шароити кунунӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Чунон ки маълум аст, намудҳо, шаклҳо

ва усулҳои ташкили истеҳсолот муҳимтарин категорияҳое мебошанд, ки ташкили истеҳсолотро муайян мекунанд. Сарфи назар аз ҳалли бисьёр проблемаҳои назариявӣ ва методологӣ, дар айни замон проблемаҳои ташаккул додан ва ба амал татбиқ намудани механизми рушди самараи ташкили системахои истеҳсолот дар пажуҳишоти илмӣ ва методии адабиёти ватанӣ инъикос наёфтаанд. Тадқиқотҳои гузарондашуда масъалаҳои методологияи ягонаи баҳодиҳии самараи ташкили системаҳои истеҳсолотро дарбар намегиранд.

2. Таҳлилҳои гузаронида шуда нишон медиҳанд, ки шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилоят тамоюли афзоиш дошта, миқдори онҳо дар давраи таҳқиқотӣ аз 565 адад ба 619 адад расид, ки суръати афзоиши он 109,6 %-ро ташкил медиҳад. Шумораи корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан низ тамоюли афзоиш дошта, миқдори онҳо дар давраи таҳқиқотӣ аз 88 адад ба 93 адад расид. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар давраи таҳқиқотӣ ба андозаи 193,1 % афзуд. Ҳамзамон ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷи маъдан ба 210,9 % афзудааст. Ҳосилнокии меҳнати коркунони истеҳсолоти саноатӣ ва саноати истихроҷи маъдан ба андозаҳои 183,8 ва 287,6 афзуданд.

3. Дар сохтори саноати истихроҷи маъдани вилояти Хатлон мавқеи асосиро саноати истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ ишғол менамояд ва ҳиссаи он дар соли 2020-ум 93,3 %-ро ташкил медиҳад. Ҳамзамон ҳаминро бояд таъкид кард, ки агар ҳиссаи истихроҷи маводҳои энергетикӣ дар давраи таҳқиқотӣ аз 2.3 % ба 6,7 % афзуда бошад, ҳиссаи истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ аз 97.7 % ба 93.3 % ё 4.4 пункти фоизӣ кам шудааст. Ҳамзамон, дар сохтори соҳаҳои саноати вилояти Хатлон мавқеи муҳимро саноати коркард ишғол менамояд ва таҳлили ҳаматарафаи он аз манфиат холӣ нест. Дар сохтори саноати коркарди вилояти Хатлон мавқеи асосиро истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дузандагӣ истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол (37,3 %), истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ (31,81 %) ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку

(24,85%) ишғол менамояд. Ҳамзамон ҳаминро бояд таъкид кард, ки истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, дузандагӣ, истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм, истеҳсоли пойафзол ва истеҳсоли маснуоти резинӣ, пластмассӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ тамоюли афзоиш дошта, истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку тамоюли пастшавӣ дорад.

4. Дар шароити муосири бозорӣ, дилхоҳ корхона бо кумаки имконоти потенсиалии худ бояд аз як тараф, барои баланд бардоштани натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории худ, аз тарафи дигар бошад, барои қонеъ гардонидани талаботи бозор саъй намояд. Аз ин рӯ, ба назар табиӣ менамояд, ки рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук бо се омили асосии зерин: имкониятҳои потенсиалии корхона, дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи бозор бо маҳсулоти рақобатпазир ва натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории он муайян карда шавад.

5. Мушкилоти асосииояндабинии имкониятҳои потенсиалии корхонаҳои саноати сабук дар асоси усулҳои экспертӣ дар як проблемаи умумие реша дорад, ки бо таҳқиқоти илмии хориҷӣ ва ватанӣ пурра ҳал нашудааст ва аз он иборат аст, ки арзёбиҳои коршиносон субъективӣ мебошанд ва дар заминаи онҳо ба даст овардани натиҷаи мусбии интизоршаванда на ҳамеша имконпазир аст. Масалан, сохтори сохташуда оид баояндабинӣ бинобар номувофиқатии ихтисоси иҷрокунандагон бо мураккабии вазъияти воқеӣ метавонад аз уҳдаи вазифаҳои дар наздаш гузошташуда набарояд. Аммо, агар ҳангоми ташкили гурӯҳ оид баояндабинӣ яке аз сохторҳои идоракунии мутобиқшавӣ, аз ҷумла, матритса истифода шавад, он вақт ин мушкилот метавонад самаранок бартараф карда шавад.

6. Омӯзиши рақобатпазирӣ баҳодиҳии миқдории он ва истифодаи натиҷаҳоро дар ташаккули стратегияи корхона дар шароити рақобати бозор талаб мекунад. Дар ин зербоб модели баҳодиҳии сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук баррасӣ шудааст, ки дар асоси

гурӯҳи нишондиҳандаҳои онро тавсифкунандаи: имкониятҳои потенсиалии он; сатҳи қонеъгардонии талаботи бозор; натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, сохта шудааст. Ин моделро барои гузаронидани таҳлили рақобатпазирии субъектҳои бозор бо мақсади муайян кардани номутаносибиҳо дар байни имкониятҳои потенсиалӣ ва натиҷаҳои фаъолияти он, инчунин, таҳияи чораҳои ташкилию иқтисодӣ барои бартараф кардани ин нобаробарӣ истифода бурдан мумкин аст.

7. Ҳангоми арзёбии натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ аз принсипи асосӣ - рақобатпазирӣ сар кардан даркор аст, ки самаранокии истифодаи захираҳоро инъикос мекунад. Бо дарназардошти он, метавон гуфт, ки барои таъмини рақобатпазирӣ, корхона бояд доимо дар бораи истифодаи мукаммалтарин ва самараноктарини захираҳои дар ихтиёрдошта ғамхорӣ кунад. Дар робита ба ин, муаммои интихоби меъёрҳои самаранокии истифодаи захираҳои корхона ба миён меояд. Ҳосилнокии истифодаи захираҳо даромаднокии зиёдтарин, натиҷаи аз ҳама калонро барои воҳиди умумии захираҳо дар ихтиёри корхона пешбинӣ мекунад. Агар фаъолияти корхона бо ба даст овардани фоида алоқаманд бошад ва захираҳои умумӣ бо ҳисоби пулӣ ҳисоб карда шаванд, пас ҳосилнокиро бо нишондиҳандаҳои даромаднокии истеҳсолот пешниҳод кардан мумкин аст.

# БОБИ III. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ИДОРАКУНИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ САБУКИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Такмили механизми таъмини иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар асоси консепсияи маркетингӣ

Вақтҳои охир мушкилоте, ки ҳангоми таҳлили роҳҳои алтернативӣ дар раванди идоракунии иншооти мураккаби истеҳсолӣ ба миён меоянд, махсусан мубрам гардидаанд. Амалия нишон медиҳад, ки хароҷот барои ба роҳ мондани фаъолияти идоракунӣ мунтазам меафзояд ва оқибатҳои қарорҳои номуваффақ торафт эҳсосшаванда мебошанд. Муносибатҳои муосири бозорӣ, ки ба фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо таъсир мерасонанд, зарурати ҳалли мушкилоти вобаста ба баланд бардоштани сифати идоракунии рақобатпазирии корхонаро таъкид менамоянд.

Дар шароити бозор, барои ташкили идоракунии самарабахши рақобатпазирӣ корхонаҳои саноати сабук, акнун танҳо ақли солим ва таҷрибаи роҳбарон кофӣ набуда, балки ҷалби воситаҳои муосири таҳлили миқдори зиёди иттилоот, моделсозӣ ва компютерикунонии равандҳои идоракунӣ дар миқёси васеъ зарур аст. Ташкили идоракунии рақобатпазирӣ бояд на танҳо ба афзоиши фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона ва ҳавасмандгардонии сарфаи тамоми намудҳои захираҳо дар асоси истифодаи самараноки онҳо нигаронида шуда бошад, балки бояд ба қонеъ гардонидани талаботи афзояндаи харидорони маҳсулот мусоидат намояд.

Чуноне ки маълум аст, масъалаи идоракунии рақобатпазирӣ яке аз вазифаҳои асосии таҳқиқоти маркетингӣ дар корхона мебошад. Бинобар ин, таъминоти иттилоотии идоракунии рақобатпазирӣ бояд ба талаботҳои умумӣ оид ба таъминоти иттилоотии таҳқиқоти маркетингӣ ва принсипҳои умумии тарроҳии системаи иттилоотии корхона ҷавобгӯ бошад.

Қабули қарор дар маркетинг ба равандҳои идоракунӣ асос ёфтааст, ки дар асл равандҳои иттилоотӣ мебошанд. Бинобар ин, дурустӣ ва

арзишмандии қарорҳои идоракунӣ бештар аз таъминоти иттилоотӣ вобаста аст. Муҳаққиқони муосир[149] дар таҳқиқоти худ марҳилаҳои асосии раванди идоракуниро нишон додаанд. Дар муҳити босуръати тағйирёбандаи бозор, равандҳои қабули қарорҳо бояд қобилиятҳои мутобиқшавӣ дошта бошанд. Бо назардошти ин эрод, таърифи зерини марҳилаи охирини идоракунӣ пешниҳод карда мешавад - «Назорат аз болои иҷро, ташакули фаъолият, тасҳеҳи параметрҳои объекти идоракунӣ». Марҳилаҳои раванди идоракунӣ дар расми 3.1 нишон дода шудаанд.




**Расми 3.1 – Марҳилаҳои идоракунии корхонаҳои саноати сабук**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Гузаронидани таҳқиқот бидуни ҷамъоварӣ ва омӯзиши миқдори зиёди иттилооти мувофиқ нест. Чунин мешуморанд, ки таркиби қарори дуруст бояд аз инҳо иборат бошад: 90% иттилоот ва 10% илҳом.[150]

Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки айни замон дар Тоҷикистон кори дурусти таҳқиқотӣ, баҳогузорӣ ва ояндабинии рақобатпазирии

---

149 Вигдорчик Е. Пути повышения конкурентоспособности предприятий [Текст] / Е. Вигдорчик, А. Нещадин, И. Липсиц // Экономист. - 1998. - №11. - С. 158.

150 Герчикова И.Н. Менеджмент [Текст] / И.Н. Герчикова. - М.: ЮНИТИ, 2012. – С. 143.

корхонаҳо ба роҳ монда нашудааст, зеро таҳқиқоти маркетингӣ дар аксарияти корхонаҳо тақрибан гузаронида намешавад.

Хизматрасониҳои маркетингӣ, ки дар корхонаҳо ташаккул меёбанд, аз ҷиҳати таркиб, сохтор, ҳамкорӣ бо дигар шуъбаҳо ва муҳити беруна ва инчунин дар вазифаҳое, ки иҷро мекунанд, он қадар ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Онҳо аз сабаби набудани тайёрии мутахассисони дахлдор ва набудани таъминоти иттилоотию методӣ ва техникии зарурӣ наметавонанд чунин корҳоро дар сатҳи зарурӣ анҷом диҳанд.

Вазифаи аввалиндараҷаи таҳқиқоти маркетингӣ ташкили системаи иттилооти маркетингӣ ( СИМ ) мебошад, ки имкон медиҳад: фавран ва оқилона иттилоот коркард карда шавад; он ба миқдори зарурӣ, дар нуқтаи зарурӣ ва дар вақти зарурӣ дуруст равона карда шавад; сарчашмаҳои иттилоот ва ҳуқуқҳои корбарон дар ҳар сатҳ ба таври возеҳ муайян карда шаванд. Масъалаҳои таҳқиқоти СИМ ба таври васеъ дар асарҳои олимони иқтисоддон баррасӣ карда мешаванд.[151] Бо дарназардошти дараҷаи баланди ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисоди ҷаҳонӣ, мо пешниҳод менамоем, ки таъсири муҳити берунаи маркетинг аз рӯи омили «Ҳодисаҳои муҳими сатҳи глобалӣ, макро ва микро» тавсиф карда шавад.

Ҳар гуна таҳқиқот, пеш аз ҳама, аз маълум кардани иттилооти зарурӣ оғоз меёбад. Барои ба низом даровардани он таснифоти мухталиф истифода мешаванд.[152] Аммо, муҳтавои таҳқиқот мушаххас кардани онро мутобиқи мавзуъ, объект, ҳайати кормандон, мавҷудияти захираҳои

---

[151] Воронкова А.Э. Стратегическое управление конкурентоспособным потенциалом предприятия: диагностика и организация [Текст]: монография / А.Э. Воронкова. - Луганск: Изд-во Восточно-украинского национального университета, 2000. – 315 с.; Воронов А.А. К оценке уровня конкурентоспособности машиностроительных предприятий [Текст] / А.А. Воронов // Машиностроитель. - 2000. - №12. С. 27-29.; Конкуренция: проблемы формирования в переходной экономике [Текст] / А. Гайворонский // Бизнес информ. - 2012. - №3. – С. 25-28; Филатов О.К. Проблемы повышения уровня конкурентоспособности продукции предприятий [Текст] / О.К. Филатов // Пищевая промышленность. - 2014. - №3. – С. 56-61.

[152] Бобрышев Д.К. Конкурентоспособность – стратегическая цель фирмы [Текст] / Д.К. Бобрышев. - Ч.1. – Н.Новгород, 2015. – С.158-160.

молиявӣ, имкониятҳои техникӣ, вақти татбиқи лоиҳа ва ғайра тақозо мекунад. Иҷрои босифати функсияҳои идоракунӣ дар сурате имконпазир мебошад, ки агар: маълумот дар бораи объекти идорашаванда ва муҳити берунии он; иншооти намоиши иттилоот; робитаҳо байни амалҳои корбар ва аксуламали объект ба ин амалҳо; имкони татбиқи бешубҳаи амали назоратӣ; алоқа ва ҳадафҳои идоракунӣ мавҷуд ва муҳайё бошанд. Иҷрои ин шартҳо ҳангоми таҳияи СИМ зарурати тарроҳии интерфейси баландсифати рақобатпазирии корхонаҳои саноатиро муайян мекунад. Шарти муҳимми муайян кардани унсурҳои СИМ зарурати пурра қонеъ гардонидани талаботи иттилоотии корбар барои қабули қарорҳои оқилона мебошад. Аз нуқтаи назари технологияи коркарди маълумот, мақсади системаи иттилоотӣ ҳамчун маҷмуи равандҳои ташаккули паёмҳои аввалия (ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, интиқоли маълумот), тағйирёбии онҳо, интихоб ва расонидани иттилоот ба корбарони тамоми сатҳҳои идоракунӣ муайян карда мешавад.

Коркарди системаи иттилооти маркетингӣ се марҳиларо дар бар мегирад: таҳияи методологияи ҷамъоварии маълумоти зарурӣ дар бораи объект ё раванди таҳқиқшаванда; ташкили анбуҳи иттилоотӣ; табдили маълумоти дар он буда мутобиқи барномаи таҳқиқот.

Системаи ҳисоботдиҳии дохилӣ маълумотҳоеро дар бар мегирад, ки дар корхона дар шакли баҳисобгирии муҳосибӣ ва оморӣ, истеҳсолоти фаврӣ ва иттилооти илмӣ-техникӣ ба вуҷуд меоянд (ниг. расми 3.2).

Системаи назорати маркетингӣ маълумотро дар бораи вазъи муҳити берунии корхона муттаҳид мекунад: дар бораи бозор ва инфрасохтори он; дар бораи рафтори харидорон, таъминкунандагон ва рақибон; дар бораи чораҳои танзими давлатии механизмҳои бозор; дар бораи қурби асъор; дар бораи саҳмияҳои бозори корхона ва рақибони он ва ғайра. Ин маълумот дар матбуоти даврӣ ва нашрияҳои махсус, маҷмуаҳои оморӣ, пурсишҳои бозории ташкилотҳои илмии тиҷоратӣ ҷамъ оварда

мешаванд. Онҳоро инчунин, мутахассисони соҳаи маркетинг тавассути иштирок дар намоишгоҳҳо ва конфронсҳо, зимни гуфтушунидҳо ва вохӯриҳои корӣ ҷамъ меоранд.




**Расми 3.2 - Сохтори системаи иттилоотии дохилӣ дар корхонахои саноати сабук ***

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Муҳити берунаи маркетинг ба муҳити таъсири мустақим ва ғайримустақим тақсим карда мешавад. Долинская М.Г. ва дигарон дар таҳқиқоти худ сохтори муҳити берунии маркетингро нишон додаанд.[153] Мо ба ҷои омили «Рӯйдодҳои байналмилалӣ»-и муҳити маркетинги ғайримустақим, омили васеътари «Ҳодисаҳои сатҳи глобалӣ, макро

[153] Долинская М.Г. Маркетинг и конкурентоспособность промышленной продукции [Текст] / М.Г. Долинская, И.А. Соловьев. – М.: Изд-во стандартов, 1998. - 128 с.

ва микро»-ро пешниҳод мекунем. Нақшаи муҳити маркетингии корхона дар расми 3.3 нишон дода шудааст.




**Расми 3.3 - Муҳити берунаи маркетингии корхонаҳои саноати сабук**

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Системаи таҳқиқоти маркетингӣ - ин мунтазам гузаронидани пурсишҳои мухталиф, таҳлили маълумоти бадастомада ва пешниҳоди натиҷаҳо дар шакли мувофиқи вазифаи мушаххаси маркетингӣ дар назди корхона мебошад (ниг. расми 3.4).

Раванди муайян кардани мушкилот ба усули экспертӣ асос ёфтааст, ки он иборат аст аз: интихоби шакли пурсиши коршиносон, муайян кардани сохт ва шумораи гурӯҳи коршиносон, таҳияи методикаи пурсиш, гузаронидани пурсиш, тартиб додани рӯйхати мушкилот ва ташхиси мушкилот. Ҳадафҳои тадқиқоти маркетингӣ бояд аз мушкилоти муайяншуда маълум карда шавад.




**Расми 3.4 – Раванди гузаронидани таҳқиқоти маркетингӣ дар корхонаҳои саноати сабук ***

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Зинаи марказии таҳияи нақшаи таҳқиқот ин таҳия ва санҷиш дар амалияи фарзияҳои назариявӣ, муайянкунӣ ва асоснокkунии робитаҳои сабабии онҳо мебошад. Фарзияҳо ва моделҳои тавсифкунандаи вазъ

манбаъҳои имконпазири иттилоотро пешакӣ муайян мекунанд, аммо барои ба даст овардани иттилооти кофӣ пурра ва боэътимод, корхонаҳо бояд консепсияи хуб андешидашуда ва нақшаи муфассали ҷамъоварии маълумотро дошта бошанд.

Ҳангоми таҳияи нақшаи ҷамъоварии маълумот, лозим аст, ки аз рӯи саволҳои зиёде, ки ҷавобҳои алтернативӣ доранд, қарор қабул карда шавад: таҳқиқоти пурра ё интихобӣ, якдафъаина ё бисёркарата, таҳқиқоти як ҳадафдошта ё бисёрҳадафа; шаклҳо ва воситаҳои ҷамъоварии маълумот кадомҳоянд. Ғайр аз он, бояд тасмим гирифт, ки чӣ манбаи иттилоот шуда метавонад - маводи мавҷуда ё ҷамъоварии маълумотҳои нав. Дар ин марҳилаи таҳқиқот инчунин нишон додани вақт ва арзиши зарурии таҳқиқоти пешниҳодшуда лозим аст, ки барои менеҷер қарор оид ба гузаронидани таҳқиқоти маркетингӣ ва ҳалли масъалаҳои ташкилии гузаронидани он зарур аст. Набояд роҳ дод, ки тағйирёбии муносибатҳои миқдорӣ ва сифатӣ байни падидаҳои инфиродии фаъолияти объекти истеҳсолӣ, ки барои идоракунии ин фаъолият заруранд, нисбат ба таъсире, ки дар натиҷаи ба инобат гирифтани ин муносибатҳо дар идоракунӣ ба даст омадааст, гаронтар шаванд.

Барои ба даст овардани маълумот дар маркетинг, усулҳои зерин истифода мешаванд: пурсиш, усули коршиносӣ, мушоҳида, панел, озмоиш, маркетинги озмоишӣ, бақайдгирии автоматии маълумот ва усулҳои дигар.[154] Системаи пӯшидаи гирифтани маълумот бо номи иктишофи маркетингӣ низ муқаррарӣ нест. Дар баробари ин, пешгирӣ аз вайронкунии қонунгузорӣ ва ахлоқи тиҷоратӣ муҳим аст.

Дар марҳилаи таҳлили маълумот онҳоро ба шакли мухтасаре овардан лозим аст, ки барои таҳлил қуллай ва ғунҷоиши иттилоотиашон бештар бошад. Дар ин ҳолат, функсияҳои зерини тағйир додани маълумотро истифода бурдан мумкин аст: ҷамъбасткунӣ, консептуализатсия,

[154] Валдайцев С.В. Альтернативные направления инновационной стратегии фирмы и минимизации инновационных рисков [Текст] / С.В. Валдайцев // Вестник СПбГУ. - 1994. № 5 (2). - С.40-47.

коммуникатсия ва экстраполятсия.[155] Баъдан, таҳлили омории маълумот бо истифодаи таҳлилҳои тавсифӣ, натиҷагирӣ, пешгӯикунанда, инчунин таҳлили фарқиятҳо ва робитаҳо гузаронида мешавад.[156]

Дар марҳилаи муаррифӣ (рӯнамоӣ), гузориши илмӣ таҳия ва ба тасмимгирандагон интиқол дода мешавад. Сохтори ҳисоботи таҳқиқотӣ бояд ба талаботи муштарии фармоишгар мувофиқ бошад.

Системаҳои назорати ҳисоботӣ ва маркетинги дохилӣ тавассути пойгоҳи талаботҳои рақобатпазирии бо фарогирии тамоми иттилооти мавҷуда ва системаи таҳқиқоти маркетинг тавассути моделҳои бонкӣ ва бонкҳои методӣ амалӣ карда мешаванд. Ҳамин тариқ, ҷузъҳои асосии СИМ ин рақобатпазирии моделҳои бонкӣ, бонкҳои методӣ ва системаи васоити молиявӣ алоқаманд мебошанд, ки онҳоро бо ҳам мепайвандад.

Чуноне ки дар боло қайд кардем, тарҳрезии таъминоти иттилоотии таҳқиқоти маркетингӣ дар корхонаҳои саноати сабук бояд дар асоси принсипҳои умумии тарроҳии системаи иттилоотии он дар асоси модели бизнес, яъне тавсифи схемавии фаъолияти корхона, ки аз ҷузъиёти дуюмдараҷа озод карда шудааст, амалӣ карда шавад, ки ин имкон медиҳад: функсияҳои тиҷоратӣ муқаррар карда шаванд ва сохтори равандҳои тиҷоратӣ дар корхона танзим карда шавад; қобили қабул ё ғайри қобили қабул будани пайдарпайии амалҳои иҷрокунандагоне, ки бо системаи иттилоотӣ кор мекунанд, муайян карда шавад; робитаҳои мантиқие, ки мутобиқи онҳо тағйири ҳама гуна иттилоот пайдарҳамии тағйироти мувофиқашударо ба вуҷуд меорад, сабт карда шавад.

---

155 Валдайцев С.В. Альтернативные направления инновационной стратегии фирмы и минимизации инновационных рисков [Текст] / С.В. Валдайцев // Вестник СПбГУ. - 1994. № 5 (2). - С.40-47.

156 Воронкова А.Э. Стратегическое управление конкурентоспособным потенциалом предприятия: диагностика и организация [Текст]: монография / А.Э. Воронкова. – Луганск: Изд-во Восточноукраинского национального университета, 2000. – 315 с.; Горбач Е. Ресурс конкурентоспособности орудий труда [Текст] / Е. Горбач // Бизнес-информ. - 2014. - №13-14. - С.146-147.

Системаи иттилоотии корхона ҳамчун модели бизнес дар ду шакл вуҷуд дорад. Ҳангоми сохтан ва тасдиқ кардани он ба шакли аёния ва тавсифи шифоҳӣ ва дар истифодаи амалӣ - дар шакли маҷмуи аз ҷиҳати маъноӣ баробарарзиши барномаҳои амалкунанда пешниҳод кардан басо қулай мебошад. Баробарарзишии ҳарду шакл истифодаи асбобҳои моделсозиро кафолат медиҳад, ки имкон медиҳанд, ки ба методологияи санҷидашуда барои сохтани моделҳо такя намуда, мантиқи масъаларо дар шакли графикӣ инъикос кунанд ва дар натиҷа, схемаҳои омодашудаи пойгоҳи рақобатпазирии корхонаҳо ва рамзи барномаҳои ба модел мувофиқро ба даст оранд. Фарқият дар муаррифии моделҳо на ҳангоми ташкили системаи иттилоотӣ ва на ҳангоми тағйир додани он қобили қабул нест. Аз ин рӯ, зарур аст, ки воситаи моделсозӣ ягона воситаи таъсиррасонӣ ба рамзи барнома дар тамоми давраи мавҷудияти системаи иттилоотӣ бошад.

Системаҳои иттилооти инфиродӣ ҳамчун асос барои автоматикунонии функсияҳои идоракунӣ дар асоси: маълумоти ибтидоӣ дар бораи объект; усулҳои омодакунӣ ва қабули қарорҳои оптималӣ; таҷрибаи кормандон, хизмат мекунанд. Дар ин ҳолат, корбар ба туфайли воситаҳои рушдёфтаи ҳамкорӣ ва дастгирии функсияҳои зеҳнӣ унсури системаи иттилоотӣ маҳсуб меёбад. Корбар дар системаи идоракунӣ кор карда истода, нақши субъекти фаъолияти бошуурро мебозад, ки фаъолияти унсурҳои системаи иттилоотиро бо мақсади идоракунии объекти иқтисодӣ муттаҳид менамояд. Аз ин рӯ, муносибати бунёдӣ ба тарҳрезии ҳамкориҳо равише мебошад, ки дар он инсон ҳам аз нуқтаи назари ҳадафҳо ва таъиноти низоми идоракунӣ ва ҳам аз нуқтаи назари фаъолияти инсон дар системаи идоракунӣ шахси асосӣ мешавад. Бояд пеш аз ҳама, нақши пешбаранда, эҷодкоронаи инсон дар раванди меҳнат ва алахусус дар равандҳои ташаккул ва қабули қарорҳои идоракунӣ ба назар гирифта шавад. Одам иттилоотро кор карда мебарояд, қарор қабул мекунад, мақомоти ҳокимиятро идора мекунад ва зимни иҷрои ин корҳо

хусусиятҳои шахсии худро (таҷриба, ҳисси фаҳмиш, тахассус) нишон медиҳад.

Ҷойгоҳи махсус дар тарҳрезии системаи иттилоотии идоракунии корхонаҳои саноати сабук бояд ба таъминоти барномавие дода шавад, ки дар асоси он интерфейси ҳамкории инсон бо компютер таҳия карда мешавад. Таъминоти барномавӣ бояд имкониятҳои васоити техникии системаи тарроҳишавандаро тақвият диҳад ва ҷанбаҳои сусти онҳоро бартараф кунад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи он нақши омили инсониро дар системаи идоракунӣ ба назар гирифтан зарур аст.

Ҳангоми сохтани ҷойҳои кории автоматикунонидашуда бояд вазифаи таҳияи чунин системаи шахсӣ гузошта шавад, ки дар он корбар танҳо кореро иҷро кунад, ки худи система онро (ворид кардани маълумот, таҳлил, қабули қарор) иҷро карда наметавонад. Системаи тарҳрезишуда корбарро бо дастгирӣ таъмин намояд ва ин дастгирӣ бояд дар он зоҳир гардад, ки корбар (истифодабаранда) ҳангоми гирифтани маълумоти ниҳоӣ, набояд маълумоти ба ӯ лозимаро мураттаб созад, тафсир кунад ё интихоби маълумоти ба ӯ заруриро анҷом диҳад.

Таъсиси системаи иттилоотӣ, ки маҷмуи вазифаҳои идоракунии корхонаҳои саноатиро иҷро мекунад, иҷрои марҳилаҳои зеринро дар назар дорад:[157]

- муайян кардани истифодабарандагони ояндаи иттилоот ва рутбаи онҳо дар системаи идоракунӣ;
- таҳқиқ ва таҳлили талаботи иттилоотии корбарон бо мақсади ҷудо кардани миқдори зарурӣ ва кофии иттилоот барои идоракунии корхона ва захираҳои он;
- интихоби усулҳои қонеъ кардани талаботи иттилоотии корбарон, яъне, муайян кардани чорчӯбаи системаи иттилоотӣ, ки муҳлати додани иттилоотро ба корбарон ба назар мегирад;

[157] Макалов Г.Ф. Система обеспечения конкурентоспособности предприятия [Текст] / Г.Ф. Макалов. - Тольятти, 2000. – С. 64.

- муайян кардани таркиб ва сохтори рақобатпазирии корхона барои ҳалли масъалаҳои идоракунии корхона, таҳқиқи робитаи гурӯҳҳои алоҳида, даврияти ташаккул ва навсозии онҳо;

- тарҳрезии раванди технологӣ барои коркарди маълумот, кафолат додани он, ки иттилооти зарурӣ аз ҷониби корбари мушаххас дар ҳолати мувофиқ дар вақти зарурӣ ба даст оварда мешавад;

- таҳияи маводҳо (дастурамалҳо, дастурҳои методӣ, луғатҳо, феҳристҳо ва ғ.), ки кори корбаронро дар ҳамкории онҳо бо системаи идоракунии иттилоотӣ ба танзим медароранд.

Системаи иттилоотӣ ченкунии дақиқи параметрҳо ва эътимоднокии баланди коркарди маълумотро талаб мекунад. Дар он маҳдудиятҳои нисбатан шадид ҷорӣ карда мешаванд, ки бо тақозои хусусияти равандҳои технологӣ, муқаррароти қонунгузорӣ, шаклҳои муқарраршудаи ҳуҷҷатгузорӣ ва ҷараёни кор дар корхона ба вуҷуд меоянд.

Ба роҳ мондани таъминоти иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук бояд ба таври ҳамаҷониба, бо назардошти ҷанбаҳои зерин: ташкилӣ (принсипҳои ташкили системаи иттилоотӣ ва ҳамкории унсурҳои он); технологӣ (усулҳои коркарди иттилоот ва технологияи татбиқи ин усулҳо); техникӣ (имкониятҳои воситаҳои ҳисоббарор ва технологияи ташкилӣ), ҳал карда шавад.

Масъалаи бағоят муҳим барои корбарони ҳама сатҳҳо иҷро кардани корҳо оид ба идоракунии захираҳои корхона мебошад, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии он ва танзими онҳо дар ҳолати дур шудан аз параметрҳои пешбинишуда равона карда шудаанд. Бинобар ин, ташкили оптималии таъминоти иттилоотӣ яке аз омилҳои асосие мебошад, ки самаранокии идоракунии рақобатпазириро дар маҷмуъ муайян мекунад. Ҳаҷми иттилооте, ки корбар барои иҷрои кори муайяншуда ва қабули қарорҳои идоракунӣ талаб мекунад, ниёзи иттилооти ӯ маҳсуб меёбад.

Дар системаи идоракунии рақобатпазирӣ дар сатҳҳои гуногуни қабули қарорҳои идоракунӣ, маълумоти мухталиф ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм ва

ҳам аз ҷиҳати мазмун зарур мебошад. Марҳилаи душвортарини тарҳрезии таъмини иттилоотӣ марҳилаи муайян кардани талабот ба иттилооти ҳар як корбаре мебошад, ки дар таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ иштирок мекунад. Барои татбиқи он бояд чунин чорабиниҳо гузаронида шаванд: муфассал кардани раванди истифодаи захираҳои корхона; муайян кардани сегментҳои бозор, доираи рақибон ва қобилиятҳои онҳо; баҳодиҳии сатҳи рақобатпазирии корхона ва маҳсулот; муайян кардани доираи корбароне, ки дар банақшагирӣ, арзёбӣ ва таҳлили рақобат, ҳуқуқ, вазифа ва масъулияти онҳо иштирок мекунанд; муайян кардани ниёзҳои иттилоотии ҳар як корбар барои иҷрои вазифаҳои мушаххас, яъне, таҳияи шаклҳои ҳуҷҷатҳо ва муайян кардани муҳлати пешниҳоди онҳо ба корбари мушаххас; муайян кардани маҷмӯи маълумоте, ки корбар бо дархост пешниҳод менамояд.

Муайян кардани ниёзҳои иттилооти корбар дар бораи вазъи рақобатпазирӣ бояд дар асоси: омӯзиши амиқи муҳити маркетинги берунӣ ва дохилии корхона ва равандҳои истифодаи захираҳои корхона, ки ба афзоиши он нигаронида шудаанд; бо назардошти хусусиятҳои идоракунии ин равандҳо ба роҳ монда шавад. Аз дуруст будани муайян кардани талаботҳои иттилоотӣ инҳо пурра вобаста мебошанд: тарҳрезии ҷойҳои кории автоматӣ; раванди технологии табдили иттилоот; ташаккули маълумоти натиҷавӣ; усулҳо ва муҳлати истифодаи он; тарроҳии таъминоти математикӣ ва барномавии ҳар як ҷойи кори автоматӣ ва дар маҷмуъ таъминоти иттилоотӣ.

Раванди тарроҳии системаи иттилоотиро дар се марҳила иҷро кардан мумкин аст. Дар марҳилаи аввал равандҳои ташаккули маълумоти ибтидоӣ, тавсифи хусусиятҳои ҳаракати онҳо, ташаккул додани арзёбии миқдории маҷрои гардиши ҳуҷҷатҳо, муайян кардани имкониятҳои автоматикунонии равандҳои бақайдгирӣ, ҷамъоварӣ ва интиқоли маълумотро таҳқиқ кардан зарур аст. Ҳама бахшҳои корхона бояд мавриди

баррасӣ қарор гиранд, ки дар он маълумот барои баҳодиҳӣ, таҳлил,ояндабинии сатҳи рақобатпазирии корхона ва истифодаи захираҳое, ки барои баланд бардоштани он равона карда шудаанд, ташаккул меёбад ё истифода мешавад. Мақсади ин марҳила интихоби маҷмуи кофии маълумоти ибтидоӣ барои татбиқи вазифаи идоракунии рақобатпазирии корхона мебошад.

Дар марҳилаи дуюм: равандҳои технологии табдили маълумот дар асоси нишондиҳандаҳо ва паёмҳои сатҳи асосӣ таҳия карда мешаванд; алгоритмҳо барои ҳалли масъалаҳои баҳогузорӣ ваояндабинии рақобатпазирии корхона, тақсимоти оптималии маблағҳои барои баланд бардоштани он пешбинишуда таҳия карда мешаванд; мақомотҳои дахлдор ташкил карда мешаванд; шеваҳои пешниҳоди иттилоот ба корбарон муайян карда мешаванд. Ин марҳила сатҳи барасмиятдарории системаи иттилоотиро тавсиф мекунад, ки бевосита ба сатҳи пойгоҳ ва маҷмуи васоили техникӣ алоқаманд аст.

Дар марҳилаи сеюм, усулҳои пешниҳоди натиҷаҳои маълумоти гузаронидашуда ба воҳидҳои функсионалии корхона баррасӣ карда мешаванд ва имконияти қонеъ кардани талаботи истифодабарандагони ҳама сатҳҳо бо маълумоти зерин: арзёбии сатҳи рақобатпазирии корхона, ки инъикоси хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии корхона нисбат ба корхонаҳои рақибон;ояндабинии меъёрҳои рақобатпазирӣ; тақсимоти муносибтарини воситаҳои корхона; муайян кардани маҷмӯи чорабиниҳои ташкилию иқтисодӣ ва омода намудани қарорҳои идоракунӣ оид ба идоракунии рақобатпазирӣ бо мақсади баланд бардоштани он, баррасӣ карда мешаванд.

Дар асоси талаботҳои баррасишудае, ки СИМ нисбат ба иттилоот пешниҳод мекунад, механизми таъминоти иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таҳия карда шуд (ниг. расми 3.5).




**Расми 3.5 - Механизми таъминоти иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ***

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Вазифаи асосии механизми таъминоти иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук фароҳам овардани шароите мебошад, ки коркарди оқилона ва таъминоти босуръати иттилоотро ба корбар дар вақти мувофиқ бо таърифи ҳуқуқҳои он барои истифодаи он, дар назар дорад.

Чӣ тавре ки аз расми 3.5 бармеояд, барои ҳалли масъалаҳои идоракунии рақобатпазирии корхона маҷмуи усулҳои коркарди иттилооти берунӣ ва дохилӣ талаб карда мешавад.

Маълумоти беруна ба пойгоҳи иттилоотии корхона аз манбаъҳои гуногун ворид мешавад: матбуоти даврӣ; маҷмуаҳои оморӣ; презентатсияҳо; махзани маълумот; брошюраҳои маҳсулот; шабакаи Интернет; почтаи электронӣ; қонунҳо ва қарорҳои ҳукумат; саволномаҳои коршиносон ва ғ. Иттилооти дохилӣ бошад, натиҷаи фаъолияти ҷойҳои кории автоматикӣ мебошад, ки ҳалли вазифаҳои баҳисобгирӣ, тадқиқоти маркетингӣ, омодасозии техникии истеҳсолот, идоракунии истеҳсолоти асосӣ, идоракунии таъминоти моддию техникӣ, молия, фурӯш ва амсоли онро таъмин менамояд.

Азбаски раванди автоматикунонии омодасозӣ ва қабули қарорҳои идоракуниро пурра ба воситаҳои техникаи компютерӣ вогузор кардан мумкин нест, аз ин рӯ, дар таҳқиқоти худ мо технологияҳои одаму мошинии дастгирии иттилоотии равандҳои қабули қарорҳои идоракуниро баррасӣ намудем. Технологияи пешниҳодшуда муттаҳидсозии қобилиятҳои инсон ва компютерро дар самти коркарди иттилоот таъмин мекунад.

Ба ибораи дигар, технологияи компютери мақомоти роҳбарикунанда, мутахассисони коршиноси корхонаро бо маҳсулнокии баланди коркарди иттилоот, нигаҳдории боэътимоди ҳаҷми зарурии он, дастрасии зуд ба иттилоот, тарзҳои гуногуни дарҷкунии иттилоот таъмин намуда, интерфейси муносибро барои муоширати байни шахс ва компютер фароҳам меорад ва тамоми амалиётҳои зеҳнии коркарди иттилоот аз

ҷониби мутахассисон ва тасмимгирандагон иҷро карда мешаванд.Паҳлуҳои техникии таъминоти иттилоотӣ дар шакли шабакаи компютерии маҳаллии ҷойҳои кории автоматикии самтҳои гуногуни ҳадафдошта амалӣ карда мешавад, ки дастгирии иттилоотии кори роҳбарият ва коршиносони корхона, аз ҷумла ҳамкории онҳоро бо ҳам таъмин мекунанд, ки имконият медиҳад, ки дастгирии босифати иттилоотӣ барои идоракунии рақобатпазирии корхона ба даст оварда шавад. Таъмини барномавие, ки ин технологияро дастгирӣ мекунад, дорои дараҷаи баланди мутобиқшавӣ мебошад, ки имкон медиҳад, ки он дар муддати кӯтоҳ барои истифодаи ҳама гуна корхонаҳои истеҳсолӣ насб карда шавад.

Бо васоити автоматикӣ мутахассис метавонад, ки амалиётҳои зеринро иҷро намояд: ворид кардан ва тасҳеҳ намудани иттилоот; ба сифати маълумоти воридшаванда баҳо додан; дар бораи гирифтани маълумоти иловагӣ қарор қабул намудан; гирифтани натиҷаҳои ҳисобкунии сатҳи рақобатпазирии корхона ва омилҳои он; пешгӯиҳо кардан ва муайян кардани тамоюлҳои рафтори рақобатпазирии корхона ва омилҳои он; хулоса баровардан ва дар асоси маълумоти дар ихтиёраш буда қарорҳои дахлдор қабул намудан.

Таҳлили пешакии иттилоот ба коршиносон ё роҳбарияти корхона имкон медиҳад, ки номукаммалӣ ё номутобиқатии онро муайян карда, дар бораи ҷуброни онҳо қарор қабул кунанд. Раванди омода кардани қарорҳо оид ба бартараф кардани номувофиқӣ, нопурра ва носаҳеҳии иттилоот ташкили робитаи баръаксро (ҷамъоварии фикру мулоҳизаро) аз манбаъҳои иттилоотӣ талаб мекунад. Дар раванди якҷоякунии иттилооти ҷамъшуда зиёдатӣ аз байн меравад ва дар марҳилаи ҷамъбастӣ ҳангоми таҳлил ва муқоисаи он коршинос дар бораи кифоя будани он барои фаъолияти минбаъдаи система қарор қабул мекунад.

Марҳилаҳои тарҳрезии ва асоси таъминоти иттилоотӣ барои идоракунии рақобатпазирии корхонаҳо инҳо мебошанд: муайян кардани самти мавзуи мушкилот; эҷоди модели консептуалии самти мавзуи мушкилот; эҷоди модели мантиқии ва ҷамъи маълумот; тарроҳии модели физикии ва ғайра мебошад. Дар марҳилаи аввал, ҳудуди масъалаи таҳқиқшаванда, объектҳо, ҷараёнҳои иттилоотӣ дар байни онҳо ва сохтори ҳисоботи баромади дастгирии иттилоотӣ муайян карда мешаванд. Дар натиҷаи таҳлили самти мавзуи масъалаи гузошташуда як қатор объектҳои асосӣ фарқ карда мешаванд, ки бо хосиятҳои муайяни миқдорӣ тавсиф карда мешаванд.

Дар доираи марҳилаи эҷоди модели консептуалӣ, ҳама объектҳои самти мавзуъ, хусусиятҳои онҳо ва муносибати байни онҳо муайян карда мешаванд. Унсурҳои маълумот, муносибатҳо ва унсурҳои асосии онҳо дар асоси талаботи консептуалӣ муайян карда мешаванд.

Марҳилаи навбатии тарроҳии нишондиҳандаҳо эҷоди як модели мантиқӣ мебошад, дар ҳоле ки дарҷнамоии модели консептуалӣ ба яке аз моделҳои мантиқии маълумот: релятсионӣ, шабакавӣ, зинанизомӣ (иерархӣ) ё омехта анҷом дода мешавад. Ҳангоми таҳияи он, бояд муайян кард, ки кадом модел барои дарҷнамоии модели мушаххаси консептуалии мавзуъ бештар мувофиқ аст. Барои таҳияи ва пешниҳоди модели мантиқии барои масъалаи таҳқиқшаванда, модели релятсионии маълумот интихоб карда шуд, ки аз як қатор муносибатҳо (ҷадвалҳо) иборат аст. Интихоб ба манфиати он бо ҳамон сабаб сурат гирифт, ки дарҷнамоии модели консептуалии маълумот дар модели релятсионӣ нисбатан осон аст.

Марҳилаи ниҳоии тарроҳии нишондиҳандаҳо – ин эҷоди як модели физикӣ мебошад, ки «устухонбандӣ»-и он аст ва бояд дар дастгоҳҳои физикӣ нигоҳ дошта шавад.[158] Дар ин марҳила параметрҳои нишондиҳандаҳои физикии муайян карда мешаванд: тақсимоти сабтҳо дар

[158] Захарченко В.И. Оценка и анализ конкурентоспособности предприятий [Текст] / В.И. Захарченко // Машиностроитель. - 2001. - №11. С. 13-17.

дастгоҳи нигаҳдории иттилоот, андозаи блокҳои иттилоотӣ, хусусиятҳои вуруд-баромад ва ғайра. Меъёрҳои асосии модели физикӣ андозаи ҳофиза барои нигоҳ доштани иттилоот ва вақти дастрасӣ ба сабти он мебошанд.

Раванди ташаккули маводи таҳлилии ҷамъбастӣ барои огоҳ кардани шахсони қабулкунандаи қарорҳои идоракунӣ дар бораи вазъи рақобатпазирии корхона дар намуди шаклҳои махсус пешбинӣ шудааст, ки маҳсули асосии иттилоотии масъала мебошанд.

Марҳилаи дастгирии иттилоотӣ барои таҳлил ва арзёбии вазъ ҷиҳати муайян кардани таносуби байни иттилооти ибтидоӣ ва маводи таҳлилии ҷамъбастгардида пешбинӣ шудааст. Дар ин марҳила динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рақобатпазирии корхона таҳқиқ карда шуда, барои амалисозии ҳолатҳои мавҷуда тавсияҳо дода мешаванд.

Раванди ташаккули заминаи донишҳои оморӣ барои ҷамъоварии натиҷаҳои ҳар як марҳилаи ҳалли масъала пешбинӣ шудааст. Бо таҳлили вазъи кунунӣ, шуъбаи маркетинг аз тамоми маҷмӯи иттилооти ибтидоӣ он маълумотеро интихоб мекунад, ки барои боз ҳам ошкор кардани динамика ва ба даст овардани сатҳи пешбинишудаи рақобатпазирии корхонаҳо мувофиқ мебошад. Раванди ба даст овардани сатҳҳои пешгӯишавандаи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар асоси ҳамаи маълумоти ҷамъшудаи ретроспективӣ барои истифодаи фаврии онҳо ҳангоми таҳлил ва арзёбии вазъи мавҷуда бо мақсади муайян намудани роҳҳои такмили идоракунии рақобатпазирии корхона пешбинӣ шудааст.

Ҳамаи равандҳои дар боло овардашударо коршиносони шуъбаи маркетинг ва дигар хадамот мувофиқи расми 3.6 анҷом медиҳанд.

Нақшаи ташаккули иттилоот барои  идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук  имкон медиҳад, ки  нақшаи умумии соҳаи дастгирии иттилоотӣ тартиб дода шавад, ки ҷараёни иттилоотро ҳангоми омода кардани қарорҳои идоракунӣ барои муайян кардани рақобатпазирӣ ва устувории корхона тавсиф мекунад. Дар система, дар асоси равандҳои

дар боло тавсифшуда, мониторинги доимии иттилооти ибтидоии воридшаванда ташкил карда мешавад, ки дар он маълумот дар марҳилаҳои гуногуни давраи мавҷудияти он таҳлил, ҷамъбаст ва арзёбӣ карда мешавад.




**Расми 3.6 - Нақшаи ташаккули иттилоот барои идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ***

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Истифодабарии усулҳои дар таҳқиқот тавсифшудаи таъминоти иттилоотии арзёбӣ, таҳлил ваояндабинии рақобатпазирии корхона имкон медиҳад, ки иттилооти сифатан нави тавсифкунандаи мавқеи воқеии корхона ва рақибони он дар шароити муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёт дар давраи гузариш муайян карда шавад.

### 3.2. Ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук

Масъалаи дарёфти роҳҳои беҳтар намудани стратегияи идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар илм ва амалияи иқтисодӣ гуногунҷанба буда, равиши системавию мақсаднокро талаб карда, аз ҷумла, ба коркарди усулҳои таҳлилӣ ҷиҳати омӯзиши рақобатпазирӣ ва усулҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, ки механизми ягонаи ташкилию иқтисодии

идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабукро ба вуҷуд меоранд (МТИ), сарфи назар мекунад, ки тадбирҳои идоракунӣ, техникӣ ва технологиро барои баланд бардоштани он муттаҳид мекунад.

Дар адабиёти илмӣ система ҳамчун маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманде фаҳмида мешавад, ки хосиятҳои умумӣ доранд ва барои ноил шудан ба ҳадафи мушаххас муттаҳид карда шудаанд.[159] Усули системавӣ ҳамон усуле мебошад, ки дар он ҳама пайвастагиҳо, унсурҳо, функсияҳо ва мушкилоти идоракунӣ дар маҷмуъ, дар шакли як чизи бутун баррасӣ карда мешаванд. Тақсимоти системаҳо дар асоси панҷ омили асосӣ сурат мегирад, ки мувофиқи он система: ҳадафи ягона дорад; аз унсурҳои ба ҳам алоқаманде иборат аст, ки сохтори дохилии онро ташкил медиҳанд; дар якҷоягӣ бо унсурҳои дохилӣ, муҳити иқтисодиёти беруние дорад, ки маҳдудиятҳои худро ташкил медиҳад; дорои захираҳои муайяне мебошад, ки фаъолияти онро таъмин мекунанд; аз ҷониби маркази идоракунӣ сардорӣ карда мешавад, ки ҳаракати онро ба сӯи ҳадафи пешбинишуда таъмин менамояд.[160]

Ҳамин тариқ, механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ва мутаносибан ба он, маҷмуи тадбирҳои дахлдори техникӣ, идоракунӣ ва технологӣ бояд дар асоси муқаррароти ҳадаф дар асоси системаи ҷудонашавандаи принсипҳо таҳия карда шаванд, ки ба сифати он истифодаи ҳафт гурӯҳи принсипҳои зерин мувофиқ аст.[161]

1. Принсипҳои умумисистемавӣ: маҷмуъ будан - қисмҳои алоҳидаи механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирӣ бояд дар ҳамаи зерсохторҳои функсионалии корхона сохта

[159] Едренкина Э.В. Качество как фактор повышения конкурентоспособности [Электронный ресурс]. Режим доступа, URL: https://www.marketing.spb.ru/conf/2003-04-greb2/., открытый, дата обращения 17.11.2021

[160] Еферин В.П. Оценка конкурентоспособности при маркетинговых исследованиях [Текст] / В.П. Еферин, В.В. Мотин. - М.: Домодедово, 2013. - С.107-112.

[161] Завьялов П.С. Конкурентоспособность и маркетинг [Текст] / П.С. Завьялов // Российский экономический журнал. - 2010. - №12. - С.66-69.

шаванд; системавӣ будан - раванди таҳия ва татбиқи механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирӣ бояд ба методологияи таҳлили системавии системаҳои рушдёбанда асос ёбад; қарорҳои стратегии оид ба идоракунии рақобатпазирӣ қабулшуда бояд ба силсилаи динамикии арзёбии қобилиятҳои стратегӣ ва мавқеъҳои рақобатпазирии ширкат асос ёбанд; муттасилӣ - кор аз болои стратегияи идоракунии рақобатпазирӣ бояд доимо бо пайгирии тағйирёбии ногаҳонӣ дар омилҳои таркибии он анҷом дода шавад; оптималӣ будан - интихоби мудирият ба истифодаи заминаи меъёрие асос меёбад, ки принсипи оптималиро инъикос мекунад ва аз системаи муқаррароти арзишӣ, ки дар корхона қабул шудааст, бармеояд; принсипи созандагӣ - механизми ташкилию иқтисодӣ бояд стратегия ва тактикаи идоракунии рақобатпазириро таҳия кунад, интихоби худро асоснок кунад ва роҳҳои татбиқи онҳоро таҳия кунад.

2. Принсипҳои идоракунии рушд: принсипҳои рушди системаҳо; принсипҳои моделсозӣ; принсипҳои қабули қарорҳои идоракунӣ; принсипи худтанзимкунӣ; принсипи барномавӣ. Барои тавсифи муносиби механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирӣ, усули ба худидоракунӣ асосёфтаро истифода бурдан ва диққати худро ба татбиқи принсипҳои асосии синергетика ҳамчун назарияи бунёдии худтанзимкунӣ равона кардан лозим меояд.

3. Принсипҳои стратегӣ (мутамарказгардонии кӯшишҳо, тавозуни хавфҳо, ҳамкорӣ).

4. Принсипи огоҳӣ (маълумот доштан) ва кифоятии иштирокчиёни раванди идоракунӣ.

5. Принсипи истифодабарии мониторинги доимӣ, ки мушоҳида ва назорати доимиро оид ба татбиқ ва динамикаи давраи мавҷудияти раванди идоракунии рақобатпазирии корхона пешбинӣ мекунад.

6. Принсипи таъмин кардан ва нигоҳ доштани гуногунрангсозии стратегияҳои идоракунии рақобатпазирии корхона, мунтазам назорат ва омода кардани вариантҳои алтернативии стратегияҳои идоракунӣ.

7. Принсипи робитаи бозпас, ки имкон медиҳад, ки механизми

ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирӣ нисбат ба муҳити тағйирёбандаи бозор мутобиқ сохта шавад. Ба инобат гирифтани принсипи мазкур имкон медиҳад, ки дар корхона тағйироти зарурии сохторӣ, ташкилӣ ва захиравӣ ба амал ояд, ки дар ниҳояти кор метавонанд ба манфиатҳо ва имкониятҳои он таъсир расонанд.

Ҳангоми таҳияи механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирӣ, бояд ба он ҳамчун як системаи бисёрҷабҳаи иҷтимоӣ муносибат кард. Он бояд ҳамчун як механизми замимавӣ таҳия карда шавад, ки ҳамкории корхонаро тавассути стратегияҳои идоракунӣ бо муҳити замимавӣ, ки ҷузъҳои бозорӣ, экологӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад, таъмин менамояд.

Механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирӣ, ки дар заминаи принсипҳои дар боло овардашуда таҳия гардидааст, метавонад самаранок фаъолият намояд, ба шарте ки агар ин омилҳоро ба инобат гирад ва таъмин намояд:[162] таркиби омехтаи мутаносибтарини ташаббуси мутамарказ ва ғайримутамарказ; ягонагии ҳадафҳо ва амали тамоми корхона ва зинаҳои алоҳидаи он; системаи ҳавасмандгардонӣ, ки манфиатнокии ҳамаи иҷрокунандагонро ба баланд бардоштани рақобатпазирии корхона ба вуҷуд меорад; истифодаи заминаҳои муосири технологӣ ва техникии идоракунӣ, ки имкон медиҳанд, ки масъалаҳои таъмини рақобатпазирии корхона дар вақти воқеӣ бо захираҳои ҳадди аққал ҳал карда шаванд.

Муваффақияти механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук аз ҳолати ибтидоии он, ташкили функсионалӣ ва сохтории он вобаста аст. Механизми ташкилию иқтисодии пешниҳодшуда бояд ҳамчун як сохтори идоракунии барномавию мақсаднок амал кунад, ки ҳамчун як намуди идоракунии лоиҳа амал мекунад, яъне, дорои ваколатҳои назорат ва таъмини татбиқи амалӣ мебошад, дорои таъмини захиравӣ ҷиҳати иҷрои амалҳои худ -

[162] Завьялов П.П. Конкурентоспособность в экономической политике зарубежных стран [Текст] / П.П. Завьялов // Маркетинг. - 2013. - №2. - С.20-32.

захираҳои молиявӣ, моддӣ-техникӣ ва инсонӣ мебошад. Механизми ташкилию иқтисодӣ бояд чунин салоҳиятеро дошта бошад, то ба он имкон диҳад, ки ба ташкили тамоми ҷараёнҳои моддӣ ва молиявии дохили корхона таъсири самарабахш расонад, ба арзёбии мувофиқи мақсад будани истифодаи онҳо аз нуқтаи назари рақобатпазирӣ имкон диҳад.

Дар асоси талаботи ягонаи дар боло баррасишудаи равиши системавӣ-мақсаднок ва принсипҳои сохтани механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирӣ, МТИ барои идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таҳия шудааст, ки блок-нақшаи принсипиалии он дар расми 3.7 оварда шудааст. МТИ-и пешниҳодшуда як системаи махсуси бисёрфунксионалӣ ва бисёркомпонентӣ мебошад, ки аз маҷмуи паймонҳои ба ҳам алоқаманде иборат аст, ки омилҳои беруна ва дохилӣ ба онҳо таъсир мерасонанд ва дар якҷоягӣ як бутунии муайянро ташкил медиҳанд.

Чуноне ки аз расми 3.7 дида мешавад, сохтори унсурҳои асосии МТИ-и идоракунии рақобатпазирии таҳиягардидаро паймонҳои барномавӣ-мақсадноке ташкил медиҳанд, ки амалҳои зарурӣ, тадбирҳои мушаххаси ташкилӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва технологиро дар вобастагии ҳамдигар инъикос мекунанд, ки татбиқи онҳо ба иҷрои самарабахши қарорҳои идоракунӣ дар ин самти фаъолият мусоидат мекунад. МТИ-и пешниҳодшуда қисмҳои зеринро дар бар мегирад: аниқ кардани бартарихои ракобатии корхона; такмили низоми ҳавасмандгардонии моддию маънавии фаъолияти меҳнатии корхона; ҷорӣ намудани низомҳои пешкадами идоракунии сифат, стандартизация, метрология ва сертификатсияи онхо; муносибати комплексӣ ба вусъат додани истехсолот; такмил додани низоми зуд ва сари вакт баҳисобгирӣ, назорат, таҳлили корхонаҳо; пурзӯр намудани фаъолияти хадамоте, ки ба гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ нигаронида шудаанд; баланд бардоштани иқтидори захиравӣ, молиявӣ, иттилоотӣ, сармоягузорӣ ва инноватсионии корхонаҳо; самаранок истифода бурдани фондхои асосӣ ва истеҳсолии корхонахо; ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ дар корхонаҳо.




**Расми 3.7 – Механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ***

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамаи воҳидҳои дар боло зикргардидаи механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук бо ҳам алоқамандна ва аз ин рӯ, якпорчагии муайянро дар заминаи як принсипи ягонаи муттаҳидӣ ташкил мекунанд - ҳар яке аз онҳо ҳалли масъалаи баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва устувории корхона дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷиро аз ҳисоби ба вуҷуд овардан ва нигоҳ доштани бартариятҳои рақобатӣ ва мутобиқшавии баланд ба муҳити берунии бозори ба таври динамикӣ тағйирёбанда таъмин менамояд.

Ҳар як сохтор, дар навбати худ, ҳамчун системае ҳисобида мешавад, ки ҷузъҳои таркибии гуногунранги низомсозро дар бар мегирад. Дар поён ҷузъҳои асосии ҳар як сохторӣ МТИ-и пешниҳодшудаи идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, инчунин мантиқ ва сохтори ташаккули онҳоро муфассалтар дида мебароем.

1. Интихоби стратегияҳои рушди рақобатпазир. Стратегияи дуруст интихобшудаи рақобатпазирии рушди корхонаҳои саноати сабук, дар асоси таҳлили стратегии мавқеъҳои рақобатпазирӣ ва қобилияти потенсиалии он, имкон медиҳад, ки як қатор тадбирҳо муайян карда шаванд, ки мутобиқат, пасту баландшави ва ҳассосияти механизми дохили хоҷагиро ба тағйирёбии муҳити бозор баланд бардошта, имконияти илмӣ, техникӣ ва истеҳсолии корхонаро афзоиш медиҳанд. Дар адабиёти марбут ба мавзуи идоракунӣ таснифоти гуногуни стратегияҳои корхона муайян карда мешаванд, ки хеле маъмул буда, дар амалия дар шароити рақобати шадид тасдиқ карда шудаанд. Маҳз имконияти васеъ истифода бурдани стратегияҳо дар иқтисоди бозор қувваи пешбарандаи бизнесро ташкил медиҳад.[163]

Дар монографияи худ «Рақобати байналхалқӣ» М. Портер се стратегияеро ҷудо кардааст, ки ба андешаи ӯ, умумӣ мебошанд ва барои ҳар як қувваи рақобатпазир татбиқ мешаванд, инҳо – бартарии хароҷот, тафриқабандӣ ва истодагарию тобоварии корхонаҳои саноатӣ мебошанд. Ҳангоми тавсифи мафҳуми рақобатпазирӣ ӯ таъкид мекунад,

[163] Воронов А.А. К оценке уровня конкурентоспособности машиностроительных предприятий [Текст] / А.А. Воронов // Машиностроитель. - 2000. - №12. - С. 27-29.

ки корхонаҳо агар аз ҷиҳати арзиши камтар ва фарқияти маҳсулот бартарии қавии рақобатӣ дошта бошанд, ҳатман аз рақибони худ пеш мегузаранд. Хароҷоти кам, ба андешаи ӯ, қобилияти ширкатро дар самти бо хароҷоти нисбат ба рақибон камтар фурӯхтани мол инъикос мекунад. Маҳсулотро бо нархи якхела бо рақибон фурӯхта истода, корхона дар ин ҳолат фоидаи калон ба даст меорад. Тафриқабандӣ (дифференсиатсия) ин қобилияти муштариро бо арзиши беназир дар шакли маҳсулот, хосиятҳои истеъмолӣ ё хадамоти пас аз фурӯш таъмин карда тавонистан мебошад. Дилхоҳ стратегия бояд ба афзалияти рақобатпазирӣ диққат диҳад. Ғайр аз он, ки омили дигари муҳимме ҳаст, ки мавқеи рақобатпазириро муайян мекунад – ин ояндабинии корхона мебошад.

2. Ноил шудан ба ягонагии амалии ҳамаи зинаҳо ва равандҳои идоракунӣ дар сиёсати хориҷӣ ва дохилии корхонаҳои саноати сабук. Бо дарназардошти хусусиятҳои корхонаҳои саноатии нассоҷӣ, азнавташкилкунии идоракунии дохилӣ дар онҳо наметавонад хусусияти ягона дошта бошад ва зарурати равиши тафриқабандӣ ба интихоби самтҳои дигаргунсозиҳои сохториро дар ҳар яки онҳо дар назар дорад. Бо вуҷуди ин, барои онҳо зарурати таъмин намудани муносибати системавӣ дар раванди тағйироти ҷиддии сохтории хусусияти сифатидошта дар худи соҳаи идоракунӣ, умумӣ мебошад. Танҳо дар ин замина амалан роҳандозӣ намудани ягонагии амалҳои ҳамаи зинаҳо ва равандҳои идоракунӣ дар сиёсати хориҷӣ ва дохилии корхона имконпазир аст, яъне, фақат дар ин сурат ноил шудан мумкин аст, ки ба ҳамоҳангии идоракунӣ дар системаи менеҷмент ва ба ин васила таъмини гирифтани самараи бештар аз афзоиши қувваҳои тамоми ҳайати шахсӣ, бартараф кардани холигиҳо дар стратегия ва имкониятҳои иқтидори низоми идоракунӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои фаъолияти ҷоннокгардидаи соҳибкорӣ имконпазир мешаванд.

Бо дарназардошти ин, аз ҷониби ҷузъҳои таркибии ин сохтор самтҳои зерини фаъолият пешниҳод карда мешаванд: ҳалли мушкилоти

ислоҳоти муносибатҳои моликиятдорӣ; ҷорӣ намудани навъи соҳибкории идоракунии дохилифирмавӣ; азнавсозии куллии сохтори ташкилию хоҷагидории идоракунӣ; ташкили марказҳои маҳсулноки фоидаовар ва масъулият барои натиҷаҳои худмаблағгузорӣ; таъмини равиши комплексӣ ба азнавташкилкунии система ва сохтори идоракунии корхона. Бояд қайд кард, ки вазифаи ислоҳоти муносибатҳои моликиятдорӣ барои ноил шудан ба ҳамоҳангии (синергияи) идоракунӣ муҳим аст, зеро самараи мусбати хусусигардониро танҳо дар сурате ба даст овардан мумкин аст, ки табдили муносибатҳои моликиятдорӣ бо раванди бунёди менеҷменти корхона, аз ҷумла ғайримарказикунонии системаи идоракунӣ, баланд бардоштани мустақилият ва масъулияти зерсохторҳо ба таври органикӣ пайваст бошад, яъне вақте ки дар мадди аввал на масъалаи тағйир додани шакли моликият, балки масъалаи идоракунӣ қарор мегирад.

Таҷрибаи фаъолияти корхонаҳои ватанӣ моро бовар мекунонад, ки аз нигоҳи ташаккули соҳиби пурсамар нигаҳдории принсипҳои идоракунии дастаҷамъӣ дар раванди хусусигардонӣ, яъне гузариш ба моликияти коллективӣ мувофиқи мақсад аст. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, корхонаҳо ҳамчун моликияти ба кормандони онҳо дар бисёр кишварҳо дар сатҳи давлатӣ аз дастгирӣ бархурдор буда, бо санадҳои қонунгузорӣ танзим карда мешавад, бо қарзҳои имтиёзнок чунин амал ташвиқу тарғиб карда мешавад ва чуноне ки мутахассисони хориҷӣ қайд мекунанд, шакли самараноки моликияти хусусӣ, барои корхонаҳои миёна ва калон мебошад.[164]

Стратегияҳои гуногуни рушд системаҳо ва сохторҳои ба таври назаррас фарқкунандаи идоракуниро тақозо мекунанд, ки ташаккули онҳо, дар навбати худ, бо услуби дахлдори ташкилии рафтори корхона муайян карда мешавад. Дар адабиёти идоракунӣ сабкҳои афзоянда ва соҳибкории рафтори ташкилотӣ тавсиф карда шудааст. Услуби афзояндаи рафтори

---

164 Мескон М. Основы менджмента [Текст] / М. Мескон, М. Альберт, Ф. Хедоури. - Москва, 2010. - С. 53.

ташкилот то ҳадди имкон камтар фарқ кардани рафтори анъанавӣ ҳам дар дохили ташкилот ва ҳам дар муносибат бо муҳити беруна равона шудааст. Тағйирот пазируфта намешаванд, онҳо маҳдуд ва ё кам карда мешаванд. Услуби соҳибкорӣ муносибати дигарро ба тағйирот дар назар дорад. Корхонаҳои сабки мазкур ҷонибдори тағйирёбии муттасили сабки ҳосилшуда баромад карда, ҷустуҷӯии соҳибкории имкониятҳо ҷиҳати рушд аз ҳисоби тағйирот мебошанд.[165]

Талаботи объективии гузариш ба намуди соҳибкории идоракунӣ таҷдиди сохтори ташкилии идоракуниро талаб мекунад. Сохтори мавҷуда ва дар ҳама ҷо маъмул дар корхонаҳои саноатии ватанӣ, ки дар заминаи функсионалӣ сохта шудаанд, на ба ҷустуҷӯи эҷодӣ, балки танҳо баҳри иҷрои вазифа нигаронида шуда, ба шароити бозор мутобиқ карда нашудааст. Мақсади сохтори ташкилӣ – ин дастгирии корхона, мусоидат намудан ба тақвияти нақши менеҷмент дар татбиқи ҳадафҳо ва рисолати стратегии он, фароҳам овардани имкониятҳо барои вокуниши сареъ ба муҳити тағйирёбандаи хориҷӣ ва вазъи бозор мебошад.

Ба сифати қадамҳои амалӣ дар татбиқи ин сатҳ МТИ-и идоракунии рақобатпазирӣ дар ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» инҳо пешниҳод карда мешаванд: азнавсозии куллии идоракунии истеҳсолот; таҳия ва татбиқи сохтори ғайримутамаркази идоракунии дохилифирмавӣ; ташкили марказҳои мустақили истеҳсолӣ, ки дар заминаи технологӣ аз рӯи намудҳои маҳсулоти истеҳсолшуда ихтисос ёфтаанд; табдил додани истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ба марказҳои фоидаовар бо мустақилияти худмаблағгузорӣ ва барои натиҷаҳои ҷории фаъолияти худ ва рушди иқтидори ояндаи ҷамъияти саҳҳомии масъулбуда.

3. Дигар, такмили системаи идоракунии кадрҳо ва ҳавасмандгардонии меҳнат мебошад, ки бо ҷорӣ намудани МТИ-и идоракунии рақобатпазирӣ, бояд муваффақ шуда бошад, ки коллективи

[165] Иовчук С.М. Конкурентоспособность продукции на мировом рынке [Текст] / С.М. Иовчук. – Москва, 2000. - С. 37-38.

меҳнатӣ зарурати фаврии тағйироти куллиро дар системаи идоракунӣ ва фаъолияти корхона дар шароити муносибатҳои бозорӣ дарк ва қабул кунад. Дар ин росто, бояд вазифаи азнавсозии куллии системаи омодасозӣ ва таълими кадрҳо ба усулҳои нави менеҷмент ва меҳнат ҳамчун афзалияти аввалиндараҷа дар асоси стратегияи рақобатпазирии идоракунӣ гузошта шаванд. Бояд «теъдоди муҳим»-и кормандоне, ки муносибатҳои бозории корхонаро медонанд дар вазифаҳои асосӣ ва дар сатҳҳои ҳалкунандаи идоракунӣ кор ва фаъолият намоянд, онҳое, ки метавонанд дар бозори истеъмолӣ ба таври касбӣ кору фаъолият мекунанд, муайян карда шавад. Танҳо дар ин ҳолатҳои тағйироти сифатӣ баланд бардоштани самаранокии хоҷагидорӣ ва татбиқи амалии навъи соҳибкории идоракунӣ имконпазир мебошад.

Дар асоси он, пешниҳод карда мешавад, ки сохтори блоки сеюми МТИ-и идоракунии рақобатпазирӣ ба тариқи зайл ташкил карда шавад: азнавташкилдиҳии системаи таълим ва бозомӯзии кадрҳо бо дарназардошти талаботи менеҷмент ва маркетинг; такмил додани механизми ҳавасмандии меҳнатӣ ва масъулият барои таъмини рақобатпазирии маҳсулот ва корхонаҳо; афзоиши объективизм, баҳисобгирии арзёбии сифат ва натиҷаҳои меҳнат дар системаи музди меҳнат ва ҳавасмандгардонӣ; фароҳам овардани шароит барои рушди кори эҷодӣ ва меҳнати ташаббускорона; таҳияи системаи самарабахши қадршиносии меҳнат, ҷорӣ намудани усулҳои ғайри муқаррарии ҳавасмандгардонӣ ва подоши меҳнат; рушди демократияи истеҳсолӣ, таъмини иштироки кормандон дар қабули қарорҳои идоракунӣ; таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандони корхона; ташкили системаи шаклҳои гуногуни таълими истеҳсолӣ-иқтисодии коргарон ва хизматчиёни корхона мебошад.

4. Баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулот ва корхонаҳо, татбиқи системаҳои идоракунии сифат ва сертификатсияи онҳо. МТИ-и идоракунии рақобатпазирии корхона бояд стратегияи усулан

нави идоракунии сифати маҳсулотро ташкил диҳад. Ин имкон медиҳад, ки дар асоси муносибати комплексӣ ба ҳалли ин мушкилот роҳҳои афзалиятноки ба даст овардани бартариҳои рақобатӣ дар бозорҳои фурӯш пайдо карда шаванд.

Ҷанбаҳои стратегии муҳимми таъмини рақобатпазирии маҳсулот дар шароити муосир инҳоянд: самтгирии дақиқ ба сохтан ва баровардани маҳсулоти нав, ки ба талаботи амалия ва талаботи афзояндаи истеъмолкунандагон ҷавобгӯ мебошанд; такмил додан аз ҳисоби таҳия ва татбиқи қарорҳои нави техникӣ барои маҳсулоти қаблан азхудшуда ҷиҳати зиёд кардани давомнокии давраи ҳаёти он; рушди ҳамкорӣ бо шартҳои мутақобилан судманд бо корхонаҳои пешрафта оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти аълосифат дар бозорҳои хориҷӣ ва дохилӣ.

Шароити муосири бозор зарурати ба стандартҳои байналмилалии сифат мутобиқ кардани заминаи меъёрӣ ва техникии омодасозии истеҳсолот ва истеҳсоли маҳсулотро дар тамоми марҳилаҳои даври нави технологӣ талаб мекунад. Ин яке аз омилҳои муҳимтарини дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани рақобатпазирии корхона мебошад. Сиёсати сармоягузорӣ ва инноватсионии корхона, ки ба интихоби самтҳои афзалиятноки истифодаи захираҳои молиявӣ зимни иҷрои КИТТК равона карда шудаанд, бояд ба ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулот тобеъ карда шаванд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, ба ин блоки МТИ-и идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ҷузъҳои таркибии зерин ворид карда шудаанд: таҳияи стратегияи самарабахши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, самти содирот ба бозори ИДМ; таҳия ва татбиқи системаи ҳамгирошудаи идоракунии сифати маҳсулот (ISO 9000); сертификатсиякунонии тамоми маҳсулот барои мутобиқат ба талаботи стандартҳои аврупоӣ ва байналмилалии сифат; эҷод ва азхудкунии маҳсулоти усулан нави рақобатпазир; таъмини давомнокии марҳилаҳои

қаблан таҳияшудаи маҳсулот; рушд дар заминаи мутақобилан судманди ҳамкорӣ бо корхонаҳои пешрафта барои истеҳсоли маҳсулоти баландсифат; сертификатсиякунонии сифати тамоми маҳсулот ва молҳое, ки ба талаботҳои стандартҳои байналмилалии ISO 9000 мувофиқ бошанд.

Се блоки минбаъда - азнавташкилдиҳии системаи баҳисобгирӣ ва таҳлил, мукаммалгардонии идоракунии молиявӣ, равиши системавӣ ба диверсификатсия ва банақшагирии истеҳсолот - самаранокии дастгирии иқтисодии МТИ-и идоракунии рақобатпазирии корхонаро муайян мекунанд.

5. Раванди комплексӣ ба диверсификатсия ва банақшагирии истеҳсолот. Сохторбандии ин блок ҳамон самтҳои фаъолияти бахшҳои иқтисодӣ ва дигар сохторҳоро ҷудо мекунад, ки дар якҷоягӣ ба ҳалли мақсадноки баланд бардоштани бартариятҳои рақобатпазирии корхона ва фаъолона пеш бурдани содироти маҳсулоти истеҳсолшуда ба бозори ИДМ мусоидат мекунанд. Дар байни онҳо раванди системавӣ ба диверсификатсияи истеҳсолот бо дарназардошти шароити доимо тағйирёбандаи бозорро ҷудо кардан мумкин аст: таҳияи барномаҳои истеҳсолӣ ва таҷдиди назар кардани номгӯи маҳсулот; ташаккули нақшаҳои дарозмуддат, солона ва амалиёт барои коҳиш додани арзиши аслии маҳсулот, хароҷоти пул, захираҳои моддӣ, сӯзишворию энергетикӣ ва меҳнатӣ; дар амалияи хоҷагидорӣ фаъолона истифода бурдани усулҳои муосири банақшагирии тиҷорат, баҳисобгирии хароҷот, таҳлили функсионалӣ-арзишӣ ва дигар василаҳо барои такмили корҳои банақшагирӣ ва таҳлилӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани рақобатпазирии корхона ва таъмини фаъолияти безиён ва устувори он мусоидат мекунанд.

Фаъолияти самарабахши системаи идоракунӣ дар бисёр маврид бо самаранокии таъминоти ташкилии он аз қабл муайян карда мешавад. Ин далел дар робита бо ин блоки МТИ-и идоракунии рақобатпазирӣ таҳияи барномаҳои мақсадноки татбиқи маҷмуи чорабиниҳои ташкилӣ-иқтисодӣ

ва техникӣ-технологиро тақозо мекунад, ки инҳоро таъмин мекунанд: ноил шудан ба ҳадафҳои асоси банақшагирифташуда оид ба кам кардани хароҷот ва кам кардани арзиши аслии маҳсулот ҳамчун меъёри муҳим барои фаъолияти муваффақонаи корхона; такмил додани сатҳи техникӣ ва хосиятҳои истеъмолии маҳсулот; зиёд кардани ҳаҷми истеҳсол ва фурӯш; гирифтани фоида; воридшавии маблағҳо ва ғайра мебошад. Пешниҳод карда мешавад, ки барномаҳои мақсадноки банақшагирифташуда дар шакли фармоишҳои барномавӣ барои корхона ба расмият даровarда шаванд, ки дорои ҳадафҳои пешбинишуда буда, масъулияти хадамотро барои иҷрои онҳо дар назар гиранд. Таҳияи чунин барномаҳо бояд раванди такроршавандае бошад, ки марҳила ба марҳила (дар заминаи давраҳои солона ё дигар давраҳои банақшагирӣ) амалӣ карда мешаванд, ки дар ҳар кадоми онҳо ҷойгиркунии минбаъдаи мавқеъҳои барнома ва муайян кардани ҳадафҳои нақшавӣ бо системаи муқарраршудаи назорат ва масъулият барои иҷрои онҳо вуҷуд дорад.

Татбиқи амалии чунин равиш имкон медиҳад, ки мунтазам ва дар муддати кӯтоҳ истеҳсолоти асосӣ диверсификатсия карда шуда, дар ин замина номгӯйи навъҳои маҳсулот таҷдид карда шавад.

6. Азнавташкилдиҳии низоми баҳисобгирӣ ва таҳлили хароҷот. Сохтори ин блоки МТИ-и идоракунии рақобатпазирии корхона бо зарурати объективии такмил додани сиёсати баҳисобгирии корхона дар шароити тағйирёфтаи идоракунӣ дар робита бо омилҳои зерин: бо иҷрои саривақтии уҳдадориҳо дар назди буҷети давлатӣ; бо зиёд шудани талабот ба таъмини фаври роҳбарияти корхона ва бахшҳо бо маълумоти мукаммал ва боэътимод барои қабули қарорҳои баландсифат; бо зарурати азнавташкилдиҳии нақшаи корҳои баҳисобгирӣ бинобар равиши комплексӣ ба ҳамгироии баҳисобгирии муҳосибӣ, идоракунӣ ва андозӣ, аз қабл муайян карда мешавад.

Самти муҳимми азнавташкилдиҳии системаи баҳисобгирӣ ва таҳлили корхона таҷдиди сохтори хадамоти баҳисобгирӣ бо дарназардошти талаботи муносибатҳои бозорӣ ва гузариш ба идоракунии соҳибкорӣ ва дар асоси татбиқи муқарраароти муосири методологӣ ва методии системаи хориҷии баҳисобгирии хароҷот дар амалияи дастгоҳи ҳисобдорӣ мебошад. Амалӣ кардани мавридҳои болозикр имкон медиҳад, ки сатҳи сифатан нави идоракунии хароҷоти истеҳсолӣ ва ташаккули нархҳои маҳсулоти истеҳсолшударо таъмин намуда, бо ҳамин таъсири мусбати системаи баҳисобгирӣ ва таҳлилро ба афзоиши қобилияти рақобатпазирии корхона ва афзоиши фурӯши он боз ҳам ҷонноктар намояд.

7. Мукаммалгардонии идоракунии молиявии корхонаҳои саноати сабук. Вазифаҳои калидии системаи идоракунии молиявӣ инҳо мебошанд: таъмини устувории молиявии корхона дар муҳити рақобатӣ; арзёбии фаврӣ ва саривақтии хавфҳо ва манфиатҳои тарзҳои гуногуни сармоягузорӣ дар баланд бардоштани бартариятҳои рақобатпазирии маҳсулот; қабули қарорҳои стратегӣ оид ба интихоби манбаъҳои маблағгузорӣ, ки фаъолияти самарабахши молиявию хоҷагии корхонаро таъмин мекунанд; таҳкими иқтидори содиротӣ.

Ҷузъҳои яклухтгардидаи блоки МТИ-и идоракунии рақобатпазирии корхона чунинанд: таҳия ва татбиқи сиёсати молиявии корхона дар заминаи мушкилоти баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулот; мукаммалгардонии системаи банақшагирии молиявӣ ва назорати гардиши пул, идоракунии ҷараёни захираҳои молиявӣ; мукаммалгардонии равишҳои методӣ оид ба арзёбӣ ва таҳлили вазъи молиявии корхона; идоракунии дороиҳои гардонии (ҷории) корхона, ташаккули портфели сармоягузорӣ; таъминоти иттилоотии роҳбарияти корхона бо ҳисоботи молиявӣ барои назорати дохилӣ ва қабули қарорҳои оқилонаи идоракунӣ.

8. Ҷоннок кардани фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионӣ, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ.

Дар шароити муосири бозор, бидуни татбиқи ин блоки идоракунии рақобатпазирӣ, ҳалли масъалаҳои диверсификатсияи васеи истеҳсолот, азнав ҷиҳозонидани техникӣ ва технологӣ ва замонависозии корхона, ҷорӣ намудани равандҳои пешқадами технологӣ, сохтан ва азхудкунии маҳсулоти усулан нави рақобатпазир ғайриимкон аст. Ин вазъият нисбат ба блоки баррасишудаи МТИ-и идоракунии рақобатпазирии корхона зарурати зеринро ба миён меорад: таҳияи сиёсати сармоягузорӣ ва инноватсионии корхона; ташаккул ва интихоби самтҳои афзалиятноки истифодаи захираҳои молиявии корхона барои иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ; фаъолсозии сармоягузории дохилӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ барои рушди истеҳсолот.

9. Бинобар ин, дар айни замон, мо метавонем дар бораи татбиқи амалии консепсияи мукаммалгардонии фурӯш дар корхонаи мавриди баррасӣ сухан ронем, ки кӯшишҳои худро ба ниёзҳои фурӯшанда равона мекунанд. Дар робита ба ин, чорабиниҳои асосии ташкилии идоракунии рақобатпазирӣ дар ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» инҳоянд: ташкили хадамоти маркетингӣ барои корхонаҳо; пурзур намудани фаъолияти хадамоти маркетинг; гузаштани такмили ихтисоси кормандони хадамоти савдо ва маркетинг; харҷониба рушд додани пойгоҳи моддию техникии корхона, аз чумла хадамоти маркетингии он. Вазифаҳои аввалиндараҷаи ин шуъба аз инҳо иборат мебошанд:

- таҳияи усулҳои нави гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ;
- омӯзиши талабот, пешниҳод ва вазъи бозор бо мақсади ҷалби харидорони маҳсулот;
- омӯзиши ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи фаъолияти рақибон бо назардошти рушди афзалиятҳои рақобатӣ;
- пешниҳоди стандартҳои зарурии рақобатпазирии маҳсулот;

- арзёбии иқтидори рақобатпазирии корхонаҳо, инчунин татбиқи чораҳои таъмини рақобатпазирии маҳсулот;

- омузиши омилҳои экзогенӣ ва эндогенӣ барои таъмини ракобатпазирии корхонахои саноати сабук.

Мукаммалгардонии самтгирии маркетингӣ дар системаи идоракунии корхона азнавташкилдиҳии сохтори ташкилии идоракуниро дар назар дорад, ки аз азнавтақсимкунии функсияҳои идоракунӣ дар байни хадамоти корхона ва ҷудо кардану вогузор кардани вазифаҳои стратегии муҳимми идоракунӣ ба шуъбаи маркетинг зоҳир мегардад. Бо вуҷуди ин, тамоми захираҳои корхона бояд аз нуқтаи назари таъмини иҷрои нақшаи маркетингӣ баррасӣ карда шаванд. Корҳо оид ба ташаккули нақшаи истеҳсолӣ, идоракунии ҳайати кормандон, таҳлили молиявӣ ва амсоли он бояд бо мақсади таъмин ва назорати иҷрои нақшаи маркетинги корхона гузаронида шавад. Шуъбаи маркетинг бояд на танҳо маълумоти дигар зерсохторҳоро истифода барад, балки дастгирии онҳоро дар самти таҳияи нақшаҳои худ тавассути расонидани кумаки иттилоотӣ таъмин намояд.

10. Мукаммалгардонии дастгирии иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳо. Татбиқи стратегияи таъмини рақобатпазирии корхона дигаргуниҳои куллиро вобаста ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ талаб мекунад. Дар ниҳояти кор, сухан дар бораи гузариш ба технологияҳои компютерӣ меравад, ки имкон медиҳанд, ки хадамоти асосии корхона ба майдони ягонаи иттилоотӣ пайваст карда шуда, минбаъд ба шабака амалан ҳамаи шуъбаҳои он пайваст карда шаванд. Яъне, гап дар бораи таъсиси модели иттилоотии корхона меравад, ки ҳама амалиёти хоҷагидорӣ ва объектҳои дар онҳо иштироккунанда, инчунин тамоми гуногунии муносибатҳои онҳоро ба таври комплексӣ инъикос мекунад.

11. Азнавҷиҳозонидани техникию технологӣ ва замонависозии корхона, ҷорӣ намудани равандҳои пешқадами технологӣ:

✓ таҳияи барномаҳои тактикӣ ва стратегии идоракунии маркетингии корхона, рақобатпазирии он ва рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда; таҳқиқи хосиятҳои истеъмолии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва талаботе, ки харидорон ба онҳо мегузоранд;

✓ омӯзиши чорабиниҳои рақибон дар самти мукаммалгардонии маҳсулоти шабеҳ, баланд бардоштани мутобиқшавӣ ва бартариятҳои рақобатӣ;

✓ таҳияи меъёрҳои рақобатпазирии корхона ва назорат аз болои иҷрои онҳо;




**Расми 3.8 - Сохтори ташкилии хадамоти маркетингӣ ҷиҳати идоракунии рақобатпазирии махсулот ва корхона**

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

✓ ҷорӣ намудани методикаҳои арзёбии миқдории сатҳи рақобатпазирии маҳсулот ва корхонаҳо;

✓ оияндабинии сатҳи рақобатпазирии корхона ва маҳсулоти истеҳсолшаванда, таҳлили иқтидори стратегӣ, захираҳо, натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, талаботи бозор ва дараҷаи қонеъгардонии онҳо;

✓ арзёбӣ ва таҳлили рақобатпазирии корхона ва маҳсулот, инчунин ҳамоҳангсозии корҳо оид ба ташаккул ва татбиқи тадбирҳои ташкилию иқтисодӣ ҷиҳати беҳтар намудани он; мониторинги омилҳои

беруна ва дохилии рақобатпазирии корхона дар речаи воқеии вақт ташаккули стратегияҳои кӯтоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуддати маркетингӣ барои идоракунии рақобатпазирии корхона ва маҳсулот дар асоси ояндабиниҳои баромадҳои гуногуни рушди муҳити дохилӣ ва берунии корхона;

### 3.3. Самтҳои асосии идоракунии рақобатпазирӣ дар истеҳсолоти нассочии ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил»

Таъмини рушди инноватсионии истеҳсолоти нассоҷӣ дар Паёми соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин арёбӣ гардидааст: «...Бо дар назардошти тағйирёбии вазъу талаботи бозори ҷаҳонӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ тараққӣ додани соҳаи саноат ва коркарди маҳсулоти он то ҳадди ниҳоӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин мебошад».

Барои расидан ба ин мақсад бояд амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дода шуда, самаранокӣ ва сифати онҳо таъмин карда шавад.

Бинобар ин, бо мақсади амалисозии ҳадафҳои мазкур масъулини соҳа дар минтақаҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бояд фаъолияти худро доир ба ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои корӣ вусъат бахшида, доир ба вазъи корҳои анҷомдодашуда дар якҷоягӣ бо Ҳукумати мамлакат чораҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

Мавҷуд набудани баъзе намудҳои ашёи хом дар дохили кишвар барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ масъалаи ҳалталаб мебошад.

Вобаста ба ин, ашёи хоми барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда, ба истиснои ашёи хоми дар Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва молҳои зераксизӣ, андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шудаанд. Сохторҳои марбута дар давоми фаъолияти худ тартиби татбиқи имтиёзи мазкурро амалӣ намуда истодаанд.

Тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ доир ба ташкили истеҳсолоти ивазкунандаи воридот имкон доданд, ки аҳолӣ аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ бо молҳои асосии хӯрокворӣ, асбобҳои рӯзгор ва масолеҳи сохтмон таъмин гардида, ҳаҷми воридоти маводи ғизоӣ аз хориҷи кишварро дар давоми се соли охир қариб се миллиард сомонӣ ё 31 фоиз коҳиш диҳанд.

Ҳоло ҳиссаи ночизи пахтаи истеҳсолшуда дар дохили кишвар коркард шуда, имкониятҳои мавҷуда, алалхусус, дар самти таъсиси ҷойҳои корӣ дар соҳаи нассоҷӣ ба таври кофӣ истифода нашудаанд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ солҳои охир ҳамагӣ 10-12 фоизи нахи пахта дар дохили кишвар коркард мешавад. Соли 2019 содироти нахи пахта назар ба соли гузашта ду баробар афзудааст.

Бояд иброз намуд, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа додан зарур аст.

Шиддат гирифтани рақобати тиҷоратӣ миёни кишварҳо моро вазифадор месозад, ки дар самти пешгӯии хавфҳо ва коҳиш додани таъсири онҳо ба иқтисоди миллӣ, инчунин, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ тадбирҳои зарурӣ андешем.

Такмили қонунгузорӣ, ки ба дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ, махсусан, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ равона гардидааст, ҷорӣ намудани низоми дақиқи андозбандӣ, сода гардонидани расмиёти иҷозатдиҳиву иҷозатномадиҳӣ ва кам кардани шумораи онҳо, ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва роҳандозии чораҳои ҳавасмандгардонӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Инчунин, ҳамкорӣ бо ширкатҳои ватаниву хориҷӣ бо мақсади ҷалби сармояи мустақим барои ташкили корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ,

бахусус, дар соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ мувофиқи мақсад шуморида мешавад.

Дастгирии соҳибкории хурду миёна, махсусан, дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва содироткунандагони ватанӣ бо дастгирӣ ва маблағгузории Фонди дастгирии соҳибкорӣ амалӣ гардида, барои тақвият додан ва васеъ намудани имкониятҳои соҳавӣ бонки махсус таъсис додан зарур аст.

Ҳамзамон зарур аст, ки барои фаъолияти самарабахши қарздиҳии ин бонк ҳамасола аз буҷети давлат маблағҳои муайян ҷудо карда шавад.

Сиёсати давлат дар соҳаҳои истеҳсоли нассоҷӣ ва хизматрасонӣ дар ояндаи наздик бояд ба се самти асосӣ - ҳавасмандгардонии содирот, таъмин намудани гуногуншаклии истеҳсолӣ ба содирот нигаронидашуда ва содагардонии расмиёти савдо равона гардад.

Дар робита ба ин, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Хадамоти гумруки назди ҲҶТ, Агентии содироти назди ҲҶТ, Палатаи савдо ва саноати мамлакатро зарур аст, ки корҳоро ҷиҳати татбиқи равзанаи ягонаи амалиёти содиротиву воридотӣ ва транзитӣ суръат бахшида, дар масъалаи шомил шудан ба низоми умумии бархурдорӣ аз имтиёзҳо ва “долонҳои сабз” тадбирҳои амалиро ба роҳ монанд.

Ҳарчанд ки дар сохтори содирот молу маҳсулоти истеҳсоли корхонаҳои кишвар зиёда аз 450 номгӯйро ташкил медиҳанд, ҳиссаи содирот дар гардиши савдои хориҷӣ аз 18,9 фоизи соли 2013 ба 27,4 фоиз дар соли 2019 расидааст, ки ин ҳоло ҳам қонеъкунанда нест.

Дар натиҷаи амалисозии чорабиниҳои зарурӣ тайи 7 соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ қариб 3 баробар (аз 10 миллиард сомонӣ ба 27,5 миллиард сомонӣ) ва ҳиссаи соҳа дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар (ММД) 5,1 банди фоизӣ (аз 12,6 ба 17,7 фоиз) зиёд гардидааст, ки ин хело назаррас мебошад.

Вале нишондиҳандаҳои соҳа ҷиҳати иҷрои босифати барномаҳои қабулгардида ҳанӯз нокифоя мебошанд, ки он татбиқи корҳои муайянро

дар самти баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ талаб менамояд.

Бинобар ин, бояд аз ҳисоби самаранок истифода бурдани замин, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва азхудкунии заминҳои нав, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ, зиёд кардани масоҳати гармхонаҳои доимамалкунанда ва шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории меваю сабзавот оид ба беҳтар намудани таъминоти бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти босифати кишоварзӣ ва афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулот барои рушди устувор таъмин карда мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон  яке аз мамлакатҳои истеҳсолкунандаи пахта буда, талаботи ҷаҳониро барои таъмин намудани маснуотҳои пахтагин ба роҳ мондааст.

Солҳои охир шумораи корхонаҳое, ки ба коркарди нахи пахта машғул мебошанд, зиёда ба 20 ададро ташкил дода, мувофиқи тавоноии лоиҳавӣ, онҳо метавонанд ҳар сол то 77 ҳазор тонна нахи пахтаро коркард намоянд.

Коркарди пурраи нахи пахта дар ҷумҳурӣ имконият медиҳад, ки корхонаҳоро бо ашёи  хом таъмин намуда, корхонаҳои нави ресандагию бофандагӣ сохта, аҳолии маҳаллиро бо ҷои кор таъмин намоем. Сохтмони корхонаҳое, ки ба коркарди пурраи пахта дар ноҳияҳои пахтакор машғул мешаванд, низ пешбинӣ шудааст. Иҷро шудани барнома оиди истеҳсол ва коркарди пурраи пахта дар ҷумҳурӣ ва, инчунин, такмили техника ва технологияи заводҳои пахтатозакунӣ ва корхонаҳои ресандагӣ ва бофандагӣ, масъалаи ба ҷои кор таъмин намудани аҳолӣ, зиёд шудани даромад ба буҷаи давлатро аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти тайёри пахтагин ҳал менамояд.

Барои ҳалли ин масъала, барномаи васеи истифодабарии таҷҳизотҳои нав ва тараққиёти саноати пахтатозакунию ресандагӣ, бофандагӣ, сохтмони заводҳои нави пахтатозакунӣ пешбинӣ карда шудааст. Аз тарафи

дигар, тайёр намудани мутахассисон низ аҳаммияти калон дорад ва сатҳи дониши онҳо бояд хеле баланд бошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз технологияи инноватсионӣ се низоми аз нахи пахта истеҳсол кардани ресмон вуҷуд дорад: шонаресӣ, коркардавӣ ва аппаратӣ. Низоми ресидан – ин интихобкунӣ ва бо пайдарпаии муайян истифода бурдани таҷҳизоти технологӣ барои истеҳсол кардани ресмон аз наххо ё омехтаи онҳо мебошад.

Ба таркиби омехтаҳои наххо масолеҳи пастсифат низ ворид карда мешавад. Ҳиссаи нахҳои пастсифат дар омехтаҳои барои технологияи ҳалқаресӣ пешбинигашта 10-45 % ва барои ресмони ҳамворшаванда 7-15 %-ро ташкил мекунад. Дар натиҷаи ба таркиби омехтаи наххо дохил намудани масолеҳи пастсифат миқдори кандашавии ресмонҳо афзуда, ҳосилнокии таҷхизот ва сифати маснуот паст мегарданд. Бо мақсади пешгирӣ намудани таъсири манфии истифодабарии наххои сифаташон паст ба нишондиҳандаҳои тавсиягаштаи коркарди масолеҳ (пеш аз ҳама, реҷаи суръат) риоя мекунанд. Шарти асосии коркарди бомуваффақияти нахи пастсифат – қаблан тоза кардани он мебошад.

Барои васеъ намудани ҳаҷми ашёи хоми саноати пахтабофӣ аз омехтаҳои пахта бо наххои кимиёӣ истифода мебаранд. Қариб тамоми намудҳои наххои кимиёӣ қобилияти бо пахта ресида шуданро доранд.

Хосиятҳои хуби гигиении либоси таг ва сабук қиматии матоъҳои пахтагини бо ин мақсад истифодашавандаро муайян мекунад. Чунин матоъҳо мулоиму сабук буда, намкашу ҳавогузаронанд. Вобаста ба ҳарорат ва рутубати муҳит онҳо намнокии худро тағйир медиҳанд, нами аз бадани инсон ихроҷгаштаро ба осонӣ ҷабида мегиранд ва ба муҳити атроф медиҳанд.

Матои пахтагин камбудиҳо низ дорад, азбаски ҳиссаи деформатсияи чандири нахи пахта кам аст чунин матоъҳо сахт ғичим шуда, бинобар печтобдор будани наххо ба осонӣ ифлос мешаванд. Либоси пахтагин ҳангоми истифодабарӣ шакли устувор надорад, онро нигоҳ дошта наметавонад.

Имрӯзҳо талабот ба маснуоти пахтагин хеле зиёд шудааст. Бинобар ин қисме аз ресмон ва матоъҳои аз пахта тайёргашта, ки қаблан таъиноти саноатӣ доштанд, бо ресмонҳои кимиёвӣ ва масолеҳи нобофта иваз шуда истодаанд.

ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» - дар ноҳияи Данғара ба сифати яке аз корхонаҳои калонтарин дар Осиёи марказӣ маҳз бо ҳамин мақсад ва ҷиҳати истеҳсол ва содироти маҳсулоти нассоҷӣ бунёд шуда истодааст. Соли 2014 ҳангоми гузаронидани санги асосии бунёди он ва ифтитоҳи навбати аввали корхона дар моҳи августи соли 2016 аҳаммияти ин маҷмааи истеҳсолиро барои рушди иқтисодиёти кишвар тасдиқ шудааст.

Тибқи ҷадвали тасдиқшуда, сохтмони навбати якуми истеҳсолоти ресандагӣ корхона моҳи марти 2014 оғоз гардида, тавре ки гуфта шуда, марҳалаи аввали он моҳи августи 2016 бо иқтидори даҳ ҳазор тонна (10 000 тонна) нахи пахта дар як сол ва истеҳсоли ришта сохта шуда ба фаъолият оғоз кард. Хушбахтона, ин адад дар як соли ҳисоботӣ хубу назаррас буда, рушди иқтисодии корхонаро баланд мекунад.

Дар соли 2016 корхона 6105 тона пахта қабул кард, ки аз он 2295 тона нахи пахта, 3600 тонна чигит, 120 тонна матои нобофта истеҳсол кард. Истеҳсоли ресмони пахтагини тамғаи 30,40,50,60 бошад хело хуб ба роҳ монда шудааст ва онро ба давлатхои хориҷа низ фурӯхта мешаванд. Ҳоло ин корхона истифодабарии технологияи нави Чинӣ, Олмонӣ ва Швейцариягиро ба роҳ монда маснуотҳои бо сифати хуб истеҳсол карда истодааст.

Дар ҷараёни ташкили фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ ва молиявии корхона хароҷотҳои зерин дар соли 2015 ба 4592600, дар соли 2016 – 5592600, дар соли 2018 даромади корхона 20% зиёд шудааст, ки 3158613,6 сомониро ташкил медиҳад.

Ҳоло фаъолияти ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» аз ҳисоби фуруши маснуотҳои асосӣ (нахи пахта, чигит, матои нобофта, ресмони пахтагини тамғаҳои 30,40,50,60) самаранок мебошад.

***Ҷадвали 3.1 - Баҳодиҳии сифати ресмони дурушти пахтагин***

| **Нишондодҳои физикию механикӣ** | **Воҳиди ченак** | **Нишондодҳо аз рӯи стандарти байнидавлатӣ** | **Нишондоди ҳақиқӣ** |
|---|---|---|---|
| Ғавсии номиналии ресмон | Текс | 20,0 | 20,4 |
| Дуршави ғавсии кондитсионӣ аз номиналӣ | % | +2,0 – 2,5 | 0,2 |
| Навъ | | 1 | 1 |
| Қувваи кандашави ҳангоми ёзиши як ресмон, на камтар | гс/текс | 11,5 | 12,9 |
| Коэффитсенти тағироти ҷузъӣ аз рӯи қувваи кандашавӣ, на зиёд | % | 13,8 | 13,2 |
| Нишондиҳандаи сифат | | 0,83 | 0,97 |
| Коэффитсенти тағироти ҷузъӣ аз рӯи зичии хатти (линейная плотность), на зиёд | | 6,0 | 2,6 |
| Коэффитсенти тобхури, на зиёд | | 37,9 | 34,8 |
| Намнокӣ | % | 7,0 | 6,1 |
| Синф | | | А |
| Миқдори нахи пахта | % | | 100 |

***Сарчашма:** ҳисобҳои муаллиф

Нишондиҳандаҳои сифати ресмони дурушти пахтагини ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» дар моҳи январи соли 2017, рақами ресмон Nm 50/1 (Ne 30/1) аз рӯи намунаи санҷиш нишон медиҳад, ки ба ҳуҷҷати меъёрии техникии ГОСТ 9092-81 «Ресмони пахтагин барои истеҳсолоти кешбофӣ, ТУ» ҷавобгӯ буда ва фуруши ин маснуоти нассоҷӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ рақобатпазир мебошад.

Ҳамин тариқ, дар назди мутахассисони кишоварзӣ масъалаи зиёд намудани миқдори пахта ва ҳосилнокии он, масъалаи пешниҳоди навъҳои нави селексионии аз рӯи боду ҳавои ноҳияҳои пахтакор мутобиқшуда ва вазифаи мутахассисони саноати пахтатозакунӣ, ресандагӣ, бофандагӣ ва дузандагӣ бошад, коркард ва тайёр намудани маҳсулотҳои ниҳоии босифат, ки мувофиқи стандартҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Дар соли 2016 корхона 6105 тона пахта қабул кард, ки аз он 2295 тона нахи пахта 3600 тона чигит 120 тона тору-пут истеҳсолкардааст.

Истеҳсоли риштаи маҳини маркаи 30,40,50,60 бошад хело хуб истеҳсолшуда, онро ба давлатҳои Туркия, Полша, Германия фурӯхта шудааст. Айни ҳол корхона дар давраи фаъолияти хело хуб қарор дошта ва бо тамоми таҷҳизоти навтарини замонавии давлати Олмон муҷаҳҳазонида шудааст.

Корхона аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти асосӣ (нахи пахта, чигит, тору-пут, риштаи маҳини маркаи 30,40,50,60) ва дигар маҳсулот даромаднокии худро ба 10132600 сомонӣ расонидааст. Дар ҷои дигар даромади корхонаро бо ин адад ишора мекунанд яъне 15793068 сомонӣ расидааст.

Зери мафҳуми хароҷотҳои корхона ин пастшавии манфиатҳои (суд) иқтисодӣ дар натиҷаи хориҷ шудани воситаҳои пулӣ ва дигар молу мулке, ки ба вуҷудорандаи уҳдадориҳое, ки ба пастшавии сармоя оварда мерасонанд, фаҳмида мешаванд.

Бо мақсади идора кардани хароҷотҳо як чанд таснифотҳои хароҷот истифода мешаванд. Дар ҷараёни ташкили фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ ва молиявии корхона хароҷотҳои муайян бурда мешаванд. Хароҷоти корхонаи номбурда дар соли 2015- ба 4592600 ва дар соли 2016 - 5592600 сомониро ташкил кард.

Натиҷаи тақсимоти маҳсулоти миллӣ дар даромад ифода меёбад. **Даромад** гуфта, суммаи маблағҳои пулиеро меноманд, ки дар мӯҳлати муайяни вақт ба даст оварда шудаанд.

Мафҳуми даромадро барои инъикос намудани натиҷаи истифодаи омилҳои истеҳсолот низ истифода мекунанд. Ба ақидаи бештари иқтисодчиён даромад афзоиши арзиши маҳсулоти истифодашударо бар хароҷотҳои он инъикос менамояд.

Мафҳуми даромади корхона зиёдшавии манфиатҳои иқтисодӣ дар натиҷаи воридшавии воситаҳои пулӣ ва дигар молу мулк ё пардохти қарзҳо, ки ба болоравии сармоя оварда мерасонанд, фаҳмида мешавад.

Даромад ба монанди хароҷотҳо тақсим мешаванд ба:

- Даромад аз фаъолиятҳои муқаррарӣ

- Даромадҳои амалиётӣ
- Даромадҳои ғайриистеҳсолӣ
- Даромадҳои таъҷилӣ (фавқулода)

Ба даромадҳо аз фаъолиятҳои муқаррарӣ, даромад аз фурӯши маҳсулот, воридотҳои пулӣ алоқаманд ба иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо дохил мешаванд.

Ба даромадҳои амалиётӣ дохил мешаванд:

- Воридотҳо, алоқаманд бо додани пардохтҳо барои истифодабарии дороиҳои (активҳои) корхона;
- Воридотҳо, алоқаманд бо додани пардохтҳои ҳуқуқӣ, ки аз патентҳои ихтироъкорӣ, намунаҳои саноатӣ ва дигар эҷодкориҳо ба вуҷуд меоянд;
- Воридотҳо, алоқаманд дар иштирок дар ташкилкунии сармояи оиномавии дигар корхонаҳо;
- Фоидае, ки корхона дар натиҷаи фаъолияти муштаракаш ба даст меорад;
- Воридотҳо аз фурӯши воситаҳои асосӣ;
- Фоизҳо аз воситаҳои пулии корхона барои истифодабарӣ дода ва фоизҳое, ки корхона аз бонкҳо ба хотири истифодаи маблағҳои дар суратҳисобҳояшон дар ҳамин бонкҳо дошта, ба даст омадаанд

Ба даромадҳои ғайриистеҳсолӣ дохил мешаванд;

- Ҷаримапулиҳое, ки ҳангоми шикастани шартҳои шартномаҳо ба даст меоянд;
- Дороиҳои беподош бадаст оварда, аз ҷумла бо шартномаҳои тухфашуда;
- Фоидаи солҳои гузашта;
- Суммаи маблағҳои кредиторон (қарздиҳандаҳо) ва қарздороне, ки муҳлаташон гузаштаанд;
- Фарқиятҳои қурбӣ ва гайраҳо.

Даромадҳои таъҷилӣ – даромадҳое, ки дар натиҷаи ҳолатҳои таъҷилии фаъолияти хоҷагидорӣ (сатҳи камбизоатӣ, сухтор, садамаҳо, милликунонӣ ва ғ.) ба амал меоянд: талофии суғуртавӣ, арзишҳои моддие, ки аз хориҷшавиии корношоямӣ ба барқароркунӣ ва ба муҳлати дуру дароз истифод бурдани дороиҳо ва ғайраҳо.

Дар ҷараёни ба вуҷуд овардани фаъолиятҳои иқтисодӣ корхона даромад ба даст меорад. Даромад аз фурӯши махсулотҳои нассоҷи пахтаи коркард ва тозакардашуда, матоъ, ришта (20 мл, 30мл, 40мл, 60мл) ва ғайра мебошад.

Даромад (даромад аз фурӯш) аз фаъолиятҳои асосӣ, ба ин дохил мешавад даромад аз фурӯши молу маҳсулот (иҷрои кор, хизматрасониҳои дузандагӣ);

Даромад (даромад аз фурӯши тору-пуд) аз фаъолияти маблағгузорӣ (инвеститсионӣ)- ин натиҷаи молиявӣ аз фурӯши активҳои ғайригардон корхонаи насоҷи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» мебошад.

Даромад аз фаъолияти молиявӣ ин дар худ натиҷаи тақсимоти вомбаргҳо ва саҳмияҳои корхонаро дар байни саҳҳомон нишон медиҳад. Даромад аз фурӯш - суммаи воситаҳои пулиро, ки ба ҳисобҳо ба тариқи пардохти маблағи фурӯши молу маҳсулот, иҷрои кор, расонидани хизматҳо ворид мешаванд, нишон медиҳад. Даромад аз фурӯши корхонаи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» яке аз сарчашмаҳои асосии селаҳои пули корхона ва ноҳия ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки даромади корхона дар соли 2016 157 930 68 ва дар соли 2018 даромади истеҳсолот 18951681,6 яъне дар соли 2018 даромади корхона 20% зиёд шудааст, ки суммаи он ба (3158613,6) сомонӣ мерасад.

Моҳияти даромад аз фурӯш методҳои кори корхонаро муайян мекунад, ки ҳолати фурӯш аҳаммияти асосӣ барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои молиявӣ корхонаро дорад.

Асосан дар таҷриба ду методи муайн кардани ҳолати фурӯшро қабул намудаанд:

- Аз рӯи ҳамлу нақл-методи ҳисобкунӣ;

❖ Аз рӯи пардохт-методи хазинавӣ.

Меъёри даромад аз фурӯш баробар ба хароҷотҳои умуми бударо ҳаҷми критикии (танқидии ,мушкил, хатарнок) фурӯш меноманд. Агар корхона даромадро ба миқдори кам аз меъёри критики гирад ин корхонаро ба зиён мерасонад ва агар корхона аз меъёри критикӣ даромад аз фурӯшро зиёд гирад пас ҳаҷми фурӯш ба корхона фоида меорад. Истифодаи гуруҳбандии хароҷотҳо ба хароҷотҳои тағйирёбанда ва доимӣ, ҳисобкунии ҳаҷми критики фурӯш мебошад ва аз рӯи формулаи зерин истифода мешавад.

$$\text{Ҳ}_{\text{КФ}}=\frac{FC}{H-VC} \qquad (3.1)$$

**$\text{Ҳ}_{\text{КФ}}$**- ҳаҷми критики фурӯш, **Н**- нархи маҳсулот, **FC**-хароҷотҳои доимӣ**,** **VC**-хароҷотҳои тағйирёбанда.

Асосан даромад аз фурӯш бо ду метод ҳисоб карда мешавад.

1. Методи ҳисоботҳои мустақим.

Даромад аз фурӯш **($\text{Д}_{\text{ф}}$)=**нарх(**Н**)*ҳаҷми маҳсулотҳои истеҳсол шуда (**Q**)

2. Методи ҳисобкунӣ.

**$\text{Д}_{\text{ф}}= \text{Б}_{\text{м}}+\text{Ҳ}-\text{Б}_{\text{мо}}$**

**$\text{Б}_{\text{м}}$-** бақияи маҳсулоти тайёр дар аввали сол

**$\text{Б}_{\text{мо}}$-** бақияи маҳсулоти тайёр дар охири сол

**Ҳ-** ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот

Фоидаи корхона - ин нишондиҳандаи муҳимми ифодакунандаи натиҷаи фаъолияти молиявии корхона мебошад.Мақсади ниҳонии фаъолияти сохтори тиҷоратии ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити иқтисоди бозор, ба даст даровардани фоида буда, ки он барои инкишоф ва аз ҷиҳати иқтисодию молиявӣ мустаҳкамшавии корхона, ҳамчун асос хизмат мекунад. Фоиданокии корхонаи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» дар асоси баландбардоштани самаранокии истеҳсолот ва бо муваффақият иҷро намудани вазифаи худ, амалӣ мегардад.

Фоида, ҳамун нишондиҳандаи муҳимми самаранокии иқтисодии иҷтимоии корхона аз омилҳои таъсир бахши зиёде вобаста мебошад, яъне аз муҳимтарини онҳо паст кардани арзиши аслӣ буда, бо баробари кам кардани хароҷоти истеҳсолот, фоида зиёд мегардад.

Ҳамин тавр, фоида ифодакунандаи фарқи байни даромади корхона ва арзиши аслии маҳсулоти моллии ӯ мебошад. Аз ин рӯ, ҳаҷми фоидаи корхонаи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» бе восита вобаста аст аз ҳаҷми даромади пулӣ корхона ва маҷмуи хароҷотҳо барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти нассоҷӣ вобаста мебошад.

Ҳар як субъектҳои хоҷагӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, кушиш ба харҷ медиҳанд,ки фоидаи худро то рафт зиёд намоянд ва ҳолати молиявии худро то рафт мустаҳкам намуда, қобилияти рақобатпазирии худро устувор намоянд. Аз ин лиҳоз, барои зиёд ва афзун намудани ҳолат ва натиҷаи молиявии худ ҳар як корхона мубориза мебаранд, то ки ҳавасмандии онҳо то рафт афзояд. Доир ба ин раванд корхонаи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» бо дасгирии бевоситаи асосгузори сулҳу ваҳдати милли пешвои муазами милат мухтарам Эмомалии Раҳмон дар корхона дар соли 2018 боз як дастгоҳи калони дузандаги аз давлати Олмон ворид намуданд.

Барои ба даст даровардани фоидаи дилхоҳ, кормандон бояд ҳавасманд карда шавад :

- Ҳавасмандгардонии корхона ва коллекетиви меҳнатиро дар болоравии самаранокии хоҷагидорӣ таъмин менамояд, чунки аз фаъолияти натиҷаи ниҳонии молиявии корхона бе восита вобаста даромади соҳибкорон ва кормандони онҳо:
- Рақобати байни субъектҳои хоҷагӣ; дар ин рақобат корхонаҳое, ки аз ҷиҳати молиявӣ устувор ва дараҷаи даромаднокиаш баланд, бурд мекунанд, дар ҳолатҳои зарурӣ барои васеъ кардани корхона имкониятҳои молиявии пайдо менамоянд ва таъғир додани корҳои маҳсулотии худ шароити объективӣ ба вуҷуд меоранд.

Ҳамин тавр, дар шароити иқтисоди бозор, ҳамин гунна корхонаҳо бо муваффақият фаъолият ва инкишоф меёбанд, агар онҳо ба таври мунтаззам фоидаи максималии худро таъмин намоянд.

Фоида пулии - ин қисми асосии андӯхти пулие, ки дар шаклҳои гуногуни моликияти корхонаҳо ба вуҷуд оварда шудааст, ифода меёбад.

Дар бозори моллӣ ва хизмат (хадамот) корхонаҳо маҳсулоти худро ба истеъмолкунандагон мефурӯшанд ва даромад аз фурӯши маҳсулот ба даст меорад. Агар суммаи даромади ба дастовардашуда нисбат аз хароҷотҳои истеҳсолию муомилот зиёд бошад, онгоҳ корхона соҳиби фоида мегардад ва ё, агар акси ҳол бошад, корхона зарар мебинад, ки он мутлақо ба қонунҳои муносибати бозорӣ мувофиқ нест.

Дар сатҳи корхона дар шароити муносибатҳои молӣ- пулӣ даромади холис шакли фоидаро мегирад.

Дар бозори молҳо корхона ҳамчун истеҳсолкунандаи мол нисбатан мустақилона амал мекунад. Нархи маҳсулот дар бозор аниқ гашта, маҳсулотро ба истеъмолкунандагон мефурушанд ва дар ин ҳол пул ба даст меояд,ки маънои ба даст даровардани даромадро надорад.Барои муайн кардани натиҷаи молиявӣ зарур аст, ки фоидаи ба даст даровардашуда бо хароҷоти барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти он сарф шуда, ки ба худ шакли арзиши аслии маҳсулотро мегирад, муқоиса карда мешавад. Вақте,ки даромади ба даст омада аз арзиши аслии маҳсулот камтар бошад, натиҷаи молиявии корхона аз он шаҳодат медиҳад,ки фоидаи холис ба даст даровaрда шудааст, акси ҳол зарурии корхонаро ифода мекунад.

Чӣ хеле, ки дар боло қайд карда шуд, ки корхона дар назди худ мақсад мегузорад, ки бештар фоида ба даст дарорад, вале мутаасифона на ҳамааш ба онҳо соҳиб мегарданд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти ҳамаи субъектҳои хоҷагӣ, фаъолияти соҳибкорӣ буда, мақсади он хар чи бештар ба даст овардани фоида мебошад. Аз ин рӯ корхонае, ки фаъолияти худро мувофиқи талаботи иқтисоди бозорӣ ташкил карда бошанд, номгӯи маҳсулот дар ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши онҳо мувофиқи талаби замон бошад, дараҷаи техникию технологии истеҳсолот ва таъмин

бо кадрҳои болаёқад асос ёфта бошад, ингуна корхонаҳо ба мақсади худ мерасанд ва фоидаи мунтаззамро ба тариқи доимӣ соҳиб гаштанашон аз эътибор дур нест.

Фоида ҳамчун категорияи муҳимми муносибатҳои бозорӣ вазифаҳои муҳимро иҷро мекунад.

Якум, самаранокии иқтисодиро дар рафти фаъолияти корхона нишон медиҳад.

Вале тамоми паҳлуҳои фаъолияти корхонаро бо ёрии як нишондиҳандаи фоида баҳо додан ғайри имкон аст. Ингуна нишондиҳандаи умумӣ вуҷуд дошта, ҳам наметавонад.

Маҳз барои ҳамин ҳам дар вақти таҳлили фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ ва молиявии корхона системаи нишондиҳандаҳо истифода бурда мешавад.

Аҳаммияти фоида аз он иборат аст, ки вай натиҷаи охирини молиявиро ифода менамояд. Дар баробари ин таъсир мерасонад, ки ба ҷиду ҷаҳди корхона вобастагӣ дорад ва ё вобастагӣ надорад.

Дар амал вазъи бозор, самти нарх ба доираи нуфузи корхона дохил мешавад. То андозаи муайян омилҳои зерин ба корхона вобастагӣ доранд, ба монанди самти нарх ба маҳсулоте, ки ба фурӯш дароварда мешавад, музди кор, дараҷаи хоҷагидории оқилона, роҳбарии бо салоҳияти менеҷерҳо ба рақобат тобоварии маҳсулот, ташкили истеҳсолот, ва меҳнат, самарабахшии он, ҳолат ва сермаҳсулии ба нақшагирии истеҳсолии молиявӣ ва ғайра.

Дуюм, фоида- вазифаи ҳавасмандгардониро иҷро менамояд. Мазмуни он аз он иборат аст, ки вай ҳамчунин натиҷаи молиявӣ ва таркиби асосии захираҳои молиявии корхона ба ҳисоб меравад.Таъмини ҳақиқии принсипи маблағгузорӣ аз рӯи фоидаи ба даст омада муайян карда мешавад.

Фоида – ин қисми арзиши иловашуда мебошад, ки дар натиҷаи коркард ва фурӯши маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасониҳо ба даст меояд. Ҳадафи асоси корхонаи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил»

талаботи мардумро бо мол қонеъ кардан ва гирифтани фоидаи зиёд мебошад.

Фоидаи корхонаи номбурда дар соли 2015- ба 5540000сомонӣ ва дар соли 2016 -10200 468 сомониро ташкил мекунад,ки ин ро дар ҷадвал батаври ҳақиқи нишон медиҳем.

**Ҷадвали 3.2 - Ҳаҷми фоидаи корхонаи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил**

| Нишондиҳанда | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|
| Фоидаи корхона, сомонӣ | 5540000 | 10 200 468 | 5744009,6 | 5948018,72 | 5621603,74 |

***Сарчашма:*** муаллиф дар асоси маълумотҳои ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил таҳия намудааст.

Дар шароити муносибатҳои бозор читавре, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ду сарчашмаи асосии фоида гирифтан мавҷуд аст:

- сарчашмаи якум, аз ҳисоби инҳисори будани корхона оид ба итеҳсоли ин ё он маҳсулот ба вуҷуд меояд. Ба таври доимӣ нигоҳдоштани ин сарчашма дар ҳолати нисбатан баланд тақозо менамояд,ки маҳсулоти корхона ҳамеша таҷдид гардад. Дар ин қувваҳои мухолифаткунанда ба монанди сиёсати ҷиддии инҳисории давлат ва рақобати афзоянда дар корхонаҳои дигарро ба ҳисоб гирифтан лозим аст. Дар мамлакати мо, ки корхонаҳои фаъолияткунанда низ аз ҳамин қабл корхонаҳо мебошад, сарчашмаи асосии фоидаи онҳо аз ҳисоби нарх амалӣ менамоянд. Чунки рақобаткунандагон дар бозор,ҳоло начандон зиёд мебошад ва онҳо аз ин ҳолатҳо истифода намуда дар шакли инҳисорӣ ба даст меоранд. Корхонаҳое, ки ба бозор пешкаш менамояд, миқдор ва шумораи онҳо зиёд гарданд, онгоҳ рақобат маҷбур месозад, ки дараҷаи инҳисорӣ кам гарданд. Дар ҳолати онҳо ҳаракат бо харҷ медиҳанд, ки дигар сарчашмаҳои зиёд кардани фоидаро пайдо намоянд.

- сарчашмаи дуюм, ба фаъолияти бевоситаи истеҳсолию соҳибкорӣ алоқаманд аст. Дар амал вай тамоми корхонаро дар бар мегирад, яъне фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасон ва ғайраро. Самаранокии фаъолияти соҳибкории корхонаи ҶСП «Ҷунтай-

Данғара Син Силу Текстил» аз донистани вазъи бозор ва мувофиқ карда тавонистани тараққиёти истеҳсолоти насоҷӣ вобаста аст. Дар ин ҷо,бояд аз тарафи шуъбаҳои бозоршиносӣ ва мутахасисони он бештар ба гузаронидани тадқиқотҳои бозоршиносӣ аҳаммияти хосадиҳанд. Андозаи фоида дар ин ҳолат ба онҳо вобаста аст:

Якум, аз интихоби дурусти самти истеҳсоли молҳои насоҷӣ намунаи маҳсулот, интихоби маҳсулоти интихобшаванда, ки ба он эҳтиёҷот зиёд аст.

Дуюм аз муҳайё намудани шароити қурби фуруш ва барои рақобат шитоб овардани молу маҳсулоти корхона ва хизматрасонӣ (нарх, муҳлати баровардани маҳсулотҳо ба бозор; хизматрасонӣ ба харидорон ва муҳайё намудани шароити зарурӣ ба муомилоти мол, хизматрасони баъди фурӯш ва ғайраҳо):

Сеюм аз ҳачми истеҳсолот ва номгуиҳои маҳсулот (чи қадаре, ки ҳаҷми истеҳсолот зиёд бошад ва маҳсулоти он бозоргир бошад, ҳамон қадар даромад аз фоида меафзояд).

Чорум аз тариқи ҷоннок намудан ва бештар истифода намудани истеҳсолот аз фаъолияти навоваронаи (инноватсионии) корхона.Истифодаи навоварӣ тақозо менамояд, ки маҳсулоти истеҳсолшаванда пай дар пай таҷдид гардад,қобилияти ба рақобат тобоварии он афзуда, дараҷаи болоравии маҳсулотҳо то рафт меафзояд, арзиши аслии маҳсулотҳои корхона то рафт кам (паст) гашта, ҳаҷми фурӯши маҳсулоти он муннтазам меафзояд , ки онҳо сабаби зиёд гардидани ҳаҷми фоида гардида, дараҷаи устувории молиявии корхона то рафт мустаҳкам гашта, натиҷаи фаъолияти молиявии корхона меафзояд ва дараҷаи даромаднокии он зиёд( баланд ) мегардад.

Фоида аз фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) қисми муҳимми фоидаи умумии корхонаро ташкил медиҳад ва маънои фоидаи холисро дар корхона дорад.

Қисми боқимондаи фоидаи балансӣ (умумӣ) асосан аз нав тақсимкунии даромад ё, ин ки фоидаи пештар ба даст омадаро ифода

мекунад. Натиҷагирии охиринии молиявии фаъолияти хоҷагидории корхона фоидаи балансӣ ба ҳисоб меравад.

Фоидаи балансӣ ин маблағи даромадҳою (зарарҳои) фоидаҳои корхона ҳам аз фурӯши маҳсулот ҳам аз фоидае (зараре) мебошад, ки ба истеҳсол ва фурӯши он вобастагӣ надорад. Дар зарари мафҳуми фуруши маҳсулот на танҳо фуруши маҳсулотҳои истеҳсолшуда, ки шакли молу ашё дорад, балки иҷрои кор , хизматрасонӣ низ фаҳмида мешавад.

Фоидаи балансӣ ҳамчун натиҷаи охирини фаъолияти молиявӣ дар асоси ба ҳисобгирии бухгалтерии тамоми амалиётҳои корхона ва моддаҳои балансӣ корхонаро дар бар мегирад.

Фоидаи балансӣ ба натиҷаи охирини фаъолияти молиявии корхона алоқаманд буда, дар баланси он ифода меёбад, ки он дар ҷамъбасти семоҳаи сол тартиб дода мешавад.

Ҳамзамон, раванди фаъолияти корхона хело бо маром суръат гирифта, даромади корхона ба 157 930 68 сомониро ташкил мекунад. Қарзи дебиторӣ Дт 498954 сомонӣ ва қарзҳои кредитори Кт 164 403 900 сомонӣ, захираи молу маҳсулот ММЗ 14 873 028сомонӣ, воситахои асоси 411 3575 сомони, тачхизот 849 169 сомонӣ қарзи дарозмудат 11 668 520 сомонӣ ,сармояи худди (собстни капитал) 149 950 791 сомонӣ, даромадноки 101 32600 сомонӣ,Маоши солона 3 59 2 600 сомонӣ нишондиҳандаи асосии безарарии фаъолияти кори корхонаро ифода мекунад, ки он ба нишондиҳандаи самараи иқтисодӣ шомил мебошад, вале ба самаранокии иқтисодӣ дохил мешавад. Чунки ин суммаи фоида баҳодиҳӣ ба боздиҳи(отдаче) маблағҳои гузашташуда дар панҷсоли охир ғайриимкон мебошад.

Яке аз қисмҳои таркибии фоидаи балансии корхонаро, фоида аз фурӯш маҳсулоти маҳсулотҳои корхона 6 540 000 сомонӣ ташкил медиҳанд. Ҳаҷми ин гуна фоида дар асоси таъсири омилҳои зерин ташаккул меёбад:

- Ҳаҷми фурӯш ва дараҷаи нарх ба маҳсулоти фурӯхтанашуда. Омили муҳим дар байни онҳо арзиши аслии маҳсулот мебошад.

- Миқдоран дар сохтори нарх арзиши аслии маҳсулот ҷои намоёнро ишғол менамояд.

Барои ҳамин ҳам, камшавии (пастшавии) арзиши аслии маҳсулоти корхонаи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» ба афзоиши фоида сабаб мегардад. Аз ин рӯ дар корхона зарурияти ба тариқи доимӣ таҳлил намудани арзиши аслии маҳсулот ба вуҷуд омада , роҳҳои пастнамудани он чораҳои зарурӣ меандешанд.

Дар шароити имрузаи иқтисодӣ яке аз роҳҳои афзоиши фоида дар корхона аз ҳисоби паст кардани арзиши аслии маҳсулот, ки пеш аз ҳама аз дараҷаи сарфакорона истифодабарии ресурсҳои истеҳсолӣ маҳсулотҳои пахтагин (матоъ, ришта мебошад ва ғайра), яъне аз хароҷотҳои моддии истеҳсолот – ашёҳои хом, маводҳои асосӣ ва ёрирасон маводҳои пахта, музди меҳнат, истеҳлолот ва ғайраҳо мебошанд. Арзиши қиёсии ин гуна ашёҳои меҳнат дар арзиши аслии маҳсулоти корхона ҷои намоёнро ишғол менамояд.

Яке аз омилҳое, ки ба фоида аз фурӯши маҳсулоти молӣ таъсир мерасонад, таъғирёфтани сохтори маҳсулоти боқимондаи ба фурӯш нарафтаи маҳсулоти тайёр ташкил медиҳад. Чи қадаре, ки ҳаҷми маҳсулоти боқимонда ба фурӯш нарафт, ки дар анбори корхонаи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» ҷой дорад, ки молу масолеҳи захиравии (ММЗ) он 14 873 028 сомонӣ баробар аст, ҳамин қадар фоидаи корхона аз фуруши маҳсулоти молӣ кам мешавад.

Ҳаҷм ва миқдори маҳсулотҳои ба фурӯшнарафтаи боқимонда сабабҳои гуногун дорад, ки онҳо бевосита ба фаъолияти тиҷоратӣ ва шароити фурӯши маҳсулот вобаста мебошанд. Бинобар ин бисёр корхонаҳои миллӣ ин омилҳоро ба эътибор нагирифта, ҳаракат менамоянд, ки харчӣ бисёртару бештар маҳсулот истеҳсол намоянд ва ба ҳамин роҳ фоида аз фурӯши маҳсулоти моли худро афзун гардонанд. Вале, ба фикри инҷониб, ки ҳаҷм ё ки суммаи фоида пеш аз ҳама вобаста ба ҳаҷми фурӯш аст, на ба ҳаҷми истеҳсол мебошад. Аз ин рӯ, дар бисёр корхонаҳо ҳаҷм ва вазни қиёсии маҳсулоти тайёри боқимонда дар анборҳо

зиёд мегарданд, ки яке аз сабаби кам гардидани фоида аз фурӯши маҳсулоти молӣ мегарданд.

Ҳамин тариқ, омили муҳимме, ки ба ҳаҷми фоида аз фурӯши маҳсулот таъсир мерасонад – таъғирёбии ҳаҷми истеҳсол аз фурӯши маҳсулот, дараҷаи нархи харид аз фурӯши маҳсулот мебошад мебошад. Чи қадаре, ки ҳаҷми фурӯш зиёд гардад, ҳамон қадар ҳаҷми фоидаи корхона меафзояд, ё, ки баръакс. Барои ҳамин ҳам корхонаҳо, ширкатҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ бо мақсади зиёд кардани фоида, бояд ҳамаи чорабиниҳои заруриро андешанд, ки ҳаҷм ва миқдори маҳсулотҳои боқимондаи ба фурӯшнарафтаро то қадри имкон кам намоянд.

## ХУЛОСА ОИД БА БОБИ 3

1. Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки айни замон дар Тоҷикистон кори дурусти таҳқиқотӣ, баҳогузорӣ ва ояндабинии рақобатпазирии корхонаҳо ба роҳ монда нашудааст, зеро таҳқиқоти маркетингӣ дар аксарияти корхонаҳо тақрибан гузаронида намешавад. Хизматрасониҳои маркетингӣ, ки дар корхонаҳо ташаккул меёбанд, аз ҷиҳати таркиб, сохтор, ҳамкорӣ бо дигар шуъбаҳо ва муҳити беруна ва инчунин дар вазифаҳое, ки иҷро мекунанд, он қадар ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Онҳо аз сабаби набудани тайёрии мутахассисони дахлдор ва набудани таъминоти иттилоотию методӣ ва техникии зарурӣ наметавонанд чунин корҳоро дар сатҳи зарурӣ анҷом диҳанд.

2. Ҳар гуна таҳқиқот, пеш аз ҳама, аз маълум кардани иттилооти зарурӣ оғоз меёбад. Барои ба низом даровардани он таснифоти мухталиф истифода мешаванд. Аммо, муҳтавои таҳқиқот мушаххас кардани онро мутобиқи мавзуъ, объект, ҳайати кормандон, мавҷудияти захираҳои молиявӣ, имкониятҳои техникӣ, вақти татбиқи лоиҳа ва ғайра тақозо мекунад. Иҷрои босифати функсияҳои идоракунӣ дар сурате имконпазир мебошад, ки агар: маълумот дар бораи объекти идорашаванда ва муҳити берунии он; иншооти намоиши иттилоот; робитаҳо байни амалҳои корбар ва аксуламали объект ба ин амалҳо; имкони татбиқи бешубҳаи амали

назоратӣ; алоқа ва ҳадафҳои идоракунӣ мавҷуд ва муҳайё бошанд. Иҷрои ин шартҳо ҳангоми таҳияи СИМ зарурати тарроҳии интерфейси баландсифати рақобатпазирии корхонаҳои саноатиро муайян мекунад. Шарти муҳимми муайян кардани унсурҳои СИМ зарурати пурра қонеъ гардонидани талаботи иттилоотии корбар барои қабули қарорҳои оқилона мебошад. Аз нуқтаи назари технологияи коркарди маълумот, мақсади системаи иттилоотӣ ҳамчун маҷмуи равандҳои ташаккули паёмҳои аввалия (ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, интиқоли маълумот), тағйирёбии онҳо, интихоб ва расонидани иттилоот ба корбарони тамоми сатҳҳои идоракунӣ муайян карда мешавад.

3. Раванди муайян кардани мушкилот ба усули экспертӣ асос ёфтааст, ки он иборат аст аз: интихоби шакли пурсиши коршиносон, муайян кардани сохт ва шумораи гурӯҳи коршиносон, таҳияи методикаи пурсиш, гузаронидани пурсиш, тартиб додани рӯйхати мушкилот ва ташхиси мушкилот. Ҳадафҳои тадқиқоти маркетингӣ бояд аз мушкилоти муайяншуда маълум карда шавад. Зинаи марказии таҳияи нақшаи таҳқиқот ин таҳия ва санҷиш дар амалияи фарзияҳои назариявӣ, муайянкунӣ ва асосноккунии робитаҳои сабабии онҳо мебошад. Фарзияҳо ва моделҳои тавсифкунандаи вазъ манбаъҳои имконпазири иттилоотро пешакӣ муайян мекунанд, аммо барои ба даст овардани иттилооти кофӣ пурра ва боэътимод, корхонаҳо бояд консепсияи хуб андешидашуда ва нақшаи муфассали ҷамъоварии маълумотро дошта бошанд.

4. Раванди ташаккули заминаи донишҳои оморӣ барои ҷамъоварии натиҷаҳои ҳар як марҳилаи ҳалли масъала пешбинӣ шудааст. Бо таҳлили вазъи кунунӣ, шуъбаи маркетинг аз тамоми маҷмуи иттилооти ибтидоӣ он маълумотеро интихоб мекунад, ки барои боз ҳам ошкор кардани динамика ва ба даст овардани сатҳи пешбинишудаи рақобатпазирии корхонаҳо мувофиқ мебошад. Раванди ба даст овардани сатҳҳои пешгӯишавандаи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар асоси ҳамаи маълумоти ҷамъшудаи ретроспективӣ барои истифодаи

фаврии онҳо ҳангоми таҳлил ва арзёбии вазъи мавҷуда бо мақсади муайян намудани роҳҳои такмили идоракунии рақобатпазирии корхона пешбинӣ шудааст. Ҳамаи равандҳои дар боло овардашударо коршиносони шуъбаи маркетинг ва дигар хадамот анҷом медиҳанд, ки имкон медиҳад нақшаи умумии соҳаи дастгирии иттилоотӣ тартиб дода шавад, ки ҷараёни иттилоотро ҳангоми омода кардани қарорҳои идоракунӣ барои муайян кардани рақобатпазирӣ ва устувории корхона тавсиф мекунад. Дар система, дар асоси равандҳои дар боло тавсифшуда, мониторинги доимии иттилооти ибтидоии воридшаванда ташкил карда мешавад, ки дар он маълумот дар марҳилаҳои гуногуни давраи мавҷудияти он таҳлил, ҷамъбаст ва арзёбӣ карда мешавад.

5. Масъалаи дарёфти роҳҳои беҳтар намудани стратегияи идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар илм ва амалияи иқтисодӣ гуногунҷанба буда, равиши системавию мақсаднокро талаб карда, аз ҷумла, ба коркарди усулҳои таҳлилӣ ҷиҳати омӯзиши рақобатпазирӣ ва усулҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, ки механизми ягонаи ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабукро ба вуҷуд меоранд (МТИ), сарфи назар мекунад, ки тадбирҳои идоракунӣ, техникӣ ва технологиро барои баланд бардоштани он муттаҳид мекунад.

6. Механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ва мутаносибан ба он, маҷмуи тадбирҳои дахлдори техникӣ, идоракунӣ ва технологӣ бояд дар асоси муқаррароти ҳадаф дар асоси системаи ҷудонашавандаи принсипҳо таҳия карда шаванд, ки ба сифати он истифодаи ҳафт гурӯҳи принсипҳои зерин мувофиқ аст: принсипҳои умумисистемавӣ; принсипҳои идоракунии рушд; принсипҳои стратегӣ (мутамарказгардонии кӯшишҳо, тавозуни хавфҳо, ҳамкорӣ); принсипи огоҳӣ (маълумот доштан) ва кифоятии иштирокчиёни раванди идоракунӣ; принсипи истифодабарии мониторинги доимӣ, ки мушоҳида ва назорати доимиро оид ба татбиқ ва динамикаи давраи

мавҷудияти раванди идоракунии рақобатпазирии корхона пешбинӣ мекунад; принсипи таъмин кардан ва нигоҳ доштани гуногунрангсозии стратегияҳои идоракунии рақобатпазирии корхона, мунтазам назорат ва омода кардани вариантҳои алтернативии стратегияҳои идоракунӣ; принсипи робитаи бозпас, ки имкон медиҳад, ки механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирӣ нисбат ба муҳити тағйирёбандаи бозор мутобиқ сохта шавад.

7. Муваффақияти механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук аз ҳолати ибтидоии он, ташкили функсионалӣ ва сохтории он вобаста аст. Механизми ташкилию иқтисодии пешниҳодшуда бояд ҳамчун як сохтори идоракунии барномавию мақсаднок амал кунад, ки ҳамчун як намуди идоракунии лоиҳа амал мекунад, яъне, дорои ваколатҳои назорат ва таъмини татбиқи амалӣ мебошад, дорои таъмини захиравӣ ҷиҳати иҷрои амалҳои худ - захираҳои молиявӣ, моддӣ-техникӣ ва инсонӣ мебошад. Механизми ташкилию иқтисодӣ бояд чунин салоҳиятеро дошта бошад, ки ба он имкон диҳад, ки ба ташкили тамоми ҷараёнҳои моддӣ ва молиявии дохили корхона таъсири самарабахш расонад, ба арзёбии мувофиқи мақсад будани истифодаи онҳо аз нуқтаи назари рақобатпазирӣ имкон диҳад.

8. Талаботи объективии гузариш ба намуди соҳибкории идоракунӣ таҷдиди сохтори ташкилии идоракуниро талаб мекунад. Сохтори мавҷуда ва дар ҳама ҷо маъмул дар корхонаҳои саноатии ватанӣ, ки дар заминаи функсионалӣ сохта шудаанд, на ба ҷустуҷӯи эҷодӣ, балки танҳо баҳри иҷрои вазифа нигаронида шуда, ба шароити бозор мутобиқ карда нашудааст. Мақсади сохтори ташкилӣ – ин дастгирии корхона, мусоидат намудан ба тақвияти нақши менеҷмент дар татбиқи ҳадафҳо ва рисолати стратегии он, фароҳам овардани имкониятҳо барои вокуниши сареъ ба муҳити тағйирёбандаи хориҷӣ ва вазъи бозор мебошад. Ба сифати қадамҳои амалӣ дар татбиқи ин сатҳ МТИ-

и идоракунии рақобатпазирӣ дар ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» инҳо пешниҳод карда мешаванд: азнавсозии куллии идоракунии истеҳсолот; таҳия ва татбиқи сохтори ғайримутамаркази идоракунии дохилифирмавӣ; ташкили марказҳои мустақили истеҳсолӣ, ки дар заминаи технологӣ аз рӯи намудҳои маҳсулоти истеҳсолшуда ихтисос ёфтаанд; табдил додани истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ба марказҳои фоидаовар бо мустақилияти худмаблағгузорӣ ва барои натиҷаҳои ҷории фаъолияти худ ва рушди иқтидори ояндаи ҷамъияти саҳҳомӣ масъулбуда.

9. Дар шароити муосири бозор, бидуни татбиқи ин блоки идоракунии рақобатпазирӣ, ҳалли масъалаҳои диверсификатсияи васеи истеҳсолот, азнавҷиҳозонидани техникӣ ва технологӣ ва замонависозии корхона, ҷорӣ намудани равандҳои пешқадами технологӣ, сохтан ва азхудкунии маҳсулоти усулан нави рақобатпазир ғайриимкон аст. Ин вазъият нисбат ба блоки баррасишудаи МТИ-и идоракунии рақобатпазирии корхона зарурати зеринро ба миён меорад: таҳияи сиёсати сармоягузорӣ ва инноватсионии корхона; ташаккул ва интихоби самтҳои афзалиятноки истифодаи захираҳои молиявии корхона барои иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ; фаъолсозии сармоягузории дохилӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ барои рушди истеҳсолот.

## ХУЛОСА

### Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот

1. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ чунин категорияҳои иқтисодӣ ба монанди самараи фаъолияти хоҷагӣ, ҳосилнокӣ ва рақобатпазирӣ бо ҳам зич алокаманд мебошанд. Рақобатпазириро ҳамчун категорияи бисёрҷанбаи иқтисодӣ метавон аз чанд ҷанба баррасӣ кард, ки байни онҳо робитаи хеле зич вуҷуд дорад – рақобатпазирии кишвар, рақобатпазирии истеҳсолкунанда ва рақобатпазирии мол [1-М, 10-М].

2. Муаллиф дар асоси таҳлили дар боло овардаи рақобатпазирӣ аз мавқеи тақсимот ба категорияҳои сатҳҳои гуногун ва бо назардошти камбудиҳои сатҳҳои пешниҳодшуда, тақсимоти зерини ҷузъҳои рақобатпазириро ба сатҳҳои ба ҳам алоқаманд ва вобаста пешниҳод менамояд: дараҷаи инфиродӣ – сатҳи рақобатпазирӣ, ки рақобатпазирии мол ва хизматрасониро дар бар мегирад; микрорақобатпазирӣ – сатҳе, ки рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидор – корхонаҳои саноати сабукро дар бар мегирад; мезорақобатпазирӣ – сатҳе, ки рақобатпазирии соҳаҳоро дар бар мегирад; макрорақобатпазирӣ – сатҳе, ки рақобатпазирии давлатҳоро дар бар мегирад; гипермакрорақобатпазирӣ - рақобати байни иттиҳодияҳои мамлакатҳо[2-М, 11-М].

3. Ба ақидаи муаллиф, рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук категорияи иқтисодӣ буда, бартарии корхонаҳои саноати сабукро аз нигоҳи фаъолият дар муҳити динамикии рақобат, фароҳам овардани бартариҳои рақобатӣ, афзоиши ҳиссаи бозор, қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон ва қобилияти истеҳсоли маҳсулот тавсиф мекунад ва маҳсулоти рақобатпазирро бидуни зарар ба вазъи молиявии худ мефурушад. Дар баробари ин, бартарии воқеии корхонаҳои саноати сабукро метавон ҳамчун ҳиссаи ишғолкардаи бозор ва бартарии потенсиалиро дар иқтидори умумии рақобатпазирӣ ифода кард [3-М, 12-М].

4. Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ, барои ҳалли ин масъала, консепсияи мукаммали идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешниҳод карда мешавад, ки дорои: қобилияти ташаккул ва таснифи ҳадафҳо ва стратегияҳои рушди корхонаҳои саноати сабук мутобиқи сатҳи ба даст овардашудаи рақобатпазирӣ; арзёбии равишҳои муосири идоракунии рақобатпазирии ин корхонаҳо; ташаккули механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии ин корхонаҳо, аз ҷумла ҷузъҳое, ки тадбирҳои зарурииро барои фаъолияти самараноки онҳо тавсиф мекунанд ва зуд ва саривақт татбиқи онҳо ба қабули қарорҳои муносиби идоракунӣ дар корхонаҳои саноати сабук нигаронида шудааст, мебошад [4-М, 13-М].

5. Таҳлили усулҳои андозагирии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук нишон дод, ки дар айни замон методологияи ягонаи арзёбии рақобатпазирии корхонаҳо вуҷуд надорад, нишондиҳандаҳои мушаххаси баҳодиҳии он мавҷуд нестанд. Ҳамзамон, муайян карда шудааст, ки истифодаи усули экспертӣ дар арзёбии рақобатпазирӣ дар бисёр ҳолатҳо бо он асоснок карда мешавад, ки ин масъала бисёрҷанба ва мураккаб ҳисобида мешавад ва модели иқтисодию риёзӣ наметавонад хамаи омилхоеро, ки ба кобилияти ракобатнокии корхонахои саноати сабук таъсир мерасонанд, ба назар бигирад [5-М, 14-М].

**Тавсияҳо оид ба татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Яке аз омилҳои муҳими рушди рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешгӯии мувофиқи рақобатпазирии корхона мебошад. Пешгӯии боэътимоди рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ба таҳлили иқтидори захиравии корхона, сатҳи ғанӣ гардидани бозор бо маҳсулоти рақобатпазир ва баланд бардоштани самаранокии корхонаҳо асос ёфта, вазифаи мураккаб, ки бештар ба кабули карорҳои идоракунӣ оид ба таъмини ракобат ва устувории корхонахои саноати сабук нигаронида шудаанд, вобаста аст [6-М, 13-М].

2. Барои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои миллӣ ҳангоми баромадан ба бозори ҷаҳонӣ зарурият ба миён меояд, ки аз техникаву технологияи навин истифода намоянд. Техникаву технологияи нав метавонад боиси пешрафти фаъолияти корхонаҳои ватанӣ гардад, ки дар ин ҷо таҷрибаи бойи корхонаи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» - ро мисол овардан мумкин мувофиқи мақсад аст. Корхонаи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» тамоми таҷҳизотҳои дастгоҳҳои бофандагӣ, ресандагӣ ва дузандагиашро аз хориҷи кишвар ворид намуд ва ҳамин тариқ дар Ҷумҳури Тоҷикистон бо пахтаи аъло сифат кор ва фаъолият намуда истодааст[7-М, 12-М].

3. Дар низоми рақобатпазири идоракунии корхонаҳои саноати сабук, муносибгардонии ҷараёни молиявӣ бо мақсади таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, масъалаи хеле мубрам маҳсуб меёбад. Дар баробари ин, кам кардани фарқияти байни нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирии муносиби корхона ва нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирии корхонаи намунавӣ ҳамчун меъёри асосӣ интихоб карда шуд. Барои оптимизатсияи ҷараёнҳои молиявӣ модели иқтисодӣ-риёзӣ пешниҳод шудааст, ки рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабукро таъмин мекунад. Таҳлили фаъолияти истеҳсолию молиявии корхонаи ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил», ки муаллиф анҷом додааст, нишон дод, ки вобастагии функсионалии захираҳои молиявие, ки рақобатпазирии корхонаро таъмин мекунанд ва фоизи тағйирёбии ин сатҳҳо квадратӣ, мебошад[8-М, 11-М].

4. Сохтори механизми ташкилию иктисодии идоракунии ракобатпазирии корхона тадбирхои мушаххасеро дарбар мегирад, ки татбики онхо ба кабули карорхои муносиби идоракуни дар корхонахои саноати сабук, мусоидат мекунад. Механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешниҳодшуда қисмҳои зеринро дар бар мегирад: аниқ кардани бартарихои ракобатии корхона; такмили низоми ҳавасмандгардонии моддию

маънавии фаъолияти меҳнатии корхона; ҷорӣ намудани низомҳои пешкадами идоракунии сифат, стандартизация, метрология ва сертификатсияи онхо; муносибати комплексӣ ба вусъат додани истехсолот; такмил додани низоми зуд ва сари вакт баҳисобгирӣ, назорат, таҳлили корхонаҳо; пурзӯр намудани фаъолияти хадамоте, ки ба гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ нигаронида шудаанд; баланд бардоштани иқтидори захиравӣ, молиявӣ, иттилоотӣ, сармоягузорӣ ва инноватсионии корхонаҳо; самаранок истифода бурдани фондхои асосӣ ва истеҳсолии корхонахо; ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ дар корхонаҳо [9-М, 10-М].

5. Тадбирҳои муҳими идоракунии рақобатпазирӣ дар ҶСП Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил инҳоянд: ташкили хадамоти маркетингӣ барои корхонаҳо; пурзур намудани фаъолияти хадамоти маркетинг; гузаштани такмили ихтисоси кормандони хадамоти савдо ва маркетинг; харҷониба рушд додани пойгоҳи моддию техникии корхона, аз чумла хадамоти маркетингии он. Бояд қайд кард, ки вазифаҳои асосии хадамоти маркетинг инҳоянд: таҳияи усулҳои нави гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ; омӯзиши талабот, пешниҳод ва вазъи бозор бо мақсади ҷалби харидорони маҳсулот; омӯзиши ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи фаъолияти рақибон бо назардошти рушди афзалиятҳои рақобатӣ; пешниҳоди стандартҳои зарурии рақобатпазирии маҳсулот; арзёбии иқтидори рақобатпазирии корхонаҳо, инчунин татбиқи чораҳои таъмини рақобатпазирии маҳсулот; омузиши омилҳои экзогенӣ ва эндогенӣ барои таъмини ракобатпазирии корхонахои саноати сабук [3-М, 14-М].

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## I. Санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ:

[1]. Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, аз 29 декабри соли 2017, таҳти №АП-984 бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст. - Душанбе, 2017. - С. 2-3.

[2]. Баромади Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қ. Расулзода дар ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷамбасти соли 2020 ва вазифаҳо барои соли 2021. / газетаи Минбари халқ аз 04 январи соли 2021. - С.2-3.

[3]. Государственная программа содействия экспорту и импортозамещению в РТ на 2016-2020 гг. Приложение №1. Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 26 ноября 2016 г., № 503.

[4]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ш. Душанбе, 23.12.2022. [Захираи электронӣ]. Ҳолати дастрасӣ URL: http://prezident.tj/node/29823, кушода. Санаи мурочиат 28.12.2022

[5]. Программа внедрения научно-технических достижений в промышленное производство Республики Таджикистан на период 2010-2015 гг.: Утв. постановлением Правительства Республики Таджикистан от 05.10.2009 г. №574.

[6]. Программа инновационного развития Республики Таджикистан на 2011-2020 гг. Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 апреля 2011 г. №227

[7]. Стратегии инновационного развития Республики Таджикистан на период до 2020 года». Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 мая 2015. № 354.

**II. Захираҳои электронӣ:**

[8]. Едренкина Э.В. Качество как фактор повышения конкурентоспособности [Электронный ресурс]. Режим доступа, URL: https://www.marketing.spb.ru/conf/2003-04-greb2/., открытый, дата обращения 17.11.2021

[9]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ш. Душанбе, 23.12.2022. [Захираи электронӣ]. Ҳолати дастрасӣ, URL: http://prezident.tj/node/29823, кушода, санаи муроҷиат 28.12.2022.

[10]. Тарутько О.А. Исследование путей повышения конкурентоспособности предпринимательских структур в условиях высокой волатильности экономических процессов. Отчет по научно-исследовательской работе «Исследование практики повышения эффективности экономических процессов в реальном секторе экономики». [Электронный ресурс]. Режим доступа URL: https://rosrid.ru/, открытый. Дата обращения 26.08.2021

**III. Монография, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:**

[11]. Азоев Г.Л. Конкурентные преимущества фирмы [Текст] / Г.Л. Азоев, А.П. Челенков. – М.: ОАО Типография «Новости», 2012. - 256 с.

[12]. Бобрышев Д.К. Конкурентоспособность – стратегическая цель фирмы [Текст] / Д.К. Бобрышев. - Ч.1. – Н.Новгород, 2015. – С.158-160.

[13]. Букреев А.М. Организационно-экономический механизм антикризисного управления: теория и практика [Текст] / А.М. Букреев. - Воронеж: Изд-во ВГГУ, 2000. - 164 с.

[14]. Букреев А.М. Экономический механизм антикризисного управления предприятием [Текст]: монография / А.М. Букреев, К.И. Кремер, О.Е. Дударев. - Воронеж: Научная книга, 2007. - 232 с.

[15]. Букреева И.Н. Механизм повышения эффективности организации производственных систем [Текст] / И.Н. Букреева. - Воронеж, гос. техн. ун-т, 2015. - 75с.

[16]. Внешнеэкономическая деятельность: анализ торговли и инвестиций в Республике Таджикистан [Текст] / Под ред. Л.Х. Саидмуродов. - Душанбе: «Ирфон», 2006. - 176с.

[17]. Воеводин С.А. Экономический механизм управления промышленным производством. Методика и практика организации [Текст] / С.А. Воеводин. – К.: Высшая школа, 1991. – 159 с.

[18]. Воронкова А.Э. Стратегическое управление конкурентоспособным потенциалом предприятия: диагностика и организация [Текст]: монография / А.Э. Воронкова. -Луганск: Изд-во Восточно-украинского национального университета, 2000. – 315 с.

[19]. Гавренкова В.И. Организация производства на предприятиях отрасли промышленности [Текст] / В.И. Гавренкова, А.И. Козловская. – Владивосток, 2009. - С.23.

[20]. Гельвановский М.И. Конкурентоспособность национальной экономики: проблемы статистического сопровождения. Поиск методологической адекватности: учебное пособие [Текст] / М.И. Гельвановский, К.Л. Рожков, Н.И. Скрябина. – М.: Статистика России, 2009. – 383 с.

[21]. Герчикова И.Н. Менеджмент [Текст] / И.Н. Герчикова. - М.: ЮНИТИ, 2012. - С.75 -76.

[22]. Горбашко Е.А. Обеспечение конкурентоспособности промышленной продукции [Текст] / Е.А. Горбашко. - СПБ.: СПБУЭиФ, 1994. – С. 178;

[23]. Добровенский В.С. Обеспечение доходности предприятия [Текст] / В.С. Добровенский, В.А. Шевелев. – Москва, 2014. - С. 106.

[24]. Добровенский В.С. Обеспечение доходности предприятия [Текст] / В.С. Добровенский, В.А. Шевелев. – Москва, 2014. - С.53.

[25]. Долинская М.Г. Маркетинг и конкурентоспособность промышленной продукции [Текст] / М.Г. Долинская, И.А. Соловьев. – М.: Изд-во стандартов, 1998. - 128 с.

[26]. Еферин В.П. Оценка конкурентоспособности при маркетинговых исследованиях [Текст] / В.П. Еферин, В.В. Мотин. - М.: Домодедово, 2013. - С.107-112.

[27]. Завьялов П.С. Маркетинг в схемах, рисунках, таблицах [Текст] / П.С. Завьялов. – М.: НИЦ ИНФРА-М, 2014. – 336 с.

[28]. Зайцев Н.Л. Экономика промышленного предприятия [Текст]: учебник / Н.Л. Зайцев. ─ М.: Высшая школа, 2010. ─ 376 с.

[29]. Иовчук С.М. Конкурентоспособность продукции на мировом рынке [Текст] / С.М. Иовчук. – Москва, 2000. - С. 37-38.

[30]. Исаева О.В. Организационно-экономический механизм контроллинга промышленного предприятия [Текст]: монография / О.В. Исаева, И.Л. Борисенко. - Воронеж: ГОУВПО «Воронежский государственный технический университет», 2010. - 210с.

[31]. Исоматов Б. Асосхои назарияи иктисоди [Текст] / Б. Исоматов. – Душанбе, 2001. - 321 с.

[32]. Кабиров Ш.О. Таджикский алюминий: вчера, сегодня, завтра [Текст] / Ш.О. Кабиров. - Душанбе, 2011. – 200 с.

[33]. Касперович С.А. Организация производства и управление предприятием [Текст]: учеб. пособие для студентов технических специальностей / С. А. Касперович, Г. О. Коновальчик. − Минск: БГТУ, 2012. − 344 с.

[34]. Каюмов Ф.К. Эффективность АПК в условиях перехода к рынку [Текст]: монография / Н.К. Каюмов. - Москва, Издательство «Колос» – 1992. – С. 106-107.

[35]. Кернс Дж.Э. Логический метод политической экономии [Текст] / Дж.Э. Кернс. - М.: Книжный дом «Либроком», 2012. – 162 с.

[36]. Кларк Дж.Б. Распределение богатства [Текст] / Дж.Б. Кларк. - М: Гелиос АРВ, 2011. – 368 с.

[37]. Коуз Р. Фирма, рынок и право [Текст] / Р. Коуз. - М.: Новое издательство, 2007. – 224 с.

[38]. Кудратов Р.Р. Инвестиция – основа повышения эффективности сельскохозяйственного производства [Текст]: монография / Р.Р. Кудратов, Р. Носиров. – Душанбе: «Статус», 2005. – 120 с.

[39]. Ламбен Ж.Ж. Стратегический маркетинг. Европейская перспектива [Текст] / Ж.Ж. Ламбен. - СПб.: Наука, 2013. – С. 277.

[40]. Мазилкина Е.И. Основы управление конкурентоспособностью [Текст] / Е.И. Мазилкина, Г.Г. Паничкина. - М.: Омега-Л, 2009. – 328 с.

[41]. Макалов Г.Ф. Система обеспечения конкурентоспособности предприятия [Текст] / Г.Ф. Макалов. - Тольятти, 2000. - С. 27-29;

[42]. Малюк В.И. Производственный менеджмент [Текст]: учебное пособие / В.И. Малюк, А.М. Немчин. - СПб.: Питер, 2008. - 288 с.

[43]. Мадаминов А.А. Устойчивое развитие аграрного сектора Таджикистана (состояние и перспективы) [Текст] / А.А. Мадаминов. - Душанбе, 2006. – 228 с.

[44]. Маркс К. Капитал [Текст] / К. Маркс. - СПб: Лениздат, 2018. – 512 с.

[45]. Маршалл А. Принципы экономической науки [Текст] / А. Маршалл. - М.: Директ-медиа, 2012. – 2127 с.

[46]. Мескон М. Основы менджмента [Текст] / М. Мескон, М. Альберт, Ф. Хедоури. - Москва, 2010. - 672 с.

[47]. Милль Дж.С. Основы политической экономии с некоторыми приложениями к социальной философии [Текст] / Дж.С. Милль. - М.: Эксмо, 2007. – Т.1. – 1040 с.

[48]. Мильнер Б.З. Теория организации [Текст]: учебник / Б.З. Мильнер. - 2-е изд. - М.:ИНФРА-М, 2014. – С. 64-69.

[49]. Мирсаидов А.Б. Государственное регулирование воспроизводственного процесса: вопросы институциональное обеспечение [Текст] / А.Б. Мирсаидов, А. Аврорзода. - Душанбе, 2019. – С. 32.

[50]. Мишин Ю. Слагаемые конкурентоспособности [Текст] / Ю. Мишин // РИСК. - 1998. - № 5-6. - С.82-86

[51]. Москаленко В.П. Экономический механизм повышения эффективности производства на предприятии [Текст] / В.П. Москаленко. – М.: Машиностроение, 1982. – 144 с.

[52]. Новицкий Н.И. Организация, планирование и управление производством [Текст]: учеб. -метод. пособие / Н.И. Новицкого, В.П. Пашуто. - М.: Финансы и статистика, 2008. - 576 с.

[53]. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2020 [Матн]: маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. - 2021. – 431 с.

[54]. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – 702 с.

[55]. Основы логистики [Текст]: учебник для вузов / Под ред. В.А. Гудкова. - М.: Горячая линия - Телеком, 2004. - 351 с.

[56]. Познякова Т.В. Макроэкономический аспект освоения предприятием новых технологий для обеспечения конкурентоспособности продукции [Текст] / Т.В. Познякова. – Н.Новгород, 2015. – С.21-22;

[57]. Портер М.Е. Международная конкуренция [Текст]: пер. с анг. / Под ред. В.Д. Щетинина. – М.: Междунар. отношения, 1993. - 896 с.

[58]. Портер М.Е. Международная конкуренция. Конкурентные преимущества стран [Текст] / М.Е. Портер. – Москва, 1993. - С.173.

[59]. Портер М.Е. Международная конкуренция. Конкурентные преимущества стран [Текст] / М.Е. Портер. - М. 1993. – 772 с.

[60]. Промышленность Республики Таджикистан [Текст]: статистический сборник. Агентства по статистике при Президенте РТ. - Душанбе: АСПРТ, 2015. – 244 с.

[61]. Райзберг Б.А. Современный экономический словарь [Текст] / Б.А. Райзберг, Л.М. Лозовский, Б.А. Стародубцева. - М.: ИНФРА-М, 2007. - 495 с.

[62]. Рикардо Д. Начала политической экономии и налогового обложения. - М.: Эскмо, 2007. - 96 с.

[63]. Робинсон Дж. Экономическая теория несовершенной конкуренции [Текст] / Дж. Робинсон. - М.: Прогресс, 1986. – 400. с.

[64]. Рогинский Ф.Н. Организация производства на предприятиях цветной металлургии [Текст] / Ф.Н. Рогинский. – Екатеринбург: ООО "Издательство УМЦ УПИ", 2008. - 225 с.

[65]. Сафрончук М.В. Микроэкономика [Текст]: уч.пос. / М.В. Сафрончук. - М.: КНОРУС, 2009. - 256 с.

[66]. Сергеев В.И. Логистика: информационные системы и технологии [Текст]: учебно-практическое пособие / В.И. Сергеев, М.Н. Григорьев, С.А. Уваров. - М.: Издательство «Альфа-Пресс», 2008. - 608 с.

[67]. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов [Текст] / Перевод с анг. языка П.Н. Клюкин. - Издательство: Эксмо, 2016 г. – 1056 с.

[68]. Спиридонов И.А. Международная конкуренция и пути повышения конкурентоспособности экономики России [Текст]: учебное пособие / И.А. Спиридонов. - ИНФРА-М, 1997 - 170 с.

[69]. Степанов И.Г. Организация производства [Текст]: учеб. пособие / И.Г. Степанов. – Новокузнецк: НФИ КемГУ, 2003. - 93 с.

[70]. Стиглер Дж. Гражданин и государство. Эссе о регулировании. [Текст] / Дж. Стиглер. - М: Издательство института Гайдара, 2017. – 336 с.

[71]. Таджикистан: 30 лет государственной независимости [Текст]: статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе: АПСППРТ, 2021. – 702 с.

[72]. Теория и механизм инноваций в рыночной экономике [Текст] / под ред. Яковца. Ю.В. – М, 2012. - С. 6-12.

[73]. Туровец О.Г. Организация производства и управление предприятием [Текст]: учебник / О.Г. Туровец, В.Б. Родионов. - М.: НИЦ ИНФРА-М, 2015. - 506 с.

[74]. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] / Зери таҳрири М.З. Раҳимзода. – Душанбе: Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016. – С. 83-85.

[75]. Фатхутдинов Р.А. Конкурентоспособность: экономика, стратегия, управление [Текст] / Р.А. Фатхутдинов. – М.: ИНФРА-М, 2000. – 312 с.;

[76]. Фатхутдинов Р.А. Методика разработки и реализации стратегии повышения конкурентоспособности организации [Текст] / Р.А. Фатхутдинов. - М:Синергия, 2011. - 31 с.

[77]. Фатхутдинов Р.А. Стратегический менеджмент [Текст]: учебник для вузов / Р.А. Фатхутдинов. - М.: ЗАО «Бизнес-школа «Интел-Синтез», 1999. -416 с.

[78]. Философова Т.Г. Конкуренция. Инновации. Конкурентоспособность [Текст]: учеб. пособие / В.А. Быков, Т.Г. Философова. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2012 . – 296 с.

[79]. Финансовый менеджмент [Текст] / под ред. Е. Стояновой. - М.: «Перспектива», 2016. - С. 152-156.

[80]. Хозяйственный механизм управления экономикой СССР [Текст] / Под.ред. П.Г. Бунича. – М.: Экономика, 1991. – 317 с.

[81]. Холл А. Опыт методологии для системотехники [Текст] / А. Холл. - М.: «Советское радио», 1975. - 448 с.

[82]. Шеметов П.В. Теория организации [Текст] / П.В. Шеметов. - М.: ИНФРА-М, 2004. - 176 с.

[83]. Шишков А.Д. Организация, планирование и управление производством по ремонту подвижного состава [Текст]: учеб. для вузов / А.Д. Шишков, В.А. Дмитриев, В.И. Гусаков. - М.: Транспорт, 1997. - 343 с.

[84]. Шумпетер Й.А. Теория экономического развития. Капитализм, социализм и демократия [Текст] / Й.А. Шумпетер. - М: Эксмо, 2007. – 864 с.

[85]. Экономическая энциклопедия [Текст] / Под.ред. д.э.н. Л.И. Абалкина. - М.: Экономика, 1999. - 1055 с.

[86]. Энгельс Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государства [Текст] / Ф. Энгельс. - М: Ленанд, 2017. – 240 с.

[87]. Эргашев А. Курси назарияи иктисоди [Текст] / А. Эргашев, Х. Мухамадбердиев, М. Эргашева. – Душанбе, 2004. - 343 с.;

[88]. Эргашев А. Курси назарияи иктисоди [Текст]: китоби дарси / А. Эргашев, Х. Мухамадбердиев. - Душанбе, 2003. - 510 с.

[89]. Юданов А.Ю. Конкуренция. Теория и практика [Текст] / А.Ю. Юданов. - Издательство: ГНОМ и Д, 2001. – 304 с.

[90]. Юданов А.Ю. Конкуренция: теория и практика [Текст] / А.Ю. Юданов. - М.: Тандем, 2013. -С.27-29;

[91]. Яшин Н.С. Конкурентоспособность промышленного предприятия: методика, оценка, регулирование [Текст] / Н.С. Яшин. - Саратов. Издательский центр СГЭА, 2012. - С. 21-23.

**IV.Мақола ва маърӯзаҳо:**

[92]. Акерлоф Дж. Рынок “лимонов”: неопределенность качества и рыночный механизм [Текст] / Дж. Акерлоф // Тезис. – 1994. – №5. – С.91-104.

[93]. Амелин С.В. Организация производства в условиях цифровой экономики [Текст] / С.В. Амелин, И.В. Щетинина // Организатор производства. - 2018. - Т. 26. - № 4. - С. 11-13.

[94]. Анненков М.Е. Создание конкурентного преимущества по затратам в условиях перехода к рынку [Текст] / М.Е. Анненков // Менеджмент в России и за рубежом. - 1998. -№3. - С.101-104.

[95]. Барфиев К.Х. Методика определения конкурентоспособности предприятий АПК Хатлонской области Таджикистана [Текст] / К.Х. Барфиев, Дж.С. Пиризода // Конкуретоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. – 2017. - №2 (ч.3). - С. 16-18.

[96]. Бляхман Л.С. Политико-экономическая сущность новой индустриализации [Текст] / Л.С. Бляхман // Новая индустриализация России: теоретические и управленческие аспекты. - 2014. - №.4. - С. 5-9.

[97]. Бодрунов С.Д. Реиндустриализация: социально-экономические параметры реинтеграции производства, науки и образования [Текст] / С.Д. Бодрунов // Социологические исследования. - 2016. - №. 2. - С. 20-28.

[98]. Бондаренков А.П. Оценка конкурентного статуса предприятия [Текст] / А.П. Бондаренков // 2-я междунар. конф. студентов и мол.уч. «Экономика и маркетинг в XX1 веке». - Н.Новгород, 2016. – С. 20.

[99]. Булеев А.И. Количественный коэффициент конкурентоспособности товаров и услуг [Текст] / А.И. Булеев // Маркетинг и маркетинговые исследования в России. - 2012. - №5. - С.47.

[100]. Булеев А.И. Количественный коэффициент конкурентоспособности товаров и услуг [Текст] / А. И. Булеев // Маркетинг и маркетинговые исследования в России. - 2012. - №5. - С. 46-50.

[101]. Бутко Г.П. Оценка конкурентоспособности предприятия на основе маркетингового подхода [Текст] / Г.П. Бутко, П.П. Корсунов, Я.А. Матвеева, К.А. Машков // Фундаментальные исследования. – 2015. – № 5 (часть 1) – С. 180-184;

[102]. Валдайцев С.В. Альтернативные направления инновационной стратегии фирмы и минимизации инновационных рисков [Текст] / С.В. Валдайцев // Вестник СПбГУ. - 1994. № 5 (2). - С.40-47.

[103]. Вигдорчик Е. Пути повышения конкурентоспособности предприятий [Текст] / Е. Вигдорчик, А. Нещадин, И. Липсиц // Экономист. - 1998. - №11. - С. 158.

[104]. Вигдорчик Е. Пути повышения конкурентоспособности предприятий [Текст] / Е. Вигдорчик, А. Нещадин, И.И. Липсиц // Экономист. - 1998. - №11. - С.158.

[105]. Воронкова А. Поддержка конкурентоспособности предприятия [Текст] / А. Воронкова // ЭКО. - 2001. - №3 - 4. - С.102 – 109.

[106]. Воронкова А. Поддержка конкурентоспособности предприятия [Текст] / А. Воронкова // ЭКО. - 2001. - №3-4. - С.102-103;

[107]. Воронов А.А. К оценке уровня конкурентоспособности машиностроительных предприятий [Текст] / А.А. Воронов // Машиностроитель. - 2000. - №12. С. 27-29.

[108]. Вютрих Х.А., Винтер В.Б. Конкурентоспособность глобальных предприятий [Текст] / Х.А. Вютрих, В.Б. Винтер // Проблемы теории и практики управления. - 1995. - №3. – С. 101-103.

[109]. Гайворонский А. Конкуренция: проблемы формирования в переходной экономике [Текст] / А. Гайворонский // Бизнес информ. - 2014. - №3. – С. 25-28.

[110]. Глазьев С.Ю. Глобальный вызов III тысячелетия и перспективы развития российской экономики. На пути к постиндустриальной цивилизации. [Текст] / С.Ю. Глазьев // Материалы II Международной Кондратьевской конференции. - М.: 2013. – С. 7-29.

[111]. Глухов А. Оценка конкурентоспособности товара и способы ее обеспечения [Текст] / А. Глухов // Маркетинг. – 2014. - №2. - С.56-64.

[112]. Глухов А. Оценка конкурентоспособности товара и способы ее обеспечения [Текст] / А. Глухов // Маркетинг. – 2014. - №2. - С.56-64.

[113]. Голиков И.А. Особенности содержания понятий «конкуренция» и «конкурентоспособность» [Текст] / И.А. Голиков // Российское предпринимательство. – 2016. – Том 17. – № 10. – С. 1251–1264;

[114]. Горбач Е. Ресурс конкурентоспособности орудий труда [Текст] / Е. Горбач // Бизнес-информ. - 2014. - №13-14. - С.146-147.

[115]. Давлатзода К.К. Внедрение ресурсосберегающих технологий в кооперационно-интегрируемых структурах в условиях перехода к индустриальноаграрному типу развития [Текст] / К.К. Давлатзода, М.Р. Курбонзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. - №10. - Часть 1. - С. 165-171.

[116]. Джумаев У.М. Оценка современной политики формирования инновационного потенциала промышленных предприятий Республики Таджикистан [Текст] / У.М. Джумаев //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, –2022, –№ 2. – С. 75-95.

[117]. Джумаев А.М. Инноваицонный потенциал и его роль в развитии промышленного производства [Текст]/ А.М. Джумаев //Вестник

Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, –2021. –№ 6. – С. 158-165.

[118]. Джумаев А.М. Методологические основы оценки инновационного потенциала промышленных предприятий [Текст]/ А.М. Джумаев //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук – Душанбе. –2021, – № 3, часть II. – С. 99-107.

[119]. Джумаев А.М. Показатели внедрения инновационной деятельности на промышленном предприятии [Текст] / А.М. Джумаев // Экономика Таджикистана. – 2019. - № 3. – с. 87-92.

[120]. Джумаев А.М. Организационно-экономический механизм развития инновационной деятельности в промышленности Республики Таджикистан [Текст] / А.М. Джумаев // Таджикистан и современный мир. - 2019. - №1 (64). – С. 113 – 121.

[121]. Джумаев А.М. Показатели внедрения инновационной деятельности на предприятии [Текст] / А.М. Джумаев //Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе: «Сино», - 2017, - № 4. – С. 121-125.

[122]. Динес В.А. Проблемы качества и конкурентоспособности промышленной продукции [Текст] / В.А. Денис, Н.С. Яшин // Проблемы экономической истории и теории. -2014. - №4. - С.119.

[123]. Добровенский В.С. Обеспечение доходности предприятия // В.С. Добровенский, В.А. Шевелев. - М.: 2014. - С.106

[124]. Дудин М.Н., Лясников Н.В. Управление развитием инновационных предприятий промышленности [Текст] / М.Н. Дудин, Н.В. Лясников // Народное хозяйство. Вопросы инновационного развития. – 2011. - № 1. - С. 12 - 18.

[125]. Ендовицкий Д.А. Ресурсоориентированный экономический анализ: Теория и практика [Текст] / Д.А. Ендовицкий, Н.П. Любишин, Н.Э. Бабичева // Экономический анализ: теория и практика. - 2013. - № 38. - С. 2 - 8.

[126]. Завьялов П.П. Конкурентоспособность в экономической политике зарубежных стран [Текст] / П.П. Завьялов // Маркетинг. - 2013. - №2. - С.20-32.

[127]. Завьялов П.С. Конкурентоспособность и маркетинг [Текст] / П.С. Завьялов // Российский экономический журнал. - 2010. - №12. - С.66-69.

[128]. Захарченко В.И. Оценка и анализ конкурентоспособности предприятий [Текст] / В.И. Захарченко // Машиностроитель. - 2001. - №11. - С. 13-17.

[129]. Кадыров Ф.А. Некоторые вопросы реструктуризации системы управления производством на промышленных предприятиях Республики Таджикистан [Текст] / Ф.А. Кадыров // Финансово-экономический вестник. - 2019. - №3 (19). - С. 109 - 116.

[130]. Кайбалина Н.Б. К вопросу анализа и оценки уровня конкурентоспособности предпринимательских структур [Текст] / Н.Б. Кайбалина, В.В. Макаров // Проблемы современной экономики. – 2017. – № 3 (63). – С. 93-96;

[131]. Каримова М.И. К вопросу исследования содержания «конкурентоспособность страны» в условиях становления рыночных отношений [Текст] / М.И. Каримова // Электронный научный журнал «Современные проблемы науки и образования». – 2015. – № 2-3. – С. 23-30.

[132]. Кодиров Ф.А. Инвестиционная деятельность в региональном агропромышленном комплексе Республики Таджикистан: некоторые проблемы и пути их решения [Текст] / Ф.А. Кодиров, Т.Т. Файзуллоев // Вестник БИСТ (Башкирского Института Социальных Технологий). - 2016. - №1-2(30). - С. 54-59.

[133]. Кодиров Ф.А. Некоторые аспекты разработки инвестиционной стратегии Республики Таджикистан в условиях глобализации [Текст] / Ф.А. Кодиров, М.Д. Зияева // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства. Материалы II международной научно-практической конференции. – 2016. – С. 206-208.

[134]. Комилов С.Дж. Инновационный кластер: условия и проблемы становления [Текст] / С.Дж. Комилов, // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, – 2022. – №1. – С. 12-17.

[135]. Комилов С.Ҷ. Иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.Ҷ.Комилов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. – 2021. – № 1 (35). – С. 47-53.

[136]. Комилов С.Дж. Роль инновационных технологий в процессе производства продукции [Текст] / С.Дж.Комилов, Б.К. Шарипов, Т.С. Саидова // Таджикистан и современный мир. – Душанбе. – 2020. – № 2 (70). – С. 175-181.

[137]. Комилов С.Дж. К вопросу о методических основах конкурентоспособности работников промышленных предприятий в условиях инновационного развития [Текст] / С.Дж.Комилов, Р.Э. Маликова // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. – 2020. – № 4. – С. 126-131.

[138]. Комков Н.И. Многоуровневая структура и подходы к оценке экономической категории «конкурентоспособность» [Текст] / Н.И. Комков, А.В. Лазарев // Проблемы прогнозирования. – 2007. – №4. – С. 3-20.

[139]. Коммонс Дж.Р. Институциональная экономика [Текст] / Дж.Р. Коммонс // Терра экономическая. – 2012. – Том 10. – №3. – С.69-76.

[140]. Кононова В.Ю. Модернизация производственных систем на российских промышленных предприятиях: современное состояние и перспективы [Текст] / В.Ю. Кононова // Российский журнал менеджмента. – 2006. –Т. 4, - С.119-132.

[141]. Костин И.М., Фасхиев Х.А. Измерение конкурентоспособности предприятий [Текст] / И.М. Костин, Х.А. Фасхиев // Тезисы докладов Междунар. науч.-практ. конф. "Менеджмент организации XXI века". - Наб. Челны: КамПИ, 2001. - С. 115.

[142]. Кузин Д.В. Российская экономика на мировом рынке: проблемы конкурентоспособности [Текст] / Д.В. Кузин // Общество и экономика. - 1993. - № 3-4. - С.51.

[143]. Куликова Т.А. Развитие концепции «бережливого производства» на основе выбора оптимального вида движения предметов труда [Текст] / Т.А. Куликова // Теоретическая и прикладная экономика. – 2019. – № 4. – С. 71 - 77.

[144]. Лисенко Ю. Организационно – экономический механизм управления предприятием [Текст] / Ю. Лисенко, П. Егоров // Економіка Украйни. – 1997. – № 1. – С. 86-87.

[145]. Максимова И.Н. Оценка конкурентоспособности промышленной продукции [Текст] / И.Н. Максимова // Маркетинг. - 2013. - №3. – С. 320-329.

[146]. Маренич А. Управление конкурентоспособностью предприятия [Текст] / А. Маренич, И. Астахова // Бизнес-информ. - 2013. - №5. - С.90.

[147]. Мирсаидов А.Б. Государственные услуги: экономическое содержание, типология [Текст] / А.Б. Мирсаидов // Таджикистан и современный мир. – 2016. - № 3. - С.189-197.

[148]. Мирсаидов А.Б. Институциональное обеспечение воспроизводственного процесса в аграрном секторе экономики Республики Таджикистан [Текст] / А.Б. Мирсаидов, А. Аврорзода // Экономика Таджикистан. - 2018. – №3. – С. 13-24.

[149]. Мирсаидов А.Б. Институциональные аспекты эффективного использования инвестиционного потенциала в аграрной экономике [Текст] / А.Б. Мирсаидов, Б.М. Гулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. - №4-1. - С. 158- 164.

[150]. Мирсаидов А.Б. Институциональные походы к иследовании проблемы интенсификация производства [Текст] / А.Б. Мирсаидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. - №3. - С. 78-83.

[151]. Мирсаидов А.Б. Теория трансакционных издержек и их рационализация в традиционно-аграрной экономике [Текст] / А.Б. Мирсаидов // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. - 2014. – №2(40). – С. 57-63.

[152]. Мирсаидов А.Б., Совершенствование организационного механизма инвестиционной деятельности в гидроэнергетике Таджикистана

[Текст] / А.Б. Мирсаидов, Г.Х. Убайдуллозода // Таджикистан и современный мир. - 2022. – №1. – С. 49-61.

[153]. Моисеева Н. Конышева М. Маркетинговая активность как фактор конкурентоспособности фирмы [Текст] / Н. Моисеева, М. Конышева // Маркетинг. – 2015. - №6. - С.22.

[154]. Низомова Т.Д. Активизация инновационной направленности реструктуризации предприятий Республики Таджикистан [Текст] / Т.Д. Низомова // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе. - 2007. - № 1. - С.27-47.

[155]. Новоселова С.Е. Сущность эффективности управления предприятием в теории и практике менеджмента [Текст] / С.Е. Новоселова // Современные тенденции в экономике и управлении: новый взгляд. - 2015. - № 35. - С. 47.

[156]. Одинаев Х.А. Аграрная политика и меры государственного регулирования развития сельского хозяйства [Текст] / Х.А. Одинаев // Международный сельскохозяйственный журнал. - 2002. – №2. – С. 24-31.

[157]. Одинаев Х.А. Земельная реформа: как ускорить процесс [Текст] / Х.А. Одинаев // Бизнес и политика. - 1996. – №12. – С. 2.

[158]. Одинаев Ш.Т. Ҷанбаҳои назариявии муайян кардани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ [Матн] / Ш.Т. Одинаев, Д. Шариф // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №10-1. – С. 88-92.

[159]. Олимов А.Х. Самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ: Критерия, омилҳо ва нишондиҳандаҳо [Матн] / А.Х. Олимов, З.М. Аминзода // Кишоварз, 2021. – №1(90). – С. 124-130.

[160]. Печенкин А. Об оценке конкурентоспособности товаров и товаропроизводителей [Текст] / А. Печенкин, В.Н. Фомин // Маркетинг. - 2000. - №2. - С.23-26;

[161]. Печенкин А.Н., Фомин В.Н. Конкурентоспособность продукции и производителя [Текст] / А.Н. Печенкин, В.Н. Фомин // Надежность и контроль качества. - 1995. - №10. – С. 47-59;

[162]. Пиризода Ҷ.С., Валиев З.Ҷ. Аҳаммияти рақобатпазирии маҳсулот дар рушди устувори корхонаҳо [Текст] / Ҷ.С. Пиризода, З.Ҷ. Валиев // Маводҳои семинари илмӣ – амалӣ дар мавзуи “Истифодаи технологияҳои муосир – омили асосии баланд бардоштаи самаранокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ”. – Душанбе, 2018. – С. 8-11.

[163]. Поклонский Ф.Е. Корпоративная культура как основа управления конкурентоспособностью предприятия [Текст] / Ф.Е. Поклонский // ЭКО. – 2001. - №3(5). - С.97.

[164]. Портер М.Е. Меры и программы по поддержке конкурентоспособности национальных производителей в США и Канаде [Текст] / М.Е. Портер // Внешняя торговля. - 2013. - №5. - С. 311.

[165]. Пострелова А.В. Оценка конкурентоспособности предприятия [Текст] / А.В. Пострелова, М.С. Маркин // Молодой ученый. – 2013. – №6. – С. 398-402;

[166]. Раджабова З.К. Теоретико-методологические аспекты международной конкурентоспособности [Текст] / З.К. Раджабова, О.Р. Раджабова // Фундаментальные исследования. – 2016. – № 8 (часть 1) – С. 203-206;

[167]. Рауфи А. Сущность индустриально-аграрной экономики Таджикистана [Текст] / А. Рауфи // Экономика Таджикистана. - 2018. - №4. – С. 29.

[168]. Рауфӣ А. Иқтисодиёти индустриалии инноватсионӣ асоси воридотивазкунӣ [Матн] / А. Рауфӣ, Т.М. Рабиева, М.Г. Холиқов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи Таъмини маҳсулоти воридотивазкунандаи ватанӣ дар шароити рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамоҳангии кишварҳои Осиёи Миёна, 2019. – С. 118-123.

[169]. Рауфӣ А. Рақобат ва рақобатпазирӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ [Текст] / А. Рауфӣ // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - 2021. - № 3. - С. 49-59; Рауфӣ А. Конкурентная экономика [Текст] / А. Рауфи. - Душанбе «Дониш», 2014. - 608 с.

[170]. Рауфӣ А. Танзими давлатии нархи маҳсулоти кишоварзӣ [Матн] / А. Рауфӣ, З.Ҷ. Валиев // Маводҳои семинари илмӣ-амалии минтақавӣ «Роҳҳои ба танзим даровардани нарх бар бозори маҳсулоти кишоварзӣ». – Душанбе, 2018. – С. 21-29.

[171]. Рахмонов Э.Ш. Предпринимательство и развитие экономики / Э.Ш. Рахмонов // Экономика Таджикистана: Стратегия развития. – 2001. – № 3. –С.5-19.

[172]. Решетникова Т.П. Методы оценки конкурентоспособности предприятия [Текст] / Т.П. Решетникова // Вестник Нижегородського ун-та. - 2001. - №9. - С.166.

[173]. Родионова В.Н. Сущность эффективности организации производства [Текст] / В.Н. Родионова // Организатор производства. - 2003. - № 3 (18). - С. 100-101;

[174]. Савин Ю.В. Принципы и факторы организационного проектирования инновационного предприятия [Текст] / Ю.В. Савин // Ярославский педагогический вестник. - 2013. - №1. - Том I. - С. 87-93.

[175]. Савченко В.Ф. Программа обеспечения конкурентоспособности продукции на предприятии [Текст] / В.Ф. Савченко // Стандарты и качество. - 2012. - №1. - С. 15-17.

[176]. Садридинов С. Факторы развития сельского хозяйства Таджикистана [Текст] / С. Садридинов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. –2016. – №1. – С. 129-133.

[177]. Садридинов С. Эффективность агротехнических приёмов при выращивании сельскохозяйственних культур [Текст] / С. Садридинов, Я.Э. Пулатов // Кормопроизводство. - 2018. – №2. – С. 19-22.

[178]. Светуньков С.Г. Математические модели многоуровневой конкуренции [Текст] / С.Г. Светуньков // Российское предпринимательство. – 2017. – Том 18. – № 22. – С. 3447-3458;

[179]. Селезнев А. Инфраструктура рынка и конкурентоспособность России [Текст] / А. Селезнев // Экономист. - 2000. - №2. – С. 9-18.

[180]. Синько В. Конкуренция и конкурентоспособность: основные понятия [Текст] / В. Синько // Стандарты и качество. - 2000. - №4. - С.54.

[181]. Сорокин Г.М. Системно-целевой подход к управлению конкурентоспособностью крупного акционерного общества [Текст] / Г.М. Сорокин // Проблемы повышения эффективности функционирования предприятий различных форм, собственности. –2015. - № 3. - С.45-61.

[182]. Тағоев Ҷ.Ҳ. Рушди ҳамгироиҳои соҳаҳои саноату кишоварзӣ ва савдо: тамоюлҳо, мушкилот ва сармоягузорӣ [Матн] / Ҷ.Ҳ. Тағоев, Ф.Б. Маҷидов // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз». - 2020. - №4(89). - С. 192- 197.

[183]. Тарутько О.А. Механизм обеспечения конкурентоспособности предпринимательских структур [Текст] / О.А. Тарутько // Петербургский экономический журнал. – 2018. - №2. – С.77-86

[184]. Татьянченко М.А. Методологические вопросы оценки экономических аспектов конкурентоспособности товара машинотехнической продукции [Текст] / М.А. Татьянченко, А.Н. Литвиненко // БИКИ. - 2006. - №1. - С.45

[185]. Татьянченко М.А. Методологические вопросы оценки экономических аспектов конкурентоспособности товара машинотехнической продукции [Текст] / М.А. Татьяненко, А.Н. Литвиненко // БИКИ. - 2006. - №1. - С.44.

[186]. Татьянченко М.А. Методологические вопросы оценки экономических аспектов конкурентоспособности товара машинотехнической продукции [Текст] / М.А, Татьянченко, А.Н. Литвиненко // БИКИ. - 2006. - №1. - С. 44.

[187]. Татьянченко М.А., Литвиненко А.Н. Методологические вопросы оценки экономических аспектов конкурентоспособности товара машинотехнической продукции [Текст] / М.А. Татьянченко, А.Н. Литвиненко // БИКИ. - 2006. - №1. - С. 44.

[188]. Туровец О.Г. Эволюция производственных систем в условиях становления инновационной экономики [Текст] / О.Г. Туровец, В.Н. Родионова // Организатор производства. - 2008. - №2, С. 69-72.

[189]. Удальцова Н.Л. Организационно-экономический механизм функционирования отрасли национальной экономики [Текст] / Н.Л. Удальцова // Экономика и управление. – 2012. - № 6 (91). - С. 95.

[190]. Умаров Х.У. Агробизнес и эффективность землепользования в регионах Таджикистана [Текст] / Х.У. Умаров, Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – №3-2. – С. 10-14.

[191]. Умаров Х.У. Где были допущены ошибки? [Текст] / Х.У. Умаров // Бизнес и политика. Экономические реформы и развитие. - 2004. - №3. – С. 59.

[192]. Усманова Т. Природный фактор: состояние и использование потенциала в условиях формирования рыночных отношений / Т. Усмонова // Социальноэкономические условия перехода к рынку. – 1996. – С.11-15.

[193]. Фатхутдинов Р. Менеджмент как инструмент достижения конкурентоспособности [Текст] / Р. Фатхутдинов // Вопросы экономики. - 2000. - №5. - С.90.

[194]. Фатхутдинов Р. Менеджмент как инструмент достижения конкурентоспособности [Текст] / Р. Фатхутдинов // Вопросы экономики. - 2000. - №5. - С.90;

[195]. Филатов О.К. Проблемы повышения уровня конкурентоспособности продукции предприятий [Текст] / О.К. Филатов // Пищевая промышленность. - 2014. - №3. – С. 56-61.

[196]. Ходжаев П.Д. Анализ и оценка экономических показателей современного состояния цветной металлургической отрасли Республики Таджикистан [Текст] / П.Д. Ходжаев, М.Д. Джаборова // Экономика Таджикистана. – 2021. - №3. – С. 264.

[197]. Ходжаев П.Д. Качества перевозок как важный фактор обеспечение конкурентоспособности услуг пассажирского автомобильного

транспорта [Текст] / П.Д. Ходжаев // Таджикистан и современный мир. - 2015. - № 5 (43). -С. 94-104.

[198]. Ходжаев П.Д. Механизм повышения эффективности организации производственных систем: сущность, содержание и особенность [Текст] / П.Д. Ходжаев // Финансово-экономический вестник. – 2021. - №3 (24). - С. 13.

[199]. Ходжаев П.Д. Некоторые аспекты оценки конкурентоспособности услуг пассажирского транспорта [Текст] / П.Д.Ходжаев // Вестник Российско-таджикского (славянского) университета. - 2012.- №4(39). – С. 107-113.

[200]. Ходжаев П.Д. Оценка конкурентоспособности региональных транспортных предпринимательских структур в Республике Таджикистан [Текст] / П.Д. Ходжаев, С.Ш. Бегмуродов // Вестник Таджикского технического университета. - 2014. - № 1 (40). - С. 101– 107.

[201]. Ходжаев П.Д. Формирование конкурентных отношений на рынке транспортных услуг [Текст] / П.Д.Ходжаев, К.Р. Ашуров // Вестник Таджикского национального университета. - 2012. - №2/8 (100). - ч.1. - С.195-199.

[202]. Хушвахтзода Қ.Х. Асосҳои методологии танзими давлатии сармоягузории истеҳсолоти кишоварзии минтақа [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Ф.Б. Саидаҳмадов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣиқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. – №3. – С. 70-79.

[203]. Хушвахтзода Қ.Х. Таснифоти хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Г.Х. Зувайдуллоева // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз». - 2021. – №1(90). – С. 119-124.

[204]. Чайка И. Конкурентоспособное качество отечественной продукции – ключевая проблема выхода России из экономического кризиса [Текст] / И. Чайка, И. Львов // Стандарты и качество. - 2001. - №6. – С. 47-50.

[205]. Четвертаков И.М. Принципы эффективной организации производственных систем [Текст] / И.М. Четвертаков, В.П. Четвертакова // Организатор производства. - 2009. - №3 (42). - С. 9-11.

[206]. Шакум М. О стратегии посткризисного развития российской экономики на рубеже веков [Текст] / М. Шакум // Вопросы экономики. - 2000. - №9. - С.33-39.

[207]. Шарипов Б.М. Теоретические аспекты формирования финансового рынка в условиях перехода экономики Таджикистана к новой модели развития [Текст] / Б.М. Шарипов // Экономика: вчера, сегодня, завтра. – 2017. – Том 7. – №10А. – С. 16-30.

[208]. Шарипов Б.М. Финансовые ресурсы и факторы экономического развития Таджикистана [Текст] / Б.М. Шарипов // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2017. – №4(5). – С. 69-79.

[209]. Шарифзода М.М., Ходжаев П.Д. Развитие конкуренции на пассажирском автотранспорте в условиях рыночной экономики [Текст] / М.М. Шарифзода, П.Д. Ходжаев // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. - 2017. - № 4 (73). - С. 23-30.

[210]. Шендрикова О.О. Перспективы применения механизма повышения эффективности производственной системы в условиях автоматизации производства [Текст] / О.О. Шендринкова // Вестник Брянского государственного технического университета. - 2017. - № 3 (56). - С. 143.

[211]. Шкардун В.Д. Методика иследования конкуренции на рынке [Текст] / В.Д. Шкардун, Т.М. Ахтямов // Маркетинг в России и за рубежом. – 2000. - №4. - С. 44-54.

[212]. Шмулевич Т.В. Конкурентоспособность крупных предприятий и ее роль в развитии предпринимательства. Народы СНГ накануне третьего тысячелетия [Текст] / Т.В. Шмулевич // Материалы междунар.научн.конгресса. - Н.Новгород, - 2009 - С.115.

[213]. Шмулевич Т.В. Конкурентоспособность крупных предприятий и ее роль в развитии предпринимательства [Текст] / Т.В. Шмулевич // Народы СНГ накануне третьего тысячелетия. Материалы Междунар. научн. конгресса. - Н.Новгород, 2014. - С. 92.

[214]. Щиборщ К.В. Сравнительный анализ конкурентоспособности и финансового состояния предприятий отрасли и/или региона [Текст] / К.В. Щиборщ // Маркетинг в России и за рубежом. -2000. - №5. - С.92 -93

[215]. Cournot A.A. Researches Into the Mathematical Principles of the Theory of Wealth. Macmillan, 1897. – 213 p. [Тадқиқотҳо оид ба принсипҳои математикии назарияи сарват]

[216]. Hotelling H. Stability in Competition // The Economic Journal. – 1929. - Mar. Vol. 39(153). P. 41–57. [Устуворӣ дар рақобат]

**V. Диссертатсия ва автрефератҳо:**

[217]. Барфиев К.Х. Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и ее учетно-аналитические основы: теория, методология, организация (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: автореф. дис. … д-ра экон. наук, по специальности: 08.00.12 / К.Х. Барфиев. – Бишкек, 2019. – С.44.

[218]. Бозоров И.И. Совершенствование механизма регулирования и государственной поддержки малого и среднего предпринимательства в АПК региона (на примере Кулябской зоны Хатлонской области) [Текст]: автореф. … дис. канд. экон. наук, по специальности: 08.00.05 / И.И. Бозоров. – Душанбе, 2020. –С.45

[219]. Давлатов К.К. Формирование и эффективное функционирование дехканского (фермерского) производства в аграрном секторе экономики Республики Таджикистан [Текст]: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук, по специальности: 08.00.05 / Давлатов Кудрат Камбарович. – Воронеж, 2000. – 20 с.

[220]. Деревянко О. Организационно-экономический механизм планирования бизнес-процессов предпринимательских структур [Текст]:

дис. ... канд. экон. наук по специальности: 08.00.05 / О. Деревянко. - СПб., 2004. – 156 с.

[221]. Зувайдуллоева Г.Х. Такмили механизми идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.05 / Зувайдуллоева Ганҷина Холмуродовна. – Душанбе, 2021. – 171 с.

[222]. Зюзин В.М. Организационные резервы роста производительности предприятия [Текст]: дисс. канд. экон. наук по специальности: 08.00.05 - Экономика и управление народным хозяйством / В.М. Зюзин. - Воронеж, 2002. - 195 с.

[223]. Лазарев А.В. Методические и организационные вопросы оценки конкурентоспособности: на примере промышленных и экономических объектов [Текст]: диссертация ... кандидата экономических наук: 05.02.22 / Лазарев Алексей Владимирович. - Москва, 2007. - 160 с.

[224]. Наимов, Б.К. Развитие малого и среднего предпринимательства в сельском хозяйстве (на примере Хатлонскной области) [Текст]: автореф. дис. … канд. экон. наук по специальности: 08.00.05 / Б.К. Наимов. – Душанбе, 2017. –С.25.

[225]. Низамова Т.Д. Реструктуризация промышленных предприятий Таджикистана в условиях переходной экономики [Текст]: автореферат дисс. ….докт.экон.наук по специальности 08.00.05. / Т.Д. Низамова. – Душанбе, ТГНУ, 2007. -34 с.

[226]. Останкова И.Н. Механизм повышения эффективности организации производственных систем [Текст]: автореферат диссер… по специальность: 05.02.22 - Организация производства (промышленность) / И.Н. Останкова. – Воронеж, 2014. – 42 с.

[227]. Рахимов О.Н. Инновационная политика и формирование экономической безопасности предприятия (на примере промышленных предприятий Республики Таджикистан) [Текст]: автореферат дис. ...

кандидата экономических наук, по специальности: 08.00.05 / Рахимов Олимхуджа Нусратович. - Душанбе, 2009. - 22 с.

[228]. Содиков, М.С. Эффективность развития конкурентоспособных форм малого и среднего предпринимательства Таджикистана (на материалах сельскохозяйственных предприятий ГБАО) [Текст]: автореф. дис. … канд. экон. наук, по специальности: 08.00.05 / М.С. Содиков. – Душанбе, 2010. – 29 с.

[229]. Шамсиев, К.Б. Развития производственного предпринимательства агропромышленного комплекса Таджикистана (теория, методология, практика) [Текст]: автореф. дис. … д-ра экон. наук, по специальности: 08.00.05 / К.Б. Шамсиев. – Душанбе, 2011. – 46 с.

## ФЕҲРИСТИ МАҚОЛАҲОИ ДОИР БА МАВЗУИ ТАҲҚИҚОТ НАШРШУДА

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1 – М]. Раҳимзода, М.Н. Омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирии корхонаҳо[Матн] / Раҳимзода М.Н. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва соҳаи иҷтимоӣ.-Душанбе.- 2021-№2.-қ.36.- Саҳ. 210-215.

[2 – М]. Раҳимзода, М.Н. Асосҳои назариявии идоракунии рақобатпазирии корхона [Матн] / Раҳимзода М.Н., Қурбоналиев Қ.З. // Кишоварз. Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии “Кишоварз”. Бахши иқтисодиёт дар КАС.-Душанбе.- 2021-№2.-қ.91.- Саҳ. 169-172.

[3 – М]. Раҳимзода М.Н. Роҳҳои такмили инноватсия дар истеҳсолоти маҳсулоти нассоҷӣ [Матн] / Раҳимзода М.Н. // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Бахши иқтисодӣ.-Душанбе.- 2021-№2.-қ.26.- Саҳ. 160-166.

[4 – М]. Раҳимзода М.Н. Модели иқтисодӣ-риёзии баҳодиҳии дараҷаи имконоти потенсиалии корхонаҳои саноати сабук [Матн] / Раҳимзода М.Н., Хоҷаев П.Д., Сулаймонзода Ш.Ф. // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2022. – № 11. – С. 79-88.

[5 – М]. Раҳимзода М.Н. Таҳқиқи омилҳои асосии ба сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсиркунанда [Матн] / Раҳимзода М.Н., Хоҷаев П.Д., Сулаймонзода Ш.Ф. // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи м.Осимӣ. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ.-Душанбе.-2022-№4.- Саҳ. 108-116.

[6 – М]. Раҳимзода М.Н. Модели иқтисодӣ-риёзии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук [Матн] / Раҳимзода М.Н., Хоҷаев П.Д. // Ахбори Академияи илмҳои миллии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳом ҷамъиятшиносӣ. Шуъбаи илмҳом ҷамъиятшиносӣ. -Душанбе.-2022-№12.- Саҳ. 122-131.

[7 – М]. Раҳимзода М.Н. Модели иқтисодӣ-риёзии ояндабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ [Матн] / Раҳимзода М.Н. // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Бахши иқтисодӣ.-Душанбе.-2023-№1.- Саҳ. 119-128.

[8 – М]. Раҳимзода М.Н. Тамоюлҳои рушди соҳаи саноат дар вилояти Хатлон // маҷалаи илмӣ сиёсии [Матн] / Раҳимзода М.Н., Хоҷаев П.Д.// Маҷалаи илмӣ сиёсии «Идоракунии давлатӣ».-Душанбе.- 2023-№1(60).-Саҳ. 112-125.

[9 – М]. Раҳимзода М.Н. Асосҳои назариявии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук [Матн] / Раҳимзода М.Н., Хоҷаев П.Д., Сулаймонзода Ш.Ф. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – № 2. – С. 91-108.

**Б) Мақолаҳои илмии дар дигар нашрияҳо чопшуда:**

[10 – М]. Рахимзода, М.Н. Приоритетные направления развития электронных услуг в РТ [Текст] / Рахимзода М.Н.,Сулаймонзода Ш.Ф., Самиев М.А. // Международный научно- практический журнал. Маҷаллаи экономические науки.-Нур-Султан.- 2021-№3.-қ.14.- С. 27-31.

[11 – M]. Рахимзода, М.Н. Реализация инвеститционного проекта на совместном предприятии-применение налагавых льгот по налогу на имущество.[Текст] / Рахимзода М.Н. // Материалы XVIII международный научно- практической конференции “актуальные направления фундаментальных и прикладных исследований.-North Charleston, USA: 11-12 марта 2021-№2.- С. 60-65.

[12 – M]. Раҳимзода, М.Н. Ояндабини сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ. [Матн] / Раҳимзода М.Н. // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара. Маҷаллаи илмӣ.Бахши илмҳои гуманитарӣ.-Душанбе.-2020-№4.-қ.14.- Саҳ. 136-147.

[13 – M]. Раҳимзода, М.Н. Ҷунтай текстил маш дар рушди иқтисоди саноати сабуки мамлакат. [Матн] / Раҳимзода М.Н., Рузиев А.Т. // Маҷмуаи конфересияи умуми донишгоҳии илмию амалии ҳайати професорону омузгорон, аспирантон, магистрону унвонҷӯён ва донишҷӯён бахшида ба «28-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон».- Данғара.-2019, 27-30-юмиапрели соли 2019-№2.-қ.21.- Саҳ. 39-43.

[14 – M]. Раҳимзода, М.Н. Фаъолияти соҳибкори ва фоидагирифтан дар мисоли корхонахои вилояти Хатлон. [Матн] / Раҳимзода М.Н., Рӯзиев А.Т. // Рушди соҳибкорӣ аз нигоҳи баланд бардоштани сифати ҳаёт дар вилояти Хатлон. Мизи муддавар Донишгоҳи давлатии Данғара.- 2018.-Саҳ. 135-137.